Иқтидори истеҳсолии "Фабрикаи қаннодии Амирӣ" дар як сол 27 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Бо чунин иқтидор корхона метавонад 35 дарсади талаботи бозори истеъмолии Тоҷикистон ва сокиони онро бо маҳсулоти қаннодӣ қонеъ намояд.

Корхона дорои 1000 ҷойи корӣ буда, ҳоло 700 нафар сокинони маҳаллӣ ба таври доимӣ кор мекунанд ва бо маоши хуб низ таъмин мебошанд.

Воситаҳои асосии он асосан, аз кишварҳои пешрафтаи Аврупо: Дания, Австрия, Нидерландия, Германия ва Италия ворид гардидааст. Чунин технология тибқи иттилоотӣ мақомоти расмии мамлакат ба Осиёи Марказӣ бори аввал оварда шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастандаркорони корхонаи азим барои бунёди чунин боргоҳи азими истеҳсолӣ ва саҳм гузоштан дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - Саноатикунонии босуръати кишвар изҳори сипос намуданд.

*Дар ноҳияи Сино:*

**6. Корхонаи равғанбарории ҶДММ "Файзи баракат" дар шаҳри Душанбе -** Корхонаи мазкур аз ҳисоби даромади софи ҶДММ "Файзи Сомон" бунёд гардида, иқтидори солонааш - 25 ҳазор тонна буда, дар як шабонарӯз 70 тонна ва дар як моҳ 2100 тонна номгӯйи мухталифи равғани босифати аъло ва бастабандии зебову шинам "тамғаи истеҳсолӣ Тоҷикистон"-ро истеҳсол менамояд.

Дар корхона 50 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, дар оянда ба 100 нафар расонда мешавад.

Дар арафаи ифтитоҳи корхона директори ҶДММ "Файзи баракат" Давлаталӣ Ҷӯрабеков ва роҳбари Ширкати хитойии "Синзян Мадина Интернешнл Логистик груп Ко лимитед" Кунугули Махачи барои содироти равғани корхона ба Ҷумҳурии Халқии Хитой ба маблағи 5 миллион доллари амрикоӣ қарордоди байналмилалии хариду фурӯшро ба имзо расонданд.

**7. Корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқии "Имод" дар шаҳри Душа**нбе - Иқтидори истеҳсолиаш дар як сол истеҳсоли 300 ҳазор номгӯйи ҳисобкунакҳои барқии зеҳнӣ, 10 ҳазор лавҳаи мукаммали пастшиддати 0,4; 6 ва 10 кВ, 600 воҳид истгоҳҳои мукаммали трансформаторӣ 6 ва 20 кВ, 24 ҳазор адад дари оҳанӣ, 40 ҳазор адад обгармкунаки барқӣ ва офтобӣ, 50 ҳазор тонна пояи оҳании хатҳои баландшиддат, 130 ҳазор метр монеадевори роҳҳои автомобилгард, 500 ҳазор хомушкунаки худкор, 10 ҳазор пояи оҳанӣ барои равшанинамоӣ, 12 ҳазор тонна болори дуторош ва 20 ҳазор тонна конструктсияи оҳании мухталиф мебошад.

Дар корхона соле 500 адад лифт истеҳсол мешавад, ки дар бастабандии он 40 дарсади қисмҳои эҳтиётӣ аз корхонаҳои ватанӣ истифода мешаванд.

Ба корхонаи мазкур воситаҳои асосии муосир бо идораи барномасозии рақамӣ аз пешрафтатарин истеҳсолкунандагони ҷаҳонӣ: Италия, Финляндия, Германия, Туркия ва Хитой ворид гардидааст.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз намоишгоҳ фурӯши молу маҳсулоти истеҳсолии корхона, аз дастгирӣ ёфтани сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

**7. Корхонаи истеҳсоли макарони ҶДММ "Шаҳри зебои мо**" дар шаҳри Душанбе - Корхонаи истеҳсоли макарони "Шаҳри зебои мо" дар як баст 14 номгӯйи маҳсулоти макарони бо тамғаи молии "Лазоли" истеҳсол мекунад, ки дар он 35 нафар сокинони маҳаллӣ соҳиби ҷойи корӣ доимӣ гардиданд.

Иқтидори истеҳсолии корхона соле 3 ҳазор тонна буда ин намуди маводи ғизоӣ ивазкунандаи воридот ба ҳисоб рафта, талаботи аҳолӣ ба он хеле зиёд аст.

Масоҳати корхона 0,50 гектарро дар бар гирифта, дастгоҳу таҷҳизоти корхона асосан аз кишвари Италия харидорӣ ва насб гардидааст.

Тибқи иттилооти мақомоти расмӣ айни ҳол дар ҷумҳурӣ 31 корхона ба истеҳсоли макарон машғул буда, дар 9 моҳи соли равон 6,3 ҳазор тонна ин навъи маҳсулот истеҳсол гардидааст.

Талаботи аҳолии кишвар ба макарон дар як сол 13,9 ҳазор тонна макаронро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Душанбе 9 корхонаи маҳсулоти макаронӣ фаъолият дорад.

Дар 9 моҳи соли 2023 дар пойтахт 3,9 ҳазор тонна маҳсулоти макаронӣ истеҳсол шудааст, ки 62,0 дарсади маҳсулоти макаронии ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва солҳои наздик аҳолии кишварро пурра бо он таъмин намуда, аз истеҳсолкунанда ба содиркунандаи ин навъи маводи ғизоӣ дар бозори ҷаҳонӣ, бахусус минтақаи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои ИДМ таблил хоҳад ёфт.

Ҳамин тавр аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе ба хотири истиқболи сазовор аз ҷашни умумимиллии 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, дар доираи "Солҳои рушди саноат" ва ҷиҳати амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар 7 корхонаи калони саноатӣ бо беш аз 4000 ҷойи корӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Бунёду ба истифода додани корхонаҳои саноатӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини аҳолӣ бо шуғли доимӣ, беҳдошти сатҳи зиндагии мардум, рушди бемайлони иқтисоди мамлакат ва ривоҷу равнақ ёфтани соҳаи саноати миллӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Танҳо саноати миллӣ, бунёду азнавсозии корхонаҳои замонавӣ ва ҷавобгӯйи стандартҳои байналмилалӣ кишвари моро метавонад ба рушди устувор ноил гардонад.

**Адабиёт:**

1. http:/www.pr Хабарҳо (асосӣ), 31.10.2023.

## НАҚШ ВА МАВҚЕИ ДАРОМАДНОКИИ САРМОЯ ДАР ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРОН БА ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

**Ҷураев Б.М. - н.и.и., сардори шуъбаи таҳлил ва ҷалби маблағгузории ФҚХ “Фонди бозтамвил”**

155 сол қабл аз ин китоби машҳури Карл Маркс бо номи “Капитал” нашр гардид, ки то имрӯз иқтисоддонон онро яке аз беҳтарин асарҳои иқтисодӣ мешуморанд.

Сармоя то асри 19 ҳамчун як омили истеҳсолот дар қатори меҳнат ва замин ба ҳисоб мерафт, аммо имрӯз он асоси низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ гашта, муҳаррики рушд ва даргиронандаи мушкилиҳо ба ҳисоб меравад.

Аз назари К. Маркс сармоя ин арзишест, ки пайваста дар гардиш буда, дар ҳолати афзоиш қарор дорад. Намунаи оддиии сармоя, ки боиси афзоиши арзиш мегардад, ин гирифтани фоиз аз пасандози бонкӣ мебошад. Яъне, пасандоз ҳамчун як намуди зоҳирии сармоя мебошад, ки дар шакли овардани фоиз он афзоиш меёбад [5].

Яке аз шаклҳои сармоя ин сармояи инсонӣ мебошад. Иқтисоддони амрикоӣ дорандаи ҷоизаи Нобел Гэри Стэнли Беккер дар китоби худ бо номи “Сармояи инсонӣ” нишон дод, ки сармоягузорӣ ба таҳсил, ба саломатӣ, ба баландбардории малакаву тахассус ва ба нигоҳдории муносибатҳои хуб бо кормандон арзиши кормандонро ҳамчун, захираи самаранокӣ фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисодӣ, баланд мебардорад [6]. Яъне, одамон метавонанд сармояашонро на танҳо дар назди таҷҳизоти истеҳсолӣ кор карда зиёд намоянд, балки ҳангоми нишаста китоб хондан ва ё дар толори фитнес тармин намудан, низ сармояи инсониро афзоиш дода метавонад. Маҳз дар асоси ин тадқиқотҳо дар илмӣ менеҷмент самти нав бо номи идоракунии захираҳои инсонӣ ( аз забони анг. - human resources ба таври кутоҳ HR) пайдо шуд.

Қаблан дар ташкилотҳо мутахассиси асосӣ дар самти баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии сармоя муҳосиб ба ҳисоб мерафт, ки дороиҳои моддии “беҷон”-ро ба ҳисоб мегирифт, акнун боз як мутахассиси дигар дар самти баҳодиҳии сармояи “ҷондор” пайдо шуд, ки он HR - менеҷер ба ҳисоб меравад.

Шакли дигари сармоя ин сармояи молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки мо дар мақолаи мазкур маҳз онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Сармояи молиявӣ ин дороиҳое, ки дар шакли пулӣ ба дорандаи худ даромад меоранд [7].

Барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла фаъолияти бонкӣ пеш аз ҳама сармояи молиявӣ зарур мебошад. Як бахши асосии сармояи молиявӣ ин сармояи оинномавӣ ба ҳисоб меравад. Сармояи оинномавӣ асоси молиявии фаъолияти дилхоҳ ташкилот мебошад, аз ҷумла ташкилотҳои қарзӣ. Аммо бо назардошти хусусияти хоси фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, мавҷуд будани хавфи баланд дар фаъолияти миёнаравӣ ва таъсири ин хавфҳо ба ҷомеа ташкилкунии сармояи ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба дигар шакли корхонаҳо зери танзими ҷиддӣ, аз ҷониби танзимгар (Бонки марказӣ) қарор мегирад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ҷиҳати оғоз намудани фаъолияти бонкӣ ташкилоти қарзиро зарур аст, ки пеш аз ҳама дорои сармоя дар намуди пулӣ ва амвол бошад. Яъне, заминаи асосиро барои ташкил намудани ташкилоти қарзӣ сармояи худӣ (сармояи оинномавӣ) ва сармояи ҷалбкардашуда (аз ҳисоби ҷалб намудани маблағҳои саҳмдорон) мегузорад.

Сармояи оинномавӣ аз ҷониби муассисон ташкил карда шуда, ҳаҷми ҳадди ақали он дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва тибқи Дастурамалҳои №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилоти қарзӣ” ва №197 “Дар бораи тартиби танзими ташкилотҳои қарзии хурд” муқаррар карда мешавад [1, 2].

Маълумоти муфассал оид ба ҳаҷми ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 1. Динамикаи ҳаҷми ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ, н.б.ҳ.)**

| Сана | Бонкҳо | Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | Ташки-лотҳои қарзии хурд | Фонди қарзии хурд |
|---|---|---|---|---|---|
| то 31.12.2022с. | 50 | 30 | 6 | 4 | 300 нишон-диҳанда барои ҳисобҳо |
| аз 01.01.2023с. | 60 | 40 | 8 | | |
| аз 01.01.2024с. | 70 | 45 | 9 | | |
| аз 01.01.2025с. | 80 | 50 | 10 | | |
| аз 01.01.2026с. | 90 | 55 | 11 | | |
| аз 01.01.2027 | 100 | 60 | 12 | | |

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, ки дар давоми солҳои 2022-2027 талабот нисбат ба ҳадди ақали сармояи оинномавӣ зиёд шуда истодааст. Мақсад аз мунтазам зиёд намудани ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявии навтаъсис ин пеш аз ҳама ба роҳ мондани фаъолияти низоми бонкии солим ва рақобатпазир мебошад. Чунки, дар ҳолати зиёд будани сармояи оинномавии бонк боварии аҳолӣ ба низом зиёд гашта, барои ташкилотҳои қарзӣ бошад имконияти васеътарро ҷиҳати анҷом додани амалиёти фаъол, ки дорои хавфи баланд мебошанд, фароҳам меоварад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии бонкӣ, ки сармоягузорон ба он диққати хоса зоҳир менамоянд ва дар ташаккули ҳаҷми иловагии сармоя нақши муҳим мебозад ин даромаднокии сармоя мебошад. Даромаднокии сармоя асосан барои сармоягузорон зарур аст, чунки он ифодакунандаи он аст, ки сармоягузор аз сармояи гузоштааш бо назардошти хавфи амалиётӣ чӣ қадар даромад мегирад.

Даромаднокии сармояро дар ташкилотҳои қарзӣ ба таври кутоҳ ROE меноманд, ки он шакли кутоҳкардаи калимаҳои англисии Return on Equity буда, тарҷумаи таҳтуллафзии он даромаднокии сармоя мебошад. Даромаднокии сармоя (ROE ) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ROE = \frac{\text{Фс}}{\text{Сх}} \times 100\%$$

Дар ин ҷо,

ROE - даромаднокии сармоя

Фс - фоидаи соф

Сх - сармояи худӣ

Масалан, ташкилоти қарзӣ дар як сол 7 млн. сомонӣ фоидаи соф гирифтааст. Дороиҳои умумии ташкилот ба 370 млн. сомонӣ баробар буда, уҳдадориҳояш ба 30 млн сомониро ташкил менамояд. Даромаднокии сармоя ёфта шавад.

1) Сармояи худӣ=дороиҳои умумӣ-уҳдадориҳои умумӣ

Сх=370 000 000-30 000 000=340 000 000 сомонӣ

2) ROE = Фоидаи соф /сармояи худӣ *100%

$$ROE = \frac{Фс}{Сх} \times 100\% = \frac{7000000}{340000000} \times 100\% = 2{,}05\%$$

Хулоса: Даромаднокии сармоя 2,05% ташкил медиҳад, ин маънои онро дорад, ки ҳар як сомонии сармоягузоришуда 2,05% фоида овардааст, яъне сармоягузорони ташкилоти қарзӣ аз ҳар 1 сомонӣ маблағгузорӣ кардаашон 2 дирам фоида мегиранд.

Боиси қайд аст, ки нишондиҳандаи мазкур бо фоиз ифода ёфта асосан барои ташкилотҳои қарзие, ки фоида гирифтаанд ҳисоб карда мешавад, яъне ROE танҳо барои ташкилотҳое, ки фаъолияташон самаранок буда, фоида гирифтаанд, ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати зараровар будани фаъолияти ташкилоти қарзӣ, яъне нагирифтани фоида нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) ҳисоб карда намешавад. Дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ одатан маълумотҳо барои ҳисоб кардани ROE -ро аз Ҳисобот оид ба фоида ва зарар мегиранд.

Нишондиҳандаи мазкур ифодакунандаи он аст, ки ҳар як сомонӣ сармояи худии маблағгузоришуда, чӣ қадар даромад меорад. Аз ин рӯ, ба нишондиҳандаи мазкур пеш аз ҳама сармоягузор диққат медиҳад. Бинобар ин, ташкилотҳои қарзии молиявие, ки ба ҷалби сармоягузорон эҳтиёҷ доранд кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нишондиҳандаи мазкурро дар сатҳи нисбатан баланд нигоҳ доранд.

Даромаднокии бонкҳо аз бисёр омилҳо вобаста мебошанд, аз ҷумла аз хавфҳои амалиётӣ, сиёсати қарзӣ, идоракунии корпоративӣ ва ғ.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин қарздиҳӣ буда, даромад аз онҳо дар шакли фоизи қарз, яке аз манбаҳои асосии афзудани даромаднокии ташкилоти қарзӣ мебошад.

Дар ҷадвалҳои зер тартиби ҳисоб кардани ROE ва вобастагии онҳо аз меъёри фоизи қарзӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Вобастагии даромаднокии сармоя аз меъёри фоизи қарзӣ (ҳангоми якхела будани меъёри фоиз)**

| Номи ташкилоти қарзӣ | Дороиҳои умумӣ (млн.сом) | Уҳдадори-ҳои умумӣ (млн.сом.) | Сармояи тавоузнӣ (млн.сом.) | Меъёри фоизи қарзӣ | Фоида (млн.сомонӣ) | Андоз аз фоида (млн.сомонӣ) | Фоидаи соф (млн.сомонӣ) | Даромаднокии сармоя (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонки Само | 370 | 30 | 340 | 7% | 23,8 | 4,76 | 19,04 | 5,6 |
| Бонки Сабо | 650 | 110 | 540 | 7% | 37,8 | 7,56 | 30,24 | 5,6 |
| Бонки Сано | 900 | 300 | 600 | 7% | 42 | 8,4 | 33,6 | 5,6 |

Дар ҷадвали 2 ҳамчун мисол фаъолияти се бонки шартӣ бо назардошти истифода бурдани сармояи тавозунии онҳо танҳо барои қарздиҳӣ бе назардошти дигар амалиётҳо гирифта шудааст, ки ҳаҷми дороиҳо ва уҳдадориҳои онҳо гуногун буда, меъёри фоизи қарзии аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда якхела, яъне 7% солона мебошад. Чи тавре, ки натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, новобаста аз гуногун будани ҳаҷми сармояи тавозунӣ (дороиҳо-уҳдадориҳо) бо назардошти якхела будани

меъёри фоизи қарзии аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда, даромаднокии сармоя дар онҳо якхела (ROE =5,6%) мебошад.

**Ҷадвали 2. Вобастагии даромаднокии сармоя аз меъёри фоизи қарзӣ (ҳангоми гуногун будани меъёри фоиз)**

| Номи ташкилоти қарзӣ | Дороиҳои умумӣ (млн.сомонӣ) | Уҳдадориҳои умумӣ | Сармояи тавозунӣ (млн.сомонӣ) | Меъёри фоизи қарзӣ | Фоида (млн.сомонӣ) | Андоз аз фоида (млн.сомонӣ) | Фоидаи соф (млн.сомонӣ) | Даромаднокии сармоя (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонки Само | 370 | 30 | 340 | 20% | 68 | 13,6 | 54,4 | 16,00% |
| Бонки Сабо | 650 | 110 | 540 | 15% | 81 | 16,2 | 64,8 | 12,00% |
| Бонки Сано | 900 | 300 | 600 | 10% | 60 | 12 | 48 | 8,00% |

Таҳлилҳои ҷадвали 3. нишон медиҳанд, ки ҳангоми бетағйир будани дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкҳо, вале гуногун будани меъёри фоизи қарзи аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда, даромаднокии сармоя дар бонкҳо тағйир меёбад. Натиҷаҳои таҳлили ҷадвалҳои 2 ва 3 шаҳодат аз он медиҳанд, ки даромаднокии сармоя бо меъёри фоизи қарзӣ вобастагии мустақим ё зич доранд. Яъне, бо зиёд шудани меъёри фоизи қарзӣ даромаднокии сармоя низ афзоиш ёфта, дар ҳолати баръакс даромаднокии сармоя коҳиш меёбад (бе назардошти хавфҳо).

Омили дигаре, ки ба сатҳи даромаднокии сармояи бонк метавонад таъсир расонад ин тағйирёбии фоидаи соф мебошад.

Маълум аст, ки самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ пеш аз ҳама аз руи даромаднокии амалиётҳое, ки онҳо анҷом медиҳанд муқаррар карда мешаванд. Даромаднокӣ (рентабельность) натиҷаи мусбии тамоми фаъолияти ташкилоти қарзиро нишон медиҳад. Фоида бошад, ин нишондиҳандаи асосии инъикоскунандаи даромаднокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад. Пас, фоида нишондиҳандаи асосии самаранокии (эффективность) фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад. Дар ҳолати зиёд шудани нишондиҳандаи даромаднокии ташкилоти қарзӣ фоидаи он зиёд гашта аз фаъолияти самаранокӣ ташкилоти қарзӣ шаҳодат медиҳад. Дар ҳолати нагирифтани фоида ва дидани зарар ин аз ғайрисамаранок будани фаъолияти ташкилоти қарзӣ шаҳодат медиҳад. Аммо боиси қайд аст, ки баъзан ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ дар давраи дарозмуҳлат (бо назардошти зарурати истеҳсолӣ ва таъмини рақобатпазирӣ), дидаву дониста хароҷотҳои худро дар давраи кутоҳмуддат зиёд мекунанд (хариди барномаҳои нав, таҷҳизоту технологияҳои замонавӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ ва ғ.), ки боиси бо зарар ҷамъбаст намудани давраи фаъолият мегардад.

Аз ин рӯ, сармоягузорон ҳангоми таҳлил нишондиҳандаи гирифтани фоида ва даромаднокии сармояро барои давраи на камтар аз сесола мегиранд, ки он инъикоскунандаи ҳолати воқеии молиявии ташкилоти қарзӣ мегардад.

Боиси қайд аст, ки сармоягузорон ҳангоми интихоби соҳаи сармоягузорӣ нишондиҳандаи ROE-и ҳама соҳаҳоро бо назардошти хавфи соҳа ва сатҳи таваррум ба инобат мегиранд. Дар ҳолати нишондиҳандаи ROE пасттар аз сатҳи таваррум бошад, бевосита сармоягузор барои сармоягузорӣ ба ин ташкилоти қарзӣ ҳавасманди

зоҳир наменамояд, чунки ин маънои онро дорад, ки бо назардошти сатҳи таваррум сармояи воқеии сармоягузор зиёд намешавад.

Агар ташкилоти қарзӣ мақсади бештар ҷалб намудани сармояугузоронро дошта бошад, пас вай вазифадор мегардад, ки нишондиҳандаи ROE-ро баланд бардорад (чунки сармоягузор пеш аз ҳама ба ин нишондиҳанда диққат медиҳад), ин бошад дар ҳоле муяассар мегардад, ки ташкилоти қарзӣ фоизи қарзҳоро низ баланд бардорад. Дар навбати худ баландбардории меъёри фоизи қарзӣ боиси кам шудани муштариёни бонк мегардад, ки ин бевосита ба гирдгардиши дороиҳои бонк таъсир расонида, даромаднокии ташкилотро коҳиш медиҳад.

Дар асоси таҳлилҳои анҷомдодашуда, маълум мегардад, ки даромаднокии сармоя аз якчанд омилҳо вобаста мебошад, аз ҷумла, меъёри фоизи қарзӣ, дороиҳо, уҳдадориҳо, воситаҳои худӣ, сармояи тавозунӣ, фоидаи соф, гирдгардиши дороиҳо ва хавфҳои бонкӣ.




Расми 1. Омилҳое, ки ба пасту баландшавии даромаднокии сармоя таъсир мерасонанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар солҳои 2021 даромаднокии сармоя дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,1% ташкил намуда, дар соли 2022 ин нишондиҳанда якбора ба 18% расидааст. Сабаби зиёдшавии якбораи ROE дар низом ин пеш аз ҳама зиёд шудани фоидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад. Зиёд шудани фоидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, пеш аз ҳама бо бартараф шудани оқибатҳои пандемияи COVID, афзоиш ёфтани сандуқи қарзӣ, зиёд шудани ҳаҷми савдои хориҷӣ, ҳаҷми интиқолҳо аз хориҷи кишвар, афзоиш ёфтани хизматрасониҳои бонкӣ ва амалиётҳои асъорӣ вобастагӣ дорад. Дар соли 2021 фоидаи ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ дар умум 108 млн. сомониро ташкил менамуд, дар соли 2022 бошад фоидаи умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 988% зиёд шуда, маблағи 1,17 млрд.

сомониро ташкил дод [8]. Бевосита зиёдшавии нишондиҳандаи ROE дар низоми бонкии ҷумҳурӣ боиси ҷалби бештари сармоягузорон ба низом хоҳад шуд.


### АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", 19 майи соли 2009,
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", 16 апрели соли 2021,
3. Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилоти қарзӣ", 9 октябри соли 2009 (тағйиру иловаҳо аз 24 майи соли 2022),
4. Дастурамали №197 "Дар бораи тартиби танзими ташкилотҳои қарзии хурд", 28 майи соли 2015,
5. Карл Маркс. Капитал. Критика политической экономии. Т. 1. Кн. 1. Под ред. В. Я. Чеховского. Москва, 2015г. 452с.
6. Добвенко М.В., Осик Ю.И. Современные экономические теории в трудах нобелиантов, Москва, 2011г. 286с.
7. Ҷураев Б.М.. Фаъолияти бонкӣ (китоби дарсӣ), Душанбе -2014с. 483с.
8. https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php -сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон


# МОДЕЛИ БАҲОГУЗОРИИ ТАМОЮЛИ РУШДИ ХАТИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК (Security Market Line, SML)


**Икромӣ Н.Қ. - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**


**Хати бозори коғазҳои қиматнок** (*англ. Security Market Line, SML*) тафсири графикии вобастагии хавфи коғази қиматноки алоҳида аст, ки меъёри он бета-коэффисент мебошад ва меъёри даромаднокие аст, ки сармоягузорон бо қабули он талаб мекунанд. Дар баробари ин, ҳар қадаре ки сатҳи хавфи қабулшуда баланд бошад, ҳамон қадар ҷуброн ба сармоягузор пешниҳод карда мешавад. MarketCheese: шарҳи хидамоти таҳлили савдо.

Сохтмони графикии хатти бозори коғазҳои қиматнок дар муодила асоснок мешавад, ки дар асоси он модели баҳогузории дороиҳои сармоявӣ (*англ. Capital Assets Price Model,* CAPM) қарор ёфтааст.

$$\boldsymbol{k_i = k_{RF} + \beta_i(k_M - k_{RF})}$$

Ки инҷо $k_i$ - меъёри даромаднокии талабшаванда барои коғази қиматноки i;

$k_{RF}$ -меъёрии фоизии бехавф;

$\beta_i$ - бета-коэффисиенти коғази қиматноки i.

$k_M$ - даромади талабшавандаи сандуқи бозорӣ.

**Интерпретатсияи графикаи хати бозори коғазҳои қиматнок.**

Агар меъёри фоизии бидуни хавф ва даромади талабшаванда дар сандуқи бозорӣ маълум бошад, пас графики хати коғазҳои қиматнок чунин хоҳад буд:



1. Барои коғазҳои қиматноки сатҳи хавфашон сифр, ки бета-коэффисенти он баробари 0 аст, даромаднокии талабшаванда ба меъёри фоизи бе хавф баробар хоҳад буд. Ба ҳамин монанд меъёри даромаднокии талабшавандаи сандуқи коғазҳои қиматнок бо β = 0 низ бо меъёри фоизии бе хавф баробар хоҳад буд.

2. Нишебии хатти бозори коғазҳои қиматнок қабул накардани хавфро (*англ. Risk Aversion*) дар иқтисодиёт нишон медиҳад ва аз андозаи мукофоти хавф барои сандуқи бозорӣ вобаста аст, ки ҳамчун фарқи байни даромади талабшавандаи сандуқи бозорӣ ва меъёри фоизии бехавф ($k_M$-$k_{RF}$) ҳисоб карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳар қадаре ки даромади талабшавандаи сандуқи бозорӣ баландтар бошад, нишебии он ҳамон қадар боқувваттар мешавад.

3. Ҳамчун хати бозори коғазҳои қиматнок дар маҷмӯъ, инчунин мавқеи коғази қиматноки алоҳида дар он метавонад бо мурури замон бо таъсири омилҳои гуногун тағйир ёбад, масалан, тағйирёбии меъёрҳои фоизӣ, майли сармоягузорон ба хавф, тағйирёбии бета-коэффисиенти коғазҳои қиматноки алоҳида ва ғайра.

**Мисол:** Фарз мекунем, ки дар айни замон меъёри фоизии бехавф 5% ва даромади талабшавандаи сандуқи бозорӣ 12% -ро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат, муодилаи SML ин тавр мебошад:

$$k_i = 5 + \beta_i(12-5),\text{ ё}$$

$$k_i = 5 + 7\beta_i$$

Ин фобастагӣ ба таври графикӣ чунин мешавад:




Ду коғазҳои қиматнокро дида мебароем: саҳмияҳои ширкати А бо β = 0,5 ва саҳмияҳои ширкати В бо β = 2. Ин арзишҳоро ба муодила иваз карда, мо мефаҳмем, ки барои саҳмияҳои ширкати А, ки сатҳи нисбатан пасти хавф дорад, даромади талабшаванда 8,5% ва барои саҳмияҳои ширкати В 19% хоҳад буд.

$$k_A = 5 + 7 \cdot 0,5 = 8,5\%$$

$$k_Б = 5 + 7 \cdot 2 = 19\%$$

Мушкилоти асосии истифодаи амалии хатти бозори коғазҳои қиматнок дар он аст, ки он ба ҳамон тахминҳое асос ёфтааст, ки модели баҳогузории дороиҳои сармоявии CAPM низ дорад ( метавон онҳоро дар ин ҷо хонд). Бо назардошти

ҳолатҳое, ки ба бозорҳои воқеӣ дараҷаи мутлақи самаранокӣ хос нест, сармоягузорони мухталиф барои ҷалби маблағгузории иловагӣ (ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз рӯи фоизҳо) имкониятҳои гуногун доранд ва андозҳо ва боздоштҳои амалиётӣ ба ташаккули сандуқи инфиродӣ таъсир мерасонанд, бисёри коғазҳои қиматноки дар бозор дастрас на хати рост, балки як навъ маҷмӯи номуайян мебошанд. Агар мо хати SML-ро дар ин диаграмма тасвир кунем, он гоҳ баъзе аз коғазҳои қиматнок аз он баландтар хоҳанд шуд ва баъзеи онҳо дар зери он қарор мегиранд.




Инчунин, яке аз сабабҳои асосии ин вазъ дар он аст, ки коэффитсиенти бета ҳамчун ченаки пурраи хавфи марбут ба сармоягузорӣ ба коғази қиматноки муайян истифода мешавад. Дар бозорҳои воқеӣ хавфҳои дигаре низ мавҷуданд, ки ба меъёри талабшавандаи даромад таъсир мерасонанд ва боиси аз хатти бозори коғазҳои қиматнок дур шудани коғазҳои қиматноки алоҳида мегарданд. Аммо, агар бета-коэффисент меъёри пурраи хавф ҳисобида шавад, он гоҳ коғазҳои қиматноки болотар аз хати SML аз ҷониби бозор камарзиш карда мешаванд, зеро онҳо ба сармоягузорон фоидаи баландтарро бо хавфи камтар (бета-коэффисент) пешниҳод мекунанд. Баръакс, коғазҳои қиматноке, ки аз хати SML поёнтар даромад медиҳанд, аз ҷониби бозор аз ҳад зиёд баҳо дода мешаванд, зеро онҳо сатҳи пасттари даромаднокии талабшавандаро дар сатҳи баланди хавф доранд.

**Хати бозори сармояҳо** (*англ. Capital Market Line, CML*) инъикоси графикии ҳамаи таркибҳои имконпазири сандуқ аст, ки аз дороиҳои бехавф ва сандуқи бозорӣ иборат мебошад. Умуман, даромади пешбинишудаи чунин портфелро ($k_C$) ба тариқи зайл ифода кардан мумкин аст:

$$k_C = y \cdot k_M + (1-y) \cdot k_{RF}$$

ки $y$ - саҳми дороиҳои хавфдор, ки сохтори сандуқи бозориро дар сандуқи C такрор мекунанд ;

$(1\text{-}y)$ - саҳми дороии бехавф дар сандуқи C;

$k_M$ -даромади пешбинишудаи сандуқи бозории M;

$k_{RF}$ -меъёри фоизии бехавф.

Дар ин ҳолат, сармоягузор бо истифодаи танҳо маблағҳои худаш метавонад сандуқро бо даромаде ташкил диҳад, ки аз бозор ($k_M$) зиёд набошад. Аммо, истифодаи леверидж, яъне ҷалби маблағгузории қарзӣ имкон медиҳад, ки шумораи дороиҳои хавфнок (дороиҳое, ки аз ҳисоби онҳо сандуқи бозорӣ ташаккул меёбад) афзоиш дода шуда, бо ин даромади пешбинишудаи он зиёдтар карда шавад. Яъне, дар хатти бозори сармоя сандуқҳо мавҷуданд, ки дароманокӣ ва хавфи пешбинишавандаи онҳо метавонанд аз бозорҳо ба таври назаррас зиёдтар бошанд.

**Муодилаи хати бозори сармояҳои CML**

Графики хати CML бо муодилаи зерин навишта мешавад:

$$k_c = k_{RF} + \sigma_c \cdot \frac{k_M - k_{RF}}{\sigma_M}$$

ки $k_c$ - даромади пешбинишавандаи сандуқи коғазҳои қиматноки С;

$\sigma_c$ - коҳиши миёнаквадратии сандуқи коғазҳои қиматноки С;

$\sigma_M$ - коҳиши миёнаквадратии сандуқи бозории М.

Хамшавии хати бозори сармояҳои CML аз коэффитсиента Шарп (*англ. Reward to Variability Ratio, RVR*) вобаста мебошанд:

$$RVR = \frac{k_M - k_{RF}}{\sigma_M}$$

Мутаносибан, арзиши ин коэффитсиент ҳар қадар зиёд бошад, мукофоти хавфи ба таври иловагӣ қабулшуда бояд ҳамон қадар зиёдтар бошад.

**Мисол:** Фарз мекунем, ки айни замон меъёри фоизии бехавф 5%, даромаднокии пешбинишудаи сандуқи бозорӣ 14% ва каҷравии стандартии он 7%-ро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат, муодилаи хати бозори сармоя чунин хоҳад буд:

$$k_c = 5\% + \sigma_c \cdot (14\% - 5\%) / 7\% \text{ ё}$$

$$k_c = 1{,}2857\sigma_c + 5$$




Ҳамаи сандуқҳое, ки бо истифода аз маблағҳои қарзӣ ташкил шудаанд, нисбат ба даромаднокии пешбинишудаи бозор баландтар хоҳанд буд, аммо дар айни замон онҳо бо сатҳи баланди хавф тавсиф карда мешаванд. Фарз мекунем, ки ду сармоягузор ду сандуқ ташкил кардаанд:

• Сандуқи А бидуни истифодаи маблағҳои қарзӣ бо коҳиши миёнаквадратии σA = 3%;

• Сандуқи В бо истифодаи маблағҳои қарзӣ бо коҳиши миёнаквадратии σB = 12%.

Гузоштани ин арзишҳо ба муодилаи хати бозори сармояҳо даромади пешбинишавандаро барои сандуқи А 8.86% ва барои сандуқи Вр 20.4% медиҳад.

$$k_А = 1{,}2857 \cdot 3 + 5 = 8{,}86\%$$

$$k_Б = 1{,}2857 \cdot 12 + 12 = 20{,}4\%$$

Ин мисол ба мо имкон медиҳад, ки муносибати байни хавф ва фоидаи пешбинишудаи сандуқро нишон диҳем, инчунин ҳисоб кунем, ки кадом сатҳи даромад барои қабули хавфи иловагӣ ба таври кофӣ ҷуброн карда мешавад.

Консепсияи хати бозори сармояҳо ҳамон норасоиҳоро дорад, ки модели баҳогузории дороиҳои сармоявии CAPM ва консепсияи хати бозори коғазҳои қиматноки SML дорад, зеро он ба тахминҳои шабеҳ асос ёфтааст.

1. Андозҳо ва хароҷоти амалиётӣ, ки дар бозорҳои воқеӣ метавонанд барои иштирокчиёни гуногун фарқ кунанд, сарфи назар карда мешаванд.

2. Пешбинӣ мешавад, ки ҳамаи иштирокчиёни бозор метавонанд бо фоизи бе хавф маблағгузории номаҳдуд диҳанд ва ҷалб кунанд. Аммо, дар амал, чунин имконият танҳо барои сармоягузорони институтсионалӣ, ки бузургтарин иштирокчиёни бозор мебошанд, мавҷуд аст, бинобар ин, барои дигар сармоягузорон маблағгузории иловагӣ бо фоизи баландтар имконпазир аст, ки ин ба паҳншавии хатти бозори сармояи CML барои сандуқҳое, ки левериджро истифода мекунанд, оварда мерасонад.




3. Пешбинӣ мешавад, ки дастрасии якхелаи иштирокчиён ба иттилоот низ дар бозорҳои воқеӣ иҷро карда намешавад, ки ба дараҷаи мутлақи самаранокӣ хос нестанд.

4. Ҳама сармоягузорон оқилона амал мекунанд ва аз хавф канорагирӣ мекунанд - ин фарзия низ дар амал иҷро намешавад.

5. Коҳиши миёнаквадратӣ - ин ченаки пурраи хавф мебошад. Аммо, дар бозорҳои воқеӣ дигар намудҳои хавф мавҷуданд, ба монанди хавфи таваррум, хавфи дуборасармоягузорӣ, хавфи асъорӣ ва ғайра.

Омилҳои дар боло номбаршуда ба он оварда мерасонанд, ки дар бозори воқеӣ хати бозори сармоя номуайян хоҳад буд, зеро он барои ҳар як сармоягузор ё гурӯҳи сармоягузорон фарқи кам дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Галанов В.А. Фондовый рынок и инновационное развитие экономики // Финансы. Деньги. Инвестиции. - 2011. - N 1 (37). - С. 20-22.
2. Гафурова Г.Т. Институциональные аспекты повышения эффективности государственного регулирования рынка ценных бумаг // Финансы и кредит. - 2010. - N 22. - С. 52-59.
3. Икромов Н.К. Основные направления и перспективы развития банковской системы Республики Таджикистан [Текст] / Н.К .Икромов // Russian Economic Bulletin. 2019. Т. 2. № 6. С. 127-131.
4. Икромов Н.Қ. Баҳогузории бонкҳои тиҷоратӣ ба воситаи формулаи самараи левериҷи (фишанги) молиявӣ [Матн] / Н.Қ. Икромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2021. № 4-2 (39). С. 83-89.
5. Икромов Ф.Н. Рынок ценных бумаг как институт развития инвестиционной деятельности Республики Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 9. С. 44-51.
6. Икромов Ф.Н. Эффективная модель институционального развития рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов // Современный ученый. 2017. № 4. С. 361-366.
7. Рубцов Б.Б. Современные фондовые рынки / Б.Б. Рубцов. - М.: Альпина Бизнес Букс, 2007. - 928 с.


# ФИСКАЛЬНАЯ ПОЛИТИКА КАК СПОСОБ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ


**Исломова З.С. к.э.н., доцент МУТПТ**

**Юсупова З.И. старший преподователь МУТПТ**


Проблемы фискального (бюджетно-налогового) регулирования, как фактора роста эффективности экономики, для большинства стран мира, следовательно, и для Республики Таджикистан, остаются весьма актуальными на современном этапе развития общества. Главный вопрос состоит в том, будет ли эта политика проводиться конструктивно или она будет неосознанной и непоследовательной.

Объектом исследования статьи является фискальная политика государства, предметом исследования выступают цели и механизмы проведения фискальной политики. Целью является всестороннее рассмотрение фискальной политики государства как способа государственного регулирования экономики, определение экономического значения.

Благоприятное воздействие бюджета на экономику предполагает формирование эффективного механизма образования доходов и расходов государства с учетом рационального налогообложения юридических и физических лиц, необходимого объема и сбалансированной структуры государственных расходов, обеспечивающих условия для экономического роста, стабильности производства, повышения благосостояния населения.

Развитие экономики Республики Таджикистан существенным образом зависит от научно обоснованной финансовой политики, в т.ч. бюджетно-налоговой политики

государства. Занимая центральное место в финансовой системе республики государственный бюджет оказывает воздействие на основные экономические показатели страны (как сектор управления в экономике участвует в общем кругообороте доходов, расходов выпуска продукции и пр.), изменение этих показателей оказывает существенное влияние на экономическую ситуацию в стране.

В экономической литературе встречаются различные определения бюджетно-налоговой политики. Одни рассматривают ее как часть экономической политики, как «проводимая государством, правительством генеральная линия действий, система мер в области управления экономикой, придания определенной направленности экономическим процессами в соответствии с целями, задачами, интересами страны» [5, С.67]. Другие ученые считают, что бюджетная политика является «одной из главных составных частей финансовой политики, во многом определяющей экономический курс развития государства».

Мировая экономическая практика в конце XX века пришла к достаточно объективному выводу, что не может существовать эффективная рыночная система без активной регулирующей роли государства. Вспомним высказывание известного экономиста Луиса Малкерна о роли государства в экономической жизни: «По-моему мнению, для любой ведущей страны не может быть ничего хуже, чем неправильное определение роли государства в экономике» [1,С.127].

В теоретически аргументированной модели Маркса планово-социалистической организации экономики-экономическая вмешательство государства рассматривается, во-первых, как содержание исторической формы общественной организации производства и потребления, и во-вторых, как господствующий сектор в экономической системе в целом.

Представители неоклассического направления экономической науки утверждали, что государственное регулирование необходимо минимизировать, поскольку механизм рыночного саморегулирования будет способствовать достижению оптимального состояния.

Подход, впервые разработанный А. Смитом, получил название экономического либерализма. Роль государства ограничивалась функцией «ночного сторожа» для поддержания порядка, охраны и защиты частной собственности и конкуренции [3, С.84].

В 70-80-х гг. еще одна неоклассическая теория нашла применение в практике государственного регулирования экономики. Ее основоположниками были американские экономисты А. Лаффер и Дж. Гильдер. Анализируя возможные зависимости между различными сторонами государственной экономической политики (фискальные, денежные мероприятия, регулирование занятости, заработной платы) можно сделать вывод, что фискальная политика государства является основным фактором экономического регулирования [2, С.96].

Одним из основным средством стимулирования предпринимательства неоклассическая теория считает налоговую политику государства. Предлагалось снизить ставки налогов, причем в большей степени для наиболее богатых слоев населения. Предполагалось, что с расширением производства, выходом всей экономики из стагнации бюджет пополнится большими доходами даже при меньших ставках налогов.

Неокейнсианцы придерживались мнения, что вмешательство правительства в региональное развитие неизбежно, особенно во время экономических кризисов. Поэтому были сформулированы конкретные формы и методы государственной экономической политики в смешанной системе. Наибольшие оценки и известность приобрели теории

антициклического (в современной трактовке конъюнктурного) регулирования и экономического роста [4,С.52].

Сложный и многоуровневый процесс государственного регулирования экономики следует определить как систему государственных мер законодательного, исполнительного и контролирующего характера прямого и опосредованного воздействия, осуществляемого правомочными государственными управленческими органами на поведение хозяйствующих субъектов и социально-экономических образований в целях сбалансированного и стабильного развития экономики, приспособления ее к изменяющимся внутренним и внешним условиям.

В современных условиях государственное регулирование экономики решает различные задачи стимулирования экономического роста, регулирования занятости, поощрения прогрессивных сдвигов в отраслевой и региональной структуре. Конкретные направления, формы, масштабы ГРЭ определяются характером и строгой экономических и социальных проблем в той или иной стране в конкретный период. Для достижения желаемых целей государство проводит фискальную политику [2,С.98].

Бюджетно-налоговая политика - это инициатива правительства в области налогообложения, государственных расходов, государственного бюджета, имеющая целью достижение естественной безработицы, обеспечение рабочих мест для населения и решение экономических проблем страны.

В условиях циклического развития экономики для каждой фазы цикла будут присущи свои цели и задачи, свой инструментарий и методы регулирования. В период экономического спада зачастую проводят стимулирующую политику, целью которой является повышение инвестиционной активности как внутри государства, так и для привлечения иностранных инвестиций. Во-первых, через увеличение государственных расходов на закупки товаров и услуг в целях компенсации недостающего частного спроса, увеличения совокупного выпуска. Во-вторых, через норму банковского процента, которая не должна быть слишком высокой, чтобы предприниматели могли брать кредиты. В-третьих, через регулируемую ставку налогообложения, с тем, чтобы повысить как производственный, так и потребительский спрос путем снижения налогов [2,С.87].

Совершенно иные мероприятия проводятся в период начинающегося бума, порой переходящего в кризис перепроизводства, проводятся государственные мероприятия, ограничивающие рост инвестиций, сокращение инфляционного разрыва выпуска, а, следовательно, и производства. Сдерживающая бюджетно - налоговая политика (рестрикционная) имеет своей целью ограничение циклического подъема экономики и предполагает снижение госрасходов (сокращение государственных закупок), уменьшение выплат трансфертов, увеличение налогов, это позволяет снизить уровень инфляции спроса ценой роста безработицы и спада производства.

Всестороннее изучение этого аспекта, а также компетентное использование механизмов фискальной политики позволяет обеспечить стабильные темпы экономического роста, возможность использования государством экономических рычагов регулирования. Грамотно спланированная и последовательно проводимая бюджетно-налоговая политика, как правило, характеризуется достижением макроэкономической стабильности, сбалансированностью государственных финансов. Необходимо учесть тот факт, что эффективность фискальной политики значительно возрастает, если она сочетается с проведением соответствующей денежно-кредитной политики.

**Список литературы**

1. Агапова Т.А., Серегина С.Ф. Макроэкономика. - 7-е изд., перераб. и доп. - М.: Дело и Сервис, 2005. - 464 с.
2. Агаев А. Роль фискальной политики в обеспечении устойчивости экономики. Журнал "Общество и экономика №7" 2021г.
3. Курмаев П.Ю. Практические аспекты реформирования организационной модели государственного регулирования // Перспективы науки и образования. - Вып. №6. - 2013. - 219 с.
4. Кушлин В.И. Государственное регулирование рыночной экономики. - 2-е изд., доп. и перераб. - М.: РГАС, 2005. - 824 с.
5. Трофимова Т.И. Фискальная политика: Учеб.-метод. пособие. - Иркутск: ИГЭА, 2001. - 53 с.
6. Райзберг Б Л, Лозовский Л, Стародубцева Е Б. Современный экономический словарь. 3-е издание, переработанное и дополненное. М.: Инфра - М., 2002. С. 459 - 460.


## МАРҲИЛАҲОИ РУШД ВА ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


**Кенҷаева Р.Ҳ. - дотсенти ДБССТ**


Дар ҳама давру замонҳо ва дар сатҳи гуногуни иқтисодиёт, яъне аз хонавода то давлат мо ба қонеъгардонии талаботи бемайлон афзоянда ниёз дорем. Барои қонеъсозии талаботи бемайлони ҷамъиятӣ захираҳо лозиманд. Ҳалли ҳамин масъалаҳо вазифаи асосии илми иқтисод маҳсуб ёфта, ҳадафи асосӣ дарёфти роҳҳои асосии таъмини истифодаи самаранокии захираҳои иқтисодӣ ва дар ин замина, бештар қонеъгардонии талаботи афзояндаи ҷомеа мебошад. Танҳо дар асоси истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои мавҷуда орзуҳо ба воқеият табдил ёфта, рӯзгори осудаи аҳолӣ таъмин хоҳад гашт.

Иқтисоди Тоҷикистон - ба далели тавоноиҳои ҷуғрофӣ ва табиии худ, яке аз манотиқи муҳимми иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад. Пас аз эъломи истиқлоли давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба қатъ гардидани робитаҳои хоҷагӣ байни корхонаҳо, камбудии ҷиддии захираҳои молиявӣ иқтисод ва тиҷорат ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ омаданд.

Минбаъд марҳалаҳои гузаштаро аз ибтидои соҳибистиқлолӣ то айни замон шартан ба 3 давра метавон ҷудо намуд.

- давраи аввал - солҳои 1991-94 - таҳлили низоми шӯравӣ ва бартараф намудани оқибатҳои ногувори муқовиматҳои шаҳрвандӣ
- давраи дуюм - солҳои 1995-99 - раҳо гардидани иқтисоди кишвар аз ҳолати буҳронӣ, тағйироти сохторӣ ва институтсионалӣ, гузаштан ба муносибатҳои нави иқтисодӣ;
- давраи сеюм - солҳои 2000-2014 - солҳои рушди устувори иқтисодӣ.

Мувофиқи пешгӯии иқтисодчиёни Бонки ҷаҳонӣ, соли 2018 афзоиши воқеии ММД Тоҷикистон то 5,9 фоиз бештар шуда, соли 2019 то ба 6,1 фоиз мерасад. Қобили зикр аст, ки соли 2016 рушди воқеии ММД Тоҷикистон 6,9 фоизро ташкил дода буд.

Дар даҳсолаҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ - аграрӣ табдил ёфта буд. Дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёд буд. Соли 1991 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба 2308 адад

мерасид. Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон 425 ададаш корхонаҳои нисбатан калон буда, аз онҳо 207 корхонаҳои саноати вазнин ва 119 ададашон корхонаҳои саноати сабук буданд.

Ҷанги шаҳрвандӣ (1992 -1997) ба фаъолияти саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши манфӣ гузошт. Корхонаҳои саноатии Тоҷикистон аз соли 1996 инҷониб аксар зараровар ҳисоб мешаванд. Зеро, аз ин сол сар карда ба ҷумҳурӣ воридоти молҳои саноатии хориҷӣ хело афзуд. Дар натиҷа аз як тараф аксарияти корхонаҳои саноатӣ фаъолият намекарданд, аз тарафи дигар, он корхонаҳое, ки фаъолият мекарданд, маҳсулоташон бо молҳои ба ҷумҳурӣ воридгардида рақобат карда наметавонистанд.

Дар соли 2011 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 952 корхонаи саноатӣ арзи вуҷуд мекард (аз байни онҳо 10,2% кор намекарданд). Маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаи саноатӣ дар 9 моҳи соли 2012 - $1,4 млрд ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 дар соҳаи саноат - 219 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойи корӣ, аз ҷумла, дар вилояти Суғд - 59 бо 969 ҷойҳои кории нав, вилояти Хатлон - 57 корхона бо 678 ҷойҳои кории нав, ВМКБ - 3 корхона бо 87 ҷойҳои кории нав, шаҳри Душанбе - 60 корхона бо 812 ҷойҳои кории нав ва НТҶ - 40 корхона бо 386 ҷойҳои кории нав сохта ба истифода дода шуд. Аз шумораи умумии корхонаҳои нав: 38 - корхона ба соҳаи мошинсозӣ, 53 - корхона ба саноати сабук, 50 - корхона ба соҳаи масолеҳи сохтмон, 62 - корхона ба саноати хӯрокворӣ, 2 -корхона ба саноати маъдан, 1 - корхона ба саноати ангишт, 5 - корхона ба соҳаи табъу нашр ва 8 - корхона ба дигар соҳаҳо рост меояд.

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида дар 11 моҳи соли ҷорӣ КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» маҳсулотҳоро ба монанди алюминийи аввалия ба маблағи 158,0 млн. доллари ИМА ба хориҷи кишвар, хусусан ба Давлатҳои Аврупо содирот намудааст.

ҶДММ «Талко Кемикал» бо дарназардошти масъалаҳои қабули давлатии иншооти сохтмонаш анҷомёфтаи корхонаҳои «криолит ва алюминийи фтордор» ва ҳамоҳангсозии дигар корҳои ташкиливу омодагӣ ба истеҳсолот ва захира намудани ашёи хом дар семоҳаи аввали соли равон фаъолият накарда, аз моҳи апрели соли 2019 тибқи нақшаи қаблан такмил додашуда ба истеҳсоли маҳсулотҳои кимиёвӣ ба монанди алюминии фтордор, криолит ва коагулянт шурӯъ намуд. Дар 11 моҳи соли равон корхонаи мазкур дар ҳаҷми 3605 тонна фториди алюминий, 417,6 тонна криолит, 438,3 тонна кислотаи сулфат ва 820,0 тонна коагулянт, дар маҷмӯъ бо маблағи 53,5 млн сомонӣ ба фурӯш баровардааст. ҶДММ «Талко Кемикал» дар ҳамин давраи соли 2019 ба миқдори 2496,8 тонна фториди алюминий ба маблағи 34,3 млн сомонӣ ба Федератсияи Россия содирот намудааст. Инчунин ба КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» 417,1 тонна криолит ба маблағи 2961,5 ҳазор сомонӣ ва 1107,9 тонна фториди алюминий ба маблағи 13209,4 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ ба маблағи 16171,0 ҳазор сомонӣ маҳсулот интиқол дода шудааст.

Ба КВД «Обу корезӣ»-и шаҳри Душанбе бошад 820 тонна коагулянт ба маблағи 1934,9 ҳазор сомонӣ ва дигар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ зиёда аз 438,3 тонна кислотаи сулфат ба маблағи 1012,7 ҳазор сомонӣ маҳсулот интиқол дода шудааст. Дар анбори корхонаи мазкур бақияи маҳсулоти ниҳоӣ ва нимтайёр бо нархҳои амалкунанда бе арзиши иловашуда бо назардошти бақияи соли гузашта зиёда 12,7 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд аз тарафи ҶСП «Норд Азия металл» корхонаи истеҳсоли қубурҳои профилии металли даврашакл ва чоркунҷашакл бо иқтидори 60 ҳаз. тонна маҳсулот дар як сол бо истифода аз хати технологии муосир оғоз гардид, ки дар натиҷа 60 нафар ҷойи кори нав таъсис ёфт. Дар 11 моҳи соли 2019 корхона ба маблағи 174,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 14,8 млн сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти корхона 109,2 % баробар таъмин карда шуд. Ҳаҷми молии истеҳсоли маҳсулот дар ин давра ба 25129,82 тонна баробар шуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 957,32 тонна зиёд гардидааст. Намудҳои маҳсулоти дар корхона истеҳсолшаванда аз рӯи ғафсии металл ва андозаашон то ба 85 намуд мерасанд, ки 40 намуди он профилҳои даврашакл буда, 45 намуди дигараш профилҳои чоркунҷашакл мебошад. Нархи фурӯши 1 тонна маҳсулоти тайёри корхона ба ҳисоби миёна 860 доллари ИМА баробар мебошад. Ашёи хом яъне, варақаи металлиро корхона аз Ҷумҳуриҳои Федератсияи Россия ва Қазоқистон харидорӣ ва ворид менамояд. Дар ин давра корхонаи мазкур ба маблағи 4,1 млн сомонӣ (524 тонна) маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон содирот намудааст.

Дар шаҳри Ҳисор дар моҳи сентябри соли 2017 корхонаи нави истеҳсоли қубурҳои профилии металлии даврашакл ва чоркуҷашакл бо номи ҶДММ «Истеҳсоли труба ва профили тоҷик» ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар заминаи он 41 нафар ҷойҳои кории нав таъсис ёфт. Музди маоши миёнаи коргарон 1100 сомониро ташкил медиҳад. Ашёи хом яъне, варақаи металлиро корхона аз Федератсияи Россия харидорӣ ва ворид менамояд. Хатҳои технологӣ ба маблағи 5,8 млн. сомонӣ аз Ҷумҳурии Халқии Хитой ворид ва васлу насб карда шудаанд. Дар 11 моҳи соли 2019 бошад, корхона ба маблағи 38,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 9,7 млн сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти корхона 133,8% баробар таъмин карда шуд. Ҳаҷми молии истеҳсоли маҳсулот дар 11 моҳ ба 4195,1 тонна баробар шуд, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 712,4 тонна кам гардидааст.

Бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон корхонаи ҷамъу васли автобуси мусофиркаши тамғаи «Акия» дар шаҳри Душанбе 14 феврали соли 2018 ва марҳилаи дуюми он 19 марти соли 2019 мавриди истифода қарор дода шуд. Истеҳсоли автобусҳои мусофиркаши тамғаи «Акия» аз тарафи КМ тоҷикию-туркӣ «Акия Авесто Автоматив Индастри» дар заминаи КВД «Насби нақлиёти барқӣ (тролейбус)»-и шаҳри Душанбе ба роҳ монда шуда, иқтидори истеҳсолии корхонаи мазкур солона аз 250 то 300 автобус мебошад. Айни замон нархи як аадад автобуси тамғаи АКИА-и истеҳсоли Ҷумҳурии Тоҷикистон 132 ҳазор евро мебошад. Шумораи кормандони корхона ҳоло зиёда аз 40 нафарро ташкил дода, баъди пурра ба истифода додани корхонаи мазкур шумораи ҷойҳои корӣ бояд ба 200 нафар расонида шавад.

31 марти соли 2019 дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистони вилояти Суғд бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Маҳмуд ва Компания»-и шаҳри Гӯлистони вилояти Суғд мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Дар корхона асосан арматура, ки дар сохтмони бинову иншооти гуногун, махсусан биноҳои бисёрошёна истеҳсол мегардад.

Иқтидори истеҳсолии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Маҳмуд ва Компания» то 50 ҳазор тонна маҳсулот дар як сол мебошад. Тақрибан 30 фоизи ашёи хом аз дохил ва боқимондаи он тибқи шартнома, аз Ҷумҳурии Қазоқистон оварда мешавад. Корхонаи мазкур дар масоҳати умумии 2,4 гектар бунёд гардида, 100 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши баланд таъмин гардиданд. Корхонаи мазкур истеҳсоли маҳсулот аз моҳи июл оғоз намудааст, ки айни замон бо 60 нафар ҷойи кории нав таъмин шудааст. Корхонаи аз оғози фаъолият 490,0 тонна маҳсулот ба маблағи 1429,7 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст.

Марҳилаи аввали корхонаи ҶСП «Агротехсервис»-и шаҳри Ҳисор моҳи майи соли 2018 ва марҳилаи дуюм яъне ба пуррагӣ моҳи сентябри соли 2018 расман бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко мавриди истифода қарор дода шуд, ки бо ворид намудани қисмҳои эҳтиётӣ ба ҷамъу васли тракторҳо ва мошинолоти истеҳсоли Беларус машғул мебошад. Дар 11 моҳи соли 2019, корхона ба маблағи 18,5 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки назар ба 11 моҳи соли 2018 4,5 млн сомонӣ зиёд мебошад. Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти корхона 132,2 % баробар таъмин карда шуд. Дар 11 моҳи соли 2019 103 трактори тамғаҳои «Беларус 82.1» ва «Беларус 80Х», 38 адад тойбанд 36 адад ядак (прицеп) ҷамъу васл карда шудаанд. Дар 11 моҳи соли 2019 корхона ба миқдори 16 адад ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон 8 адад тракторҳои тамғаи «Беларус 80Х» барои коркарди байни қаторҳои пахта ва 8 адад тракторҳои тамғаи «Беларус 82.1», 24 ядак (прицеп) ва ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 10 адад трактори тамғаи «Беларус 512» бекабина содирот намуд. Иқтидори истеҳсолии солонаи корхона 1700 адад трактор ва мошинолотҳои кишоварзӣ мебошад. Баъдан бо васеъ гардидани истеҳсолот шумораи коргарон низ зиёд карда мешаванд.

Дар соҳа айни замон дар самти коркарди металлҳои сиёҳ ва ранга ва истеҳсоли маводҳои таркандаи саноатӣ дастовардҳои бештар ба назар мерасанд. Хусусан фаъолияти корхонаи истеҳсоли қубурҳо ва профилҳои металлӣ - ҶСП «Норд Азия металл»-и ноҳияи Спитамен, ҶДММ «Труба ва профилҳои тоҷик»-и шаҳри Ҳисор, корхонаи истеҳсоли профилҳои алюминӣ - ҶДММ «Тоҷпроф»-и МОИ «Суғд», ҶДММ “Оҳангудозии Тоҷикистон”-и ноҳияи Рудакӣ ва корхонаҳои нави истеҳсоли маводҳои таркандаи саноатӣ- ҶДММ КМ «Муосир» ва ҶДММ «Колорит технолоҷӣ» назаррас буда, ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои номбурда дар ҳаҷми маҳсулоти соҳа тадриҷан зиёд гардида истодааст.[12].

Саноатчиёни кишвар дар соли 2019 дар самтҳои гуногуни саноат фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро ба 27 миллиарду 586,6 млн сомонӣ расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 3 млрд 809,4 млн сомонӣ зиёд гардида, суръати афзоиш 113,6 фоизро ташкил дод.

Қайд гардид, ки соли 2019 256 корхонаҳои азими саноатӣ фаъолияти худро бо афзоиш ҷамбаст намуда, ба маблағи 14,6 млрд сомони маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуданд, ки аз ин ҳисоб нисбат ба соли 2018 ба маблағи 4,6 млрд сомонӣ зиёд гардидааст.

**АДАБИЁТҲО:**

1.Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол.Нашриёти “Дабир”. Хуҷанд.2022.

2.Азизов Ф.Х. Азизов Ҷ.Ф. Маҳмудов А.А. Маҳмудова Н.Ф. Луғати калима ва ибораҳои иқтисодиёти бозоргонӣ. Хуҷанд.2012.

3.Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ. Хуҷанд - 2022

4.Иқтисоди хурд. Низомова Т. Душанбе.2001.

5.Давлатов И. Исоматов Б. Ҳабибов С. Иқтисоди бозоргонӣ. Душанбе.”Маориф”.1994.

хароҷоти муносибтар дар доираи эҳтиёҷоти нақшавии ҷамъият истеҳсол намудани махсулоти хушсифат мебошад Дар вақти баҳо додан ба самараи кори мутахассисон, сифати вазифаҳои иҷрошуда ба инобат гирифта мешавад. Баҳодиҳии сатҳи идоракунии соҳа дар асоси унсурҳои асосие дода мешавад, ки ин сатҳро дар ду самт муайян мекунанд: мавҷудияти барномаи таҳияшуда барои амал ва дараҷаи иҷрои воқеии нақшаҳо. Пешниҳод карда мешавад, ки ба сифати кори мутахассисони асосӣ дар асоси низоми нишондиҳандаҳое баҳо дода шавад, ки самтҳои асосии истифодаи меҳнатро тавассути коэффитсиентҳое инъикос мекунанд, ки бо роҳи таносуби арзишҳои воқеии нишондодҳои ба назар гирифташуда, бо нишондиҳандаҳои нақшавӣ, ҳисобшуда ё меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

Арзёбии самаранокии иқтисодии чорабиниҳои дар истеҳсолот татбиқшуда дар асоси ба истилоҳ «хароҷоти овардашуда» сурат мегирад, ки ҳамчун маблағи хароҷоти ҷорӣ барои истеҳсоли маҳсулот (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ва ҳаҷми хароҷоти якдафъаина барои татбиқи чорабинӣ, кӣ ба коэффисиенти стандартии иқтисодӣ зарб карда мешавад, ҳисоб карда мешавад.[5]

**Мхч + Мхя*КСс,**

Инҷо: Мхч - маблағи хароҷоти ҷорӣ ба истеҳсоли маҳсулот (иҷрои кор, хизматрасонӣ);

Мхя - ҳаҷми маблағи хароҷоти яквақта (аз ҷумла асосӣ) барои татбиқи чорабинӣ;

КСс - коэффисиенти стандартии самаранокии иқтисодӣ, ки бо мӯҳлати зарурии баргардонидани хароҷоти яквақта муайян карда мешавад.

Самаранокии кори корхонаҳо аз бисёр ҷиҳат ба пуррагӣ ва мақсаднок истифода бурдани фонди вақти корӣ вобаста аст. Бо ин мақсад таҳлили вақти кори онҳое, ки дар истеҳсолот кор мекунанд, гузаронда мешавад, ки ин ҳамчунин имкон медиҳад, дараҷаи истифодабарии кадрҳо муайян карда шавад.

Хулоса қайд намудан ба маврид аст, ки баҳодиҳии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ба муайян кардани таъминоти ташкилот аз тарафи онҳо, сохтори онҳо аз рӯи ҷинс ва синну сол, маълумот, ба кооператсияи меҳнатӣ шомил намудани ҳайати кормандон, ҷойгиркунии онҳо аз рӯи намуд ва шакли шуғл ва истифодаи мустақим вобастаанд.

**АДАБИЁТ**

1. М.Н. Антоненко, А.А. Богуш, О.А. Пашкевич Методология оценки эффективности труда в сельском хозяйстве;
2. Гатаулин, А.М. О системном подходе к оценке экономической эффективности в АПК / А.М. Гатаулин // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2008. - № 8. - С. 8-11;
3. Ясников, Г.Е. Оценка качества и эффективности управления персоналом: вопросы методологии / Г.Е. Ясников // Проблемы управления. - 2005. -№ 1. - С. 51-64

[5] Ясников, Г.Е. Оценка качества и эффективности управления персоналом: вопросы методологии / Г.Е. Ясников // Проблемы управления. – 2005. –№ 1. – С. 51–64

# БАҲОДИҲИИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ САНОАТ

**Сафоев А.К. -** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Дар адабиёти илми муосир таҳқиқотчиён мафҳуми лоиҳаи сармоягузориро бо тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Аз нуктаи назари баҳодиҳии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, чун дар таҳқиқотҳои худ Беренс В. қайд мекунад «...ин тартибест, ки муқоисаи нишондиҳандаҳои ҳисобшудаи натиҷаро бо меъёрҳои муқарраршудаи самаранокӣ ифода мекунад ва дар асоси ин дар бораи ба мақсад мувофиқ будани татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ қарор қабул карда мешавад» [2, с.527].

Дар адабиёти иқтисодӣ усулҳои гуногуни баҳодиҳии идорауни лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода мешаванд, ки дар байни онҳо усули баҳодиҳии фоидаи сармоягузорӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Аммо, чунон ки Пошиваленко Г.П. ва Киселева Н.В. дар таҳқиқоти худ қайд намудаанд - «Тамоми усулҳои ҷорӣ оид ба баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ асосан ба баҳодиҳии дисконтиронӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ асос ёфтаанд, ки навъҳои гуногуни таваррум, тағйирёбии меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ, меъёри даромадро ба назар гирифта, тағйиротро дар хароҷоти захираҳои гуногун вобаста ба тағйир ёфтани солҳо, дар давоми тамоми давраи пешбинишудаи амали лоиҳаи сармоягузорӣ, нархҳои ин захираҳо ба инобат намегиранд» [6, с.132].

Масъалан, Нуруллоев З.Х. дар асарҳои илмии худ, ки муносибатҳои лоиҳаҳои сармоягузориро ҳамчун механизми идоракунӣ оид ба амалигардонии ақидаи комплексӣ, қайд мекунад, ки «Лоиҳаҳои сармоягузорӣ ин механизми инъикоскунандаи муносибатҳои алоқамандии байни хароҷот, захираҳои истеҳсолии истифодашуда ва ҳама намудҳои самараи иқтисодӣ мебошанд. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун қоидаи молиявӣ баррасӣ мешаванд ва барои пешбурди онҳо асоснок карда мешаванд. Онҳо ҳамчун механизми идоракунӣ масъалаи мувофиқати талабот ва таклифотро ба ҳам наздик мекунанд» **[5, с.12]**. Бо таҳлили чунин тафсири мафҳуми лоиҳаи сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ қайд кардан мумкин аст, ки минтақаҳо барои сармоягузорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ тамоми захираҳои имконпазирро доранд. Лоиҳаи сармоягузорӣ яке аз омилҳои ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ мебошад.

Розиқов Б.Х. дар таҳқиқоти худ оид ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ қайд мекунад, ки «...афзалияти асосии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ин маблағгузории самти инфрасохторӣ дар асоси воситаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ мебошад» **[7, с.33]**. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар давлатҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси воситаҳои ғайрибуҷетӣ, асосан аз ҳисоби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ сурат мегирад, вале дар ҳолати мо давлат ба ҳайси кафолат барои бунёд ва татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ мегардад.

Розиқов В.А., Раҳимов Ш.М. ва Сафаров С.Г. дар бораи баҳо додан ба самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар омузиши худ сухан ронда, қайд мекунанд, ки «Баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот дар иқтисоди давраи гузариш асос меёбанд. Ғайр аз он, муҳаққиқон қайд мекунанд, ки ҳамин гуна ба таври оддӣ гузоштани сармоя ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ самаранок буда наметавонад. Самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ тавассути таҳлили як қатор нишондиҳандаҳо ва меъёрҳо муайян карда мешавад» **[8, с.145]**. Он дар хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инноватсия, буҷетӣ, молиявӣ ва экологӣ зоҳир мешавад. Самаранокии лоиҳаи сармоягузориро метавон ҳамчун раванди ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ таҳлил кард.

Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар саноат, маънои сифатан ва микдоран беҳтар шудани нишондиҳандаҳоеро, ки фаъолияти корхонаҳои саноатиро тавсиф мекунанд, инчунин барои рушди минбаъдаи он шароит фароҳам меоваранд, дорад. Тараққиёти мамлакат бештар аз инкишофи сохтори соҳавии ММД вобаста аст. Ин сохтори афзалиятноки соҳавӣ мебошад ва рушди ҳар кадоми ин нишондиҳандаҳо рушди ин соҳаро тавсиф мекунад.

Қабул ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ татбиқи махсуси худро доранд. Дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ лоиҳаҳо ҳам дар сатҳӣ маҳаллҳо ва ҳам дар сатҳи ноҳияҳо, минтақаҳо ва ҷумҳурӣ татбиқ мегарданд. Сенарияи қоидаи қабули лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва татбиқи барномаҳои миёнамӯҳлати сармоягузориҳои давлатӣ, грантҳо ва сармояи сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ тавассути вазорату сохторҳои соҳавии давлати амалӣ карда мешавад. «Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси лоиҳаҳои сармоягузории (дархостҳои лоиҳавӣ) пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ вобаста ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва нишондиҳандаҳои маблағгузориҳои асосии мутамарказ лоиҳаи нишондиҳандаҳои барномаро бо дарназардошти имкониятҳои буҷети давлатӣ ва афзалиятҳои дар бандҳои дахлдори тартиби мазкур муқарраргардида бо муайян намудани маблағи умумӣ ва шумораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳия намуда, дар муҳлати бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд» **[3, с.4]**.

Муайян кардани фоида ва даромаднокии дохилии лоиҳаи сармоягузорӣ бояд бо таҳия ва дар лоиҳаи сармоягузорӣ пешниҳод намудани принсипҳои идоракунии раванди татбиқи он пурра карда шавад. Қобили зикр аст, ки ҳангоми таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз нуқтаи назари лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои дохил намудан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ вазорату идораҳо, кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, татбиқи чунин чорабиниҳоро дар назар мегиранд, ки дар Тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:

- Ҳадафҳои рушди ҳазорсола;
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030;

- Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ;

- дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамӯҳлат;

- Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- афзалиятҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида, аз қабили истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ;

- қоидаҳои ҷалб, истифода, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кӯмаки беруна ба Ҷумҳурии Тоҷикистон» **[10, с.22]**. Дар ин ҷо ба масъалаҳои мутобиқсозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба тағйирёбии конъюктураи бозор ва дараҷаи рақобат дар бозорҳои хориҷӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани сифати лоиҳаҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои минтақавӣ бояд меъёрҳои зеринро дар бар гиранд:

- лоиҳа бояд стратегияи умумии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба рушди иқтисодӣ инъикос намуда, ба мақсад, вазифаҳо ва стратегияи соҳа мувофиқ бошад;

- лоиҳаи пешниҳодшуда бояд ба таври бояду шояд фармоиш дода шавад (сифати лоиҳа, асоснокии сметаи хароҷоти пешниҳодшуда ва ғайра);

- бояд асосноккунии техникӣ-иқтисодиро бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда инъикос намояд;

- масъулияти давлат ва бахши хусусиро инъикос намояд;

- қобилияти мақомоти иҷрокунандаро барои татбиқи лоиҳа ва зарурияти тағйир додани санадҳои қолаби танзимшавандаро инъикос намояд;

- таъсири экологӣ-иҷтимоӣ ва риояи онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва стандартҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта шаванд;

- зарурати ҷалби сармоя ё маблағҳои худи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории мазкур пурра изҳори назар карда шавад;

- таъсири амалисозии лоиҳаи сармоягузориро ба рушди минтақа инъикос намояд.

Таҳлили сифати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ барои ҷӯстуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши саноат тавассути ҷалби сармояи ибтидоӣ на танҳо аз ҳисоби қарзҳои беруна, балки аз ҳисоби грантҳои беруна асоснокӣ медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ дар комплекси саноатӣ бо ҳалли як қатор проблемаҳо алоқаманд мебошад:

- ин таъмини дастгирӣ аз тарафи давлат дар соҳаи ҳавасмандгардонии соҳаҳои саноат;

- таъмин ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ бо танзими комплексии меъёрӣ-ҳуқуқӣ;

- афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар тамоми давраи такрористеҳсолкунии комплекси саноатӣ.

То ҳол дар ҳамаи зинаҳои сохторҳои идоракунӣ чунин ақидае вуҷуд дорад, ки соҳаи саноат ниҳоят серхарҷ ва вақтталаб буда, ба буҷети давлат фоидаи кам ба даст меорад. Аммо, сиёсати ҷиддии таҳлили иқтисодӣ ва ба назар гирифтани тамоми ҷан-

баҳои фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки интихоби оқилона ва дурусти усулҳои баҳодиҳии оқибатҳои саноат бо дарназардошти омилҳои пурраи иқтисодӣ ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ метавонад натиҷаҳои баҳодиҳии баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро дар соҳаи саноат ба таври назаррас тағйир диҳад. Муносибати анъанавӣ ба баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ омили саноатиро ба таври кофӣ ба назар намегирад.

Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода аз формулаи усули арзиши ҷории соф NPV барои лоиҳаи сармоягузорӣ маблағгузории яквақтаина:

$$NPV = \sum_{k} \frac{P_k}{1 + r^k} - IC$$

ва баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода аз формулаи усули арзиши ҷории соф NPV барои лоиҳаи сармоягузорӣ маблағгузории пайдарпайи дар тӯли n сол:

$$NPV = \sum_{k}^{n} \frac{P_k}{(1 + r)^k} - \sum_{k}^{n} \frac{P_k}{(1 + i)^k} \quad 2$$

нишон дод, ки аз 50 адад лоиҳаҳои сармоягузорие, ки аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ пешниҳод карда шудааст, танҳо натиҷаи 2 лоиҳаи сармоягузорӣ бо номи «Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд»» дар соҳаи саноат бо маблағӣ 5 млн. доллари ИМА дар минтақаи Суғд ва лоиҳаи сармоягузорӣ бо номи «Сохтмони комплекси туристии ҶДММ «Сафедоб Тур» дар ноҳияи Шуробод» дар соҳаи сайёҳӣ бо маблағи 2,3 млн. доллари ИМА дар минтақаи Хатлон манфӣ мебошанд, аммо дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ ин лоиҳаҳо бояд бо дастгирии давлатӣ ба воситаи ӯҳдадориҳои қарзи имтиёзнок ва ҷалби захираҳои грантӣ татбиқ карда шаванд, чунки дар умум лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонанд ба саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат намоянд. Ҳолати мазкурро дар мисоли ҷадвал чунин тасвир намудан мумкин аст.

**Ҷадвали 1**

**Натиҷаи баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV**

| | Номгуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Минтақаи татбиқ | Соҳаи татбиқи лоиҳа | Арзиши лоиҳа, $ | Натиҷаи NPV, $ |
|---|---|---|---|---|---|
| | Сохтмони комплекси туристии ҶДММ «Сафедоб Тур» дар ноҳияи Шуробод | Хатлон | Сайёҳӣ | 2300000 | -133391,3 |
| | Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд» | Суғд | Саноат | 5000000 | -599715,1 |

***Сарчашма:*** Дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с. бо истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV ҳисоб карда шудааст;

Умуман, ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии иқтисодӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ таносуби ҳаҷми таъсири манфии бартарафшуда ба муҳити иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба сифати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро ба инобат гирифтан зарур аст.

Далели гуфтаҳои болоро таҳқиқотгарони дар ин самт кор карда Бақоев Ш.С. бо роҳбарии илмии Мирсаидов А.Б. дар таҳқиқотҳои худ ҳангоми баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф (NPV) чунин қайд менамоянд, ки «Лоиҳаҳои сармоягузоришаванда ба лоиҳаҳои самаранок набуда мансубанд. Ин чунин маъно дорад, ки ҳамаи онҳо асосан хусусияти аҳамияти иҷтимоӣ доранд. Дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ ин масъалаҳои минтақавӣ бояд аз тарафи давлат ба воситаи ӯҳдадориҳои қарзии имтиёзнок ва ҷалби захираҳои грантии барои татбиқи ин қабил лоиҳаҳо пешбинишуда ҳал карда шавад» **[1, с.83]**.

Агар дар лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ пурра аз байн бурдани манбаи мавҷудаи таъсири манфӣ ба муҳити иқтисодӣ ба нақша гирифта шуда бошад, вале як ё якчанд манбаи нав бунёд гардад, зарурияти дар лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ маълумот оид ба чорабиниҳои кам кардани ин таъсирҳо дар барномаи мониторинг ва ғайра пешбинӣ мегардад. Чунин чорабиниҳо ба рафъи монеаҳо дар татбиқи самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ мусоидат мекунанд.

Дар айни замон баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ барои сармоягузорон мушкилтар аст. Гузаронидани баҳодиҳии иқтисодӣ ва муайян кардани мутобиқати лоиҳаи сармоягузорӣ ба талаботҳои иқтисодии қонунгузории Тоҷикистон танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳангоми таҳияи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои соҳавӣ ҳамроҳӣ намоянд. Маълумоте, ки дар рафти гузаронидани ахбороту таҳлилҳо аз вазорату идораҳои давлатӣ ба даст оварда мешаванд, дар таҳияи асосноккунии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва қабули қарори сармоягузорони потенсиалӣ барои иштирок дар лоиҳаи сармоягузорӣ мӯҳим аст.

Дар таҳқиқотҳои худ ҳанӯз соли 2015 мо оид ба ташкили комиссияи махсус доир ба интихоб ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешниҳод намуда будем ва чунин қайд карда будем, ки «Албатта, барои самараноктар қабул намудани лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар доираи иқтисоди миллӣ аз ҷониби Ҳукумат бояд комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ таъсис дода шавад. Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисоди бозоргонӣ ва зудтар барқарор кардани он наметавонад комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузориро таъсис диҳад, зеро он ба таври фаврӣ ба ҳама намуди сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ эҳтиёҷ дорад. Таъсиси комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба рушди босуръати минтақаҳо ва дар маҷмӯъ ба давлат мусоидат хоҳад кард» **[9, с.31]**.

Маҳз пешниҳоду таклифҳои илман асоснокдардашуда буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №161 ҳайати комиссия оид ба интихоби лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ ҷиҳати ворид намудан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ карда шудааст (ниг. ба расми 1.).

Ба комиссияи ташкилгардида аслан масъулони сохторҳои қудратӣ, вазорату кумитаҳои соҳавӣ шомиланд.

Мақсад аз ташкили комиссия ин таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намудан ба самтҳои

афзалиятноки миллӣ, амалинамоии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ҳадафҳои стратегии гузошташудаи ҳукумати мамлакат, равона намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба минтақаҳо аз рӯи таъминоти захиравӣ, ҳамворакунии рушди фазоӣ минтақаҳо аз рӯи таъминоти захиравӣ ва амсолӣ инҳо мебошад.




**Расми 1. Тартиби қабул ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Проблемаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ аз инҳо иборатанд:

- дараҷаи мутобиқати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ба стратегияи умумии рушди давлат;

- мавҷудияти «дастаи идоракунӣ» - и соҳибихтисос, қобилиятнок ва муассир;

- омодагии ташаббускор ба баррасии ошкорои масъалаҳои молиявӣ;

- дастгирии корхона аз ҷониби мақомот;

- ба соҳаҳои афзалиятнок ва мақсадноки рушди давлат дохил намудани лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ;

- барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили мақолаи мазкур метавон чунин хулосагирӣ намуд:

1. Дар шароити иқтисоди муосир масъалаҳои баҳодиҳӣ ва сифати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар робита ба ноил шудан ба ҳадафҳои лоиҳаи сармоягузорӣ ва муваффақияти он аҳамияти куллӣ доранд. Омӯзиши дастгоҳи илмии баҳодиҳии самаранокии иқтисодӣ, ки дар тӯли якчанд аср дар амалияи ҷаҳонӣ таҳия шуда, имкон

медиҳад, ки он на танҳо дар марҳилаҳои корхона, балки дар марҳилаҳои гуногуни рушд ва самтҳои фаъолияти он дар сатҳи давлатӣ муфассалтар муайян карда шавад.

2. Яке аз намудҳои самаранокӣ ин самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад, ки татбиқи босамарӣ он ояндаи рушди кишварро муайян мекунад. Самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд то дараҷае фаҳмида шавад, ки натиҷа бо харҷи камтарин ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ба даст оварда мешавад. Лоиҳаи сармоягузорӣ дар суръате самаранок ҳисобида мешавад, ки тарафҳои лоиҳаи сармоягузорӣ пас аз гирифтани маблағҳои гузоштаи худ даромади иловагӣ низ ба даст меоранд.

**АДАБИЁТ**


1. Бақоев Ш.С. Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон). Диссер. ном. илм. иқт. Бохтар - 2020. - 83 саҳ.
2. Беренс В. Руководство по оценке эффективности инвестиций: пер. с англ. / В. Беренс, П. Хавранек. - М.: Интерэксперт, Инфра-М.1995. -527 с.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе. - 27-уми марти соли 2018, - №161. - 4 с.
4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с.
5. Сафоев А.К. Совершенствование механизма управления региональными инвестиционными проектами (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан). Диссер. канд. экон. наук. - Душанбе. - 2015. - 31 с.
6. Тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018, №161 тасдиқ гардидааст. 22 с.


## РОЛЬ ИСЛАМСКИХ БАНКОВ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РТ.

**Алишоев Хуршедшох Хасратшоевич, Юсупова Зайнур Илхомиддиновна**

Банковская система является неотъемлемой составляющей экономической системы любой страны. Банки являются связующим звеном между промышленностью и торговлей, сельским хозяйством и населением. Тем самым понятна необходимость и важность банковских структур, как для бизнеса, так и для экономики страны в целом. Банки - это атрибут не отдельно взятого экономического региона или какой-либо одной страны, сфера их деятельности не имеет ни географических, ни национальных границ, это планетарное явление, обладающее колоссальной финансовой мощью, значительным денежным капиталом. Во всем мире имея огромную власть, банки РТ, однако, потеряли свою изначально высокую роль. И только последние несколько лет вышли на отведенную для них видную роль.

Деятельность банковских учреждений так многообразна, что их действительную сущность трудно определить однозначно. В современном обществе банки занимаются самыми разнообразными видами операций. Они не только организуют денежный оборот и кредитные отношения; через них осуществляется финансирование промышленности и сельского хозяйства, страховые операции, купля-продажа ценных бумаг, а в некоторых случаях посреднические сделки и управление имуществом. Кредитные учреждения выступают в качестве консультантов, участвуют в обсуждении народнохозяйственных программ, ведут статистику, имеют свои подсобные предприятия. Деятельность исламских банков основана на совершенно другой философии, чуждой

среднему европейцу и американцу. Выполняя те же функции, она делает это совершенно по-другому.

«Человечные» финансисты, не требующие от клиентов залога и способные простить ему долги, работают в так называемых исламских банках - финансовых институтах, действующих на основе принципов мусульманской религиозной этики, в корне отличающейся от устоев западной банковской системы.

В настоящее время только в трех государствах - Пакистане, Иране и Судане - банковская система целиком функционирует на основе принципов шариата. Однако сообщество исламских банков является наиболее быстро растущим сегментом финансового сектора всего Ближнего Востока. По данным Международной ассоциации исламских банков, сегодня в 35 странах (включая РТ) функционируют приблизительно 200 таких кредитных учреждений. В последние два года наблюдается стремительный рост исламских банков в странах Персидского залива, стабильное развитие этого сектора продолжается и в странах Юго-Восточной Азии, прежде всего в Малайзии.

Можно написать несколько принципов исламского предпринимательства:

-Запрет ростовщичества. Мусульманин, ссужающий другому человеку деньги, должен нести вместе с ним ответственность за их использование и делить не только прибыли, но и убытки. Получение фиксированного процента - платы за кредит, не зависящей от исхода предприятия, не допускается.

-Запрет монополий. Запрет незаконных и непорядочных методов конкурентной борьбы.

-Запрет на взимание чрезмерной платы за перевозку и продажу товара. Розничная цена не должна превышать оптовую больше чем в полтора раза (в исключительных случаях - при очень больших транспортных издержках - в два).

-Запрет на производство и продажу продуктов, потребление которых запрещено шариатом, например спиртного, свинины или мяса животных, умерших своей смертью. Ислам осуждает не только торговца спиртными напитками, но и виноградаря, знающего, что его виноград используется для изготовления вина.

-Запрет на продажу ворованного и низкопробного.

-Недопущение обмана, например, обвешивания или продажи бракованных продуктов.

-Использование только такого первоначального капитала, который был получен в соответствии с законами шариата.

-Вера в то, что "коэффициент полезного действия" денег, полученных в соответствии с шариатом, выше, чем у капитала, нажитого незаконным путем.

Ислам заинтересован в создании сильной и развитой экономики. Без этого цели, начертанные еще во времена Пророка, не могли бы быть достигнуты. Благоденствие максимально большего числа людей и социальную справедливость можно обеспечить только в экономически стабильном государстве.

В настоящее время общая сумма активов, управляемых на основе принципов шариата, составляет, по разным оценкам, от 100 до 160 млрд долларов. По мировым меркам это немного - значительно меньше, чем активы одного крупного японского или американского банка. Однако динамика развития исламских банков, особенно в последние годы, свидетельствует о том, что у них большое будущее: ежегодные темпы роста в этом секторе составляют 10-15 процентов. Уже сейчас в Кувейте в ислам-

ских банках размещено от четверти до трети всех сбережений населения. Ненамного отстает в этом отношении Малайзия.

Главной особенностью исламских финансов является отказ от того, на чем основана общепринятая, западная финансовая система, - ссудного процента. Это не означает превращение коммерческих займов в благотворительные. Вознаграждение собственнику капитала не должно принимать форму выплаты заранее установленной суммы, гарантированной вне зависимости от доходности предприятия, как это происходит в случае взимания процента. Согласно нормам исламской этики, праведно лишь то богатство, источником которого являются собственный труд и предпринимательские усилия его владельца, а также наследство или дар. Кроме того, прибыль является вознаграждением за риск, сопутствующий любому деловому предприятию.

Исламские экономисты дают различные рациональные обоснования запрета ссудного процента, делая акцент на его эксплуататорском характере и подчеркивая роль банковской системы в провоцировании экономических кризисов. Однако в конечном счете отказ от процента, как и выполнение заповеди, является актом веры. Как и любую сферу жизни мусульманина, финансовую деятельность регламентирует священное писание мусульман - Коран, а также свод правовых норм - шариат.

Основными понятиями Корана, описывающими то, чего в своей финансовой практике должен избегать мусульманин, являются риба и гарар. Риба(дословно «излишек») - любое неоправданное приращение капитала при займе или в торговой сделке. Это такой же тяжкий грех, как и гарар - намеренный риск, выходящий за рамки неизбежной случайности. Большинство исламских ученых считает, что понятие «риба» означает не только высокий, ростовщический, но и любой ссудный процент, в то время как под определение «гарар» попадает любая спекулятивная операция.

Мусульманин не должен забывать, что все земные блага - это дар Аллаха, который является их истинным собственником. Вверенные человеку производительные ресурсы должны работать на благо всего общества. Согласно шариату, деньги, не вложенные в дело, подлежат обложению благотворительным налогом в пользу бедных и немощных. В случае, если человек сам не способен пустить деньги в оборот, он должен вложить их в чужое предприятие, получив долю в его доходах. Известно, что сам пророк Мухаммед был удачливым купцом, в его торговые операции вложила средства богатая вдова Хаджия, которая впоследствии стала его женой. Финансовые операции, которые совершал более полутора тысяч лет назад основатель ислама, носят те же названия и основаны на тех же принципах, что и виды финансовых услуг, которые предлагают современные исламские банки в Манаме, Куала-Лумпуре и лондонском Сити.

Вместо процента исламские банки могут предложить вкладчику право на участие в доходах предприятия, в которое вложены его деньги. При одном обязательном условии - вкладчик должен разделить и возможные убытки.Исламские банки открывают для клиентов три вида счетов. Во-первых, это текущий счет, условия которого практически не отличаются от условий открытия таких счетов в западных банках. Проценты по нему не выплачиваются, клиенту гарантируется возвращение суммы вклада в любой момент.

Второй тип счета - сберегательный. Его владелец не имеет права на участие в прибылях, однако администрация с целью привлечения вкладчиков может по своему усмотрению выплачивать им премии в зависимости от прибыльности банка. Сбере-

гательный вклад не является срочным, его номинальный размер также гарантирован. Средства, привлеченные по сберегательным вкладам, банк старается вкладывать в малорискованные операции, как правило, в финансирование торговых сделок.

И наконец, третий вид счета - инвестиционный. Его владелец имеет право разделить с банком его прибыль или убытки по схеме profit and loss sharing (PLS). Вкладчики получают доход по своим вкладам, который, как правило, сопоставим с процентом в обычных банках. Однако доход этот не гарантируется, не гарантирован и сам капитал, так как убытки банк компенсирует за счет средств на инвестиционных вкладах. В случае если банк распорядился средствами клиента не вполне профессионально, тот в судебном порядке может потребовать компенсации.

Таким образом, рекомендованным исламской доктриной методом мобилизации денежных ресурсов, в том числе и для банков, является долевое финансирование (equity finance) - привлечение средств за счет участия инвестора в акционерном капитале. Приращение капитала не может происходить в сфере денежного оборота, в его основе должны лежать сделки, касающиеся реально существующих товаров и услуг. Деньги сами по себе не могут приносить новые деньги, капитал должен использоваться в производительных целях.

Многие экономисты указывают, что в долевом финансировании кроются значительные преимущества. В западной экономике размер ссудного процента, зависящего в свою очередь от установленной Национальном банке учетной ставки, диктует условия для развития реального сектора. В исламской финансовой системе доход по вкладам зависит от прибыльности акций компаний, в которые банк вложил капитал вкладчиков. Таким образом, динамика развития реального сектора способствует установлению благоприятного инвестиционного климата и эффективному распределению финансовых ресурсов в пользу наиболее успешных отраслей экономики.

Финансирование по исламской модели может покончить с зависимостью реального сектора от интересов банковского капитала, характерной для системы, основанной на ссудном проценте. Денежные активы создаются как ответ на инвестиционные возможности в реальном секторе, поэтому именно реальный сектор определяет ставку дохода в финансовом секторе, а не наоборот. Таким образом, уже не банки будут задавать реальной экономике темп развития, а производительный сектор начнет создавать для себя благоприятный инвестиционный климат.

В исламской системе многие перспективные проекты, которые обычные банки отвергли бы из-за отсутствия залога, могут получить финансирование на основе участия в прибылях. Однако в реальности мелкие и средние предприниматели, создающие основную часть ВВП арабских стран и составляющие большую часть клиентской базы банков, испытывают трудности в получении кредитов на основе разделения прибыли из-за слишком сложного и трудоемкого механизма оценки проекта. Исламский банкир принимает решение о предоставлении займа на основе изучения перспектив проекта, предложенного для реализации, а также деловых качеств клиента. В большинстве случаев от него не требуют предоставления залога. Это создает опасность махинаций, как со стороны клиента, так и со стороны администрации банка. При операции на основе участия в прибылях клиент может попытаться сфальсифицировать отчетность и скрыть от банка реальные доходы проекта. При финансировании торговой операции по схеме мурабаха (выплата в рассрочку основной суммы займа и наценки «за обслуживание») клиент может испытать искушение нажиться за счет задержки платежей.

Для нейтрализации подобных рисков разработаны специальные процедуры, во многом сходные с практикой западных банков, которые тоже нередко страдают от злоупотреблений. Главным методом борьбы с махинаторами является тщательный аудит всех операций предприятия-клиента. Ни один из членов руководства исламского банка не имеет права единолично признать убытки, показанные в отчетности предприятия, финансируемого банком. Для этого необходимо коллегиальное решение всего состава правления банка. Если проект не достиг запланированной прибыльности, специальный независимый комитет изучает баланс предприятия. Если же сокрытие доходов установлено, клиент выплачивает недостающую сумму в принудительном порядке. В особо тяжелых случаях банк отзывает свои средства, и компания-нарушитель вносится в «черный список». В случае просрочки платежей дело передается в суд, который обязывает клиента выплатить необходимую сумму плюс оговоренный в первоначальном контракте штраф.

Серьезные проблемы возникли при переходе к исламской системе в связи с финансированием государственных расходов за счет внутреннего долга, так как выпуск процентных облигаций стал невозможен, В Иране, например, даже после перехода к беспроцентной банковской системе финансирование госдолга по-прежнему продолжалось за счет кредитов, которые центральный банк предоставлял национализированным коммерческим банкам на основе фиксированной ставки процента. Коммерческие банки, в свою очередь, на льготных условиях предоставляли займы предприятиям госсектора.

По мнению экспертов, причина кроется в недостаточном развитии вторичного финансового рынка. Активный рост в последние годы исламского рынка акций, бурное развитие исламских инвестиционных фондов и появление новых финансовых инструментов создают предпосылки для перемен.

Сейчас исламские банки предлагают краткосрочные инструменты с доходностью пять-шесть процентов. В перспективе же осуществить „квантовый скачок", перейдя к средне- и долгосрочным продуктам с доходностью в пятнадцать, двадцать и даже тридцать процентов в сфере проектного финансирования и рискового капитала.

Последнее десятилетие стало для исламских банков временем быстрого развития и инноваций в области пассивных операций. Клиентская база по-прежнему растет, но нынешние вкладчики хотят, чтобы их вложения были не только правильными с точки зрения религии, но и приносили доход. Идет активное создание исламских инвестиционных банков и фондов нового типа, занимающихся управлением активами, пакетами акций, вложениями в недвижимость. Исламские инвестиционные банки действуют на рынке лизинговых операций и рискового капитала. Тем более что ближневосточным банкам приходится бороться за клиентов с гигантскими западными конкурентами, которые активно открывают исламские подразделения.

**Библиография**


1. Алишоев Х.Х. Исламская экономическая мысль и практические аспекты её использования в постсоветском пространстве.- Душанбе: «Ирфон», 2013.- С. 236.
2. Р.И.Беккин. Диссертации "Страхование в мусульманском праве: теория и практика". **State Bank of Pakistan.** Essentials and Model Agreements for Islamic Modes of Financing. 15.04.2005. www.sbp.org.pk
3. **A.L.M. Abdul Gafoor.** Islamic Banking and Finance: Another Approach. Islamic Hinterland Conference on Critical Debates Among Canadian Muslims, 3-5 September 1999, Toronto, Canada. . www.islamicbanking.nl
4. **A.L.M. Abdul Gafoor.** Mudaraba-based Investment and Finance. Groningen, the Netherlands, 2001. www.islamicbanking.nl

# КАЧЕСТВЕННАЯ ОЦЕНКА ХОЗЯЙСТВЕННЫХ РИСКОВ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Содиков Р.Х. - к.э.н., доцент кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**

Один из этапов системы риск-менеджмента на промышленных предприятиях является оценка рисков. Целью оценки рисков является определение наиболее опасные риски, характерные предприятию, а также разработка оптимального механизма риск-менеджмента в конкретной ситуации. Оценка рисков осуществляется количественными и качественными методами.

Количественная оценка рисков проводится с использованием статистических данных за большое пространство времени. Эти методы являются тяжелыми и более сложными, а полученные результаты не постоянно отвечают поставленным задачам. Что касается методов качественной оценки рисков, то они более простые, оптимальные и способствуют промышленному предприятию правильно и целесообразно оценивать свои риски и управлять ими.

Качественная оценка как составная часть системы риск-менеджмента направлена на обеспечение эффективного и устойчивого развития предприятия с использованием относительно небольших затрат ресурсов.

На наш взгляд, качественная оценка рисков - это анализ, оценивающий состав и структуру рисков. Распределение понятий «анализ» и «оценка» в этом контексте означает следующее: анализ включается в оценку. Анализ - это идентификация факторов и причин возникновения рисков, оценка - это измерение структурных характеристик риска посредством вероятностного подхода.

Система качественной оценки хозяйственных рисков промышленных предприятий включает в себя несколько методов (рис. 1).




Рис. 1. Методы качественной оценки хозяйственных рисков промышленных предприятий. Источник: составлено автором

**Метод экспертных оценок.** Данный метод - это оценка мнения выбранной группы экспертов и формирования экспертного заключения на его основе. Основное до-

стоинство этого метода является возможность привлечения опытных и высококвалифицированных специалистов-экспертов для осуществления анализа и оценки потенциальных рисков предприятия. Недостатком данного метода считается субъективный характер мнений и подходов экспертов при оценке уровня рисков, а также трудности в поиске независимых специалистов. Любой вид риска характеризуется несколькими показателями, или факторами. Эти показатели оцениваются экспертами в баллах, а также, каждому показателю присваивается определенный вес, соответствующий его значимости. Характерная черта метода экспертных оценок выражается в отсутствие строгих математических доказательств оптимальности получаемых решений [2, с.127]. Следует отметить, что на практике применяются методы индивидуальной и групповой экспертной оценки.

Основными целями индивидуальной экспертной оценки являются:

- прогнозирование процесса развития событий в будущем и оценка их в настоящем;
- анализ и обобщение результатов, представленных другими экспертами;
- составление сценариев действий.

Достоинствами индивидуальной оценки рисков являются оперативность и наименьшие издержки. Основными недостатками данного метода являются: высокий уровень субъективности; отсутствие уверенности в достоверности полученных оценок. Для недопущения таких недостатков, часто применяются групповые или коллективные экспертные оценки рисков.

Основными типами групповых экспертных оценок рисков являются:

- открытое обсуждение поставленных задач с последующим открытым или закрытым голосованием;
- свободное высказывание без обсуждения и голосования (мозговой штурм).
- закрытое обсуждение с последующим закрытым голосованием или заполнением анкет экспертного опроса - самый эффективный метод.
- анализ и обработка экспертных оценок [5, с.50].

**Метод аналогий.** Определение уровня риска проводится на основе применения сходства различных явлений и систем. Этот метод используется в том случае, если сложно применить другие методы оценки (при внедрении новых методов производства, создании нового предприятия), когда нет данных для бедующего анализа. Оцениваются риски аналогичного проекта или фирмы и переносятся на объект исследования. Очень приблизительный, субъективный метод, так как большое значение имеют знания и опыт аналитика. Этот метод применяется очень редко.

**Метод рейтинговых оценок.** Данный метод основывается на присвоение рангов, полученных оценок, при котором используется система выставления баллов. Диапазон баллов в исследовании от 5 до 100 [3, с.87]. При этом специалист, проводящий анализ сам устанавливает оптимальные критерии для осуществления балльной оценки. В результате исследования специалист получает таблицу с итоговыми данными по рейтингам рисков.

**Метод контрольных списков.** Посредством данного метода производится аналитическое исследование происшествий прошлых отчетных периодов, а также факторов возникновения рисков и убытков на их основе. Данный метод применяется только на этапе идентификации. Исследуемый список постоянно корректируется в связи с дополнение в части появления новой статистической информации, в ходе метода есть возможность группировки отдельных рисков для более точной их дальней-

шей оценки. Недостатком этого метода является в неполноте учета исследуемой информации в связи с большими массивами данных для исследования. Оценка риска, осуществляется на основе стандартов ИСО «Методы оценки риска» и этапы оценки сводятся к следующему: идентификация риска; анализ последствий; качественная, количественная оценка вероятностных характеристик риска; оценка эффективности существующих средств управления; количественная оценка уровня риска; сравнительная оценка риска [6, с.67].

**Анализ дерева решений**. Данный метод больше всего применяется для анализа рисков инновационных проектов и предполагает, что у проекта существует несколько вариантов развития. Каждое решение, принимаемое по проекту, определяет один из сценариев его дальнейшего развития. При помощи дерева решений решаются задачи классификации и прогнозирования. Дерево решений - это схематическое представление проблемы принятия решений.

**Метод анализа уместности затрат.** Основой анализа уместности затрат выступает предположение о том, что перерасход средств может быть вызван одним или несколькими из следующих факторов:

- изначальная недооценка стоимости проекта в целом или его отдельных фаз и составляющих;

- изменение границ проектирования, обусловленное непредвиденными обстоятельствами;

- отличие производительности машин и механизмов от предусмотренной проектом;

- увеличение стоимости проекта в сравнении с первоначальной стоимостью, вследствие инфляции, изменения налогового законодательства.

В процессе анализа, исходя из условий конкретного инвестиционного проекта, происходит детализация указанных факторов и составляется контрольный перечень возможного повышения затрат по статьям для каждого варианта проекта или его элементов.

**Метод сценарного подхода.** Данный метод является основным методом прогнозирования исследуемой ситуации и помогает выявить оценочные критерии, влияющие на основные показатели. Сценарии подразделяются на оптимистический, пессимистический и реалистичный и в зависимости от подхода определяются критерии эффективности, далее производится сравнительный анализ показателей с базисными значениями, и разрабатываются корректирующие мероприятия. В основе сценарного подхода лежат гипотезы экспертов, составленные о величине и влиянии конкретизированного риска. Метод является простым, но в тоже время имеет и субъективизм в своей основе.

**Методы имитационного моделирования.** Этот метод более точно характеризуют процессы риск-менеджмента на предприятии. Эта модель представляет собой процедуру, которая описывает изучаемый объект и повторяет его поведенческие характеристики. Это наиболее точный, но в тоже время и трудоемкий процесс количественной оценки риска, основанный на приемах математической статистики [1, с.104]. Уровень риска определяется с помощью теории измерений, в который входит системный анализ, выбор шкалы риска и способа выбора значений показателя измерения риска.

**Метод номинальных групп.** Особенностью данного метода заключается в коллективное принятие решений. Данный метод полезен, когда необходимо выявить и

сравнить индивидуальные суждения, чтобы прийти к решениям, которые не могут прийти в голову одному человеку. Влияние доминирующей личности уменьшается. Обеспечивает взаимодействие между участниками. Составление упорядоченного списка рисков отнимает довольно много времени.

**Карточки Кроуфорда**. Основная концепция данного метода заключается в том, что ведущий раздает участникам одинаковое количество карточек и задает один вопрос: какой риск вы считаете наиболее важным для проекта? Каждый участник записывает свой ответ на карточке и передает ее ведущему. После этого ведущий снова задает вопрос, и процедура повторяется до тех пор, пока не закончатся карточки. В результате эксперт получает несколько десятков формулировок. Если группа хорошо подобрана, то, скорее всего, определится большинство рисков, которые являются значимыми для проекта [4, с.90].

**Анализ галстука-бабочки.** Это один из наиболее практичных методов, помогающих определить меры по снижению риска. Анализ галстука-бабочки начинается с рассмотрения события риска, а затем проецируется в двух направлениях. Слева перечислены все потенциальные причины события, а справа перечислены все потенциальные последствия события. Затем можно определить и применить меры (или барьеры) по смягчению последствий для каждой из причин и последствий в отдельности, эффективно снижая как вероятность возникновения риска, так и последующие воздействия, если риск все еще имеет место.

**Мозговой штурм.** Данный метод самая распространенная и простая модель. Участники мозгового штурма высказывают любые идеи, специально отобранный человек все записывает, структурирование, и оценка идей происходит позже. Модератор (лидер) мозгового штурма должен только способствовать процессу генерации идей. Ключом к успеху метода является запрет на критику идей. Легко сказать, но трудно сделать. Мозговой штурм может генерировать так много идей, что для их обработки требуется вдвое больше экспертов.

Таким образом, среди рассмотренных выше методов нет универсального, поэтому можно сделать вывод о необходимости их комплексного использования. Тот или иной метод оценки хозяйственных рисков промышленных предприятий целесообразно выбирать, опираясь на степень оснащенности информационной и статистической базами, уровень подготовленности, а также на конечную цель проведения анализа рисков

**Литература**

1. Бадалова А.Г., Пантелеев А.В. Управление рисками деятельности предприятия: учеб. пособие. - М.: Вузовская книга. - 2017. - 369 с.

2. Когденко В.Г. Анализ хозяйственных рисков в рамках фундаментального анализа компании // Финансовая аналитика: проблемы и решения. - 2019. №34(268). - С. 123-129

3. Машков Д.М. Совершенствование механизма управления рисками промышленного предприятия: дисс… на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. - М., 2015. - 198 с.

4. Панькова М.К., Емелина С.А. Управление хозяйственными рисками // Научный альманах. - 2020. №3-1. - С. 85-92

5. Чараева М.В. Идентификация и оценка финансовых рисков в современном предпринимательстве // Финансовая аналитика: проблемы и решения. - 2019. №11. - С. 47-53

6. Шелепов А.М. Управление экономическими рисками хозяйствующих субъектов: дисс. на соиск. уч. степ. канд. экон. наук. - Кострома. - 2016. - 186 с.

# АРЗЁБИИ МАКРООМОРИИ САМАРАНОКИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Солиев Б.Н. -** н.и.и., и. в. дотсенти ДБССТ, **Солиев Н.Н. -** н.и.и., дотсенти
Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе

Дар шароити иқтисоди бозорӣ рушди устувор ва пешрафти рӯзафзуни иқтисодиёти миллӣ дар ҳамагунна маврид аз самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, ки бонки марказӣ (миллӣ) мегузаронад, алоқамандии зич дорад. Бахусус арзёбии макроомории самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ба рушди устувори иқтисодӣ, таҳкимии молиявӣ, нархҳо ва асъор, инчунин зиёдшавии даромади аҳолӣ тақвият мебахшад.

Бояд қайд кард, ки мураттабсозӣ ва ҷамъбасти ақидаҳои олимони иқтисодшинос доир ба муҳтаво ва реҷаи самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун ҷабҳаи муҳими назариявӣ ба ҳисоб рафта, ҷанбаи методологии он бошад, ин усулҳои арзёбӣ ва муайян кардани таъсири омили самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Дар ҳолате ки самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар кишвар таъмин карда мешавад, он гоҳ натиҷаи ниҳоии он бояд ба рушди устувори иқтисодӣ, пастшавии сатҳи бекорӣ, коҳишёбии таварруми пул, инчунин баландбардории таҳкимии иқтисодӣ ва молиявӣ, зиёдшавии даромади миллӣ дар кишвар мусоидат намояд. Самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар кишвар таъмин карда мешавад, агар бонки марказӣ (миллӣ) дар мувофиқа бо ҳукумати мамлакат реҷаи сиёсати пулию қарзии оптималиро интихоб карда, дар амалия мавриди амал қарор диҳад.

Бояд қайд кард, ки то инҷониб дар осори илмии иқтисодшиносон доир ба муҳтавои самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ақидаи ягона ҷой надорад. Бо вуҷуди ин, мурратабсозии ақидаҳои илмии иқтисодшиносонро доир ба мафҳуми самаранокии сиёсати пулию қарзӣ имконият медиҳад, ки муҳтавои масъалаи мазкурро бо таври том чунин баён намоем:

- якум, мафҳуми самаранокии сиёсати пулию қарзӣ бо мафҳуми сиёсати иқтисодӣ ҳаммаъно дониста мешаванд. Гарчанде, ки самаранокии сиёсати пулию қарзӣ қисми муҳими самаранокии сиёсати иқтисодӣ мебошад;
- дуюм, дар баробари омилҳои сиёсати пулию қарзӣ, инчунин ба ҳолати иқтисодиёт маҷмӯи омилҳо таъсир мерасонанд, ки онҳо ғайрипулӣ мебошанд;
- сеюм, таъсири сиёсати пулию қарзӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ метавонанд гуногунсамт бошанд. Агар ҳавасмандгардонии сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби бонки марказӣ (миллӣ) дар иқтисодиёти мамлакат амалӣ карда шавад, он гоҳ натиҷаи он, аз як тараф ба сатҳи шуғл ва суръатафзоии рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ расонад, вале аз дигар тараф таъсири манфии худро ба сатҳи таваррум ва ҳолати тавозуни пардохт мерасонад;
- чорум, сатҳи эҳсоси нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба тағйирёбии сиёсати пулию қарзӣ якхела намебошанд.

Метавон эътироф кард, ки муҳтавои самаранокии сиёсати пулию қарзиро ҳамчун самарабахшии идораи соҳаи муносибатҳои соҳаи пулию қарзӣ баррасӣ кард.

Самарабахшии сиёсати пулию қарзӣ ин таъсири мусбии он ба вазъи макроиқтисодӣ ва таҳкимии низоми пулию қарзӣ мебошад. Тибқи моҳияти худ, ҳисоб кардани самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ба монанди самаранокии иқтисодӣ аз нуқтаи назари хароҷоти гузаронидашуда имконнопазир мебошад. Бо вуҷуди он ки бонкҳои марказӣ (миллӣ) барои пешрафти фаъолияти худ хароҷот доранд. Бинобар ин, самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун ноилшавӣ ба мақсадҳои муайянкардашудаи бонки марказӣ (миллӣ) мебошад.

Дар айни замон мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон ноил шудан, нигоҳ доштани сатҳи мӯътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмӯҳлат мебошад. Вобаста аз мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон барои арзёбии макроомории самаранокии сиёсати пулию қарзӣ усули бомақсад[1] истифода карда шуда, бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$E = 100 - \frac{|If - Iz|}{Iz} \text{ x } 100,$$

E - самаранокии сиёсати пулию қарзӣ, %;

If - индекси нархҳои истеъмолии ҳақиқӣ (ИНИ);

Iz - индекси нархҳои истеъмолии бомақсад, %.

Татбиқи формулаи мазкур барои арзёбии самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мебошад. Бартарияти усули бомақсад аз он иборат мебошад, ки иттилоотҳои расмӣ оид ба ифодаи миқдории ҳадафи сиёсати пулию қарзӣ, инчунин сатҳи ҳақиқии индекси нархҳо дар сатҳи мамлакат мавҷуд аст. Иловатан бояд қайд кард, ки ҳисоби усули мазкур содда буда, барои истифодабарӣ қуллай мебошад.

Бояд зикр намуд, дар шароити ҳадафгирии таваррум масъалаи муҳим ин интихоби индикатори таваррум ва муайян кардани сатҳи бомақсади он мебошад. Аксарияти аксарияти бонкҳои марказии (миллии) мамлакатҳо ба сифати индикатори таваррум индекси нархҳои истеъмолиро (ИНИ) истифода бурда, ҳисоби он аз номгӯи васеи молҳо ва хизматҳо иборат аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ 548 номгӯи молҳо ва хизматҳоро дар бар мегирад.

Интихоби ИНИ ба сифати ҳадафгирии таваррум ба он ҳолат асосноккунонида мешавад, ки индикатори мазкур зери таъсири азими сиёсати пулию қарзӣ қарор мегирад, ҳамзамон тағйирёбии арзиши ҳаётро тавсиф намуда, динамикаи ИНИ ба ташаккули интизорияти таваррумии субъектҳои иқтисодиёт тақвият мебахшад.

Масъалаи муҳими арзёбӣ ин муқаррар кардани қимати ҳадии ҳадафгирии таваррум мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки қимати ҳадии таваррум барои мамлакатҳои иқтисодиёташон рушдкарда дар доираи аз 1 то 3% ва барои мамлакатҳои иқтисодиёташон рушдкунанда аз 4 то 7% муқаррар шудааст[2]. Тибқи маълумоти Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017 - 2022 ҳадафгирии таваррум барои соли 2017 - 7 (±3), 2018 - 7 (±), 2019 - (±), 2020 - (±), 2021 6 (±) ва 2022 - 6 (±) фоиз муқаррар карда шудааст.

[1] Денежная система и механизмы денежного обращения и денежно – кредитного регулирования: учебник / коллектив авторов; под ред. М. А. Абрамовой и Л. С. Александровой. – Москва: КНОРУС, 2022. С. 368.

[2] Основные направления единой государственной денежно – кредитной политики на 2020 года и период 2021 и 2022 года. URL: http: // www. cbr. ru / content/ document file/ 87358/on 2020 (2021 – 2022)/ pdf

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки тавассути истифодаи усули ҳадафгирӣ муайян шудааст, мувофиқи шкалаи махсус арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 1. Шкалаи арзёбии самаранокии сиёсати пулию қарзӣ**

| Сатҳи самаранокии сиёсати пулию қарзӣ | Критерияи сиёсати пулию қарзӣ, % |
|---|---|
| Баланд | $75 < E \leq 100$ |
| Хуб | $50 < E \leq 75$ |
| Қаноатбахш | $25 < E \leq 50$ |
| Паст | $0 < E \leq 25$ |
| Ғайрисамаранок | $E < 0$ |

***Сарчашма**: Денежная система и механизмы денежного обращения и денежно - кредитного регулирования: учебник / коллектив авторов; под ред. М. А. Абрамовой и Л. С. Александровой. - Москва: КНОРУС, 2022. С. 370.

Дар шкалаи махсуси арзёбӣ панҷ варианти арзёбии самаранокии сиёсати пулию қарзӣ: баланд, хуб, қаноатбахш, паст ва ғайрисамаранок инъикос гардидааст.

Дар ҷадвали 2 арзёбии миқдории самаранокии сиёсати пулию қарзии Бонки милии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2022 пешниҳод гардидааст.

**Ҷадвали 2. Арзёбии миқдории самаранокии сиёсати пулию қарзии Бонки милии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2022**.

| Сол | Ҳадафгирии таваррум,% | Таварруми ҳақиқӣ,% | Арзёбии миқдории самаранокӣ,% | Критерияи самаранокӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2017 | 7 (±3) | 7,3 | 95,7 | баланд |
| 2018 | 7(±3) | 3,8 | 54,29 | хуб |
| 2019 | 7(±2) | 7,9 | 87,15 | баланд |
| 2020 | 7(±2) | 8,6 | 77,15 | баланд |
| 2021 | 6(±2) | 8,6 | 56,7 | баланд |
| 2022 | 6(±2) | | | |

***Сарчашма**: дар асоси маълумоти маҷмӯаи оморӣ Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ 2021. с. 231; Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2022 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.

Тибқи маълумотҳои овардашудаи ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар солҳои 2017 - 2022 самаранакоии сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи хуб ва баланд арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар кишвар бевосита натиҷаи фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи самтҳои асосии зерин: такмил додани сенарияҳои дурнамоӣ шартҳои макроиқтисодӣ, баланд бардоштани воситаҳои монетарӣ ва механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ ва вусъатбахшии ҳамкории БМТ бо дигар вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба танзим даровардани таъсири манфии омилҳои ғайримонетарӣ ба сатҳи таваррум асоснок карда мешавад.

**РУЙХАТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАБУРДА**


1. Денежная система и механизмы денежного обращения и денежно - кредитного регулирования: учебник / коллектив авторов; под ред. М. А. Абрамовой и Л. С. Александровой. - Москва: КНОРУС, 2022. С. 368.
2. Основные направления единой государственной денежно - кредитной политики на 2020 года и период 2021 и 2022 года. URL: http: // www. cbr. ru / content/ document file/ 87358/on 2020 (2021 - 2022)/ pdf
3. Оморӣ Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ 2021. с. 231;

4. Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2022 таҳия ва ҳисоб карда шудааст.
5. Шариф. Р. Муомилоти пули ва карз [Матн] / Р. Шариф. - Душанбе: ЭР-граф, 2015. - 516 с.
6. Умаров, Х.У., Зарифова, З.С. Денежно-кредитные проблемы развития национальной экономики [Текст] / Х.У. Умаров, З.С. Зарифова. - Душанбе: Ирфон, 2005. - 138 с.

## СОХТОРИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РАВАНДИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКУНОНӢ

**Сафоев А.К. -** н.и.и., дотсенти ДБССТ

Яке аз усулҳои нисбатан самаранокии беҳдоштии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакатҳои тараққикарда ва тараққикардаистода ин воридоти сармояи байналмилалӣ мебошад. Ин ҳолат бо набудани захираҳои молиявӣ барои амалинамоии тағйироти институтсионалӣ дар соҳаи молиявӣ-буҷетӣ, ки ба зарурияти азнавсозии максималии иқтисодиёт дар шароити ҷараёни бухрони ҷиддӣ ва рушди таваррум асос ёфтаанд, алоқаманд мебшад. Инчунин, дар шароити муосир дар аксарияти мамлакатҳои тараққикардаистода ҳолати доираи фаъолияти баъзеи субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби кам гардидани ҳиссаи бахши давлатӣ дар иқтисодиёт тағйир меёбад. Ин тағйирёбӣ масъалаи такмили низоми давлатии идоракунии ҷараёни сармоягузориро ҳамчун асоси рушди босуръати иқтисодиёт ва баландбардории сатҳи рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидориро арзёбӣ менамояд.

Ислоҳоти куллии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар даврони истиқлолият ба амал омад, зарурати асоснок кардани нақш ва мавқеи сиёсати сармоягузориро дар сохтори механизми танзими давлатии иқтисодиёт объективона муайян мекунад. Дарки муҳимияти коркарди илман асосноккардаи сиёсати сармоягузорӣ дар назарияи иқтисодӣ инъикос гардида, дар таҷрибаи фаъолияти сохторҳои қудратии кишвар ва минтақаҳои он ба инобат гирифта мешавад. Дар рафти коркард ва амалӣ гардондани сиёсати иқтисодӣ дар ин роҳ тадбирҳои муайян меандешанд, вале ин кор ҳанӯз ба анҷом нарасидааст. Ба самтҳои нисбатан коркардашудаи илми иқтисодиёт интихоби модели танзимкунандаи бозорӣ, ки ба ташаккули иҷтимоикунонии давлат мусоидат мекунад, муайян намудани нақш ва мевқеи сиёсати сармоягузорӣ ин модел, пешниҳоди мунтазами тадбирҳо оид ба такмилдиҳии раванди сармоягузориро дар бар мегирад.

Дар таҳқиқотҳои худ Гришина В. қайд мекунад, ки «Аҳамият ва нақши давлат дар равандҳои сармоягузорие, ки дар иқтисодиёти кишварҳои гуногун ба амал меоянд, бо маҷмуи омилҳо муайян карда мешавад, ки дар байни онҳо дараҷаи инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва вазъи иқтисодӣ мебошад» [1, с. 57].

Захираҳои сармоягузорӣ манбаи асосии тараққиёти хоҷагии халқро ишғол намуда, суръати афзоиши иқтисодиётро таъмин менамоянд. Таваҷҷуҳ ба мушкилоти танзими раванди сармоягузорӣ бо назардошти он ба миён омадааст, ки тамоюлҳои манфии сиёсати сармоягузорӣ, аллакай ба як таҳдиди ошкор ва ҷиддӣ ба амнияти иқтисодии Тоҷикистон табдил ёфтаанд.

Ба фикри мутахассисон, аз ҷумла Соловёв В.Ю. «Ҳаҷми сармоягузорӣ барои нигоҳ доштани амнияти нисбии иқтисодӣ миллӣ набояд аз 25% ММД камтар бошад» [4, с. 21]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳанда дур аст, ки

такрористеҳсолкунии васеъро таъмин намекунад ва боиси нокифоя будани сармоягузорӣ дар самти саноатикунонӣ мегардад. Ин имконпазирӣ ва зарурати ҷалби сармояи чӣ дохилӣ ва чӣ хориҷиро таъкид мекунад.

Ба андешаи мо, шарти муҳимтарини рушди иқтисодии кишвар пурзӯр намудани фаъолияти сармоягузории ҳам субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳам умуман давлат мебошад. Зарурати чунин фаъолсозии фаъолияти сармоягузорӣ, аз як тараф, бо тағйири ғайриоқилонаи сохтори соҳавии фондҳои асосӣ ва аз тарафи дигар, бо хеле фарсуда шудани фондҳои асосӣ шарҳ дода мешавад.

Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи худро тавассути навсозӣ ва таҳкими бахши саноатии иқтисодиёт ба зинаи нави рушд мегузорад. Аммо рушди сусти механизмҳои бозорӣ имкон намедиҳад, ки бахши воқеӣ иқтидори назарраси захираҳои пасандозии дар кишвар барои эҳтиёҷоти сармоягузорӣ тавлидшударо самаранок азхуд кунад. То имрӯз манбаи барқарорсозии афзоиши истеҳсолот амалан тамом шудааст (иқтидорҳои истеҳсолии қаблан холӣ, нисбатан арзон будани омилҳои истеҳсолот, фарқияти назаррас байни нархҳои дохилию ҷаҳонии ашёи хом ва захираҳои энергетикӣ).

Марҳилаи нави тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ зарурияти ҷалб намудани ҳаҷми зарурии захираҳои сармоявиро ба миён овардааст. Вазъияти кунунии иқтисодӣ бо набудани маблағҳои зарурӣ барои сармоягузорӣ ба бахши воқеӣ ва амалинамоии тағйироти прогрессивӣ дар сохтори истеҳсолӣ хос аст, ки аҳамияти сармоягузории дарозмуддатро барои иқтисодиёти муосири ҷумҳурӣ муайян мекунад. Ҳамин тариқ, дар давраи то соли 2030 татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар бахшҳои анъанавии ба содирот нигаронидашудаи иқтисодиёт самти асосии сиёсати саноатӣ хоҳад буд. Бинобар ин, масалагузории баланд бардории иқтидори содиротӣ яке аз самтҳои ҳадафноки стратегии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ гардад.

Хусусияти тараққиёти иқтисодиёт ба таври васеъ азнавсозии соҳаҳои саноат ва хоҷагии халқро талаб мекунад. Ба ин муносибат проблемаҳои ҳамоҳангсозии раванди сармоягузорӣ ба миён меоянд, ки онҳоро бо қувваи шароити ҳозираи бозорӣ ҳал кардан мушкил аст.

Ин зарурати дастгирии мақсадноки давлатро барои саноатикунонии иқтисодиёт бо таваҷҷуҳ ба рушди бахши ғайризахиравии иқтисодиёт ба миён меорад. Аз ин рӯ, дар шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни таъмини механизми муассири танзими давлатӣ, бе ташаккули асосҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ, афзалиятҳои сиёсат ва стратегияи миллии сармоягузорӣ, рушди босамари фаъолияти сармоягузорӣ имконнопазир аст.

Олимони ватанӣ Раҳимзода Ш.М. ва Назарова С.Н. дар таҳқиқотҳои худ дар самти сармоягузории самти бонкдорӣ чунин қайд менамоянд: «Фаъолияти дилхоҳи сармоягузорӣ, ки дар шакли коғазҳои қиматнок, хариди амволи манқул ва ё ин ки дар шакли депозитҳои ҳисоби бонкӣ нигоҳ доштани воситаҳои пулӣ бошад, бо имконияти талафот чӣ дар шакли ибтидоии воситаҳои гузошташуда ва чӣ дар шакли даромад алоқаманд мебошад» [3, с. 17].

Танзими давлатии сармоягузорӣ бояд тавассути амалҳои гуногуне, ки дар як навъ ягонагӣ ташкил карда шудаанд, амалӣ карда шавад, яъне механизме, ки барои ҳалли масъалае, ки равандҳои сармоягузорӣ дар вазъияти сиёсиву иқтисодӣ ва

иҷтимоӣ чӣ гуна ва чӣ тавр бояд танзим карда шаванд, чигуна ин равандҳо ба самти ҷавобгӯи эҳтиёҷот ва талаботи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шаванд.

Оид ба сармояи хориҷӣ олимони ватанӣ Комилов С.Ҷ., Қаюмов Н.К. ва Нурмахмадов М.Н. дар таҳқиқотҳои худ чунин иброз медоранд: «Ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки донорҳо ба суботи сиёсӣ боварӣ дошта бошанд ва фазои мусоид барои сармоягузории мустақими хориҷӣ вуҷуд дошта бошад» [2, с. 320]. Барои амалӣ шудани ин амал танзими давлатии сармоягузории дурустро ба роҳ мондан зарур аст.

Таҳлилҳо дар диссертатсия, вобаста ба вазифаҳои таҳқиқоти мазкур гузаронидашуда имкон дод, ки механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ, ҳамчун низоми мураккаби бисёрсатҳа, ки якпорчагии миқдори муайяни ҷузъҳои онро аз нуқтаи назари низоми ба итмом расидаи дохилӣ ифода мекукунад, тавассути маҷмуи усулҳо ва воситаҳо, шакли муносибатҳо ва робитаҳои мушаххас дар раванди интихоби лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба раванди сармоягузорӣ дар фазои иқтисодии ҷумҳурӣ, вобаста аз нишондиҳандаҳои интизории банақшагирии идикативӣ таъсир мерасонанд, ба таври умум баррасӣ карда шуд. Чунин сохтори механизм дар расми 2.2. нишон дода шудааст.




**Расми 1 Сохтори механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ**

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ аз нуқтаи назари истеҳсолӣ дар шакли маблағгузории асосӣ амалӣ шуда, аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Мақсади танзими давлатии сармоягузорӣ ба фаъолияти иқтисодӣ ин фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, сиёсат, раванд, фаъолият ҷиҳати таъмини рушди босуръати истеҳсоли маҳсулот дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт мебошад, ки номгӯи онҳо аз ҷониби Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад (ниг. ба расми 1.).

Ба ин ё он тарз, танзими давлатии сиёсати сармоягузорӣ имрӯз барои Тоҷикистон як зарурати объективӣ ба назар мерасад. Проблемаҳои сармоягузорӣ дар марҳилаи ҳозира мисли давраи қаблӣ ташаккули муносибатҳои бозорӣ аҳамияти ак-

туалии худро нигоҳ медорад. Танҳо аз солҳои 2000-ум тамоюли муайяни беҳбудии фазои сармоягузорӣ мушоҳида шуда, воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлили сохтори механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонӣ хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Бояд қайд намуд, ки дар айни замон ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо кардааст, зеро сатҳи ҷамъшавии сармояи дохилӣ ба эҳтиёҷоти захираҳои сармоягузорие, ки барои барқарорсозии бахши воқеӣ ва таҷдиди азнавсозии сохтории кишвар заруранд, мувофиқат намекунад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҷалби сармояи хориҷӣ, асосан ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад. Ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак манбаи андозро васеъ намуда, ба манбаи иловагии даромади буҷети давлатӣ табдил меёбад. Дар баробари ин, истифодаи оқилонаи сармояи хориҷӣ ба рушди истеҳсолоти саноатӣ, интиқоли технологияҳои пешрафта, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши рақобатпазирии корхонаҳо ва рушди минтақаҳо мусоидат мекунад, аз ин рӯ, бевосита ба мундариҷа ва механизми инкишофи раванди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад.

2. Такмили асосҳои институтсионалии сиёсати давлатии сармоягузорӣ метавонад муносибати мунтазами идоракунии фаъолияти сармоягузориро таъмин намуда, шароити оптималиро барои фаъолгардонии раванди сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноати кишвар ба вуҷуд оварад.

**АДАБИЁТ**


1. Грищина, В. Особенности инвестиционного процесса [Текст] /В. Грицина, Н. Курнышева// Экономист. - 2005. - №3. - С. 56-58.
2. Комилов, С.Дж. Стратегия движения к рыночной экономике [Текст] / С.Дж. Комилов, Н. Каюмов, М. Нурмахмадов. - Душанбе, 1998. - 320 с.
3. Раҳимзода, Ш.М. Методҳои паст намудани хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ [Матн] / Ш.М.Раҳимзода, Н.С. Назарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2021.- 2(36). - С.17.
4. Соловьев, В.Ю. Иностранные инвестиции и национальная безопасность [Текст] /В.Ю. Соловьев// Вестник Бизнес и политика. - 1998. - № 2. - С. 21.


# ЦИФРОВИЗАЦИЯ БАНКОВСКОГО СЕКТОРА И ЕЕ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ


**Джабаров Г.Н. - к.э.н., доцент кафедры «Финансы и налоги» ГОУ «ХГУ имени академика Б. Гафурова»**


Развитие цифровых технологий связано с новыми реалиями современного банковского дела, связанное с активным внедрением современных форм и технологий к организации деятельности организаций. Цифровая трансформация бросает вызов банковскому сектору России, цифровые технологии в корне меняют логику банковских услуг и сервисов, поэтому необходимо выработать консолидированную позицию сообщества в отношении современных вызовов.

Вначале необходимо определить, что означает термин «цифровая экономика». Впервые он был использован в 1995 г. американским специалистом по информатике Николасом Негропонте из Массачусетского института технологий (MIT). Правда, содержание этого понятия не было расшифровано. В Википедии дано следующее определение: «Цифровая экономика - экономическая деятельность, основанная на цифровых технологиях (электронные товары и сервисы). Таким образом, цифровая экономика - это экономическая деятельность, основанная на применении компьютерных и телекоммуникационных технологий и суть его заключается в том, что без использования вычислительной техники и сети Интернет предоставление услуг или производство продукции невозможно ли крайне нецелесообразно [4,172]. Остановить переход на «цифру» невозможно, потому что это облегчает жизнь людей, становится выгодным для бизнеса. Цифровизация является базой для развития страны и оказывает существенное влияние на ее экономику [1,8].

Глобализация всех процессов, который порождает появление новых бизнес-моделей и изменение основных сфер жизнедеятельности, таких как экономика и менеджмент является современной тенденцией экономического развития. Дальнейшее проникновение цифровых технологий- одна из характерных особенностей современного глобального мира, которое обусловлено прогрессом в областях микроэлектроники, информационных технологий и телекоммуникаций. Цифровизация это процесс объективный, неизбежный, и остановить его невозможно. Неотъемлемой частью процесса становления цифровой экономики в современных условиях цифровой трансформации является банковский сектор. Оптимальная цифровая стратегия, разработка и реализация, которой требует учета специфики конкретной организации, является основой цифровой трансформации финансово-кредитных организаций.

Совершенствование бизнес-моделей и концепций развития банковского сектора: от появления интернет- банкинга до трансформации традиционных денежных операций происходит за счет цифровой трансформации. В условиях конкурентной борьбы в ближайшие десятилетия цифровое развитие финансового сектора будет ускоряться, и рациональное управление цифровой трансформацией в банковском секторе станет неотъемлемым преимуществом [2,23]. В первую очередь цифровая трансформация банков направлена на лучшее понимание потребностей клиентов: население и организации желают взаимодействовать с банками проще и дешевле, поэтому в условиях функционирования цифровой экономики банковский сектор должен быть готов предложить наиболее современные услуги.

Проникая информационные технологии во все хозяйственные процессы оказывает сильное влияние на экономику, в результате чего происходит трансформация привычных способов ведения бизнеса, что позволяет оптимизировать хозяйственную деятельность. Использование информационных методов и технологий приводит к переходу на новый уровень экономики и актуальность цифровой трансформации как на уровне бизнеса, так и на уровне страны в целом формирует интерес к проблемам и возможностям, рискам и выгодам [3,342].

Банковская система страны нуждается в оздоровлении, а именно решении вопросов с просроченной задолженностью населения и возвращением дополнительных инвестиций в виде вкладов граждан. В частности, решение данных вопросов зависит от общего экономического состояния страны, так как оно

оказывает влияние на доходность предприятий и организаций. Банковская отрасль должна не бояться внедрять новые идеи и технологии с целью активного развития и улучшения качества предоставляемых услуг.

В настоящее время созданы все необходимые предпосылки для обеспечения перехода банковской системы от экстенсивной модели развития к интенсивной. Развитие информационных технологий влечет трансформацию банковских бизнес-процессов, что предполагает изменения в управлении банком.

Цифровизация банковского бизнеса предполагает изменения в применяемой бизнес-модели, который наряду с вертикальной необходимо использовать и горизонтальную модель построения банковского бизнеса [4,172]. Смена модели банковского бизнеса влечет изменения в управлении персоналом банка и в настоящее время для банков более востребованными становятся специалисты, обладающие современными компетенциями в технологическом направлении. Таким образом, можно будет сделать вывод: внедрения цифровой экономики в банковском секторе повлечет за собой целый ряд ожидаемых положительных экономических и социальных эффектов, таких как: повышение уровня доступности финансовых серверов, рост эффективности бизнес-процессов, рост числа рабочих мест в информационно-технологических отраслях и внесет существенный вклад в экономический рост.

Мы считаем, что основными причинами при применении инновационной технологии являются следующими:

1. Стоимость внедрения коммерческого освоения нововведений очень высокая

2. Вследствие ограничений государственного финансирования, не разработанности механизма целевого использования средств государственного бюджета, недостаточного объема собственных инвестиционных средств предприятий инвестирование инновационных процессов выделенные средства является недостаточным.

3. Низкий технико-технологический уровень производства, высокая степень физического и морального износа эксплуатируемого оборудования, низкое значение коэффициента обновления промышленной продукции тормозят развитие производства.

4. Для реконструкции устаревших мощностей не хватает инвестиции.

5. Практически отсутствует национальная система венчурного финансирования из-за неразвитости инфраструктурного блока, не создана развития информационная среда, низкие темпы коммерциализации проектов, слабо используются инновационные инвестиции.

6. Отток ученых и специалистов за рубеж или переход в структуры, не связанные с инновационной деятельностью, старение научных кадров, а также снижение стимулирования научного труда и падение престижа научной деятельности,

7. Высокая конкурентоспособность зарубежных наукоемких товаров

8. Низкая самообеспеченность экономики высокотехнологичной системной продукцией.

9. Отсутствие стимулов для предприятий, которые внедряют инновации и новые технологии.

10. Отставание науки от потребностей в технологическом преобразовании комплекса.

11. Низкая материально-техническая оснащенность научного труда.

12. Отсутствии крупных научно-производственных структур.

14. Недостаточная развитость банковской системы и институтов фондового рынка

15. Несовершенство законодательной и нормативно-правовой базы.

16. Отсутствие долгосрочной государственной инновационной политики с учетом различий регионального развития.

17. Низкий уровень системы налогового и страхового стимулирования вложений средств частного сектора в инновационную деятельность, а также консалтинговых услуг для участников инновационного процесса.

18. Низкая инновационная активность промышленного производства.

Для обеспечения необходимых условий перехода экономики страны к инновационной модели развития необходим современный механизм эффективного управления инновационными процессами это - система стимулирования и государственной поддержки инновационно ориентированной деятельности компаний. Необходимо усилить прямой финансовой и прочей поддержки наиболее приоритетных инновационных сфер, и создать благоприятные условия для стимулирования инновационной деятельности. Однако рыночные инновационные механизмы в Таджикистане пока в должной мере не созданы, более того, некоторые существующие экономические реалии неблагоприятны для инновационной деятельности: так, бюджетное и налоговое законодательство ограничивают доступ малого бизнеса к необходимым ресурсам, препятствуют государственной поддержке венчурных проектов в силу их принципиально высокорискового характера.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Беспалова О.В. Развитие банковского сектора РФ в условиях цифровизации экономики [Эл. ресурс] / О.В. Беспалова, М.М. Хохлова // Научный журнал «Экономика.Социология.Право». − №2. - С. 7-9). - 2019.

2.Загеева Л. А. Цифровая экономика России в новом технологическом укладе [Текст] / Л. А. Загеева // Инновационная экономика и право.- 2018.- №10.- С. 22-25.

3.Мирошниченко М.А. Исследование процессов «цифровизации» банковского сектора в рамках экосистемы цифровой экономики России / М.А. Мирошниченко, К.-А.И. Трелевская, Е.В. Мамыкина. // Научный журнал КубГАУ. - 2017. - № 133. - С. 341-345.

4.Казаренкова Н.П. Трансформация банковской системы России под влиянием цифровизации экономики / Н.П. Казаренкова, Т.А. Световцева // Известия Юго-Западного государственного университета. Сер.: Экономика. Социология. Менеджмент. - 2018. - Т. 8, № 4 (29). - С. 171-173.

## РАЗВИТИЕ КОНЦЕПЦИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Хамидова Г.А. - преподаватель кафедры финансы и налогообложение**

Развитие человеческого потенциала включает системные преобразования двух типов: направленные на повышение конкурентоспособности кадрового потенциала, рабочей силы и социальных секторов экономики, улучшающие качество социальной среды и условий жизни людей.

Человеческий потенциал сегодня - это умение ставить сложные, рекордные цели и задачи, готовность к современным формам мобильности, мышление в геокультурных, геоэкономических и геополитических координатах, способность искусственного, проектного отношения к собственным перспективам.

Выражение человеческий потенциал прочно вошло в лексикон научных работников, государственных деятелей, журналистов. А понятие развитие человеческого потенциала стало исходным для уже хорошо известной концепции человеческого потенциала, которая разрабатывалась во многих странах мира.

Её ценность заключается в том, что базирующаяся на её основе оценка состояния той или иной страны включает в себя не только традиционные макроэкономические параметры, но также характеристики здоровья и образования населения. И что самое ценное - всем этим трём составляющим придаётся одинаковая значимость.

Индекс развития человеческого потенциала - интегральный показатель, рассчитываемый ежегодно для межстранового сравнения и измерения уровня жизни, грамотности, образованности и долголетия как основных характеристик человеческого потенциала исследуемой территории.

Развитию концепции человеческого потенциала во многом способствовало то, что начиная с 1990г. Программа развития ООН (ПРООН) издаёт ежегодные всемирные «Доклады о человеческом развитии». Обоснованный в рамках этой концепции комплексный подход к человеку и к человеческому обществу во многих странах был призван настолько конструктивным и перспективным, что, начиная с 1995г. издаются национальные доклады о человеческом развитии, а с недавних пор и в Таджикистане.

Одним из необходимых условий сохранения и развития человеческого потенциала, на индивидуальном и социальном уровне является устойчивость человеческого развития. Концепции устойчивого развития была сформулирована на Конференции ООН по окружающей среде и развитию.

В официальных документах ПРООН доказывается, что истинное человеческое развитие должно быть ориентировано на человека, группы людей, социальные системы общества, которые должнырассматриватьсяне в качестве средства, не как один из наличных ресурсов экономического роста, а как его важнейшая стратегическая общественная цель. Между тем Таджикистан по - прежнему ориентируется на чисто экономические показатели общественного развития.

Основная цель социально - экономической политики государства в современных условиях должна связываться с достижением социально - экономической политики государства в современных условиях должна связываться с достижением социально - экономических параметров устойчивого человеческого развития. В рамках новых социальных задач необходимо теоретическое переосмысление экономических, социологических и социально - философских взглядов и концепций человеческого развития, необходимо разработать принципы устойчивости человеческого развития в условиях современного Таджикистана, выявить пути усиления потенциала человека.

Человеческий потенциал является важнейшим фактором реформирования государства и общества, стремящихся включиться в мировые потоки современных технологических, инфраструктурных, институциональных, социально - гуманитарных и других преобразований. Новейшие технологические, экономические и социальные тенденции в процессе формирования постиндустриального общества, выдвигают человека в центр происходящих трансформаций как их первостепенное условие и конечную цель. Содержательный смысл показателя таков - чем он ближе к единице, тем выше возможности для реализации человеческого потенциала благодаря росту образования, долголетия и дохода. В настоящее время главной формой богатства страны становится опережающий уровень интеллектуального и духовного развития насе-

ления, принимающий форму человеческого капитала и обеспечивающий инновационный процесс в каждой сфере человеческой деятельности.

Задача развития человеческого потенциала должна сегодня формулироваться как ключевая государственная задача модернизации целого ряда современных социальных секторов - образования, культуры, здравоохранения, науки.

Человеческий потенциал это умение ставить сложные, рекордные цели и задачи, готовность к современным формам мобильности, мышление в геокультурных, геоэкономических и геополитических координатах, способность искусственного, проектного отношения к собственным перспективам.

В последнее время аналитики отмечают стремительно растущий дефицит в обществе таких, казалось бы, очевидных человеческих качеств, как воля, устремленность, самостоятельность в принятии решений, наличие устойчивых интересов и целей. Часто люди, будучи в той или иной степени талантливыми и одаренными от природы, оказываются неспособными не по уровню подготовки, а по своим социально - антропологическим качествам и ментальным установкам, к удержанию на протяжении жизни высокой индивидуальной «планки» и высоких стандартов деятельности. Социальные программы, объявляемые государством, должны быть программами открытого типа и направлены на повышение стартовых возможностей и жизненных шансов людей, проживающих на различных территориях, на формирование их готовности к современным продуктивным формам мобильности, и, прежде всего:

- образовательной (определение будущего социального и профессионального статуса),
- социокультурной (определение будущего образа жизни),
- территориальной (определение дальнейшего места проживания).

Задача социальной политики по развитию человеческого потенциала есть задача формирования современной человеческой инфраструктуры инновационных проектов и стратегий национального развития. Речь идет о формировании на среднем и массовом уровнях целого ряда так называемых «сквозных», или пронизывающих компетенций.

Под сквозными компетенциями мы понимаются возможности, которыми обладают люди по включению в современные процессы, а также в специфически человеческие формы мышления, деятельности, кооперации и коммуникации, определяющие «лицо» современного мира и современной экономики.

Компетенции является управляющей инстанцией по отношению к целому ряду человеческих качеств: объему знаний, навыкам, привычкам, способностям. И, как правило, компетенции у населения не сформированы.

Согласно ученным существует четыре ключевых контекста, значимых с точки зрения обсуждения проблематики человеческого потенциала, такие как:

Первый - это процесс глобализации. Он выражается в том, что называют мобильностью. Речь идет о росте мобильности для определенных социальных и профессиональных групп, о резком росте по сравнению с тем, что было даже 5 - 10 лет назад, и, одновременно, о гигантском разрыве между теми, кто включается в эту мировую межрегиональную мобильность и теми, кто в нее включиться не может. Отсюда также резкий рост образовательного неравенства.

Второй контекст - это формирование инновационной экономики как нового и наиболее быстро растущего уклада, который задает совершенно новые требования к типам знаний и квалификаций.

Третий контекст - это рост значения сетевых форм организации, транспрофессионализация сетей и вытекающие отсюда требования к человеческому потенциалу, который может работать в этих сетевых формах.

И четвертый - это все, что связано с коллективностью, кооперативностью и умением включаться в системы кооперированной деятельности.

Таким образом, сегодня необходимо ставить и решать следующие задачи:

1. Разработка пакета социальных программ развития человеческого потенциала и методических рекомендаций для территорий по запуску программ с консолидированным бюджетом.

2. Запуск специальной программы национального (массового) тренинга компетенций для различных категорий населения.

3. Исследование опыта и разработка новых форм социального партнерства под программы нового поколения в социальной политике.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ганиев Т.Б. Организация менеджмента человеческими ресурсами/ Т.Б.Ганиев. - Душанбе, 2013
2. Армстон М. Практика управления человеческими ресурсами/ Армстон М.; пер. с. англ. - М.,2021
3. Шейнов В.П. Скрытое управление человеком/ Шейнов В.П. - М., 2018
4. Отчет по человеческому развитию. Таджикистан. - Душанбе, 2022


## МАСЪАЛАҲОИ САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА


**Хидиралев Р.З., и.в.,** дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ ДБССТ

**Хушқадамова М.З.**, магистранти курси 2-юми ихтисоси «Молия ва қарз» ДБССТ


Масъалаи баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба яке аз самтҳо афзалиятноки инкишофи назария ва амалияи таҳлили иқтисодӣ дохил мешавад. Таҳлили сабабҳои бесамарӣ ва як қатор натичаҳои ғайриқаноатбахши лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба даст омада нишон медиҳад, ки сабаби асосӣ на дар ҳаҷми маблағгузорӣ, таъсири омилҳои берунӣ ё дигар шароити номусоид, рақобат, хатар ё номуайянии бозор, балки дар қабули намудани фикрҳои хато, шитобкорӣ ва қарорҳои беасоси сармоягузорӣ мебошад. Ба ин мақсад раванди банақшагирии фаъолияти сармоягузорӣ таҳлили ҷиддии ҳаматарафаи техникӣ-иқтисодӣ бо назардошти чунин консепсияҳо ба монанди хатарҳо ва равандҳои таваррумро талаб мекунад.

Ба ғайр аз омилҳое, ки иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳанд, масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии байналхалқии ширкатҳои ватанӣ мақоми хоссаро касб мекунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ бозори иқтисод барои ин натанҳо азнавсозии техникии таҷҳизотҳо, ки бе он рушди сифатии истеҳсолот ғайриимкон аст, балки сафарбаркунии захираҳои молиявии дохилӣ ва хусусан, захираҳои молиявии беруна зарур мебошанд, ки ин ба иштироки мамлакат дар равандҳои байнидавлатии сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд аст. Аз дигар тараф, раванди мутобиқшавӣ ба тадбирҳои маҳдудкунандаи хусусияти иқтисодидошта аз корхонаҳои муосири Тоҷикистон васеъшавӣ ва

амиқгардонии алоқаҳои дутарафаро тақозо менамояд, ки он дар навбати худ ширкатҳоро водор месозад, ки ҷустуҷӯи имкониятҳои иловагии баланд бардоштани хоҷагидориро амалӣ намоянд. Дар вобаста ба ҳамин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якчанд монеаву мушкилотҳо дучор меояд ва барои пешгирӣ ва бартараф намудани ин, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароит барои сармоягузории хориҷӣ хело зарур аст. Таҷрибаи аксари давлатҳо нишон медиҳад, ки ба туфайли истифода аз сармояи хориҷӣ аз бӯҳрони шадиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баромадаанд. Ногуфта намонад, ки дар шароити имрӯзаи ҷумҳурии мо касри буҷет ва муфлисшавии шумораи зиёди корхонаҳои саноативу кишоварзӣ ба назар мерасад. Маҳз ҳамин омилро ба назар гирифта, зарурати ҷалбнамоии сармоягузории хориҷӣ пеш омадааст. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ, пеш аз ҳама, бо мақсади азнавсозӣ ва таҷдиди корхонаҳо, муҳайё намудани ҷойҳои корӣ, рақобатпазир намудани он дар бозори дохил ва хориҷа ба роҳ монда мешавад. Барои ҳамин ҷалбнамоии васеъи сармояи хориҷӣ яке аз масъалаҳои умумии дар сиёсати иқтисоди хориҷии кишварамон ба ҳисоб меравад[8.с.60].

Сармоягузорӣ қобилияти истеҳсолиро пурзӯр намуда, ҷои рақобатноки мамлакатро дар бозори ҷаҳон муайян мекунад. Агар мамлакатҳои тараққикардаро ба назар гирем, онҳо дар марҳилаҳои сабзиши иқтисод фаъолияти сармоягузори ва ҷалби онро аз бозорҳои чаҳонӣ тезониданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати рӯ ба тараққӣ ҳисоб меёбад ва ба қатори он давлатҳое дохил мешавад, ки муҳточи сармояи ҳориҷӣ буда, сиёсати ҷалби онро пеш мебарад. Дар бозори ҷаҳонии сармоя рақобати шадид байни давлатҳои рӯ ба тараққӣ оид ба ҷалби сармоя аз ин бозор вуҷуд дорад.Ба андешаи мо дар шароити камомади сармоягузории мустақими хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ то андозае камчинии амонати дохилиро укамал мегардонад. Инчунин муҳит ва фазои хуби сармоягузорӣ метавонад ба меъёри ислоҳоти комили бозорӣ, боварии иттиҳоди ҷаҳонӣ ба мустақилияти ҳуқуқи моликият ва вазъи кишвар хизмат расонад.

Азбаски шумораи давлатҳои сармоягузор нисбат ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ кам аст, чунин рақобат амал мекунад. Инчунин сармоягузорони хориҷӣ сармояи ҳудро ба давлатҳои вазъи иқтисодӣ, системаҳои беҳтар содир намудаи онҳоро интихоб менамояд. Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ низоми муайяни хоси сармоягузорӣ ба вуҷуд омада, мавқеи ҳар яки онро дар бозори ҷаҳонии сармоя муайян месозад.

Ба гуфтаи Шарикова И.В. "самаранокии маблағгузорӣ дар аввал бо системаи интихоби баландсифати лоиҳаҳои сармоягузорӣ муайян карда мешавад, ки ба риояи аниқ санадҳои меъёрии дохилии принсипҳои мувофиқат, афзалият, мушаххасият ва масъулият баён шудаанд" [7.с.57].

Дар рафти тадқиқотҳои худ Идрисов А. Б., Картышев С.В., Постников А.В. муайян намуданд, ки айни ҳол 70%-и сармоягузории дутарафаи мутақобил байни давлатҳои ШМА-Аврупои Ғарбӣ, Ҷопон ва Ҷумҳури Халқии Хитой сафарбар карда шудаанд. Ба андешаи онҳо сабаби чунин ҷалби сармоя дар бозори ҷаҳонии сармоя, аз як тараф, сиёсати хуби ҷалби сармояи хориҷӣ, аз тарафи дигар интихоби сармоягузор нисбати бехавф ва бо таваккали кам сармояи худро гузошта, фоизи муайяни фоида гирифтан ҳисоб меёбад [6.с.272].

Ржавина Ю.Б. қайд мекунад, ки “таҳлили маблағгузорӣ ин ҷузъи таҳлили иқтисодӣ мебошад, ки тамоми усулҳои базавии ва усулҳои онро ҳангоми таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ ва ҳам барои назорати ҷорӣ ва натиҷаи минбаъда истифода мебарад” [30.с.50].

Дар асари Е. Станиславчик, усулҳои баҳодиҳии иқтисодӣ самаранокии сармоягузорӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: статикӣ ва динамикӣ (ҷадвали 1.) [3].

**Ҷадвали 1.**

**Усулҳои баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ**

| МЕЪЁРИ МУҚОИСА | УСУЛҲОИ СТАТИКӢ | УСУЛҲОИ ДИНАМИКӢ |
|---|---|---|
| Доираи ҳисобкунӣ | бо як давра маҳдуд аст (тахмин карда мешавад, ки хароҷот ва натиҷаҳо як хел мешаванд давра ба давра) | доираи банақшагирӣ наметавонад бо як сегменти алоҳидаи вақт махдуд шавад |
| Майдони татбиқ | қарори хариди таҷҳизот, хати истеҳсолот, иваз кардани навъҳои фарсудашудаи техникаҳо | ҳаҷми истеҳсолот, даромад, арзиш ва дигар ҷузъҳои даромаду хароҷоти маблағ аз давра ба давра тағйир меёбанд |
| Параметри ибтидоӣ барои ҳисобҳо | қарори хариди таҷҳизот | дар асоси назарияи пул даъсис дода шуда ва омили вақтро ба назар мегирад |
| Маҳдудияти истифода | дар ҳисобу китоб омили вақт ба назар гирифта намешаванд | Дар асоси маълумоти пешгуишуда таъсис ефтааст |
| Намудҳои усулҳои арзёбӣ | усулҳои мувофиқати умумии хароҷоти иқтисодӣ; фоидаи иқтисодӣ; даромаднокӣ ва давраи баргардонидани он | усулҳои тахфифи арзишиҳо, арзиши ҳисобшуда, иҷора |

*Усулҳои баҳодиҳии статикӣ*. Номи дигари онҳо оддӣ ё анъанавӣ аст. Онҳо дар асоси “Методологияи хоси муайян кардани самараи иқтисодии маблағгузориҳои асосӣ”, ки ҳануз дар замони пеш тартиб дода шуда буд, асос ёфтаанд. Он имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст, зеро усулҳо барои татбиқи он хеле соддаанд ва дар айни замон имкон медиҳанд, ки дар бораи самаранокии сармоягузорӣ, махсусан дар марҳилаи аввали корҳои баҳодиҳӣ тасаввуроти равшан пайдо карда шаванд.

1. Мӯҳлати баргардонидан (Payback period, PP). Ин давраест, ки корхонаи навбунёд ё таҷдидшуда қодир аст, ки сармояи ба он гузошташударо аз ҳисоби фоидаи аз фаъолияти иқтисодии худ ё вақти баробар шудани даромад аз фаъолият ба сармоягузории аввалия ҷуброн кунад [3.с.86].

Маънои иқтисодии нишондиҳанда муайян кардани мӯҳлатест, ки сармоягузор метавонад сармояи гузошташударо баргардонад. Мӯҳлати баргардонидан аз рӯи формула ҳисоб карда мешавад, дар ҳоле ки чунин нишондиҳандаҳо ба монанди маблағи сармояи ибтидоӣ ва даромади солона ё моҳонае, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳа ба даст меояд, маълум бошанд.

2. Таносуби самаранокии сармоягузорӣ (Account rate of return, ARR). Дар шароити иқтисодиёти мутамарказонидашуда нақшаи коэффитсиентҳои аблағгузории асосӣ барои ҳамаи соҳаҳои саноат тасдиқ карда шуданд. Дар шароити

бозор одатан он ҳамчун меъёри фоизи қарзи дарозмуддати бонкӣ гирифта мешавад. Сармоягузоре, ки пули худро сармоягузорӣ мекунад, интизор аст, ки аз як сомонӣ сармоягузорӣ на камтар аз чунин фоиз фоида ба даст орад.

Якчанд роҳҳо барои ҳисоб кардани таносуби самаранокии сармоягузорӣ вуҷуд доранд:

- бо роҳи тақсим кардани фоидаи миёнаи солона ба маблағи миёна (ба ҳисоби фоиз);
- бо роҳи тақсим кардани фоидаи миёнаи солона ба маблағи миёнаи маблағгузориҳо бо назардошти арзиши боқимонда ё барҳамдиҳии онҳо;

Усулҳои арзёбии сармоягузории статикӣ аз камбудиҳои худ холӣ нестанд. Муҳим он аст, ки онҳо омили вақтро ба назар намегиранд ва барои ҳисобҳо арзишҳои беҳамто гирифта мешаванд - маблағи сармоя ба арзиши ҳозира ва фоида дар арзиши оянда. Ин натиҷаҳои ҳисобу китобро хеле вайрон карда, муҳлати боздеҳро аз будаш зиёд нишон медиҳад ва коэффитсиенти самаранокиро кам баҳо медиҳад.

**АДАБИЁТ**

1. Берндт Е. Практика эконометрики: классика и современность.-М.: ЮНИТИ, 2012-160с.
2. Колмыкова Т. С. Инвестиционный анализ. - М.: ИНФРА-М, 2009 г. - 204 с.
3. Лимитовский, М. А. Инвестиционные проекты и реальные опционы на развивающихся рынках : учеб.-практ. пособие / М. А. Лимитовский. - 5-е изд., перераб. и доп. - М. : Юрайт, 2011. - 486 с.
4. Лахметкина, Н. И. Инвестиционная стратегия предприятия : учеб. пособие / Н. И. Лахметкина. - 6-е изд., стер. - М. :КНОРУС, 2012. - 230 с.
5. Меркулов, Я.С. Инвестиции: учебное пособие /Я.С. Меркулов. - М.: ИНФРА-М, 2010. - 420 с.
6. Солиев А.А. Внешнеэкономическая деятельность: анализ торговли и инвестиций в Республике Таджикистан. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 176с.
7. Сузуки М, Саидмуродов Л,Ҳ. Солиев А,А «Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ» -Душанбе 2007: Деваштич-278 с.
8. Теплова, Т. В. Инвестиции : учеб. для бакалавров / Т. В. Теплова. - М. : Юрайт, 2012. - 724с .

## ТАВСИФИ УМУМИИ СОҲАҲОИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Хоҷаева З.С. устоди калони кафедраи молия ва андозбандии ДБССТ**
**Орипов А.С., мудири кафедраи фаъолияти гумрукии ДБССТ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 декабри соли 2018 ба рушди соҳаи саноат аҳамияти махсус зоҳир намуданд ва аз ҷумла зикр карданд: «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар

се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт.

Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад” [1].

Аслан, саноатикунонии иқтисоди ҷумҳурӣ, омилҳои зиёди таъсир ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дорад. Дар навбати аввал он боиси фароҳам омадани ҷойҳои фаровони корӣ гардида, мушкилоти бекориро коҳиш медиҳад, инчунин ҳолати вобастагӣ аз маҳсулоти воридотиро аз байн мебарад. Гузашта аз ин, базаи иҷтимоии давлат аз ҳисоби коргарони саноатӣ мустаҳкамтар шуда, бо ин роҳ сафи мутахассисони баландпояи соҳаи саноат меафзояд. Саноатикунонии босуръати мамлакат, яъне бунёди корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори соҳа барои боз ҳам баланд шудани некуаҳволии шаҳрвандон шароити воқеӣ фароҳам меорад. Вақте мо корхонаҳои саноатии худро бунёд мекунем, ҳолати вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ кам мегардад. Дар саноатикунонии босуръати мамлакат соҳибкорон имконияти бунёди корхона ва коргоҳҳоро доранд, фаъолона метавонанд иштирок кунанд.

Имрӯз корхонаҳои саноати сабуки кишвар талаботи бозори дохилиро, аслан, бо риштаи пахтагин, матои пахтагин, маҳсулоти дӯзандагӣ, қолину ҷӯроб ва пойафзол ва корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо маҳсулоти орду нонӣ, консерваи меваю сабзавот, ҳасиб, намак, маҳсулоти қаннодӣ, маҳсулоти гӯшт, равғани растанӣ, афшураи ангур, панир, биринҷ ва ғайра таъмин мекунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки давлат сохтори саноатро бо назардошти тағйирёбии истеъмолот ва талаботу мавқеи маҳсулоти корхонаҳо дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ бо роҳи модернизатсияи таҷҳизот ва ҷорӣ намудани системаҳои мавзуни технологӣ танзим менамояд. Дар сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи соҳаи саноати сабуку хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумии саноати Тоҷикистон бартарӣ дошта, нишондиҳандаи мазкур 42,8%-и саноати мамлакатро ташкил медиҳад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

| САНОАТ | | 100% |
|---|---|---|
| | Саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металҳои қиматбаҳо | 34,4% |
| | Саноати хӯрокворӣ | 26,9% |
| | Саноати масолеҳи сохтмон | 13,7% |
| | Саноати истихроҷи ангишт | 1,6% |
| | Саноати сабук | 15,9% |
| | Саноати мошинсозӣ, коркарди метал ва кимиё | 7,6% |

**Сарчашма:** Сомонаи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумоти соли 2018), www.sanoat.tj

Таъмини рушди босуръати саноати сабук тавассути суръатбахшии неруи илмӣ, саҳмгузорӣ дар навсозӣ ва таҷҳизоти техникӣ, оптимизатсияи иқтидори соҳа ва дигаргуниҳои зарурии сохторӣ, марҳилаи нави рушди саноати сабукро дар сармоягузорӣ ба инноватсия, навсозии маҳсулот ва технологияҳо, фатҳи бозорҳои нав бо афзоиши доимӣ муайян мекунад.

Ҳамчунин, саноатикунонии босуръати мамлакат аз таъминот бо нерӯи барқу қувваи корӣ, рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва имконоти фурӯши он, маблағгузорӣ ва бисёр масъалаҳои дигар вобастагӣ дорад. Дар ин ҳолат масъалаи кадрҳои дорои маҳорату малакаи баланди ба истеҳсолот роҳбарикунанда, яъне пешсафони истеҳсолот аҳамияти хоса пайдо мекунад. Роҳбарии босалоҳият ба самтҳои гуногуни иқтисодиёт ҳамеша самараи хуб медиҳад.

Барои дар амал татбиқ кардани ҳадафи стратегии ҷумҳурӣ-саноатикунонии кишвар, яъне аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил додани Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши корхонаҳои азими тавлидкунандаи маводи хӯрокворӣ, коркарду бастабандии маҳсулоти кишоварзӣ, ресандагию бофандагӣ, алюминӣ, маъданҳои кӯҳӣ ва масолеҳи сохтмонӣ хеле калон аст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то ба имрӯз барои ба кор андохтани корхонаҳои нав дар соҳаи саноат, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот, тақвияти имкониятҳои содиротии кишвар ва умуман, дар самти иҷрои барномаҳои стратегии мамлакат тадбирҳои судманд амалӣ гардидаанд, ки дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, зиёд гардидани сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмуъ омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гардид.

Дар ҳолати гузаронидани амалиёт ба хавфҳо дучор меоянд. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди бозорӣ, бонкҳо зарур аст, ки бехавфии худро бояд дуруст арзёбӣ намоянд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ истилоҳи хавф ё бехавфӣ дар ҳаёти мо ворид мегардад. Ҳар субъекти хоҷагидорӣ дар бозор ба таври худ фаъолият менамояд ва бояд бехавфии фаъолияташро ҳама вақт бартараф намояд ва ба хубӣ дарк кунад. Ҷараёни фаъолияти бонкҳо хароҷоти муайянеро талаб мекунад, аз бехавфии фаъолияти он вобастагӣ дорад. Вазифаи асосии танзим ва идора кардани хавфҳо ин риоя намудани таносуби фоида ва нишондиҳандаи бехавфии пардохтпазирӣ мебошад. Ин масъала дар ҷараёни идора намудани амалиёти активӣ ва пассивӣ ба даст меояд, яъне кам кардани зарари бонкӣ. Идораи самараноки сатҳи хавф бояд чанд муаммоҳоро аз омӯхтани хавф то муайян намудани маблағи онро дар бар бигирад. Сатҳи хавф бо ин ё он ҳодисаҳое, ки дар атрофи бонкҳо мебошанд ва доимо тағйир меёбанд, вобастагии зиёд дорад. Ин ҳолат бонкро водор менамояд, ки доимо мавқеи худро дар бозори бонкӣ муайян намуда, хавфҳоро арзёбӣ ва муносибати худро бо муштариён беҳтар кунад, инчунин сиёсати худро дар идора кардани хавфӣ такмил диҳад. Раёсати бонк, бояд ҳама вақт дар фикри кам кардани хавф бошад. Ин барои фаъолияти устуворӣ на танҳо бонки ҷудогона, балки барои пешрафти низоми бонкӣ алоқаманд аст. Кам кардани хавф ин мубориза ҷиҳати сарфакорӣ ва кам кардани зиёни бонк аст, ба ибораи дигар, ин идора кардани хавфи бонкӣ аст. Ин ҷараёни идора кардани хавф: пешгӯии хавфҳо, муайян намудани ҳаҷм ва оқибати онҳо, инчунин тартиб додани тадбирҳо ва дар амал татбиқ намудани онҳоро дар бар мегирад. Ин амалҳо ҳар бонкро водор мекунад, ки стратегияи идора кардани хавфҳоро тартиб диҳад. Ҳамин тавр, ҳар бонк бояд имкониятҳои тавсиаи фаъолияти худ, нигаҳ доштани сатҳи хавф дар ҳолати муътадил ва беҳтар идора кардани онҳоро дар стратегияи худ пешбинӣ намояд. Мақсад ва вазифаи идора кардани хавфи бонкӣ аз ҳолати иқтисодии кишвар ва тағйиротҳои дар бозор бавуҷудоянда, ки дар ин муҳит бонк фаъолият мекунад, вобастагӣ дорад. Дар марҳилаи ҷаҳонишавии хизматрасониҳои молиявӣ ба низоми бонкӣ хавфҳои мухталиф, аз ҷумла хавфҳои берунӣ ва хавфҳое, ки ба фаъолияти низоми бонкӣ бевосита алоқаманд мебошанд, таъсири манфӣ мерасонанд. Чуноне, ки олимон таҳлил намудаанд хавфҳои бонкӣ ҳеҷ гоҳ ба сифр баробар намешаванд ва бонкҳо ҳар қадар амалиётҳои бештар гузаронанд, ҳамон қадар эҳтимолияти пайдошавии хавфҳо аз руи ба роҳ мондани ҳар як амалиёт зиёдтар мешавад.

Хавфҳои асосии бонкӣ, ки пайваста эҳтимолияти ба вуҷуд омаданаш зиёд мебошад ин хавфи пардохтпазирӣ, хавфи тағйир додани меъёрҳои қарзӣ, хавфи қарзӣ мебошад, ки ин намуди хавфҳо ҳангоми бештар ба роҳ мондани амалиётҳои асосии бонк бе иҷрои талаботҳои дар санадҳои меъёриву ҳуқуқии низоми бонкӣ равона гардида сурат мегирад. Арзиши дороиҳо, ӯҳдадоридориҳои ташкилотҳои қарзӣ бояд ба нишондиҳандаҳои ҷории бозор мувофиқат кунад ва дар сурати иҷро нагардидан ба ҳамин тарз ташкилотҳои қарзӣ метавонанд дар вақти баргардонидани ӯҳдадориҳои худ ба мушкилоти ҷиддӣ дучор шавад. Ҳангоми ба амал омадани чунин ҳолат хавфи пардохтпазирӣ ба миён меояд. Хавфи тағйир додани меъёрҳои қарзӣ ин тағйироти ғайричашмдошт мебошад дар ин сегмент имкон доранд, ки ба сохтори дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ таъсири бевосита расонанд. Мутаассифона, хавфҳо дар ҳама ҳолат, метавонанд ба фаъолияти бонк зарар расонанд. Аз ин рӯ, ба истинои рух додани ҳодисаҳо ва кам кардани таъсири онҳо, ташкилотҳои қарзӣ қоидаҳои дохилиро роҳандозӣ ва таҳия мекунанд ва чораҳои заруриро оид ба коҳиш додани хавфҳо амалӣ менамоянд, аз ҷумла;

Диверсификатсияи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои бонк аз ҷониби бонкҳо, усулҳои муосири идоракунии хавфҳо, ки намудҳои асосии он, инҳоянд; диверсификатсияи сандуқи бонкӣ, диверсификатсия оид ба ҷалби ӯҳдадориҳо ва диверсификатсияи пардохти дороиҳои бонк, инчунин диверсификатсияи ҷуғрофӣ.

Идоракунии сифати дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, бо мақсади ба даст овардани тавозуни қобили қабул байни хавфҳо ва даромаднокии ташкилотҳои қарзии молиявӣ. Истифодаи самараноки сармояи худӣ, ки дар қабули қарор оид ба тақсими дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ байни воситаҳои гардон ва ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат муайян карда мешавад. Бартараф кардани омилҳои хатарноки хавфҳо таввасути гузаронидани намудҳои гуногуни таҳлилӣ сифатӣ ва миқдорӣ. Баҳогузории хавфҳои бонкӣ як раванди доимӣ аст, ки дар он тағйироти берунӣ ва дохилӣ ҷори кардани равандҳои нав, хизматрасонӣ ва ҳадафҳои стратегӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Баҳогузории нодурусти хавфҳои бонкӣ метавонад ба талафоти ҷидди ё ҳатто муфлисшавии бонк оварда расонад. Ҳангоми баҳогузории талафоти эҳтимолӣ, муайян кардани сатҳи иҷозати хавфҳои бонкӣ, ки барои ҳисобу китоби миқдори зарурии фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ), зарур аст.

Омилҳое, ки ба коҳиш ёфтани хавфи қарзӣ дахл доранд. Ҳадди сандуқи умумии қарзӣ одатан ҳамчун таносуби маблағи сандуқи қарзӣ нисбат ба маблағи пасандозҳо, сармоя ва ё дороиҳои умумӣ ифода карда мешавад. Ҳангоми муқаррар кардани ин ҳудудҳо омилҳои зерин, аз қабили талабот ба қарз, тағйирёбии пасандозҳо ва хавфи қарзӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳудудҳои ҷуғрофӣ одатан масъалаи мураккаб ба ҳисоб меравад. Агар фаъолияти бонк дар бозорҳои он ба таври хуб таҷаммуъ нашуда бошад ва ё бонк ба таври касбӣ идора карда нашавад, парокунандагии ҷуғрофӣ метавонад сабаби тӯл кашидани муҳлати пардохти қарз, яъне дарозмуҳлат шудани он гардад. Ҳудудҳои фоизи қарзҳое, ки ба бахши тиҷорат, бахши амволи ғайриманқул, шахсони воқеӣ ва ё ба дигар бахшҳо дода мешаванд, таҷрибаи маълум аст. Сиёсати қарзӣ дар бораи ин ҳудудҳо бояд баъзе аз меъёрҳои муққараршударо иҷозат диҳад, ба шарте, ки ин аз ҷониби роҳбарият тасдиқ шуда бошад. Дигар хавфҳои муҳиме, ки бонкҳо ба ҳисоб мегиранд ва онҳоро идора

менамоянд, аз ҷумла: хавфи тиҷоратӣ –заифшавии мавқеи рақобатпазирии бонк; хавфи нуфузи эътибор –бадшавии эътибори бонк дар назди ҷомеа; хавфи талафи пардохтпазирӣ – надоштани қобилияти пардохт аз рӯи ӯҳдадориҳои ҷорӣ. Дар назар бояд дошт, ки сифати дороиҳои бонкро аз рӯи хавфнокӣ, даромаднокӣ ва диверситификатсия муайян мекунанд. Дараҷаи пардохтпазирии дороиҳо аз ҳадафи онҳо вобаста аст ва асосан аз рӯи қоида, ба сохтори пасандозҳо мутобиқи маблағҳои ҷалбшуда ва суръати хориҷшавии онҳо алоқаманд аст.

Дар маҷмуъ муаммоҳои асосии ноустувории хавфнокии бонкҳои кишвар инҳоанд: дараҷаи нокифояи капитализатсияи низоми бонкӣ; зиёдшавии миқдори бонкҳое, ки нишондиҳандаи пасти сармояи нокифоя доранд; сиёсати қарзии шадиди ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар бозори қарзӣ; норасоии пардохтпазирӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ; камшавии қарздиҳӣ ба соҳаи иқтисодиёти воқеӣ; дараҷаи баланди қарзҳои ғайриқолабӣ ва беэътимод ва ғайра. Дар давраҳои фаъолияти худ низоми бонкии кишвари мо якчанд буҳрони молиявиро аз сар гузаронид, ки ба муфлисшавӣ ва талафи зиёди дороҳои молиявии онҳо бурда расонид. Аз ин лиҳоз, барои давлат муаммои асосӣ ин аз байн бурдани хавфҳои низом ва дида баромадани чораҳои зиддибуҳронӣ дар иқтисодиёт мебошад. Ба андешаи мо, дар шароити имрӯзаи буҳрони иқтисодиву молиявӣ, ба ҷорӣ намудани механизми иловагӣ ҷиҳати устувор гардонидани пойгоҳи молиявии низоми бонкӣ, яъне зарурияти тартиб додани нақшаи мақсадноки бозтамвил бо иштироки бевоситаи Бонки миллӣ, институтҳои молиявии байналмиллалӣ ва ташкилотҳои хориҷии шарик, пайдо шудаст. Дар натиҷаи бо фоизи баланд додани қарз ба мизоҷони чаканаи калон, даромаднокии сандуқи қарзӣ якдараҷа меафзояд, вале агар як мизоҷи калон муфлис шавад, ба ҳолати молиявии бонк таъсири ҷиддӣ расонида мешавад. Ҷорӣ намудани механизми муқовимат нисбати хавфҳои низомӣ дар бозори молиявӣ. Сари вақт муқовимат намудан ба хавфҳои низом дар бозори молиявӣ ва амалӣ намудани чораҳои зиддибуҳронӣ яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлат ба шумор меравад. Ин чораҳо фақат дар вақте амалӣ мегарданд, ки пешакӣ сабаби ноустувории молиявӣ ошкор гардида, на дар таҷрибаи мо ва дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ягон низоми босифати огоҳӣ ва танзимкунандаи зиддибӯҳронии молиявӣ вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, зарурияти баррасӣ намудани чораҳои зерин пайдо шудааст, аз ҷумла: муайян намудани сенарияҳои хавфҳои низом, ки дар давраҳои гузашта пайдо шуда буданд; баҳо додани хавфҳо ва таҳлили онҳо, яъне то кадом дараҷа ба устувории иқтисодиёт таъсири онҳо мерасад; ҷорӣ намудани чораҳои мушаххас, ки ба пастшавии хавфҳои низом равона карда шудаанд. Дар ин раванд, зарурияти тартиб додан ва амалӣ намудани мониторинг, баҳодиҳӣ ва огоҳии хавфҳои низом ба миён омадааст. Ҳамин тариқ, пайдошавии хавфҳо метавонанд, аз як тараф ба талафоти ҷиддӣ бурда расонанд, аз ҷониби дигар, ба гирифтани фоидаи калон низ сабаб шаванд. Аз ин рӯ, ташкилотҳои қарзӣ бояд хавфҳои эҳтимолиро ҳаматарафа ва мунтазам баҳогузорӣ ва таҳлил намоянд. , ки моро аз мақсади асосӣ дур месозанд. Хавфи молиявӣ танҳо дар доираи муносибатҳои молиявӣ, ки дар мавриди тақсим ва азнавтақсими фондҳои пули таъйиноти хосдошта арзи вуҷуд дошта, мавқеи амал дошта метавонад. Тавре зикр гардид, бонкҳо аз амалиёташон зиён низ мебинанд. Дар ин ҳолат барқарор кардани зиён аз ҳисоби маблағҳои

хусусии бонкҳо онҳоро заиф мегардонад. Бинобар ин, ҷиҳати кам кардани хавф дар бонкҳо тадбирҳои заруриро меандешанд. Вазифаи асосии танзим ва бехатарӣ ин риоя намудани таносуби фоида ва нишондиҳандаи бехавфии пардохтпазирӣ мебошад. Ин масъала дар ҷараёни идора намудани амалиёти активӣ ва пассивӣ ба даст меояд, яъне кам кардани зарари бонкӣ. Идораи самараноки сатҳи бехавфӣ бояд чанд муаммоҳоро аз омӯхтани хавфӣ то муайян намудани маблағи онро дар бар бигирад. Сатҳи бехавфи бо ин ё он ҳодисаҳое, ки дар атрофи бонкҳо мебошанд ва доимо тағйир меёбанд, вобастагии зиёд дорад. Ин ҳолат бонкро водор менамояд, ки доимо мавқеи худро дар бозори бонкӣ муайян намуда, хавфҳоро арзёбӣ ва муносибати худро бо муштариён беҳтар кунад, инчунин сиёсати худро дар идора кардани хавфи такмил диҳад. Хавфи пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ ё ташкилотҳои молиявии ғайрибонкиро, мувофиқи мақсад мебуд, агар таҳлилро аз омилҳое, ки ба он таъсир мерасонанд, оғоз менамуданд. Ба пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ ё ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ба ҳам мутобиқат накардани амалиёти активӣ ва пассивӣ таъсири зиёд мерасонанд. Зеро нодуруст ҷобаҷогузории активҳо боиси ба миён омадани хавфи пардохтпазирӣ мегардад. Масалан, агар муҳлати додани қарз аз муҳлати амонат зиёд бошад. Ҳолати заиф шудани пардохтпазирӣ бояд сарчашмаҳои зиёд кардани сармояи оинномавиро ҷустуҷӯ намояд ва маблағи сармояаашро то таъмини пардохтпазирӣ расонад. Яке аз роҳҳои таъмини пардохтпазирӣ ин риоя кардани меъёрҳои иқтисодии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарраркарда мебошад. Зеро риоя кардани ин меъёрҳо асоси пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ ё ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ мебошад.

## НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Назарзода Н.Н., Азизова М.А.**

Хавфи суғуртавӣ бояд ба хусусиятҳои муайян мувофиқат кунад Масалан, зарари аз садамаҳои ҳаставӣ ва радиатсионӣ расдашуда аксар вақт ба суғуртакунӣ дохил кард намешавад.

Дилхоҳ хавфро, ки метавонад ба таври миқдорӣ муайян карда шавад, эҳтимолан суғурта кардан мумкин. Дар шартномаи суғурта кадом хавфҳо бо полис рӯйпӯш карда мешаванд ва кадоме аз онҳо рӯйпӯш намешаванд, ба таври муфассал дарҷ мегардад.

Ҳамзамон, як шартномаи суғурта метавонад хавфро дар як категория ва ҳамчунин дар якчанд категорияҳо рӯйпӯш карда метавонад. Масалан, суғуртакунии воситаи нақлиётӣ одатан ҳам хавфи молумулкӣ (дуздида шудан ё осеб дидани воситаи нақлиётӣ) ва ҳам хавфи масъулияти судиро (ҳодисаи нохуш) рӯйпӯш мекунад.

Суғуртакунии тиҷорат низ шаклҳои гуногунро ба худ гирифта метавонад. Шартномаи суғуртаи маъмулии соҳибкор суғуртаи молу мулк ва масъулият, инчунин суғуртаи қатъшавии тиҷоратро дар бар мегирад. Суғуртакунӣ инчунин нисбати аҳдҳои мушаххас татбиқ карда мешавад, ки онро суғуртаи масъулият оид ба муомилот меноманд.

Намудҳои бештар маъмулбудаи суғурта инҳоянд:

- Суғуртаи автомобил. Суғуртакунии воситаҳои нақлиёт суғурташавандаро дар ҳолати рӯй додани ҳодисаи нохуши бо нақлиёти ба ӯ тааллуқдошта, аз зарари молиявӣ муҳофизат мекунад.
- Суғуртаи тиббӣ. Полиси суғуртаи тиббӣ хароҷот барои табобатро рӯйпӯш менамояд.
- Суғуртаи даромад. Полисҳои суғуртакунӣ барои эҳтимоли корношоямӣ, дар сурати бинобар маъюбӣ ё осеби ҷисмонӣ корношоям гардидани суғурташуда, дастгирии молиявиро таъмин менамоя
- Суғуртакунии ҳаёт.
- Суғуртакунии нафақа.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ аз ҷониби 16 ташкилоти суғуртавӣ амалӣ карда мешавад, ки аз онҳо 1 ададро ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва 15 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил дод. Шумораи онҳо нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ аз ҳисоби барҳам хӯрдани КВДС "Тоҷиксармоягузор", қатъ гардидани амали иҷозатномаи ҶСП "ТС Кафил" ва бо сабаби дағалона вайрон кардани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта бо қарори Суди иқтисодии ш. Душанбе бекор карда шудани иҷозатномаи ҶДММ "ТС Меҳрубон" 3 адад кам гаштааст.

Теъдоди филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бошад, дар моҳҳои январ – декабри соли ҳисоботӣ 67 ададро ташкил доданд, ки нисбат ба моҳҳои январ – декабри соли 2021 5 адад кам мебошад.




**Диаграмаи 1. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли 2022 ба 612,2 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли қаблӣ 86,3 млн. сомонӣ (16,4 фоиз) зиёд мебошанд. Аз ин дороиҳои пардохтпазир (дар шакли воситаҳои пулӣ, пасандозҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ) 507,6 млн. сомониро ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии дороиҳо ба 82,9 фоиз баробар аст.

Афзоиш ёфтани дороиҳои низоми суғурта асосан аз ҳисоби зиёдшавии дороиҳои ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" ба андозаи 62,0 млн. сомонӣ (28,8 фоиз), ҶДММ ТС "Паймон Иншуренс" 22,3 млн. сомонӣ (75,6 фоиз), ҶДММ "ТС Бима" 16,7 млн. сомонӣ (49,6 фоиз), ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" 7,5 млн. сомонӣ (7,2 фоиз) ва ҶДММ ТС "Меҳнат" 4,1 млн. сомонӣ (84,6 фоиз) ба амал омадааст.

Дар маҷмуъ, саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар давраи баррасишаванда ба 1,9 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД, 0,5 фоизро ташкил дод.




**Диаграмаи 2. Сармояи ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

Маблағҳои худии (сармояи)[1] низоми суғуртаи кишвар дар соли 2022 ба 386,3 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 65,9 млн. сомонӣ (20,6 фоиз) зиёд гардидааст. Чунин афзоиш дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) яке аз афзалиятҳои муҳим арзёбӣ мегардад.

Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар соли 2022 ба 2 114,5 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли гузашта 143,8 ҳазор адад (7,3 фоиз) зиёд мебошад. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи аҳолӣ ба суғурта сол то сол бештар гардида, сатҳи маърифати молиявӣ низ дар кишвар баланд шуда истодааст.

Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар давоми моҳҳои январ-декабри соли 2022 305,9 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 19,5 млн. сомонӣ (6,8 фоиз) зиёд мебошад. Афзоиши мазкур дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар ҶСП ТС “Паймон Иншуренс”, КВД “Тоҷиксуғурта”, ҶДММ ТСА “Спитамен Иншуренс” ба амал омадааст.

Дар соли 2022 воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ 1 076,4 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 40,9 ҳазор сомонӣ (3,9 фоиз) зиёд мебошад. Воридоти шакли суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба 71,4 млн. сомонӣ баробар гардида, дар қиёс ба соли гузашта 10,4 млн. сомонӣ (17,0 фоиз) зиёд мебошад.

Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар соли 2022 ба 233,4 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 76,3 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба соли гузашта ба андозаи 8,4 млн. сомонӣ (3,7 фоиз) афзудааст. Нишондиҳандаи мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти ташкилотҳои

суғуртавии ватанӣ танҳо ба амалишавии намудҳои суғуртаи ҳатмӣ маҳдуд нагашта, суғуртакуниро аз рӯйи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ низ рушд дода истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти суғуртавӣ ин яке аз роҳҳои паст намудани хавфҳои иқтисоди ба шумор рафта, ба воситаи ташкилотҳои суғуртавӣ ва рушди хизматрасонии онҳо метавон амнияти иқтисодиро таъмин намуд.

### РУЙХАТИ АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА


1. Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 www.Nbt.tj
2. Об организации страхового дела в Российской Федерации : Закон Российской Федерации от 27.11.1992 г. № 4015-1 (действ. ред.).
3. Обзор ключевых показателей деятельности страховщиков № 2, 2019 г. // Информационно-аналитический материал Банка России : сайт. Текст : электронный. URL: http://www.cbr.ru (дата обращения: 09.10.2023).
4. Основные направления развития финансового рынка Российской Федерации на период 2019–2021 гг. : сайт. Текст : электронный. URL: https://www.cbr.ru/ (дата обращения: 09.10.2023).
5. Архипов, А. П. Страхование : учебник / А. П. Архипов. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва : КНОРУС, 2016. – 336 с. – ISBN 978-5-406-05024-8.
6. Ахвледиани, Ю. Т. Рынок страховых услуг: современные тенденции и перспективы развития : монография / Ю. Т. Ахвледиани. –Москва : РУСАЙНС, 2017. – 236 с. – ISBN 978-5-4365-1729-2.
7. Страхование : учебник / под ред. Ю. Т. Ахвледиани, В. В. Шахова. – 5-е изд., перераб. и доп. – Москва : ЮНИТИ-ДАНА, 2018. – 519 с. – ISBN 978-5-238-01790-7.


## БАНКОВСКИЙ МАРКЕТИНГ -СТИМУЛЯТОР ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА СФЕР УСЛУГ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


Валиева Н.М., ст. преподаватель кафедры банковское дело, Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, Таджикистан


Важнейшим составным элементом национальной экономики любой страны является банковская система, призванная поддерживать макроэкономическое развитие и полностью удовлетворять постоянно растущий спрос на услуги. В настоящее время любую современную быстро развивающуюся экономику невозможно представить без быстро развивающейся банковской системы. Успешная деятельность банка в современных условиях определяется тем, насколько он может адаптироваться к быстро меняющейся внешней среде. Важным элементом формирования по-настоящему эффективных взаимоотношений между банком и потребителями является развитие методов оказания услуг, подразумевающее не только изменение существующих технологий, но и внедрение новых. Банковский маркетинг становится одним из основных средств совершенствования методов предоставления услуг.

Маркетинг в банковской сфере направлен на изучение рынка кредитных ресурсов, анализ финансового положения клиентов и на этой основе прогнозирование возможностей привлечения депозитов в банки и изменения банковской деятельности. Философия маркетинга качественно меняет отношения между банком и клиентом. Если раньше банк предлагал вкладчикам и заемщикам набор стандартных банковских продуктов, то сегодня он должен развивать новые виды услуг, ориентированные на конкретные группы клиентов [1. с.45].

Одной из целей банковского маркетинга является привлечение новых клиентов, которые ранее не пользовались банковскими услугами. Однако сегодня в промыш-

ленно развитых странах охват населения банковскими операциями очень высок: до 80% домохозяйств уже имеют банковских клиентов, текущие и сберегательные счета, кредитные карты и т. д. Поэтому банки в своих стратегиях ориентируются на предложение новых видов услуг существующим клиентам.

Деятельность управления банком обычно осуществляется в условиях неполноты информации. Это определяет определенный уровень риска, связанного с принятием решений. Чтобы снизить риск, менеджеры стремятся снизить уровень неопределенности, связанной с их сферой деятельности. Эффективным способом решения этой проблемы являются маркетинговые исследования. Они не зависят от желания менеджера получить необходимую информацию и представляют собой систематический процесс, лежащий в основе всей маркетинговой деятельности. Результаты маркетинговых исследований являются основным информационным каналом для банков и привели к их широкому распространению. Признание важности проведения исследований рынка для достижения и поддержания качества предоставляемых услуг увеличивает шансы на успех в бизнесе. Основными факторами, определяющими успех сервисного бизнеса, являются поиск и использование данных о клиентах для дальнейшего планирования маркетинговой деятельности, а также интеллектуальная обратная связь между клиентами и сотрудниками. Проведение маркетинговых исследований помогает выявить набор вариантов, удовлетворяющих предложению этих поставщиков услуг, и на этой основе корректирует маркетинговую программу для достижения конкурентного преимущества. Когда предлагается новая услуга, проведение исследования позволит определить, каким критериям следуют потребители при покупке услуги, чтобы включить новую услугу в набор рассматриваемых вариантов [3. с.105].

В настоящее время проведение маркетинговых исследований прочно вошло в практику деятельности банков, став реальной потребностью. Направленность и глубина исследований зависят от множества факторов: характер деятельности банка, выпускаемая продукция (для физических или юридических лиц), степень диверсификации продукции, объемы капитала и уровень доходов финансовой организации. Маркетинговые исследования в области банковского сервиса - это систематический сбор, отражение и анализ данных о проблемах, связанных с организацией и управлением маркетинга. В результате маркетинговых исследований руководство получает разнообразную информацию о новых рыночных возможностях, потенциальных проблемах и угрозах, с которыми может столкнуться банк. Такие исследования связывают банк с его рыночным окружением, позволяют провести сегментацию рынка и выделить целевые сегменты, а также определить конкурентные преимущества банка и разработать маркетинговую стратегию, основанную на использовании этих преимуществ.

Преимущества, обеспечиваемые организации (банку) за счет проведения маркетинговых исследований:

✓ возможность получения независимых оценок перспектив развития рынка, появления новых коммерческих идей, т.е. являются источником вдохновения;

✓ финансирование маркетинговых исследований рассматривается организацией (банком) не как затраты, а как инвестиции, увеличивающие ее шансы на коммерческий успех;

✓ позволяют определить состоятельные и несостоятельные идеи, избежать затрат времени и ресурсов на реализацию проектов, обреченных на провал;

✓ предоставляют информацию, которая реально может быть использована [2. с.48].

Маркетинговые исследования являются средством поддержания постоянного контакта с клиентами, помогающим понять механизм, применяемый ими при оценке процесса обслуживания перед закупкой, в течение предоставления услуги и после потребления. Необходимость проведения маркетинговых исследований обусловлена тем, что для принятия правильного решения по тому или иному вопросу деятельности организации (банка) руководителю необходима определенная информация, получение и обработка которой связана с исследовательской деятельностью. Маркетинговые исследования в банке традиционно осуществляются по следующим направлениям:

1. Исследование рынка. Оно проводится с целью получения данных о рыночных условиях для определения различных параметров деятельности организации. При проведении таких исследований изучаются процессы, происходящие на рынке, его структура, емкость, конъюнктура, возможности, риски, тенденции развития и т.п. Результатом проведения подобных исследований является выбор целевых рынков и разработка генеральной стратегии компании.

2. Исследование потребителей. Проводится для определения и изучения побудительных факторов, которыми руководствуются потребители при выборе товаров. Объектами исследования при этом выступают индивидуальные потребители, семьи, домашние хозяйства и организации. В процессе проведения исследований маркетологи изучают мотивацию потребительского поведения на рынке и определяют его факторы. Цель такого исследования- сегментация потребителей и выбор целевых сегментов рынка.

3. Исследование конкурентов. Предназначено для получения необходимых данных для обеспечения преимущества на рынке, а также для выявления возможностей сотрудничества с потенциальными конкурентами. При этом анализируются сильные и слабые стороны конкурентов, занимаемая ими доля рынка, их маркетинговые средства и реакция на них потребителей, финансовое состояние организации и т.п. Результатом такого исследования является выбор фирмой наиболее выгодного для себя рыночного положения и разработка стратегии борьбы с конкурентами.

4. Изучение фирменной структуры рынка. Представляет собой изучение маркетинговой инфраструктуры рынка, то есть сети рекламных, страховых, финансовых, юридических и прочих компаний, которые могут являться посредниками фирмы или помочь ей в продвижении своего товара.

5. Исследование товаров. Это определение соответствия качества товаров и их технико-экономических характеристик запросам потребителей, а также анализ конкурентоспособности товаров. Объектами исследования являются потребительские свойства товарованалогов и товаров- конкурентов, требования потребителей и их реакция на новые товары, товарный ассортимент, соответствие товаров законодательно установленным нормам.

6. Исследование цены. Направлено на определение уровня и соотношения цен на определенный товар на рынке. Объекты исследованиязатраты на производство товаров, изменение цены товаров в результате конкуренции, взаимодействие цены и спроса. Результат- выбор наиболее эффективного соотношения цены, затрат и прибыли.

7. Исследование системы стимулирования сбыта и рекламы. В процессе исследования изучается поведение поставщиков, посредников и покупателей, эффективность рекламы, отношение к организации потребительской общественности. Результат исследования позволяет сформировать благоприятный имидж организации, воздействовать на поставщиков и посредников, повысить эффективность рекламы и других коммуникационных связей. Основной целью маркетингового исследования является выявление возможностей организации (банка) занять конкурентную позицию на конкретном рынке или его сегменте путем приспособления своей продукции к спросу и потребностям потребителей [5. с.244].

Целью маркетинговых исследований является предоставление менеджерам банка необходимой рыночной информации для принятия соответствующих управленческих решений. Это, в свою очередь, определяет требования к маркетинговым исследованиям: они должны готовиться на заказ (выполняться по желанию лица, принимающего решение на основе полученной информации), проводиться для решения конкретной задачи и тщательно планироваться время и финансовые условия. Задачи маркетинговых исследований могут быть самыми разнообразными и диктоваться потребностями разработки стратегии маркетинга, формирование ценовой, товарной, коммуникационной, сбытовой политики и другими аспектами управления маркетингом в коммерческом банке [6. с.55].

Подготовка и проведение маркетингового исследования предполагает реализацию следующих этапов общей процедуры.

1. Выявление проблем и формулировка целей исследования. Главной целью маркетингового исследования является снижение уровня неопределенности в принятии правленческих решений. Объем исследований зависит от степени необходимости информации, затрат на ее получение и целей организации.

2. Определение методов сбора и источников информации. Большинство маркетинговых исследований представляют собой комбинацию двух базовых методов: вторичных и первичных исследований. Вторичные, или кабинетные, исследования - это систематический сбор и анализ всей возможной информации, собранной и опубликованной другими. Такие исследования целесообразны при изучении емкости рынка, состояния цен, видов предлагаемых банковских продуктов, объема продаж [4. с.223].

Результаты маркетингового исследования служат для формирования текущего и будущего спроса па продукцию (услуги) организации (банка), а также определить потенциал развития банков, выявив преимущества по сравнению с конкурентами, что позволяет организации завоевать и удержать прочное положение на рынке. Маркетинговое исследование предполагает необходимость тщательного выбора объекта исследования - конкретного рынка или его сегмента. Специфика разработки банковских продуктов состоит в том, что банку становится невыгодным оказание услуг, рассчитанных на усредненный уровень требований.

Активное внедрение маркетинга в деятельность коммерческих банков является обязательным требованием современного рынка и управление коммерческим банком должно осуществляться на основе повышенного внимания к маркетингу. Успех применения маркетинга может быть достигнут только в том случае, если его использовать в качестве единогокомплекса действий, включающего все необходимые мероприятия разработки и реализации маркетинговых программ.

**СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ**

1. Абаева Н.П., Хасанова Л.Т. Конкурентоспособность банковских услуг. Ульяновск: УлТГУ, 2018.

2. Амблер Т. Практический маркетинг/Пер. с англ. Под общей ред. Ю.Н.Каптуревского. - СПб: Издательство «Питер», 2006.

3. Ассэль Генри. Маркетинг: принципы и стратегии: Учебник для вузов. - М.: ИНФРА-М, 2005.

4. Герасименко В.В. Современный маркетинг. - М.: ТЕИС, 2012.

5. Котлер Ф. Основы маркетинга. - М.: Ростинтэр, 2011.

6. Халуев, К. Маркетинг отношений - современный поход в работе банка с клиентами / К. Халуев // Маркетинг. - 2020.

## ПРИНСИПҲО ВА РАВИШҲОИ ИЛМИИ ИДОРАКУНИ ЗИДДИБУҲРОНИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Исупов Алишер - ассистенти кафедраи «Фаъолияти бонкӣ»-и ДБССТ**

Бӯҳрон (калима аз забони юнонӣ гирифта шуда) маънои мушкилии шадид бо чизе, муфлис ё вазъияти душворро мефаҳмонад. Бӯҳрони бонкӣ бо нокомии бонкҳо тавсиф шудааст, ки дар натиҷаи он шумораи зиёди бонкҳо ба мушкилии молиявӣ дучор шуда қисме аз онҳо муфлис шудаанд.

Гарчанде ки бӯҳронҳои бонкӣ хусусиятҳои зиёди умумӣ доранд, вале рафти онҳо аксар вақт аз ҳамдигар фарқ мекунад, онҳо метавонанд аз рӯи хусусияти паҳншавии зуҳуроти бӯҳронӣ дар иқтисодиёти миллӣ, амиқ ва шиддатнокӣ, шумораи муассисаҳои молиявии зарардида ва як қатор хусусиятҳои дигар фарқ кунанд.

Ҳамин тариқ, аз рӯи миқёси фарогирӣ бӯҳронҳои бонкиро ба навъҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст [3, с.251]:

- бӯҳрони бонкии маҳаллӣ
- бӯҳрони бонки хурди алоҳида;
- бӯҳрони бонкии минтақавӣ
- бӯҳрони бонкҳо дар як минтақа;
- бӯҳрони системавии бонкӣ ба фаъолияти бонкҳо дар саросари ҷумҳурӣ ё аксари минтақаҳои он таъсир мерасонад;
- бӯҳрони бонкии байналмилалӣ (ҷаҳонӣ) системаҳои бонкии якчанд кишварҳоро фаро мегирад.

Аз ҳама хатарнок ва харобиовар бӯҳрони системавии бонкӣ аст, яъне бӯҳронест, ки ба тамоми низоми бонкии миллӣ таъсир расонидааст (вале ин маънои онро надорад, ки тамоми ташкилотҳои қарзӣ дар ҳолати бӯҳронӣ қарор доранд).

Истилоҳи «идоракунии зиддибӯҳронӣ нисбатан ба наздикӣ пайдо шудааст. Гумон меравад, ки сабаби пайдоиши он ба вуҷуд омадани шумораи зиёди корхонаҳо дар остонаи муфлисшавӣ мебошад [1, с.83]. Рушди ҳар як низоми бонкӣ ба таври бебозгашт ба мушкилоти раҳоӣ аз вазъи бӯҳронии худ дучор мешавад. Вазифаи идоракунии зиддибӯҳронӣ аз он иборат аст, ки таъсири манфии бӯҳрон ба объекти иҷтимоию иқтисодии идоракунӣ, инчунин ба ҳадди аксар расонидани натиҷаи судманди он мебошад.

Дар ташкили идоракунии бӯҳронҳо ташхиси бӯҳрон аҳамияти махсус дорад. Ҳадафҳои асосии раванди ташхиси ҳолатҳои бӯҳронӣ ва ҳолати муфлисшавӣ аз таҳлили вазъи молиявии бонк ва пешгӯии он барои давраи оянда, сари вақт ошкор

намудани сабабҳо ва омилҳои асосии ба рушди ҳолатҳои бӯҳронӣ мусоидаткунанда, мониторинги муҳити беруна ва дохилии бонк ва пешгӯии рушди он.

Бо мақсади сари вақт ташхис кардани бӯҳрони бонкӣ, пеш аз ҳама, мониторинги шароити берунӣ ва дохилии фаъолияти бонк (муайянкунӣ, таҳлил ва пешгӯӣ) амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад маълумот ҷамъоварӣ ва коркард, базаҳои маълумотҳо ташаккул ва ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии омилҳои бӯҳронӣ сурат мегирад. Дар ин маврид ба суръат, пурра ва дурустии кори ичрошуда диққати махсус додан лозим аст [2, с. 189].

Инчунин, барои ташхиси бӯҳронҳои эҳтимолӣ бояд баҳодиҳии экспертии баъзе нишондиҳандаҳои хос гузаронида шавад. Таҳлили коршиносонро вобаста ба вазъияти мушаххас ва дигар омилҳои марбут ба хатар васеъ кардан мумкин аст. Ҳангоми таҳлили зуҳуроти бӯҳронӣ инҳо хосанд: нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ, баҳодиҳии амали роҳбарият ва кормандон ва дигар нишондиҳандаҳо. Натиҷаҳои арзёбии экспертӣ дар шакли қайди таҳлилӣ, пешгӯӣ ё тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд. Дар марҳилаи оянда ин маводҳо метавонанд ҳамчун саҳм барои таҳияи стратегияи рафъи бӯҳрон истифода шаванд. Идоракунии бӯҳрон дар идоракунии умумии ташкилотҳои қарзӣ нақши муҳим дорад.

Менеҷменти зиддибӯҳронии ташкилотҳои қарзӣ як соҳаи мустақили дониш буда, бо санадҳои меъёрии махсус муқаррар карда шудааст. Идоракунии зиддибӯҳронии ташкилотҳои қарзӣ диққати худро ба ҳалли чунин мушкилот мегузорад. [1, с.102]:

1. Таҳлил ва арзёбии ҳолатҳои бӯҳронӣ;
2. идоракунии хавфҳои бонкӣ;
3. стратегияи идоракунии бонк;
4. пешгӯии бӯҳронҳо;
5. механизми рафъ ва пешгирии бӯҳронҳо;
6. таҷдиди сохтори ташкилоти қарзӣ;
7. солимгардонӣ ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ;
8. баҳодиҳӣ ва ҳавасмандгардонии кормандон.

Муайян кардани бӯҳрони ба вуҷудомада барои таҳия ва қабули стратегияи рафъи он зарур аст. Дар асоси таҷрибаи андӯхташудаи ҳалли бӯҳронҳо мо метавонем як қатор қарорҳо ва унсурҳои стратегиро муайян кунем, ки аксари кишварҳо барои баркарор намудани субот ва фаъолияти самараноки низоми бонкии худ истифода кардаанд.

Дар ҷаҳон ягон давлате нест, ки низоми молиявию ҳуқуқии комилан якхела дошта бошад, қоидаҳои танзим ва назорати бонкӣ аз ҳамдигар вобаста ба хусусиятҳои рушди таърихӣ, сохтор ва дараҷаи кушода будани системаҳои бонкӣ, шумора, ҳаҷм ва консентратсияи ташкилотҳои қарзӣ, бинобар ин наметавонад маҷмӯи усулҳои универсалии нигоҳдории устувории молиявӣ вуҷуд дошта бошад. Бо вуҷуди ин, мо метавонем мавҷудияти тамоюлҳо ва абзорҳои умумиро қайд кунем, ки дар ҳар яке аз се ҳолати системаи бонкие, ки мо муайян кардем, самараноктаранд. [6, с.201]:

Ҳамин тариқ, ҳангоми бӯҳрони системавии бонкӣ истифодаи чораҳои зиддибӯҳронии маҳаллӣ кофӣ нест, зеро пайдоиши он бӯҳрони амиқеро дорад, ки ба тамоми созмони системавии бонкҳои кишвар, аз ҷумла ба низоми танзими

фаъолияти онҳо таъсир мерасонад. Андешидани баъзе тадбирҳо ҷиҳати рафъи ташаннуҷ дар бахши бонкӣ муассир нахоҳад буд, зеро дар баробари расмиёти барҳамдиҳӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии ғайри қобили амал, қабули қарорҳои ҳамаҷониба, ки тамоми сатҳҳо ва унсурҳои низоми бонкиро фаро мегиранд, зарур аст.

Дар ин маврид мачмуи тадбирҳое татбик карда мешаванд, ки онро азнавсозии сохтори низоми бонки меноманд. Дар мавриди бӯҳронҳои ғайрисистемави бонкӣ ва шароити бӯҳронии унсурҳои алоҳидаи низоми бонкӣ чораҳои махсуси зиддибӯҳронӣ низ заруранд, ки пеш аз ҳама ба бӯҳрони системавӣ табдил ёфтани бӯҳрони бонкиро пешгирӣ мекунанд. [5, с. 7].

Дар ин ҷо ягон усули ягона вуҷуд надорад, аммо таҷрибаи андӯхтаи хориҷӣ дар ин самт ба мо имкон медиҳад, ки тадбирҳои асосии зеринро дар ин самт муайян кунем:

- дастгирии пардохтпазирии бонкҳои алоҳида аз ҷониби «қарздиҳандагон», муқаррар намудани қоидаҳои махсуси бозтамвил, ҷойгиркунии маблағҳои буҷетӣ дар баъзе бонкҳо ё пасандозҳо бо шартҳои имтиёзнок барои онҳо;
- кам кардани меъёри захиравии ҳатмӣ, имкони танзими онҳо ба бонкҳо;
- тафовут ё тағйир додани стандартхои ҳатми;
- сабук кардани қоидаҳои танзим ва назорат дар муддати кӯтоҳ (масалан, татбиқ накардани ҷарима нисбати бонкҳое, ки меъёрҳои муайянро вайрон кардаанд);
- капитализатсия ва ё милликунонии бонкҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим;
- имтиёзхои махсуси андоз (масалан, барои солимгардонии молияви ё азнавташкилдиҳии бонкхо бо мақсади ситониш), кам кардани андоз;
- харидани қарзҳои беэътимоди давлат аз бонкхо;
- ба таъхир андохтани пардохтҳо, ҷорӣ намудани мораторий барои қонеъ гардонидани талабҳои кредиторон;
- интиқоли пасандозҳо аз бонкҳои “зарардида” ба бонкҳои устувор;
- кафолатхои давлати оид ба уҳдадориҳои бонкӣ;
- барҳам додани бонкҳои алоҳида.

Воситаи нав (он танҳо дар давраи бӯҳрони ҷаҳонии молиявии солҳои 2007-2009 фаъолона истифода мешуд) як воситаи зарурӣ ва муҳими зиддибӯҳронии давлатӣ ҳавасмандгардонии талаботи иқтисодӣ мебошад, ки бевосита ба низоми бонкӣ таъсир намерасонад, балки дар он ифода меёбад. Масалан, дар Русия ва кишварҳои Аврупо барномаи ҳавасмандгардонии хариди мошинҳои нав вуҷуд дорад, инчунин, дастгирии давлатии барномаҳои инфиродӣ, масалан, додани қарз ба тиҷорати хурд ё ипотекаро метавон чораҳои хеле муассири зиддибӯҳронӣ арзёбӣ кард.

Ҳамин тариқ, соли 2009 дар Русия барои муқовимат ба бӯҳрон Агентии таҷдиди сохтори қарзҳои ипотекаи манзилӣ таъсис дода шуд, ки вазифаи он рушд ва дастгирии бозори ипотека ва кӯмак ба қарзгирандагоне, ки дар вазъияти душвори зиндагӣ қарор доранд, иборат буд. Тавассути ин Агентӣ, давлат дар барқарор намудани қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагони ипотекӣ саҳм гузоштааст, ки ин албатта на танҳо дар давраи бӯҳрон қарзгирандагон, балки бонкҳоеро, ки ба онҳо қарз додаанд, дастгирӣ намуд. Ин таҷрибаро низ метавонем дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода қарор диҳем. [4. саҳ. 36].

Бонкҳои Тоҷикистон, бар хилофи бонкҳои аврупоӣ, бояд танҳо ба худ ва дастгирии давлат, бахусус бонкҳои дорои иштироки давлат такя кунанд ин бузургтарин бахши ташкилотҳои қарзии кишвар аст. Системаи бонкии Тоҷикистон ҳатто пеш аз бӯҳрон асосан миллӣ карда шуда буд. [7, с. 120]. Бонкҳои ватанӣ ҳамеша пеш аз ҳама ба кумаки давлат такя мекарданд, арзёбии сармояи иқтисодӣ ҳамчун механизми идоракунии хавфҳо ва даромаднокӣ аслан баррасӣ нашудааст. Бонкҳо сармояи хавфро мувофиқи тавсияҳои Базел II дар заминаи гузариши система ба татбиқи муқаррароти Созишномаи "нав" дар Тоҷикистон ва гирифтани мақоми низоми бонкии пешрафта арзёбӣ ва арзёбӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, нақши асосиро дар идоракунии бонкӣ сиёсати зиддибӯҳронӣ ташкил медиҳад ва фаъолияти маҷмӯи бонкро бояд идоракунии зиддибӯҳронии бонки тиҷоратӣ эътироф кард.

**АДАБИЁТ**:


1. Киселев, П.В.Бонкҳои тиҷоратӣ - таҷрибаи дохилӣ ва хориҷӣ [Матн]: китоби дарсӣ / ред. П.В. Киселева. - Москва.: Иқтисод, 2009. - 477 с.

2.Семибратова О.И. Бонкдорӣ: китоби дарсӣ / Москва. Академия, 2012. - 312 с.

3. Тавасиев А.М., Мурычев А.В. Идоракунии зиддибӯҳронии ташкилотҳои қарзӣ: китоби дарсӣ. Москва.: UNITY-DANA, 2010.

4. Симановский А. Ю. Принсипҳои Базели назорати самараноки бонкӣ ва татбиқи онҳо. - 2014. - 31 март.

5. Hogarth G., Reidhill J., Sinclair P. Ҳалли бӯҳронҳои бонкӣ: воситаҳо ва хароҷоти асосӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ. 2009.

6. Содиқова, А. Е. Асосҳои идоракунии бӯҳрон дар бонкӣ тиҷоратӣ-материалҳои конф Байналмилалӣ. (Перм, апрели 2015).

7. Ғаюров Ғ.Ҳ. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ - амалии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти мамлакат /Ғ.Ҳ. Ғаюров, С.П. Одинаев // Паёми ДМТ. - 2020, - №10. - Қисми 1. - С.30-34


# АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ МАФҲУМҲОИ "ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКӢ", "АМАЛИЁТИ БОНКӢ", "ХИДМАТИ БОНКӢ" ВА "МАҲСУЛОТИ БОНКӢ"


Шарипов Б.Р., Нодирова С.Р.- ассистентони кафедраи фаъолияти бонкии ДБССТ


Дар адабиёти иқтисодӣ ва асарҳои фаъолияти бонкӣ оиди мафҳумҳои "хизматрасонии бонкӣ" ва амалиётҳои бонкӣ" бисёр сухан рафтааст, аммо мафҳуми "маҳсулоти бонкӣ" кам дида мешавад. Мафҳуми "хидмати бонкӣ" амалан ягон тадқиқоти илмӣ вуҷуд надорад. Ин муаммоҳоро нигоҳ накарда дар фаъолияти бонкӣ истифода мебаранд.

Мафҳумҳои "маҳсулоти бонкӣ", "хизматрасонии бонкӣ" моҳияти иқтисодӣ ва сохтори ин падидаҳои фаъолияти бонкӣ дар асарҳои муаллифони ватанию хориҷӣ ба дараҷаи муфассал баррасӣ шудаанд, оварда шуданд: аз ҳисоби олимони рус: Глушкова Н., Головина Ю., Жукова Е., Зеленский Ю., Илёсова С ва дигарон; аз ҳисоби олимони ватанӣ: Маҳмудов Ҷ.Б., Яхшиев Ш.Қ., Шарипов Б.М., Ҷураев Б., Шариф Р. ва дигарон.

Бояд қайд кард, ки дар айни замон саволҳои муайяннамоӣ ва робитаи мутақобилаи мафҳумҳои «амалиётҳои бонкӣ», «хизматрасонии бонкӣ», «хидмати бонкӣ», «маҳсулоти бонкӣ», «маҳсулоти бонкии чакана» мавриди баҳс қарор доранд.

Набудани ягонагӣ дар тафсири онҳо рушди минбаъдаи масъалаҳои методологӣ ва методологии ташаккул ва такмили маҳсулоти бонкиро хеле мушкил мекунад.

Ҳангоми таҳлили мазмуни муайяннамоӣ ин мафҳумҳо маълум мегардад, ки фаҳмиши дурусти ин истилоҳот ҳанӯз таҳия нашудааст. Аксар вақт ин истилоҳҳо ҳамчун синоним истифода мешаванд. Аммо ба назари мо ин истилоҳҳо маънои ба худ хосе дорад ва набояд ба иштибоҳ роҳ дод.

Барои муайян кардани мафҳумҳои "хизматрасонии бонкӣ", "амалиёти бонкӣ", "маҳсулоти бонкӣ" ва "хидмати бонкӣ" ва инчунин бартараф кардани иштибоҳҳои омехтаи онҳо (инро бисёр муаллифон мушоҳида мекунанд) зарур аст, ки мазмуни молиявию иқтисодии ин истилоҳот ва сарҳад ва робитаи онҳо бо падидаҳои дигар муайян кардан лозим аст. Мо пайвастаи мафҳумҳои «хизматрасонии бонкӣ», «амалиётҳои бонкӣ», «хидмати бонкӣ»-ро баррасӣ намуда, мафҳуми «маҳсулоти бонкӣ» ва инчунин муносибатҳои байни онҳоро муайян мекунем.

***Хидмати бонкӣ***

Барои дар аввал муайян намудани "хидмати бонкӣ" мо бояд мафҳуми "хидмат"-ро муайян намудан лозим аст.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти иқтисодӣ "хидмат"-ро ба се ҷанбаи асосӣ тафсир кардан мумкин аст:

- хидмат - ин амал, фаъолият, раванд ё пайдарпаии равандҳо мебошад;
- хидмат - ин ҳамкории байни истеъмолкунандагон ва кормандон;
- хидмат - ин натиҷаи амал, фаъолият ё таъсири мутақобила мебошад.

Ҳамин тариқ, «хидмат» мафҳуми гуногунҷабҳа будааст: аввалан, маҷмӯи амалҳои истеҳсоли маҳсулотро дар бар мегирад (ки нисбат ба бахши бонкӣ ба амалиёти бонкӣ мувофиқ аст); дуюм, ҳамкории байни истеъмолкунандагон ва кормандон (мувофиқ ба хидмати бонкӣ); сеюм, натиҷаи амалҳо ва ҳамкорӣ (ба маҳсулоти бонкӣ мувофиқат мекунад).

Биёед бубинем, ки мафҳуми «хидмати бонкӣ» аз ҷониби муаллифони сарчашмаҳои адабӣ дар соҳаи молиявӣ чӣ гуна фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, Иванов А. чунин мешуморад, ки «хидмати бонкӣ ин фаъолияти техникӣ, технологӣ, молиявӣ, зеҳнӣ ва касбии бонк ба мизоҷон мебошад».

Ба гуфти Головин Ю. хидмати бонкӣ «аз амалиётҳои гуногун иборат аст» ва гурӯҳи муаллифони монографияи «Системаи бонкии Русия» хазмати бонкиро ҳамчун «анҷоми амалиёти бонкӣ аз номи муштарӣ ба манфиати охир бо пули муайян».

Курманова Л. ба хидмат ба таври назаррас назар мекунад: «хидмат мафҳуми васеътар аз амалиёт аст».

Тавасиев А. хидмати бонкиро «натиҷаи амалиёти бонкӣ, яъне натиҷаи амалиёти бонкӣ (фаъолияти меҳнатии мақсадноки кормандони бонк)».

Шабакаи тафсирҳои «хизматӣ» ва «хизмати бонкӣ» дар он аст, ки мафҳуми якум ва дуюм ҳам аз мафҳуми «фаъолият» ва «натиҷаи фаъолият» муайян карда шудаанд. Тафовути тафсир дар он аст, ки муҳаққиқони соҳаи бонкӣ ҳангоми истинод ба амали кормандон барои истеҳсоли хизматӣ (маҳсулот) истилоҳҳои «амалиёт» ва «амалиёти бонкӣ»-ро истифода мебаранд.

***Амалиёти бонкӣ***

Мо баррасии худро бо мафҳуми аслии "амалиёт" оғоз мекунем. Истилоҳи «амалиёт» аз калимаи инглисии operation гирифта шуда, маънояш амал, кор, раванд.

Аммо дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «амалиёт» на ҳамчун ягон амал (кор, раванд), балки ҳамчун амали танзимшаванда фаҳмида мешавад. Масалан, Қурмонова Л. дар асари худ «Асосҳои методии бозори хизматрасонии бонкӣ» мафҳуми «амалиёт»-ро ҳамчун амали расмӣ муайян кардааст.

Истилоҳи "амалиёти бонкӣ" боз ҳам бештар ҳамчун амали расмӣ ё пайдарпайии амалҳои танзимшавандаи мувофиқашудаи кормандони бонк баррасӣ мешавад.

Братко А. низ чунин нуқтаи назар дорад, ки вай чунин мешуморад: амалиёти бонкӣ - «технологияи муайянеро ифода мекунад, яъне муқаррар ва пайдарпайии амалҳои бонкии кормандони он».

Муаллифони дигар ба таври ҳаққонӣ равшан мекунанд: на хар як амали расмие, ки дар бонк анчом дода мешавад бояд хамчун амалиёти бонкӣ тасниф карда шавад.

Муаллифи асари «Хизматрасонии бонкӣ: таҷрибаи хориҷӣ ва Русия» Иванов А. бар ин назар аст, ки амалиёти бонкӣ «амали бонкест, ки аз номи ӯ ва аз номи муштарӣ анҷом дода мешавад, ки бо ҳаракати маблағҳо алоқаманд аст».

Илёсов С. ба чунин амалҳо, аз қабили «техникӣ, иқтисодӣ-оморӣ, молиявӣ-кредитӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар усулҳое, ки ҳангоми сохтани маҳсулоти бонкӣ истифода мешаванд» ишора мекунад. Лаврушин О. ва хаммуаллифони у чунин таъриф медиханд: «Амалиёт як намуди мушаххаси амал барои сохтани махсулот мебошад. Муомилот тавассути усулҳои молиявӣ, баҳисобгирӣ ва техникӣ анҷом дода мешавад».

Курмонова Л. амалҳои расмиро амалиёти бонкӣ медонанд, ки дар натиҷа «азнавтақсимкунии маблағҳо байни суратҳисобҳо, ҳаракати ҳуҷҷатҳои бонкӣ», инчунин «баҳисобгирии муҳосибӣ, имзои ҳуҷҷатҳо, тартиб додани ҳуҷҷатҳои гуногун санадҳо ва қайдҳо». Ба ғайр аз ин, муаллиф дар бораи мавқеи худ тавзеҳи иловагӣ медиҳад: «дар натиҷаи амалиёти бонкӣ пул аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар гузаронида мешавад, дар хазина дода ва қабул мешавад, суратҳисобҳо кушода ва баста мешаванд”.

Маънои асосии таърифҳои Иванов А., Илёсов С. ва Курманова Л.-ро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки амалиёти бонкӣ он амалҳои расмии бонкро дар бар мегирад, ки аз ҷониби он бо истифода аз техникаи технологӣ ва бо мақсади эҷоди он анҷом дода мешавад. Ба ин амалҳо ҳамаи намудҳои кор бо маблағ ва ҳуҷҷатҳои ҳамроҳшаванда дохил мешаванд.

Дар ин ҷо бояд гуфт, ки амалиётҳое, ки бонкҳо анҷом медиҳанд, метавонанд ҳам бонкӣ ва ҳам ғайрибонкӣ бошанд. Дар натиҷаи таҳлилҳо мо ба чунин хулосае мебароем, ки амалҳо ё технологияҳое, ки азнавтақсимкунии маблағҳоро байни ҳисобҳо таъмин мекунанд. Дар баробари ин, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» чунин шаҳр додааст: дорои нишонаи имкони содир намудани дигар бонкҳо мебошад, яъне. муомилот ва муомилоти ғайрибонкӣ. Лаврушин О. инчунин қайд мекунад, ки амалиёти бонкӣ «амалиёти бонкиро бевосита аз моҳияти бонк бармеоянд ва таърихан ба он ҳамчун муассисаи пулию қарзӣ вогузор шудаанд.

Ба инҳо, амалиёти ҷалби маблағҳо ба пасандозҳо ва дар асоси баргардонидани онҳо, амалиёти кушодани суратҳисоб ва анҷом додани пардохтҳо аз он дохил мешаванд. Ин аслан номгӯи амалиёти бонкӣ мебошад, ки дар қисми 1 моддаи қонуни ҶТ "дар бораи фаъолияти бонкӣ". Маҳз ҳамин амалиётҳо ҳаракати маблағҳоро аз рӯи суратҳисобҳо таъмин мекунанд.

***Хизматрасонии бонкӣ***

Бисёре аз муаллифон мафҳуми «хизматрасонии бонкӣ»-ро истифода мебаранд, вале моҳияти онро ошкор намекунанд ва ягон таърифе намедиҳанд. Дар натиҷа иштибоҳсозии мафҳуми «хизматрасонии бонкӣ» бо мафҳумҳои «хизматрасонӣ» ва «фаъолияти бонкӣ» ба вуҷуд меояд.

Бояд гуфт, ки истилоҳҳои «хизматрасонӣ» ва «хидмат» аз ҷиҳати маъно хеле монананд ва аксар вақт ҳамчун синоним истифода мешаванд. Масалан, ибораи зерин вуҷуд дорад: «хизматрасонӣ - ин пешниҳоди хидмат ба мизоҷон мебошад». Аммо, ба назари мо, бо мақсади таҳқиқи илмии фаъолияти бонкӣ мафҳуми ақиқтари мафҳуми «хизматрасонии бонкӣ» таҳия кардан лозим аст.

Барои ин мафҳуми дар «Луғати энсиклопедӣ» мавҷудбударо ҳамчун асос гирем, ки дар он хидмат «фаъолияти иҷрокунанда дар иртиботи мустақим бо истеъмолкунандаи хизматрасонӣ» фаҳмида мешавад.

Ба фикри мо дар шароити ҳозира ду шакли муносибатро фарқ кардан лозим аст. Ин:

- ҳамкории истеъмолкунанда бо кормандони бонк, яъне. муошрати шахсӣ бо кормандон;

- муомилаи ғайришахсӣ ё ҳамкории истеъмолкунанда бо «объектҳои моддию иттилоотии бонк», яъне. бо банкоматҳо, вебсайти бонк, биноҳои корӣ, стендҳои иттилоотӣ, маводҳои таблиғотии намудҳои гуногун ва ғайра.

Ба андешаи мо новобаста аз шакл ҳамкории истеъмолкунандагон бо бонк равандҳои зеринро дар бар мегирад:

- аз ҷониби истеъмолкунанда гирифтани маълумоти барои қабули қарор дар бораи харидани махсулоти бонкӣ ё рад кардани он зарур, аз ҷумла маълумот дар бораи худи маҳсулот, шартҳои харид, нарх ва ғайра;

- аз ҷониби бонк дида баромадани ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи истеъмолкунанда;

- бастани аҳд бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ё санади хариду фурӯши маҳсулоти бонкӣ.

Тамоми фаъолиятҳои хизматрасониҳои бонкиро ташкил медиҳанд, аз ҷониби кормандони ботаҷрибаи бонкӣ бо мақсади бомуваффақият фурӯши маҳсулоти бонкӣ ва қонеъ гардонидани талаботи муштариён дар оянда ташкил ва амалӣ карда мешаванд. Хизматрасонӣ чун қоида, дар идораи махсуси муҷаҳҳазшудаи бонк амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, дар баъзе ҳолатҳо истеъмолкунанда метавонад ба воситаи воситаҳои техникӣ ба худ хизмат расонад, масалан, аз банкомат маблағҳои қарзиро гирад. Аммо дар ин маврид мутақобила байни истеъмолкунанда ва бонк дар шакли дигар сурат мегирад.

Барои асоснок кардани тафсири пешниҳодкардаи мо дар бораи мафҳуми «хизматрасонии бонкӣ» ва барои фарқ кардани он аз мафҳуми «амалиёти бонкӣ» модели муаллифони фаронсавӣ Пиер Эллиер ва Эрик Ланжарро дида бароем.

Ҳамин тариқ, бо "хизматрасонии бонкӣ" мо пешниҳод менамоем, ки тамоми амалҳои (ҳамкориҳои) муштараки байни бонк ва истеъмолкунанда бо мақсади фурӯши маҳсулоти бонкӣ анҷом дода мешаванд, ки ҷузъҳои зеринро дар бар мегиранд: машварат, баррасии ҳуҷҷатҳои муштарӣ, хулосаи муомила.

Ҳамин тариқ, пас аз далелҳои дар боло овардашуда - таҳлили тафсирҳои классикии истилоҳи асосии "хизматрасонӣ" натиҷаҳои омӯзиши мафҳумҳои "хизматрасонии бонкӣ", "амалиёти бонкӣ", "аҳдҳои бонкӣ", ки дар бонк анҷом дода мешаванд. «Хизматрасонии бонкӣ» мо пешниҳод менамоем, ки хизмати бонкиро ҳамчун маҷмӯи падидаҳои зерин фаҳмем:

налӣ 225,8 млн.сомониё 17, 8%, энергетика 690, 0 млн. сомониё 54,8%, нақлиёт 16, 6 млн.сомонӣ ё 1, 3%, фарҳанг ва варзиш 100, 55 млн. сомонӣ ё 8, 0%, ирригатсиява обёрӣ 8,0 млн. сомонӣ ё 0, 6% ва дигар соҳаҳо 61, 3 млн. сомонӣ 4, 9%. [5, с.314]

Аз мавзӯи омӯзиш бар меояд, ки дар оянда барои баланд бардоштани самаранокии сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ ҷиҳати таъмини устувории иқтисодиёт ба соҳаҳои зерини аҳамиятан муҳим эътибор ҷидди додан зарур аст:

Тадбир ва чораҷӯиҳои дар боло иброзёфта дар тадбиқи сиёсати сармоягузории давлат ва субъектони хусусӣ, инчунин, самаранокии ин намуди сармоягузорӣ то як андоза самарабахш буда метавонанд.

**ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 майи 2004 с. № 24
2. А. Хакимзода. К. Рачабов. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Душанбе-2010
3. Оймахмадов М. Махшулов М. «Асосҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ», Душанбе, Ирфон, 2002.
4. Оймахмадов М. Муртазоев М. «Иқтисодиёти ҷаҳон», Техрон, Нашриёти Замон, 2001 , 803 саҳ.
5. Колосов А.В. Экономическая безопасность хозяйственных систем: учебник / под ред. А. В. Колосова. - М.: Изд-во РАГС. - 446 с.


## ГЕНЕЗИСИ «ИҚТИСОДИЁТИ ҲУБОБӢ»: САБАБҲО ВА ОҚИБАТҲО


**Мамадов С.В.,** н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва андози МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»


Намунаи классикии пошхӯрии «иқтисодиёти ҳубобӣ» - иқтисодиёти Ҷопон, ки солҳои 90-ум бо мушкилоти ҷиддии марбут ба пошхӯрии бозори саҳҳомӣ ва бозори амволи ғайриманқул бавуқӯъ пайваст, маҳсуб меёбад. Нимаи дуюми солҳои 1980-уми асри XX барои Ҷопон бо афзоиши босуръати арзиши бозоргири дороиҳо сабт гардид.

Афзоиши арзиши саҳмияҳо ва нархи замин асосан тахминӣ буда, бо омилҳои зерин ба вуҷуд омад:

Якум, ҳаҷми пасандозҳо ва андӯхти аҳолӣ тадриҷан афзоиш гашта буд. Оилаҳои Ҷопон ба ҳисоби миёна тақрибан 30 %-и даромади солонаи худро пасандоз менамуданд. Сатҳи баланди пасандозҳо, зимни талаботи маҳдуди истеъмолӣ ташаккули сармояи изофаи доимӣ ба вуҷуд овард.

Дуюм, комёбиҳои иқтисодиёти Ҷопон дар бозорҳои беруна нақши худро бозида буд. Аз оғози солҳои 1980-уми асри XX, Ҷопон мунтазам тавозуни фаъоли ҳисоби ҷорӣ дошт. Сармояи воридшаванда дар Ҷопон пардохтпазирии зиёдатиро бавуҷуд овард, ки аз ӯҳдаи азхудкунии он ҳукумати кишвар набаромад.

Афзоиши тӯлонии содирот ва андӯхтҳои шаҳрвандон, боиси зиёд шудани пасандозҳо дар бонкҳои Ҷопон гардид. Дороиҳои пардохтпазири бонкҳо на барои қарздиҳӣ ба истеҳсолот, балки ба муомилот бо саҳмияҳо ва амволи ғайриманқул сармоягузорӣ карда мешуданд.

Фоизҳои паст ва интизориҳои беасос дар бобати идомаи афзоиши иқтисодиёти Ҷопон конъюнктураро дар сатҳи муайян нигоҳ медошт. Дар натиҷа, индекси Nikkei

дар давоми панҷ сол (1984-1989) бештар аз чор баробар афзуда, қариб ба 39,000 расид.

Арзиши замин дар Ҷопон дар солҳои 1980 ду маротиба боло рафт. Дар остонаи соли 1990 ҳубоб «кафид». Бӯҳронро афзоиши фоизҳои Бонки Ҷопон оғоз бахшид, аммо таназзул ногузир буд.

Солҳои 1990-1994 нархи бозории дороиҳои молиявии кишвар беш аз 1000 трлн. иен арзон шуд, ки 2-сола Маҷмӯи маҳсулоти дохилаи Ҷопонро ташкил медод. Индекси Nikkei дар соли 1992 то 14,000 коҳиш ёфт. Иқтисодиёти Ҷопон ба давраи рукуди тӯлонӣ ворид шуд, ки бо оқибатҳои он то имрӯз мубориза бурда истодааст.

Аввал, ширкатҳое, ки ба спекулятсияи молиявӣ машғул буданд, шикаст хӯрданд, сипас риэлторҳои бонуфуз, ки барои ширкатҳои сохтмонӣ бо қарзи бонкӣ қитъаҳои замин мехариданд, зарар диданд.

Тақрибан ду маротиба паст шудани нархи замин ва коғазҳои қиматнок боиси афзудани қарзҳои беэътимод дар суратҳисобҳои бонкҳои Ҷопон гардид.

Ин, дар навбати худ, боиси кам шудани сармоягузорӣ ва барҳамхӯрии ташкилотҳои молиявӣ гардид.

Таназзули иқтисодӣ зимни коҳиши нархи саҳмияҳо, замин ва молу мулки ғайриманқул ба заифии бонкҳо вустъат бахшид.

Дар миёнаҳои солҳои 90-ум якчанд бонкҳои калони бонуфуз муфлис эълон шуданд. Дефлятсия ба иқтисодиёти Ҷопон муаммои ҷиддӣ ба миён овард. Сабаби асосии он салдои мусбии мувозинати савдои Ҷопон гардид, яъне дар марҳила мазкур Ҷопон нисбат воридот бештар содирот мекард. Дар натиҷаи мувозинати мусбии тиҷоратӣ, қурби иена мунтазам афзуда, мавқеи худро мустаҳкам гардонид. Дар шароити дефлятсияи нархҳо талаботи дохила тадриҷан кам гардид. Дефлятсия ва бӯҳрон дар бозори молиявӣ ба таназзули истеҳсолот оварда расонид.

Иқтисодиёти Ҷопон, ки бо намунаи рушди ҳайратовар дар таърихи муосир нақш баста буд, ба рукуд рӯ овард: афзоиши миёнаи солона дар солҳои 90-ум ва оғози асри XXI тақрибан 1,5 фоизро ташкил медод.

Аввалин афзоиши арзиши замин дар Ҷопон пас аз бӯҳрон танҳо дар соли 2005 ба қайд гирифта шуд - замин дар Токио ҳамагӣ 1% боло рафт.

Ҳубобҳои иқтисодӣ замоне ба вуҷуд меоянд, ки дар муомилот пули аз ҳад зиёд мавҷуда дороиҳои хеле камро таъмин намояд. Ҳолати мазкур боиси он мегардад, ки ҳам дороиҳои бозоргир, ҳам дороиҳои пардохтнопазир арзиши аслии худро гум мекунанд ва баҳодиҳии онҳо аз ҳад зиёд сурат мегирад.

Вақте ки ҳубоб «мекафад», бонки танзимгар (бонки марказӣ) маҷбур мешавад, ки сиёсати пулию қарзиро тағйир дода, пардохтпазириро дар низоми молиявӣ коҳиш диҳад, то хатари фурӯравии асъори худро ба эътидол орад.

Дар ҳоле, ки бонки танзимгар меъёрҳои фоизро баланд мекунад, сармоягузорон баҳри пешгирӣ ва кам кардани хавфҳо, аз ҷалби сармояи қарзии аз ҳад зиёд худдорӣ мекунанд.

Ба ақидаи як зумра коршиносон, пайдоиши ҳубобҳо фосилаи таваррум буда, сабабҳои таваррум ва пайдоиши ҳубобҳо як реша дорад.

Ба андешаи дигар коршиносон, «нархҳои фундаменталӣ» барои дороиҳо вуҷуд доранд. Мӯҳтавои ҳубобҳо - ин фарқияти манфӣ мобайни «нархҳои фундаменталӣ» ва нархҳое, ки дар бозор тавассути тахмин ва ғайривоқеӣ аз ҷониби корчалонҳо

пешниҳод мегардад. Дар интиҳо, баъди пош хӯрдани ҳубоб нархҳо бояд ба он «нархҳои фундаменталӣ» ё нархҳои воқеӣ баргарданд.

Ба ақидаи онҳо, ҳубобҳои молиявӣ маҳсули ногузири арзёбии ғайримантиқии дороиҳо буда, омилҳои «нархҳои фундаменталӣ»-ро дарбар намегирад.

Зимни назарияи ҳубобҳои бетартиб, ҳубобҳои молиявӣ дар ҳамбастагии якчанд омилҳои иқтисодӣ ва ҳолати вазнини қабл аз бӯҳронии бозор ба вӯҷуд меоянд.

Ғайр аз он, назарияи «аҳмақи калон» вуҷуд дорад. Назарияи мазкур шарҳ медиҳад, ки афзоиши ҳубоб бо рафтори иштирокчиёни ҳамеша хушбини бозор (аҳмақон) вобастагӣ дорад. Дороиҳои аз ҳад гаронарзишро харидорӣ карда, умедворанд онҳоро ба дигар иштирокчиёни ҳарис (аҳмақони калон) бо нархи баландтар фурӯшанд.

Ҳубобҳо дар ҳоле меафзоянд, ки як зумра «аҳмақон» гурӯҳи дигари «аҳмақон»-ро пайдо карда, дороиҳои аз ҳад зиёд қиматшударо ба онҳо бозфурӯшанд. Иштирокчие, ки қимати баландтаринро пардохт карда дигар касеро намеёбад, ки онро фурӯшад, «аҳмақи калон» меноманд.

Ба ақидаи мактаби австриягии иқтисодӣ, омезиши сатҳи баланди таваррум ва мизони пасти фоизҳо барои афзоиши «ҳубобҳои молиявӣ» замина мегузорад.

Ҳубобҳои молиявӣ мухталифанд, дар баробари он хусусиятҳои умумӣ ҳам доранд. Болоравии нархи молҳо, амволи ғайриманқул, саҳмияҳо ба баландшавии некӯаҳволии оилаҳо ва зиёдшавии хароҷоти онҳо оварда, дар қалби инсон як эҳсосоти фарогири қаноатмандӣ аз фаъолият ва муносибатҳои иқтисодӣ, яъне ҳиссиёти эйфорияро ба вуҷуд меорад. Вақте, ки нархи дороиҳо ба нуқтаи баландтарин ва ниҳоӣ мерасанд, пас ба пастшавӣ шурӯъ мекунанд. Коҳиши бошиддати нархи молҳо, амволи ғайриманқул ва саҳмияҳо бо «кафидани» ҳубобҳо, сарнагуншавии бозорҳо ва оқибат бо бӯҳрони молиявӣ анҷом меёбад.

Баъзе аз бӯҳронҳои молиявӣ на афзоиши босуръати нархи дороиҳо, балки бо афзоиши муфлисшавии як ё якчанд гурӯҳи қарзгирандагон оғоз ёфтааст.

Ҳубоби молиявӣ болоравии нархи амволи ғайриманқул, саҳмияҳо, асъор ё маҳсулотро дар фосилаи кӯтоҳмуддат ифода намуда, дар фосилаи дарозмуддат нархи дороиҳои зеринро дарбар намегирад.

Яке аз мисолҳои он бозори ашёи нафтӣ дар солҳои 70-уми асри XX шуда метавонад. Тамоюли болоравии нархи нафт аз $2,50 то $36 барои як баррел, ба пешгӯӣ ва тахмини хаёлии расидани нархи нафт то $80 барои як баррел, ба тавлиди ҳубоб замина гузошт.

Рушди иқтисодӣ сармоягузоронро хушбин мегардонад. Онҳо ба хотири гирифтани фоидаи бештар аз имкониятҳои мавҷуда, ки амалишавии он тахминӣ аст, майл пайдо мекунанд. Дар баробари он, қарздиҳандагон низ хавфҳои бештарро ба дӯш мегиранд. Бо афзоиши эйфорияи иқтисодӣ, зиёдатии оқилона ба зиёдаравии ғайримантиқӣ табдил ёфта, хароҷоти сармоягузорӣ ва истеъмолӣ меафзояд. Бо умеди фоидаи зуд дороиҳо аксарият аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ харидорӣ карда мешаванд.

Айни замон, ҳубобҳои молиявӣ бовуҷуди шарту шароити ташаккул ва тамоюли инкишоф ба се намуд ҷудо гардида, ба таври зайл тасниф шудаанд:

1. Ҳубобҳои тахминӣ (спекулятивӣ) ё анъанавӣ;
2. Ҳубобҳои ратсионалӣ;

3. Ҳубобҳои комиссионӣ ва дохилӣ

Намунаи таҳлили ҳубобҳои тахминӣ (спекулятивӣ) таҳқиқотҳои Гамилтон маҳсуб меёбанд, ки дар он ҳубобҳои худтаъминкунандаи тахминии (спекулятивии) Сигел баррасӣ мешаванд, ки дар он таърифи функсионалии ҳубобҳо пешниҳод карда мешавад.

Фарзияи интизориҳои ратсионалии Лукас ба инкишофи назарияи ҳубобҳои ратсионалӣ замина гузошт. Дар доираи фарзияи мазкур имконият пайдо шуд, ки ҳубоб ҳамчун бузургии ченшаванда муайян карда шавад. Зимни назарияи интизориҳои ратсионалӣ, қайд карда мешавад, ки ҳубоб - ин фарқияти байни нархи бозор ва нархи воқеии доройӣ мебошад.

Дар баробари он, ҳубобҳои комиссионӣ (churning bubble) ва ҳубобҳои дохилӣ (intrinsic bubble) мавҷуданд.

Ҳубобҳои комиссионӣ бо мавҷудияти асимметрияи иттилоотӣ байни мизоҷон ва менеҷерони қарзӣ вобастагӣ дорад. Азбаски музди меҳнати менеҷер бевосита аз шумораи амалиётҳои қарздиҳӣ муқаррар карда мешавад, эшон барои зиёдтар ба даст овардани мукофотҳои комиссионӣ, бар хилофи маҳдудияти сандуқи қарзӣ, сайю талош меварзад, ки, бештар амалиётҳои спекулятивиро анҷом диҳад. Бино ба он, нархҳо нишондиҳандаҳои дороии ширкати эмитентро инъикос карда наметавонанд.

Ҳубобҳои дохилӣ фосилаи ҳубобҳои ратсионалӣ буда, ҳубобҳои дохилӣ бо ҳаҷми пардохтҳои дивидендҳо иртиботи бевосита дорад.

Хусусияти чунин ҳубобҳо аз он иборат аст, ки агар нишондиҳандаҳои асосии ширкат бо гузашти замон устувор боқӣ монанд, пас ҳар гуна тағйирёбии арзиши саҳмияҳо (пастшавӣ ё гароншавӣ) низ бо гузашти замон устувор хоҳанд буд.

Хусусияти мазкур ба чандирии нархҳо нисбати тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки ҳубоби молиявӣ - ин инҳирофи шиддатноки арзиши бозории дороиҳо аз арзиши асосӣ ё воқеии он мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Веселов Д.А., Пекарский С.Э. Макроиқтисоди бозорҳои молиявӣ. HSE (2012). Санаи муроҷиат: 03.05.2020.
2. Майк Дэш. "Тюльпаномания". http://turtle-table.com/economic-bubbles/tulpenmanie/. Санаи муроҷиат: 12.01.2019
3. Чиркова Е. Анатомияи ҳубоби молиявӣ. - М.: Кейс, 2010. - 630 с.
4. Шиллер, Р. Оптимизми ирратсионалӣ. Чӣ гуна рафтори беэҳтиётона бозорҳоро идора мекунад.- М.: Алпина Паблишер, 2013. - 422 с. - ISBN 978-5-9614-1845-3.
5. http://economic-efinition.com/Finance/Finansovyy_puzyr__The_financial_bubble__eto.htm. Санаи муроҷиат: 12.01.2019
6. http://kapital-rus.ru/articles/article/kak_finansovye_puzyri_svyazany_s_novymi_tehnologiyami_i_kogda_naduetsya_och/. Санаи муроҷиат: 12.01.2019
7. http://ru-trade.info/finansovyj-puzyr-i-prichiny-ego-vozniknoveniya/. Санаи муроҷиат: 12.01.2019
8. https://cyberleninka.ru/article/n/finansovye-puzyri-i-finansovye-krizisy. Санаи муроҷиат: 12.01.2019
9. https://investor100.ru/puzyri-na-finansovyx-rynkax/. Санаи муроҷиат: 12.01.2019

# МАЪЛУМОТ ВА ДОНИШ ДАР СИСТЕМАҲОИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

**Мирзоев А.Р. -** д.и.п. профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии ДБССТ
**Салиев О.Қ.**- н.и.п.,дотсенти кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии ДБССТ
**Ғафоров З.Б.-** ассистенти кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии ДБССТ
**Файзалии М.-** ассистенти кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии ДБССТ

Маълумот ва дониш дар системаи зеҳни сунъӣ (ЗЕҲНИ СУНЪӢ) нақши муҳим доранд. Зеҳни сунъӣ метавонад барои эҷод, ташкил ва тақсимоти дониш ва маълумот аз рушди худи зеҳни сунъӣ истифода шавад. Инҳоянд баъзе ҷанбаҳои марбут ба маълумот ва дониш дар системаи зеҳни сунъӣ:

**Нигоҳдорӣ ва ташкили дониш:** зеҳни сунъӣ метавонад миқдори зиеди донишро дар шакли сохторӣ нигоҳ дорад ва ташкил кунад. Дониш метавонад дар шакли онтология, пойгоҳи додаҳо, моделҳои графикӣ ва дигар форматҳо пешниҳод карда шавад. зеҳни сунъӣ метавонад ин донишро барои иҷрои вазифаҳои гуногун, аз қабили ҷустуҷӯи иттилоот, таҳлили маълумот ва ҳалли мушкилот истифода барад.

**Омӯзиш ва мутобиқшавӣ:** Зеҳни сунъӣ - ро дар асоси дониш ва маълумоти мавҷуда омӯхтан мумкин аст. Инро тавассути истифодаи усулҳои омӯзиши мошинсозӣ ба даст овардан мумкин аст, ки дар он зеҳни сунъӣ маълумотро таҳлил мекунад ва намунаҳоро барои қабули қарорҳо ё иҷрои вазифаҳо ба даст меорад. Дар ҷараени омӯзиш, зеҳни сунъӣ метавонад дар асоси маълумот ва таҷрибаҳои нав мутобиқ ва такмил ёбад.

**Ҷустуҷӯи иттилоот ва коркарди матн:** Зеҳни сунъӣ метавонад барои ҷустуҷӯ, таҳлил ва истихроҷи иттилоот аз миқдори зиёди маълумоти матнӣ истифода шавад. Системаҳои зеҳни сунъӣ метавонанд алгоритмҳои коркарди забони табииро барои фаҳмидани матн, таъкид кардани далелҳои асосӣ ва контексти маъноӣ истифода баранд. Ин ба зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки ба саволҳо ҷавоб диҳад, матнҳоро ҷамъбаст кунад ва дигар вазифаҳои марбут ба коркарди матнро иҷро кунад.

**Тавсияҳо ва фардикунонӣ:** Зеҳни сунъӣ метавонад барои пешниҳоди тавсияҳои фардӣ ва омӯзиши фардӣ истифода шавад. Дар асоси таҳлили маълумоти донишҷӯён, зеҳни сунъӣ метавонад маводи таълимӣ, супоришҳо ва захираҳоеро пешниҳод кунад, ки ба талабот ва сатҳи дониши ҳар як донишҷӯи алоҳида бештар мувофиқат кунанд.

**Системаҳои саволу ҷавоб:** Зеҳни сунъӣ метавонад барои сохтани системаҳои саволу ҷавоб истифода шавад, ки метавонанд ба саволҳои донишҷӯён ҷавоб диҳанд ва ба онҳо маълумоти зарурӣ диҳанд. Инро бо истифода аз усулҳои коркарди забони табиӣ ва алгоритмҳои омӯзиши мошинсозӣ амалӣ кардан мумкин аст.

**Тадқиқот ва инноватсия:** Зеҳни сунъӣ метавонад ҳамчун воситаи таҳқиқот ва навоварӣ дар соҳаи маориф хизмат кунад. Бо истифода аз усулҳо ва усулҳои зеҳни сунъӣ, муҳаққиқон ва омӯзгорон метавонанд равишҳои нави таълимро таҳқиқ кунанд, усулҳои инноватсиониро таҳия кунанд ва технологияҳои нави таълимиро эҷод кунанд.

Дар маҷмӯъ, зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф имкониятҳои навро барои ташкил ва тақсимоти дониш, фардикунонии омӯзиш ва рушди донишҷӯён, инчунин таҳқиқот ва навоварӣ дар соҳаи маориф фароҳам меорад. Аммо, татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф низ диққатро талаб мекунад ба омилҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои ахлоқӣ, махфияти маълумот ва зарурати мувозинат байни автоматизатсия ва нақши омӯзгор. Таҳия ва татбиқи системаҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф бо назардошти ниёзҳо ва арзишҳои ҷомеаи таълимӣ, инчунин бо назардошти самаранокӣ ва принсипҳои ахлоқӣ муҳим аст.

**Маълумот ва дониш:**

*Маълумот далелҳои алоҳидае мебошанд, ки объектҳо, равандҳо ва падидаҳои соҳаи предмет, инчунин хосиятҳои онҳоро тавсиф мекунанд.*

Ҳангоми коркард дар компютер маълумот табдил дода мешавад, ки шартан аз марҳилаҳои зерин мегузарад:

- D1 - маълумот дар натиҷаи андозагирӣ ва мушоҳидаҳо;
- D2 - маълумот дар бораи воситаҳои ахбори омма;
- D3 - моделҳои маълумот (сохторҳо) дар шакли диаграммаҳо, графикҳо, функсияҳо;
- D4 - маълумот дар компютер бо забони тавсифи додаҳо;
- D5 - пойгоҳи додаҳо дар васоити нигаҳдории мошин.

Мисол: ИВАНОВ, ПЕТРОВ, СИДОРОВ, 15 см, 20 см, 60-сола, 15-сола.

Дониш - ин қонуниятҳои соҳаи фаннӣ (принсипҳо, робитаҳо, қонунҳо) мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти амалӣ ва таҷрибаи касбӣ ба даст омада, ба мутахассисон имкон медиҳад, ки масъалаҳоро дар ин соҳа гузошта ва ҳал кунанд.

Ҳангоми коркард дар компютер, дониш шабеҳ ба додаҳо табдил меёбад.

- Z1- донистани хотираи шахс дар натиҷаи тафаккур;
- Z2 - барандагони моддии дониш (китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ);
- Z3 - соҳаи дониш - тавсифи шартии объектҳои асосии соҳаи предметӣ, сифатҳо ва қолабҳои пайвасткунандаи онҳо;
- Z4 - донише, ки бо забонҳои муаррифии дониш тавсиф шудааст;
- Z5 - базаи дониш дар васоити нигаҳдории мошин.

• **Маълумот:** аналгин

• **Дониш:** 1) аналгин дору аст

2) агар ҳарорат баланд бошад, пас шумо бояд аналгин гиред

**Маълумот:** 5

**Дониш:** 1) Аниса 5 себ дорад

2) барои пардаҳо 5 метр матоъ лозим мешавад

**Маълумот:** «Мошон», «Пупсик».

**Дониш:** «Мошон ва Пупсик - гурба»;

**Дониш дорои чунин хусусиятҳо мебошад:**

• тафсирпазирии дохилӣ,

• сохторбандишуда

• пайвастшавӣ

• метрикаи маъноӣ(семантикӣ)

• фаъолият

**Категорияҳои дониш**

• Сатҳӣ

• Чуқур

Маълумот ва дониш дар зеҳни сунъӣ (ЗС) барои онҳое, ки мехоҳанд технологияро таҳия ва татбиқ кунанд, муҳим аст. Инҳоянд баъзе ҷанбаҳои асосии таълим ва дониш дар зеҳни сунъӣ:

1. **Математика ва омор**: зеҳни сунъӣ асосан ба усулҳои математикӣ ва оморӣ асос ефтааст. Фаҳмиши алгебраи хаттӣ, назарияи эҳтимолият, омор ва оптимизатсия барои кор бо алгоритмҳои омӯзиши мошинсозӣ ва омӯзиши амиқ муҳим аст.

2. **Барномасозӣ:** Донистани забонҳои барномасозӣ ба монанди Python, Java ё C++ барои татбиқ ва озмоиш бо алгоритмҳои зеҳни сунъӣ зарур аст. Омӯзиши китобҳо ва чаҳорчӯбаҳо ба монанди TensorFlow, PyTorch ё ки scikit-learn инчунин барои кор бо асбобҳои мавҷудаи омӯзиши мошинсозӣ муфид аст.

3. **Омӯзиши мошинсозӣ ва омӯзиши амиқ:** Омӯзиши мафҳумҳо ва алгоритмҳои асосии омӯзиши мошинсозӣ калиди фаҳмидани кори зеҳни сунъӣ мебошад. Ин омӯзиши намудҳои гуногуни моделҳоро дар бар мегирад, ба монанди моделҳои хаттӣ, дарахтони қарорҳо, усулҳои векторҳои дастгирӣ ва шабакаҳои нейронӣ. Омӯзиши амиқ, ки зергурӯҳи омӯзиши мошинсозӣ мебошад, ки ба шабакаҳои нейронӣ бо қабатҳои бештар тахассус дорад, инчунин як ҷанбаи муҳим аст.

4. **Коркарди забони табиӣ:** зеҳни сунъӣ соҳаи коркарди забони табииро (Natural Language Processing, NLP) дар бар мегирад, ки бо таҳлил ва тавлиди матн бо забонҳои табиӣ машғул аст. Омӯзиши усулҳо ва алгоритмҳои NLP, аз қабили таснифи матн, истихроҷи иттилоот ва тавлиди матн барои кор бо маълумоти матнӣ муфид аст.

5. **Кор бо маълумот:** Фаҳмидани мафҳумҳо ва усулҳои асосии кор бо маълумот, аз ҷумла коркарди пешакӣ, таҳлил ва визуализатсияи маълумот барои кор бо алгоритмҳои зеҳни сунъӣ муҳим аст. Омӯзиши усулҳои асосии оморӣ ва малакаҳои пойгоҳи додаҳо метавонад муфид бошад.

6. **Ахлоқ ва амният:** Азбаски зеҳни сунъӣ ба ҷомеа таъсири эҳтимолӣ дорад, фаҳмидани масъалаҳои ахлоқии марбут ба истифодаи он муҳим аст. Омӯзиши масъалаҳои шаффофият, адолат, махфият ва масъулият дар заминаи зеҳни сунъӣ метавонад дар таҳия ва татбиқи системаҳои ахлоқӣ ва бехатар кӯмак кунад.

7. **Тадқиқот ва инноватсия:** Зеҳни сунъӣ як соҳаи босуръат рушдебанда аст, аз ин рӯ бохабар будан аз таҳқиқот ва навовариҳои охирин муҳим аст. Хондани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар конфронсҳо ва муошират бо муҳаққиқон дар ин соҳа ба пешрафти соҳаи зеҳни сунъӣ мусоидат мекунад.

Ин танҳо шарҳи умумии таҳсилот ва донишест, ки барои кор дар зеҳни сунъӣ зарур аст. Бояд қайд кард, ки зеҳни сунъӣ як соҳаи бисерҷанба ва бисерсоҳавӣ мебошад ва барои омӯзиши он ихтисосҳо ва равишҳои гуногун мавҷуданд. Омӯзиши муфассали ҳар яке аз ин ҷанбаҳо вақт, кӯшиш ва таҷрибаи амалиро талаб мекунад.

Агар шумо ба омӯзиши зеҳни сунъӣ таваҷҷӯҳ дошта бошед, тавсия дода мешавад, ки аз курсҳои асосӣ ва маводҳои дар интернет мавҷудбуда оғоз кунед. Бисер захираҳои ройгон ва пулакӣ мавҷуданд, аз ҷумла курсҳои онлайн, китобҳои дарсӣ, блогҳо ва дарсҳои видеоӣ, ки метавонанд ба шумо дар ин соҳа шинос шуданро оғоз кунанд. Инчунин ба назар гирифтан лозим аст, ки ба ҷомеаҳои зеҳни сунъӣ

ҳамроҳ шавед, ки дар он шумо метавонед дониш мубодила кунед, саволҳо диҳед ва дар лоиҳаҳо иштирок кунед.

Ниҳоят, таҷрибаи амалӣ калиди фаҳмиши амиқи зеҳни сунъӣ мебошад. Кор дар лоиҳаҳои воқеӣ, иштирок дар таҳлили маълумот ва сохтани моделҳои зеҳни сунъӣ -и худ ба шумо кӯмак мекунад, ки донишҳои омӯхтаатонро дар амал татбиқ кунед ва малакаҳои худро инкишоф диҳед.

Зеҳни сунъӣ як соҳаи фаъолона рушдёбанда аст ва муҳим аст, ки омӯзишро идома диҳед ва тамоюлҳои охирини тадқиқотро пайгирӣ кунед, то аз навтарин пешрафтҳо ва имкониятҳо дар ин соҳа бохабар бошед.

**АДАБИЁТ**

1. Каллан Р. Основные концепции нейронных сетей, М.: Издат. дом «Вильямс» 2001.

2. Гаврилова Т.А., Червинская К.Р. Извлечение и структурирование знаний для экспертных систем. Москва, «Радио и связь», 1992 г.,-200 .с

**3.** Гаврилова Т.А., Муромцев Д.И. Интеллектуальные технологии в менеджменте, Учебное пособие, Высшая школа менеджмента СПбГУ. Издат. дом С-Петерб. гос. ун-та, 2007 - 488 с.

## УСУЛҲОИ БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Хидиралев Р.З. - и.в. дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ ДБССТ**

**Ҷаборова Н. - магистрати курси 2-юми ихтисои «Молия ва қарз» ДБССТ**

Дар шароити имрӯза усулҳои баҳодиҳии самаранокии назорати лоиҳаҳои сармоягузори яке аз қисмҳои асосии раванди идоракунии лоиҳаҳои сармоягузори дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд. Барои баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузори ва усулҳои истифодабарии онҳо имтиёзҳои бештар пешниҳод карда шудааст, ки сармоягузорон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шаванд. Дар ҳолати сармоягузориҳо зиёд гардад дар тамаоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат аз ҷумла маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, зиёдшавии ҷойҳои корӣ, даромади аҳоли, даромади буҷети давлатӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт таъсири худро мерасонанд.

Ин гурӯҳи усулҳо мураккаб буда, ба инобат гирифтани шумораи зиёди ҷанбаҳои гуногунро талаб мекунад. Одатан, онҳо барои арзёбии лоиҳаҳои сармоягузории дарозмуддат истифода мешаванд, ки ҳангоми татбиқи онҳо сармоягузориҳои иловагиро талаб мекунанд [3. с. 62].

Донистан муҳим аст, ки ҳангоми истифодаи усулҳои динамикӣ, ҷузъи муҳими ҷустуҷӯи меъёрҳо тахфиф мебошад, ки имкон медиҳад даромад ва хароҷотро ба арзишҳои воқеӣ наздик шавад. Тахфиф (дисконтирование) – ин раванди табдил додани арзишиояндаи гардиши пули нақд ба арзиши ҳозираи он мебошад. Ҳангоми интихоби меъёри тахфиф бояд сатҳи таваррум, арзиши ҳамаи манбаъҳои маблағ барои сармоягузорӣ ва нишондиҳандаҳои эҳтимолии хавфҳоро ба назар гирифт.

Дар амал аксар вақт чунин мешавад, ки аз сабаби надоштани таҷрибаи кофӣ мутахассисони дохилӣ дар интихоби усулҳо ҳисобкунии самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ гум мешаванд, онҳо маҷмӯи нодурусти нишондиҳандаҳо, афзалиятҳо ва объектҳои арзёбиро худашон интихоб мекунанд. Натиҷаи натиҷа хулосаҳо на ҳамеша манфиатҳои ҳамаи иштироккунандагони лоиҳаро ба назар мегиранд ва

баъзан субъективӣ мебошанд. Дар баъзе мавридҳо, барои тасвири объективӣ, ҳисобкунии иловагии нишондиҳандаҳои шабеҳ бо ҷалби коршиносони мустақил талаб карда мешавад [5. с. 33].

Сифат ва самаранокии арзёбии натиҷаи лоиҳаҳои сармоявӣ дар корхонаҳо вобаста аст аз системаҳо ва принсипҳое, ки дар арзёбӣ истифода мешаванд. Дар асоси омӯзиш аз сарчашмаҳои гуногун, мо метавонем маҷмӯи пешниҳоду усулҳои баҳодиҳӣ дар системаи идоракунии лоиҳаҳои сармоявиро пешниҳод кунем (Расми 1).

Чун қоида, корхонаҳо худсарона мӯҳлати заруриро муайян мекунанд. Дар он арзиш баргардонида ва давра бо он муқоиса карда мешавад, ки аз таҳлили корхонаи мазкур бармеоянд. Бо истифода аз меъёрҳо корхона кушиш мекунад, ки муҳлати барагрдонидани хароҷоти худро кам кунад. Кӯтоҳтар карда гуем давраи баргардонидан маънои барқарор кардани маблағҳои қаблан яхкардашударо дорад. Муддати дароз барои баргардонидани маблағи гузошташуда барои ширкат зараровар аст, чун ки он ба хатар ва номуайянӣ алоқаманд аст (масалан, дар вазъияти бекурбшавии пул, омилҳои иқлимӣ, хавфҳои ҷамъиятиву сиёсӣ).




**Расми 1. Усулҳои баҳодиҳии самарранокии системаи назоратӣ лоиҳаҳои сармоявӣ**

Давраи баргардонидани хароҷоти асосӣ ($О_з$) дар асоси истифодаи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$О_з = \frac{N}{CF} \quad (1)$$

**дар ин ҷо:**

N - хароҷоти умумӣ бо сомонӣ;

CF - даромадҳои миёнаи накдӣ (бо сомонӣ/сол).

Бартарии усули арзёбии сармоягузорӣ барои баргардонидан маблағ содда будани ҳисобу китоби муҳосиби мебошад. Камбудии ин усул сарфи назар кардани тағйирёбии арзиши пул бо мурури замон ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин гардиши пули накд баъди ба охир расидани муҳлати баргардонидани маблағ ба назар гирифта намешавад. Аз ин рӯ, ин усул барои истифода дар ибтидои марҳилаҳои арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавсия дода мешавад. Ин имкон медиҳад, ки лоиҳа то таҳлили муфассали минбаъда бекор карда шавад.

Бозгашти хароҷоти асосӣ ин таносуб байни самараи корхона аз тамоми хароҷоти ба амал баровардашуда лоиҳаи сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба усули муайян кардани таъсирот (фоидаи соф, фоидаи соф+фоизи қарзҳо, фоидаи соф+амортизатсия ва ғайра) навъҳои гуногуни даромади хароҷоти асосӣ ба амал омада метавонад.

Ин нишондиҳандаро метавон барои баҳодиҳии пешакии корхонаҳои рақобаткунанда истифода бурд. Аз якчанд ширкатҳои муқоисашуда, аз ҳама бартарии зиёд он ҳамоне аст, ки дар он суръати оддии даромад баландтарин мебошад. Меъёри баҳисобгирии даромад (ARR), инчунин сатҳ номида мешавад, фоидаи сармоягузорӣ (ROI) фоизи миёнаро ифода мекунад - фоидаи соф ба арзиши хароҷоти ибтидоӣ —дар давраи баромадани лоиҳа дида мешавад. Умуман меъёри баҳисобгирии даромад метавонад ба таври зерин пешниҳод карда шавад:

$$ARR = \frac{Z_n}{N} * 100 \quad (2)$$

**дар ин ҷо:**

Zn - фоидаи софи солонаест, ки дар рафти фаъолияти лоиҳа ба даст оварда мешавад.

N - арзиши сармоя, маблағҳое, ки барои хароҷоти асосӣ дар ибтидо истифода мешаванд.

Вобаста ба усули ҳисоб андозае, ки дар сурат ва махраҷ ба вуҷуд меояд, мумкин аст якчанд вариантҳоро барои баҳисобгирии даромаднокӣ таъқид кунем:

$$ARR_I = \frac{Z_n + 0}{N} * 100 \ (3)$$

$$ARR_{II} = \frac{Z_n}{N_w} * 100 \ (4)$$

$$ARR_{III} = \frac{\overline{Z_n}}{N} * 100 \ (5)$$

$$ARR_{IV} = \frac{\overline{Z_n}}{\frac{N}{2}} * 100 \ (6)$$

**дар ин ҷо:** $Z_n$ - фоидаи софи солона; $\overline{Z_n}$ – даромади софи солона, барои тамоми давраи амали лоиҳа ҳисоб карда мешавад; N – иштироки сармояи умумӣ, $N_w$ – маблағи сармояи саҳомии ҷалбшуда мебошад (сармояи оинномавӣ), О - фоизи солонаи қарзҳо [7. с. 45].

Формула (3) ва (4) ба давраи солона асос ёфтаанд. Нуқтаи оғоз ҳангоми ҳисоб кардани онҳо ин интихоби муқаррарии муайян аст, ки дар давоми солҳои давомнокии лоиҳаи сармоявӣ пешбинӣ шудааст. Маълумот марбут ба ин намуд бояд дар тамоми давраи истифодаи объект пурратар тавсиф карда шавад, аз ҷумла тавсифи пурраи истифода бурдани иқтидорҳои истехсолӣ. Дар амал интихоб чунин сол душвор буда метавонад. Миқдори истеҳсол ва маблағи фоизи карзҳои ҷалбшуда, инчунин қонунҳои андоз метавонанд сол то сол фарқ кунанд.

Бо назардошти ин душвориҳо пешниҳод карда мешавад, ки андозаи миёнае, ки дар формулаҳои (5) ва (6) дохил карда шудаанд, истифода шавад. Меъёри даромадноки ҳисобдорӣ имкон медиҳад, ки ба таври содда фоиданокии (рентабельность) лоиҳаҳои инфиродии сармоягузоро баҳо дода дар байни бисёр

лоиҳаҳо фоидаовартаринаш интихоб карда шавад. Дар ҳолати аввал, фоидаро муқоиса кардан лозим аст, ки ин дар асоси фоиз ё арзиши сармояи корхона дар бозор муайян карда мешавад. Дар мавриди дуюм, аз ҳама корхонаи камхарҷ оне ҳисобида мешавад, ки бо меъёри махсуси баҳисобгирӣ тавсиф мешавад. Меъёри баҳисобгирии даромад, ба монанди давраи баргардонидани фоида тағирёбии арзиши пул бо мурури замон ба назар гирифта намешавад. Ҳангоми ҳисоб кардани он таваҷҷӯҳ ба арзиши номиналии пул ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз ин сабаб, вай метавонад танҳо воситаи ёрирасон барои арзёбии самаранокии сармоягузорӣ лоиҳаҳо шавад.

Моҳияти ҳамаи усулҳои арзёбишуда ба нақшаи оддии зерин асос ёфтааст: сармоягузории ибтидоӣ дар татбиқи лоиҳа гардиши пули нақдро ба вуҷуд меорад.

Дар чунин шароити сармоягузорӣ ва вазни умумии ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҷаҳон барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ ҳоҷате ҳам нест, то ки сармояи самаранок ва фоидаоварро ба иқтисодиёти худ ҷалб намояд. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани сиёсати босамари ҷалби сармояи хориҷӣ дар ин давлатҳо вазифаи муҳим ва мушкили ҳукумати онҳо буда, вақт ва қувваю иқтидори бузургро талаб мекунад.

**Ҷадвали 2.**

**ТАСНИФИ МЕТОДИКАҲОИ АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ**

| МЕТОДИКА | НУКТАҲОИ АСОСӢ | ХУСУСИЯТ |
|---|---|---|
| Д.В. Муха | Методикаи баҳодиҳии комплексӣ дар асоси ташкили нишондиҳандаи интегралӣ, ки ҳафт гурӯҳи омилҳоро ба ҳисоб мегирад: фаъолнокии ҷалбкунӣ (4 нишондиҳанда), бехатарии иқтисодӣ ва сармоягузорӣ (10), рақобатпазирии иқтисодиёт (4), самаранокии кори ташкилот бо сармояи хориҷӣ (10), самараи иҷтимоӣ аз сиёсати амалишавандаи ҷалби СМХ (3), самараи интегратсияи иқтисодии минтақавӣ (5), муҳити сармоягузорӣ ва корӣ дар мамлакат (3) | Мураккабии ҳисобу китоб, зарурати миқдори зиёди маълумоти ба ҳар як муҳаққиқ дастраснабуда |
| Б. Яворчик | Баҳодиҳии таъсири самараҳои ғайри мустақими СМХ ба ҳосилнокии корхо наҳои мамлакати гирандаи сармоя (ретсипиент) тавассути амсилаҳои эконометрӣ | Самти танги методика |
| Методикаи ЮНКТАД (World Investment Report) | Баҳодиҳии неруи ҷалбкунандаи СМХ аз тарафи мамлакатҳои ҷаҳон бо ёрии шохисҳои (индексҳои) гуногун (индекси ҳақиқии ҷалби СМХ, индекси потенсиалии ҷалбкунӣ, индекси иштироки СМХ дар иқтисодиёт), ки дар асоси онҳо рейтинг тартиб дода мешавад | Мавҷуд набудани арзёбии сифати СМХ-и ҷалбшаванда ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти мамлакати дилхоҳ (аз сабаби мавҷуд набудани ахбор оид ба иштироки ширкат- ҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти як қатор мамлакатҳо) |
| М.П. Кукла | Арзёбии самаранокии ҷалби сармоя дар асоси се гурӯҳи нишондиҳандаҳо: дараҷаи иштироки сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёт, самаранокии мутлақ ва муқоисавии СМХ, самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ пас аз ҷалби сармоя | Ин тарзи муносибат ба он тахмин асос ёфтааст, ки ширкатҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ коркунанда |

| | | |
|---|---|---|
| | | фаъолияти худро дар муқоиса бо ширкатҳои ватанӣ нисбатан самараноктар амалӣ мегардонанд |
| Е.Г. Гужва ва дигарон | Самаранокии ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар асоси нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, шарҳ дода мешавад, ки он фаъолияти корхонаро дар ҳамкорӣ бо сармояи хориҷӣ тавсиф менамояд | Ин методика танҳо барои секторҳои истеҳсолии иқти содиёт мутобиқ гардонида шудааст |

**Сарчашма: коркарди муаллиф дар доираи маводи [4].**

Далелҳои расмӣ гувоҳи онанд, ки сармоя асосан ба бозорҳои муайян том ҳаракат дорад. Дигар давлатҳои пасмонда бошанд, бо роҳҳои гуногун сармояи нисбатан сифаташ паст ва тезҳаракатро ҷалб намуда, истифода мебаранд. Умуман, дар давлатҳои сершумори рӯ ба тараққӣ ҷалби сармояи хориҷӣ масъалаи ҳалталаб мебошад.

Таҳлили методикаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда нишон медиҳад, ки дар бобати муайян намудани самаранокии ҷалби сармояи муносибати ягонаи методологӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, ҳар яке аз ин методикаҳои овардашуда як қатор ҷанбаҳоеро тавсиф медиҳанд, ки онҳо бо хусусиятҳои суръатафзоии СХ алоқамананданд [6. с. 20].

Ҳамин тариқ, арзёбии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои сармоягузорон ва қарздиҳандагон масъалаи асосӣ мебошад. Ҳамзамон дар байни иқтисодчиён ва таҷрибачиён методологияи ягонаи арзёбӣ вуҷуд надорад. Аҳамият додан лозим аст, ки чунин навъҳои гуногуни усулҳо баҳодиҳии самаранокии лоиҳаи маблаггузориро содда намегардонад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2016, № 357 қабул гардидааст (ҚҶТ аз 3.08.2018 № 1547).
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – С. 6.
3. Султонзода И.М., Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон). - Душанбе – 2020. -172 с.
4. Мартынов, А.Д. Активизация инвестиционной политики // Экономист. 2002. - № 9. - С. 54.
5. Идрисов, А. Б., Картышев С.В., Постников А.В. Стратегическое плани- рование и анализ эффективности инвестиций. - М.:Информационно-издательский дом “Филинъ”, 2007. - 272 с.
6. Шарикова И. В., Дмитриева О. В., Шариков А. В., Фефелова Н. П., Лысова Т. А. Анализ инвестиций в агропромышленный комплекс – от отдельного проекта до отрасли в целом // Экономический анализ: теория и практика. 2014. № 47 (398). С. 57.
7. Бердиев Р.Б., Шохруз М., Майдаева М.С. Сущность и социально-экономическое значение инвестирования экономики // Вестник Таджи-кского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2016. -№ 2/10 (219). - с. 140.

# АСОСҲОИ ИЛМӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ВА ҲУҚУҚИ ГУМРУК

**Нодиров Ф.М.-дотсенти ДБССТ**
**Раҳимов С.О.-ассистенти ДБССТ**

Масъалаи мазмун ва сохти фаъолияти гумрукӣ на танҳо дорои аҳамияти концептуалӣ-назариявӣ, балки дорои аҳамияти амалӣ низ мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки санади асосии танзимкунандаи фаъолияти гумрукӣ Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мутобиқи санади мазкур танзими гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ба танзми гумрукии муносибатҳои ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории кишвар, дар муқаррар намудани тартиб ва қоидаҳои танзими фаъолияти гумрукӣ ифода меёбад.

Фаъолияти гумрукӣ маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таъмини риояи тартиб ва шартҳои воридот ва содироти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигоҳдорӣ ва истифодаи онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он, тартиби анҷом додани амалиётҳои гумрукӣ, тартиби ҳисоб, пардохт, ситонидан ва таъмин намудани пардохтҳои гумрукӣ, боҷҳои махсус, зиддидемпингӣ, ҷубронӣ, тартиби гузаронидани назорати гумрукӣ, тартиби риояи мамнӯият ва маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин таъмини татбиқи муносибатҳои ҳокимиятӣ байни мақомоти гумрук ва шахсоне, ки ҳуқуқи тасарруфӣ, истифода ва ихтиёрдории молҳоро доранд [1, с.2-5].

Хусусиятҳои фарққунандаи фаъолияти гумрукӣ ба таври умумӣ ифода меёбанд, ки онҳо якум, хусусияти мураккаб ва комплексӣ доранд, дуюм, унсурҳои таркибии он гуногунранг мебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки фаъолияти гумрукӣ дорои сохтори бо хусусиятҳои хос мебошад, аз ҷумла: функтсияҳои сершумор, гуногунрангии унсурҳои таркибию қисматии он.

Ҳамзамон, хусусияти махсуси фаъолияти гумрукӣ маҳз дар сершумории функтсияҳои он ифода меёбад. Масалан, сиёсати гумрукӣ, пардохтҳои гумрукӣ ва қисмати ҳифозати ҳуқуқии он вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ ва ҷавобгарӣ барои содир намудани онҳо ва аз ҷумла фаъолияти мурофиавии мақомоти гумрук.

Воқеан ин ҳодисаҳо, инстутутҳои беҳамто, ҳамчун қисмати алоҳида ва унсури таркибии категорияии умумии «Фаъолияти гумрукӣ» мебошанд.

Фаъолияти гумрукӣ ба маънои васеъ аз институт ва категорияҳои фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи гумрукӣ, мафҳумҳои асосӣ ва институтҳои ҳуқуқи байналмилалии гумрукӣ иборат мебошад.

Ба ҳайси қисматҳои таркибии фаъолияти гумрукӣ, ба ғайр аз қисматҳои зикршуда, инчунин омори гумрукӣ, Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, мубориза ба қочоқу дигар ҷиноятҳо дар бахши фаъолияти гумрукӣ, вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ ва истеҳсолот аз рӯи парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва ғайраҳоро дохил намудан мумкин аст.

Бо дарназардошти масъалаҳои зикршуда, чунин сохти фаъолияти гумрукиро пешниҳод намудан мумкин аст:

- сиёсати гумрукӣ;

- интиқоли молу воситаҳои нақлиёти тавассути сарҳади гумрукӣ;
- расмиёти гумрукӣ;
- танзими тарифӣ-гумрукӣ;
- пардохтҳои гумрукӣ;
- назорати гумрукӣ;
- омори гумрукӣ ва Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- қочоқу дигар ҷиноятҳо дар бахши фаъолияти гумрукӣ;
- вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ ва ҷавобгарӣ барои содир намудани онҳо;
- истеҳсолот аз рӯи парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ;
- баррасии кор аз рӯи парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ [2, с.8-10].

Қайд намудан зарур аст, ки таснифоти зикршуда хусусияти шартӣ дошта, имконияти таснифоти бештари онҳо низ вуҷуд дорад. Масалан, ба ҳайси қисмати алоҳида фаъолияти таҳқиқотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷуии мақомоти гумрукро ҷудо намудан мумкин аст. Умуман сохтори зикршуда, ифодакунандаи сохтори фаъолияти гумрукии Тоҷикистони муосир мебошад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти масъалаҳои матраҳшуда, сохтори фаъолияти гумрукиро тавсиф дода, дар бораи на дувоздаҳ, балки чаҳордаҳ қисмати фаъодияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳарф задан мумкин аст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки нақш ва аҳамияти ҳар як қисмати қайдшуда гуногун мебошад. Новобаста аз гуногунрангии онҳо вобаста ба хусусият ва мақсад, вобаста ба ҷойи онҳо дар низоми фаъолияти гумрукӣ, онҳо дар маҷмӯъ ягонагии органикиро ташкил дода, барои иҷрои мақсадҳои умумӣ, яъне вазифаҳои гумрукӣ хизмат менамоянд.

Фарқияти куллии байни сиёсати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукиро ҳамчун муҳимтарин унсурҳои фаъолияти гумрукӣ ва зертобеъ ва хизматрасони сиёсати гумрукӣ, баръало мушоҳида карда мешавад.

Ҳамзамон, меъёрҳои моддӣ ва мурофиавии ҳуқуқи гумрукиро ҷудо менамоянд, ки тавассути онҳо ҳолати ин ё он гурӯҳи қисматҳои фаъолияти гумрукӣ муайян карда мешаванд.

Меъёрҳои моддӣ ҳаҷм ва мазмуни ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти (вазъи маъмурию ҳуқуқӣ) иштирокчиёни муносибатҳои идоракуниро ба танзим медароранд. Меъёрҳои мурофиавӣ бошад, тартиби амалишавии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меъёрҳои моддии ҳуқуқи маъмурӣ муқаррар кардаро муайян мекунанд. Меъёрҳои мурофиавӣ дар навбати худ ба меъёрҳои расмиётӣ (позитивӣ) ва юрисдиксионӣ (негативӣ) тақсим мешаванд [3, с.10-12].

Назорати гумрукӣ ҳамчун қисмати фаъолияти гумрукӣ хусусияти байни сохторӣ дошта, дар ҳамаи давраҳои фаъолияти гумрукӣ ва аз ҷумла ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукӣ мушоҳида карда мешавад.

Назорати гумрукӣ гуфта, маҷмӯи тадбирҳо, аз ҷумла дар асоси арзёбӣ ва идоракунии таваккале, ки мақомоти гумрук бо мақсади таъмини риояи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, фаҳмида мешавад.

Ҳангоми назорати гумрукӣ мақомоти гумрук усулҳои интихобиро асос мекунанд ва одатан танҳо бо ҳамон навъи назорати гумрукӣ маҳдуд мешаванд, ки барои таъмини риояи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон кифоя аст.

**АДАБИЁТ**
1. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004, №12, қ.2 мод.704; 2017, №5, мод. 278; 2018, №2, мод.68; №7-8, мод. 528; 2019, №4-5, мод. 228; 2020. №1678
2. Ҳуқуқи гумрук. Васоити таълимӣ. Душанбе, 2022. С.14-17.
3. Ойев Х.О. Қодиров Ҷ.Ш. Ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурӣ. Душанбе, 2018. С.10-12.

# ПРОСТРАНСТВЕННОЕ РАЗВИТИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО БИЗНЕСА КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР, ОБЕСПЕЧИВАЮЩИЙ ДИНАМИЧНОЕ РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИКИ РЕГИОНА

Джураева Х.Х. - старший преподаватель МУТиПТ

В настоящее время, деятельность субъектов экономики региона играет большую роль в пространственном размещении производительных сил и способствует развитию и достижению экономической стабильности каждого государства. Оно является гарантом устойчивости экономики, высоких темпов продуктивности всех отраслей народного хозяйства.

В связи с этим, в Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, одной из главнейших задач в развитии регионов страны, является расширение и укрепление среднего класса. В целях решения поставленных задач важными условиями будущего развития страны являются: наличие профессионального правительства, способного координировать и регулировать хозяйственную деятельность, обеспечивать долгосрочное устойчивое и инклюзивное развитие; дальнейшее формирование в стране смешанной экономики, развитие которой стимулирует частное предпринимательство и инвестиционную активность; вовлеченность гражданского общества в процесс развития [2.С.13].

В связи с этим Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Э. Рахмон, в своем Послании отметил, что «Обеспечение продуктивной занятости населения является одной из стратегических целей государства, для его реализации необходимо принять отраслевые и региональные программы»[3.С.13].

Деятельность субъектов экономики региона считается основным элементом инновационного и производственного характера экономики страны. В РТ, их деятельность также является основой устойчивого развития национальной экономики.

Одной из основных задач развития экономики является постоянно производящийся, связанно с фактором пространственных экономических трансформаций, то есть формирование единого экономического пространства. С точки зрения французского экономиста Перру Ф. «Экономическое пространство - силовое поле, порождаемое фирмами и их взаимосвязями»,[1.С.77-93] что, по нашему мнению, напрямую связанно с деятельностью различных субъектов хозяйствования, в том числе и малых предприятий. Из вышеприведённого понимания экономического пространства следует, что его составляющими являются: 1) хозяйствующие субъекты; 2) отношение и взаимодействие между ними; 3) механизмы регулирования, определяемые институциональными условиями, созданными на территории (совокупность норм, правил регулирования отношений и др. Пространственное распределение экономической деятельности является целесообразном, в виду различий в социально-экономическом

положений территорий и связанно, прежде всего с рациональным разделением труда, размещением природных ресурсов, формированием эффективных пропорций хозяйственного взаимодействия различных экономических субъектов большая роль, которая принадлежит сектору МСБ (малое и средний бизнес). Отдельные ученые пространственное развитие территорий связывают с кластерами. Во многих странах мира, в том числе и Республики Таджикистан формирование кластеров стало важной частью государственной политики в области регионального развития. Целями этой политики являются развития малых и средних предприятий вокруг компаний, создание новых рабочих мест в конечном счете повышение инновационного потенциала отрасли и конкурентоспособности региона.

В регионах Республики Таджикистан, административный центр областей, в частности Хатлонской области, представляет собой совокупность финансовых, инвестиционных, инновационных и людских ресурсов, закономерности и особенности размещения которых в аспекте пространственных экономических образований страны, требует тщательного изучения. Так как пространственное изменение структуры городов, сопряжено со значительными финансовыми расходами и человеческими ресурсами, а также с временными факторами, то для их исследования необходимо изучение теоретических моделей, которые учитывают пространственное развитие экономики.

По мнению автора теория М. Портера «Кластерная теория экономического развития», считается самым актуальным. М. Портер считает, что под понятием «кластер», нужно понимать группу географически соседствующих взаимосвязанных компаний, как поставщиков, так и производителей, и связанных с ними организаций, таких как образовательные организации, органы государственного управления, а также инфраструктурные компании, которые действуют в определенной сфере и дополняют друг друга. [4.С. 16-18]

Согласно теории М. Портера конкурентоспособность страны следует рассматривать через призму международной конкурентоспособности не отдельных ее фирм, а кластеров - объединений фирм различных отраслей, причем, принципиальное значение имеет способность этих кластеров эффективно использовать внутренние ресурсы. Им же разработана система детерминант конкурентного преимущества стран, получившая название «конкурентный ромб» (или «алмаз») по числу основных групп таких преимуществ.[5.С.7] (рис. 1).

**Рисунок 1. Конкурентные преимущества стран**



Источник: Составлено автором на основе конкурентного ромба Майкла Портера.

Кроме этого, существуют также два фактора, которые способны влиять на ситуацию в стране. Это, во-первых, государственная политика, и, во-вторых, случайные события, которые не подлежат контролю со стороны руководства компаний.

В процессе исследований были рассмотрены в 10 странах более 100 отраслей и их конкурентные возможности. В ходе исследований согласно теории М. Портер выяснилось, что все транснациональные компании, которые конкурируют на мировом рынке, не разбросаны по разным странам, а концентрируются в какой-либо одной стране, или иногда в определенном регионе страны. Причиной этому является то, что деятельность одной или несколько компаний, хозяйствующих на международном рынке, последовательно распространяется на ближайших фирм: поставщиков, потребителей и конкурентов. В свою очередь успехи ближайших фирм незамедлительно отражаются на конкурентоспособности транснациональной компании [6. интернет ресурс].

Результатом подобного действия становится формирование так называемого «кластера», который по своей сущности является сообществом фирм и взаимосвязанных отраслей, деятельность которых направлена на повышения уровня конкурентоспособности друг друга. В итоге «кластеры» способствуют развитию внутреннего рынка государства. После развития одного кластера, формируются другие кластеры, которые положительно отражаются на международной конкурентоспособности страны. Конкурентоспособность государства удерживается посредством позиций сильных кластеров. Не будь этого, даже самая устойчивая экономика не даст необходимых результатов. Кластерную выгоду можно увидеть на рисунке 2.

**Рисунок 2. Кластерная выгода страны**




Источник: Составлен автором автором на основе кластерной теории экономического развития Майкла Портера.

В связи с этим, выделяют три вида кластеров, различающихся по своему экономическому характеру:

1. Регионально ограниченные формы экономической активности внутри родственных секторов, обычно привязанные к тем или иным научным учреждениям (НИИ, университетам и т. д.).

2. Вертикальные производственные цепочки; довольно узко определенные секторы, в которых смежные этапы производственного процесса образуют ядро кластера (например, цепочка «поставщик - производитель - сбытовик - клиент»). В эту же категорию попадают сети, формирующиеся вокруг головных фирм.

3. Отрасли промышленности, определенные на высоком уровне агрегации (например, «химический кластер») или совокупности секторов на еще более высоком уровне агрегации (например, «агропромышленный кластер») [7.С.5].

Эффективно функционирующие кластеры постепенно по истечении определенного времени, стимулируют крупные инвестиции и становятся объектом внимания государства. В этом случае кластеры становятся частью государственной экономической политики. Сотрудничество между кластерами приобретает обязательный характер, однако есть некоторые нюансы: утрачивается самостоятельность во многих направлениях, например самостоятельность поведения на рыке, самостоятельность освоения новых товаров, самостоятельность в приобретении новых технологий, самостоятельность выбора поставщиков и др.

В настоящее время ученные выделили и сгруппировали 7 основных характеристик кластеров, в соответствие с которыми выбирается та или иная стратегия (рис. 3.).

**Рисунок 3. Основные характеристики кластеров**




Источник: Составлен автором на основе кластерной теории экономического развития Майкла Портера.

Необходимо отметить, что кластерный метод исследования, в начале использовался в определении уровня конкурентоспособности компаний, размещенных в определенных странах. В данный момент, кластерный подход, применяют в процессе исследования более широкого круга задач (пространственное развитие экономики стран, промышленная политика государства, разработка программ по региональному развитию, стимулирование инновационной деятельности и др.). В связи с этим Всемирный экономический форум, для определения мирового рейтинга конкурентоспособности, использует методов, предложенных ученым экономистом М Портером.

Следует заметить, что в настоящее время отсутствуют методы, позволяющие оценить порядок размещения и функционирования городов, так как при интенсивном развитии научно-технического прогресса, возникла необходимость в размещении производительных сил, и именно эти силы нужно учитывать при создании и размещении, какого-либо предприятия в регионе. Существуют также факторы, влияющие на пространственное развитие субъектов экономики на той или иной территории (рис. 4.).

**Рисунок 4. Факторы пространственного размещения субъектов экономики региона**




Источник: Источник: Алтынбаев А.Р. Факторы пространственного размещения субъектов предпринима-тельства. Вестник Московского госуд. областного университета. Серия: Экономика, № 3, 2018, С. 29-36.

Пространственное развитие региональных экономических субъектов, в настоящее время, является новым направлением экономической науки, так как, его рассматривают как в узком, так и в широком понимании. В узком понимании субъекты экономики региона, представляют собой отдельные предприятия, организации и хозяйства определенного региона. В широком понятии, субъекты экономики региона, это когда осуществляются внешнеэкономические связи, направленные на интеграцию национальной экономики в мировое хозяйство.

Необходимо добавить, что в Республике Таджикистан и в ее регионах в данное время в основном преобладает сфера торговли. Поэтому решение социально-экономических проблем зависит от участия субъектов экономики в других направлениях специализации экономики, в результате чего развивается общество и государство в целом, а экономический субъект по своей сути, является основным фактором и

действующим механизмом, обеспечивающим динамичное социальное, экономическое, культурное развитие страны.

**Список источников**


1. Перру Ф. (2007). Экономическое пространство: теория и приложения // пер. А.П. Горюнов. Пространственная экономика. № 2. С. 77-93.
2. Национальная стратегия развития РТ на период до 2030 года С. 13
3. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» 23.12.2022 12:30, г. Душанбе.
4. Джураева Х.Х. «Основные вопросы развития пространственной и региональной экономики Хатлонской области». Финансово-экономический вестник №3(32), научно-практ. журнал. Стр. 18-29. Душанбе 2022 г.
5. Портер М. Международная конкуренция. - М., Межд. отношения, 1993. С. 7.
6. Мигранян А.А. «Теоретические аспекты формирования конкурентоспособных кластеров». Интернет-ресурс: http://www.krsu.edu.kg/vestnik/v3/a15.html
7. Цихан Т.В.«Теория и практика управления», №5, 2003 г. С. 5.
8. Алтынбаев А.Р. Факторы пространственного размещения субъектов предпринимательства. Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Экономика, № 3, 2018, С. 29-36.


## САМАРАНОКӢ ВА НАТИҶАБАХШИИ НИЗОМИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ


**Ғуломова З.З.- муовини декани факултаи сайёҳии ДБССТ**


Дар шароити муосир, дар марҳилаи ташаккул ва рушди иқтисоди бозори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои нав ва шаклҳои нави моликият дар муносибатҳои иқтисоди пайдо шудаанд, ки аз нав дида баромадани низоми идоракунии равандҳои иқтисодиро талаб мекунанд. Мо гуфта метавонем, ки яке аз марҳилаҳои ибтидоии чараёни банақшагирии умумии аудит баҳодиҳии низоми назорати дохили мебошад, ки ҳадафи он муайян кардани намуд, вақт ва ҳаҷми расмиёти аудит чун сохтор ё фаъолияти баъзе унсурҳои мушаххаси низоми назорати дохили эҳтимолияти хатогиҳо ё таҳрифоти назаррасро дар ҳисоботи молиявии санҷишшаванда зиёд ё кам мекунад, навишта шудааст [2. с.95]. Дар шароити муосир самаранокии иқтисоди бо муқоисаи натиҷаҳои ниҳоии иқтисоди ва молияви бо захираҳое, ки барои ба даст овардани ин натиҷаҳо истифода мешаванд, тавсиф карда мешавад. Он тавассути консепсияҳои самараноки ва даромадноки худро зоҳир мекунад.

Сифати ҳамаҷонибаи аудиторҳои дохили вазифаи хеле душвор аст. Азбаски дар солҳои охир муаммоҳои назорати фаъолияти иқтисоди дар идоракунии иқтисодиёти корхона, пеш аз ҳама, бо тайёр кардани иттилоот барои қабули қарорҳои идоракуни ва назорати чараёни татбиқи онҳо робитаи зич доранд. Аввалан, мо бояд донем, ки натиҷаи фаъолияти назорати дохилиро дақиқ тавсиф кардан мумкин нест, зеро он аз вазъи фаъолият вобастаги дорад. Дуюм, мо медонем, ки баҳодиҳии сифати кори хадамоти аудити дохили-андешаи субъективии сатҳи болотари роҳбарият (маъмурият, директорон, саҳмдорон ва ғайра) мебошад. Сеюм, ба самаранокии низоми назорати аудити дохили ба муносибати роҳбарон ва кормандони корхонаҳо, инчунин, таваҷҷуҳи онҳо ба муваффақияти ниҳоии молияви ва иқтисоди таъсир мерасонанд, мебошад [3. с.58]. Ҳамзамон, сариваќтиву дақиқ будани мақсадҳои гузошташуда ва афзалияти воситаҳои ба онҳо ноил шудан ба дурнамоии минбаъда самаранокии фаъолияти хадамоти аудити дохилии корхонаи кишоварзи таъсири

ҳалкунанда мерасонад. Масалан, дар сурати истифодаи сарчашмаҳои бузург, ки аз сатҳи талабшаванда хеле зиёданд ва натиҷаҳои баръакс метавонанд бо хароҷоти ҳадди ақал бо суръати пасти истеҳсол ба даст оварда шаванд, натиҷаҳои баланди иқтисоди ба даст меоварад. Ҳамин тавр, арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии иқтисоди бояд танҳо ба таносуби маҳсулноки ва самараноки асос ёбад. Илова бар ин, нақшаи аудит, барномаи он, тартиботи аудит, ҳамкориҳои зич байни тамоми хизматрасониҳои корхона, инчунин, ҳайати кормандон, аз ҷумла кормандони оди, ба самаранокии низоми назорати дохили таъсир мерасонанд. Ин дар навбати худ, ба тағйири самтҳои стратеги, нақшави ва мақсадноки фаъолияти корхонаҳо мусоидат мекунад. Зуҳуроти сифатии мақоми ташкилот дар низоми иқтисодии ширкат нақши рӯзафзуни баҳисобгирии дохилихоҷаги ва назорат (аудит) дар идоракунии истеҳсолот ва таъмини фаъолияти устувор ва самарабахши сохтории онро тасдиқ менамояд. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, самаранокии идоракунии истеҳсолот аз сатҳи таъминоти иттилооти бештар вобасти дорад. Таҷриба корхонаҳоеро нишон медиҳад, ки ки дар шароити рақобати рушд мекунанд ва ба маълумоти фаврии баҳисобгирии муҳосиби дар бораи тамоми равандҳои кори ниёз дошта, ба муносибгардонии хароҷот ва қабули қарорҳои мушаххас оид ба идоракуни кумак мерасонанд. Ба ақидаи мо, баҳисобгирии муҳосибии имрӯза талаботҳои иттилоотии роҳбарони сатҳҳои гуногунро қонеъ намекунад ва ҳисоботи муҳосиби барои қабули саривақти ва фаври бо истифодаи маълумоти он ба қадри кофи нестанд. Ҳамгироии объективи ва зарурии усулҳои идоракуни бо низоми ягонаи баҳисобгирии идоракуни мавҷуд аст, аммо онҳо дар иқтисоди мутамарказ таҳти назорат қарор доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти илми оид ба масъалаҳои методология ва ташкили баҳисобгири ва назорати хоҷагидори, ки ба муҳити нави тиҷоратии субъектҳои хоҷагидори мувофиқат мекунанд, ниҳоят муҳим мебошад. Дар бисёр объектҳои истеҳсоли кормандон вазифаҳои корхона ва камбудиҳои онро хуб медонанд, таҷрибаи мусбии заруриро барои беҳтар кардани сифати фаъолияти корхона истифода мебаранд ва хадамоти назорати хоҷагидори ба пешниҳодҳо фавран вокуниш нишон медиҳанд, шикоятҳо ва аризаҳоро сари вақт барраси мекунанд, ки ин бо муваффақ шудан имкон дода, натиҷаҳои мусби медиҳад.

Фаъолияти аудитори дар шакли аудити беруна аз ҷониби ширкатҳои аудитори ё аудиторҳои мустақил гузаронида мешавад, ва аудити дохили бошад, аз ҷониби шуъбаҳои махсуси ташкилот гузаронида шуда, фаъолияти онҳо мавриди санҷиш қарор дода мешавад. Бояд қайд кард, ки аудити дохили, инчунин, дар муқоиса бо беруни хусусият, маъно, ҳадаф ва тарзҳои ташкилии гуногун дорад [4. с.78]. Мувофиқи таърифи қабулшудаи умуми, ба вазифаи асосии аудитори дохили кӯмак мерасонад дар ташкил ва самаранок иҷро кардани вазифаҳо ва ҳадафҳои мушаххас пешбини мешавад. Вай воситаи идоракуние ҳисобида мешавад, ки барои расидан ба ҳадафҳои идоракуни (кафолат) равона гардидааст. Самараноки ва натиҷабахшии низоми аудити дохили, сифати санҷишҳо ва саривақти будани онҳо аз ташкили муносиби он вобастаги дорад. Мо чунин мешуморем, ки кори ин хадамот бояд тарзе ба нақша гирифта шавад, ки тамоми объектҳои назоратро пурра фаро гирад. Дар баъзе ҳолатҳо объектҳое, ки дар идоракунии онҳо, қонунвайронкуни, қаллоби, коррупсия роҳ дода шудааст, тафтишу санҷишҳои ғайринақшави гузаронида мешаванд, дар натиҷаи камбуди ва нишондиҳандаҳои паст ошкор карда мешаванд[1. с.5]. Сабаби ташкили хадамоти иқтисодии аудити дохили аз андоза ва мушаххасоти корхонаҳо

вобаста аст. Ҳисоб кардани самаранокии иқтисодии аудити дохили ба қоидаҳои умумии методологи (қоидаи муттасили, қоидаи оптимали, қоидаи мураккаби) асос ёфтааст. Нисбат ба низоми аудити дохилии хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама, он ба таносуби хароҷоти баҳамалоқаманд ва ба натиҷаҳои бадастомада рост меояд. Аммо муайян кардани самаранокии иқтисодии хадамоти аудити дохилии хоҷагии қишлоқ низ вижагиҳои худро дорад-он ба хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзи (мавсими, минтақави ва ғайра) ва фаъолияти назорати-фаъолияти аудитиро дар ин шароит асос ёфтааст, дар бар мегирад [5. с.153].

Ҳамин тариқ, омӯхтани мақсадҳои аудити дохили, баҳисобгирии муҳосиби, таъсири онҳо ба истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзи ва баҳо додани хусусиятҳои корхона зарур аст. Дар шароити муосир ҳадафи асосии даврии истеҳсоли табдил додани захираҳо (ашёи хом ва қувваи кори) ба маҳсулоти ниҳои мебошад, аммо ҳадафи аудит дар ин марҳила санҷиши оқилона будани ташаккул ва пурраи баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли (гардиши), ки шаффофият аз он вобаста аст, натиҷаи ниҳоии молияви аз фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ба даст оварда мешавад. Баҳодиҳии самаранокии низоми аудити дохилиистеҳсолии хоҷагии қишлоқ аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷори ва натиҷабахш равона карда шуда, ба раванди идоракуни ҳамчун қисми ҷудонашавандаи фаъолияти истеҳсоли ва иқтисоди ҳисобида мешавад. Ҳамин тариқ, аудити дохилихоҷагиро дар шароити мушаххаси истеҳсолот тавассути нишондиҳандаҳои ҳалкунанда ва қобили муқоиса баҳо додан лозим аст. Мо чунин мешуморем, ки самаранокии низоми аудити дохилихоҷагии хоҷагии қишлоқ бояд аз ҳисоби маҳсулноки, самараноки ва натиҷабахши баҳо дода шавад. Фаъолияти асосии нисбатан самарабахши аудити дохилихоҷагии корхонаҳои кишоварзи иборат аст аз: „ миқдору ҳолати тартиботи анҷомшуда ва тафтишшуда (ревизия) дар муқоиса бо нақшаи муайянкардаи роҳбарият; „миқдори ҳолатҳои ошкоршудаи хароҷоти ғайриқонуни, камомад ва дуздии пули нақд, дороиҳои модди, шумора ва таркиби хароҷот дар истеҳсолоти кишоварзи; „ маблағи умумии ҷуброни зарар аз хароҷоти ғайриқонуни, дузди ѐ камбудиҳо, суиистифода, қаллоби; „кам кардани объектҳои хароҷот (сарфа) ҳангоми иҷрои тавсияҳои тафтиши аудитори ва натиҷаҳои самарабахши онҳо; „ иҷрои тавсияҳои аудитори дар муддати муайян, ҳисоб кардани фоиз;„ шумораи тавсияҳои такрори, ҳолати онҳо, сабабҳои такрор; „дараҷаи қаноатмандии роҳбарият аз хадамоти назорати дохили, муайян кардани сабабҳои иҷро накардани дастур. Ба ақидаи мо, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти хадамоти аудитори барои корхонаҳои кишоварзи, муайн ва тасдиқ кардани қонунвайронкуниҳо, суиистифода, қаллоби, аз ҷумла зарар (хароҷоти ғайриқонуни, дузди ва ғ.) ва маблағи умумии зарар маҳсуб мeёбанд. Барои баҳо додан ба самаранокии низоми аудити дохилихоҷагии корхонаҳои кишоварзи, муайян кардани низоми иқтисоди, пайдарпаии кори он, таносуби хароҷоти нигоҳдории ин хизматрасони (музди меҳнат, хароҷоти роҳбари, нигоҳдории мошинҳои мусофирбари ва ғ.) ба шумораи умумии миёнасолона муайян карда мешавад. Чи қадар ки ин арзиш хурд бошад, низоми идоракуни аз ҷиҳати иқтисоди самарабахш мегардад. Дар баробари нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда, барои баҳодиҳи ба самаранокии аудити дохили бояд нишондиҳандаи даромаднокии фоизро ҳамчун таносуби фоидаи ташкилот ба хароҷотҳои фаъолияти он истифода намуд. Нишондиҳандаҳое, ки самаранокии ташкил ва фаъолияти устувори аудити дохилии корхонаҳои кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиф мекунанд, инҳоянд: „ ҳиссаи иҷрои нақшаи санҷиш, хоҳишҳои роҳбарият оид ба ташкили санҷишҳои ғайринақшави ва хавфҳои асосии санҷидашуда аз шумораи умумии

хавфҳо, ки ба ҳаҷми умумии хавфҳо дохил карда шудаанд; „ҳиссаи тавсияҳои саривақти ва мақсаднок иҷрошуда аз шумораи умумии тавсияҳои қабулшуда; „миқдор ва сабабҳои дархостҳо, фармонҳои мақомоти назорати оид ба далелҳои ошкор ва тасдиқшуда; „ мутобиқатии вазифаҳои аудит бо мақсадҳои гузошташудаи стратеги. Ҳамин тавр, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар шароити муосир ба самаранокии фаъолияти хизматрасонии аудити дохили дар корхонаҳои кишоварзи чунин нишондиҳандаҳои зерин таъсир мерасонад: „таҳияи барномаи аудит. Шахси аввали корхонаи кишоварзи ва роҳбари хадамоти назорати аудити дохили барномаро тартиб дода, бо назардошти эҳтиёҷоти объективии санҷиши баъзе қитъаҳо, инчунин, мониторинги муосири иқтисодии равандҳои муҳимтарини истеҳсолиро таҳия менамояд; „назорати ҷори ва баҳодиҳии дақиқ (мониторинг)-и сифати аудити дохили. Он аз ҷониби роҳбар ва сардори хадамоти аудити дохили ҳангоми санҷиш гузаронида мешавад. Мониторинг барои таъмини мутобиқати фаъолияти аудиторони дохили бо тартиб ва низомномаҳои муқарраршудаи корхонаи кишоварзи ва низоми аудити дохилии он гузаронида мешавад; „баҳодиҳии дохилии кор, ки на камтар аз як маротиба дар як сол аз ҷониби роҳбари корхонаи кишоварзи ва роҳбари хадамоти аудити дохили гузаронида мешавад. Ҳадафи онҳо аз худ муайян кардани захираҳо барои беҳтар кардани фаъолияти ҳар як аудитори дохили ва тамоми хадамоти назорат дар маҷмӯъ ва дарёфт кардани ҷонибҳои манфиатдори асоси; „гузаронидани расмиёти мониторинг, ҳамоҳангсозии фаъолияти хадамоти назорати дохилихоҷаги (аудит) бо кори мақомоти гузаронидани аудити дохили, идорави ва мустақили беруни. Бояд тазаккур дод, ки муносибат нисбати беҳтар кардани сифати аудити дохили бояд умуми бошад. Танҳо татбиқи боэътимоди тамоми тадбирҳои дар боло зикршуда ба беҳтар шудани фаъолияти низоми назорати дохилии хоҷагиҳои кишоварзи мусоидат мекунад. Арзѐбии кори аудити дохили ин вазифаи мураккабест, ки на аз натиҷаи санҷиши расми, балки дар раванди тӯлони ва эҷоди, ки вазифаҳои стратегиро ба назар мегирад, ба даст оварда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудитори» аз 22 июли соли 2013, №993. -С.5.
2. Арнес А.В. Аудит [Текст] / А.В. Арес, Дж. Лоббек; пер. с англ.; / под ред. А.В. Арнес. - М.: Финансы и статистика, 1995. -С.95.
3. Алборов Р.А. Аудит в организациях промышленности, торговли и АПК [Текст] / Р.А. Алборов; под. ред. Р.А. Алборов. - М.: Дело и сервис, 1998. -С.58.
4. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятий АПК [Текст]: учеб пособие / Г.В. Савицкая; под ред. Г.В. Савицкой. - 6-е изд. - М.: Новое знание, 2006. -С.78.
5. Барфиев К.Х. Эффективность системы внутреннего контроля (аудита) на предприятиях агропромышленного комплекса / К.Х. Барфиев // Аудит и финансовый анализ. - 2015. -№4. -С. 153.


## ТАНЗИМИ МЕЪЁРӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ

**Нодиров Ф.М.-дотсенти ДБССТ**

Фаъолияти гумрукӣ бо як санади меъёрии ҳуқуқӣ ё ин ки ин ё он гурӯҳи нишондодҳои ҳуқуқии муассисавӣ танзим карда намешавад.

Қонунгузории гумрукии муосир ин комплекси сершоха, маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз нигоҳи табиати ҳуқуқӣ, навъ ва хусусият гуногунеро меноманд, ки барои танзим намудани фаъолияти гумрукӣ равона шудаанд.

Тавсифи баъзе аз самтҳои масъалаи мазкур дорои на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад.

Якум, қайд намудан зарур аст, ки дар навбати аввал асоси ҳуқуқии танзими фаъолияти гумрукиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Қайд намудан зарур аст, ки:

Моддаи 57

Ба салоҳияти мақомоти марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад:

- Тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;

Моддаи 64

- Президент ҳомии - риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад;

Моддаи 69

- Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;

- Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

- Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

Моддаи 14

Ҳамзамон, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудани сарҳади гумрукӣ, ситонидани боҷу ғункуниҳо ва ё ин ки муқаррар намудани мамониатҳои муайян барои муомилоти озоди молу хизмат ва воситаҳои молиявӣ, бо Конститусияи кишвар маън карда шудааст. Ногуфта намонад, ки маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво даниста мешавад. Маҳдудияти интиқоли молу хизмат ва воситаҳои молиявӣ низ бо мақсадҳои зикршуда имконпазир мебошад.

Моддаи 7

Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад.

Моддаи 45

Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист [1].

Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқ, асоси аввалиндараҷаи меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ ва ҳуқуқи гумрукӣ низ мебошад.

Зери мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ ба маънои расмӣ-ҳуқуқӣ тарзи ифодаёбӣ ва мустаҳкам намудани меъёри ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Дар Конститутсия мустаҳкам шудани ин ё он меъёри танзимкунандаи фаъолияти гумрукӣ онҳоро ба меъёрҳои ҳуқуқи гумрукӣ табдил надода, ҳамчун меъёрӣ конкститутсионӣ-ҳуқуқӣ боқӣ мемонанд. Аз ин ҷо дарки меъёрҳои Конститутсия ҳамчун сарчашмаи ин ё он соҳаи ҳуқуқ новобаста аз машҳурият, ниҳоят шартӣ мебошад.

Конститутсиякунонии қонунгузории соҳавӣ баррасии онро аз нигоҳи меъёрҳои конститутсионӣ дар назар дорад. «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд» қисми 1 моддаи 10 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонунгузории гумрукӣ ва дигар санадҳои

меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти гумрукӣ бояд ба талаботҳои конститутсионӣ, яъне ба Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ бошанд.

Дар Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду номгӯи меъёрҳоеро ҷудо намудан мумкин аст, ки ба ҳуқуқи гумрукӣ дахлдор мебошанд: якум, меъёрҳои умумӣ ҳамчун сарчашмаи ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ва дуюм, меъёрҳое, ки бевосита ба ҳуқуқи гумрукӣ дахл доранд, гарчанде на чандон зиёд мебошанд. Умуман дар Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «гумрук» мавриди истифода қарор дода нашуда бошад ҳам, вале аз нигоҳи мазмун истифодаи он маъмул мебошад. Масалан, моддаи 45 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қайд намудан ба маврид аст, ки аҳамияти Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳуқуқи гумрукӣ бо ҳамин меъёрҳое, ки бевосита ба фаъолияти гумрукӣ бахшида шудаанд, ба итмом намерасанд.

Ҳамзамон, дигар меъёрҳои конститутсионӣ низ ба ҳуқуқи гумрукӣ дахл дошта, дар танзими муносибатҳои гумрукӣ саҳмгузор мебошанд. Ба ҳайси мисол меъёрҳои боби якуми Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои сохтори конститутсиониро овардан мумкин аст, ки дар моддаи 5 принсипи эҳтиром ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ифода ёфтаанд.

Дар моддаи 12  Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан дар бораи он меравад, ки асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Дар қисми дуюми моддаи мазкур сухан дар бораи озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти  хусусӣ меравад.

Дар моддаи 10 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи қонуният мустаҳкам карда шудааст, ки мувофиқи он давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Дар қисми 3 моддаи 10 Конститутсия принсипи афзалияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ қайд шудааст. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Принсипи мазкур нисбат ба ҳуқуқи гумрукӣ низ паҳн мешавад.

Ба танзми гумрукӣ дигар меъёрҳои Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқ арда мешаванд. Масалан, аризадиҳанда аз болои қонунгузории гумрукӣ ба Суди конститутсионӣ шикоят намуда, ба меъёри моддаи 32 Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя менамояд, ки дар он ҷо омадааст, ки ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад, ё ин ки дар моддаи 45 қайд шудааст, ки супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист. Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд.

Ҳамин тариқ, аҳамияти Конститутсия на танҳо бо меъёрҳои танзимкунандаи мунсибатҳои ҷамъиятӣ, балки бо меъёрҳои мустаҳкамкунандаи присипҳо ва ҳолатҳои умумӣ низ муайян карда мешавад.

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои ташкили фаъолияти мақомоти гумрук, функтсия ва вазифаҳои онҳо, ҷойи фаъолияти мақомоти гумрук, вақти кории онҳо, масъулияти мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳоро муқаррар менамояд [2].

Дар кодекси мазкур инчунин принсипҳои асосии интиқоли молу воситаҳои нақлиёт ҳангоми воридоту содирот ва боркашони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зери назорати гумрукӣ муқаррар карда шудаанд.

Қонун ниҳоят аниқ қоидаи муайян намудани кишвари истеҳсолкунандаи мол ва тартиби татбиқи расмиёти гумрукиро муқаррар намудааст.

Қисмати васеи сарчашмаҳои ҳуқуқи гумрукиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии эҷоднамудаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Ҳаин тариқ, барои ба амал баровардани сиёсати фаъолияти иқтисодии хориҷӣ зарурати ташкили мушаххас ва мутобиқати шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории ватанӣ ва дар ин замина татбиқ намудани усулҳои муосири танзими давлатӣ эҳсос карда мешавад [3, с.14-17].


**АДАБИЁТ**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2016.
2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2004// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004, №12, қ.2 мод.704; 2017, №5, мод. 278; 2018, №2, мод.68; №7-8, мод. 528; 2019, №4-5, мод. 228; 2020,№1678
3. Ҳуқуқи гумрук. Васоити таълимӣ. Душанбе, 2022. С.14-17.


## PISA В ТАДЖИКИСТАНЕ - НОВЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ МЕЖДУНАРОДНОЙ ОЦЕНКИ ДЛЯ ЭФФЕКТИВНОГО СТРАТЕГИЧЕСКОГО РЕШЕНИЯ В СФЕРЕ ОБРАЗОВАНИЯ


**Олимжонзода У.О. Национальный центр тестирования при Президенте Республики Таджикистан**


В настоящее время традиционные методы контроля и оценки уровня знаний не соответствуют требованиям современности, несомненный интерес появляется к разнообразным методам оценивания знаний, где самым распространенным и эффективным, по результатам международных исследований, является международная программа по оценке образовательных достижений учащихся - PISA, тесты которого развивают интеллектуальные способности учащихся, воображение, мышление и письменную речь, а также имеют мотивационный характер. Проверка и оценка уровня знаний это обеспечения качества знаний, а также повышения уровня развития обучающихся.

PISA расшифровывается как Program for International Student Assessment, Международная программа по оценке образовательных достижений учащихся, осуществляется Организацией экономического сотрудничества и развития ОЭСР (OECD - Organization for Economic Cooperation and Development), а также руководствуется Австралийским советом педагогических исследований (ACER), основной целью которого является оценка образовательных достижений учащихся 15-летнего возраста, проводится трехлетними циклами.

PISA - тест оценивает функциональную грамотность школьников в разных странах мира, проводится по трем основным направлениям:

- читательская грамотность;

- математическая грамотность;

- естественнонаучная грамотность.

Исследование и результат PISA позволили выявить проблемы, происходящие в системах образования на разных стран, а также изменения и применение эффективного стратегического решения в сфере образования.

Согласно итогам последних исследований PISA лучшее среднее образование в странах Восточной Азии: Китае, Корее, Сингапуре, Японии, в Европе в десятке лидеров Финляндия и Нидерланды. Лучшие в PISA - Финляндия, Корея, Гонконг, Китайский Тайбэй, далее Италия, Португалия, Греция и Израиль.

А что касается на стран бывшего Советского Союза Эстония идет вплотную за лидерами (см. табл. 1-3).

Таблица 1.

Читательская грамотность

| № п/п | Место | Страны | Средний балл (стандартная ошибка) | |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 13 | Эстония | 501 | (2,6) |
| 2. | 31 | Латвия | 484 | (3,0) |
| 3. | 41 | Литва | 468 | (2,4) |
| 4. | 47 | Россия | 449 | (4,0) |
| 5. | 63 | Казахстан | 390 | (3,1) |
| 6. | 68 | Азербайджан | 362 | (3,3) |
| 7. | 69 | Кыргызстан | 314 | (3,2) |

Таблица 2.

Математическая грамотность

| № п/п | Место | Страны | Средний балл (стандартная ошибка) | |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 17 | Эстония | 512 | (2,6) |
| 2. | 37 | Латвия | 482 | (3,1) |
| 3. | 38 | Литва | 477 | (2,6) |
| 4. | 43 | Россия | 456 | (4,0) |
| 5. | 48 | Азербайджан | 431 | (2,8) |
| 6. | 57 | Казахстан | 405 | (3,0) |
| 7. | 69 | Кыргызстан | 331 | (2,9) |

Таблица 3.

Естественнонаучная грамотность

| № п/п | Место | Страны | Средний балл (стандартная ошибка) | |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 9 | Эстония | 528 | (2,7) |
| 2. | 32 | Латвия | 494 | (3,1) |
| 3. | 34 | Литва | 491 | (2,9) |
| 4. | 42 | Россия | 469 | |
| 5. | 62 | Казахстан | 400 | (3,1) |
| 6. | 67 | Азербайджан | 373 | (3,1) |
| 7. | 69 | Кыргызстан | 330 | (2,9) |

В соответствие анализа данных таблиц 1, 2 и 3 можно выделить следующие характерные особенности оценки исследования PISA в странах бывшего Советского Союза:

- лидерами по всем трем основным направлениям грамотности являются прибалтийские страны, особенно по естественнонаучному направлению - Эстония занимает 9 место;
- оценка в рамках данной программы в России были стабильно ниже средних показателей их сверстников из развитых стран;
- в странах Центральной Азии образовательная традиция придает особое значение получению учащимися концептуальных и теоретических знаний и не уделяет особого внимания прикладному использованию полученных знаний для решения практических жизненных задач. В результате учащиеся знают теорию, но слабы в решении прикладных задач.

Что касается Таджикистана, страна приняла решение участвовать в данной программе в 2025 году (PISA 2025), позволяющий объективно оценивать уровень развития образования, а также принять своевременное решение по устранению недостатков в сфере образования, где в Постановлении Правительства Республики Таджикистан от 29.09.2020, №526 «О Национальной стратегии развития образования Республика Таджикистан на период до 2030 года» в пункте 133 отмечено, что страна будет участвовать в международных образовательных оценках общего образования (PISA, TIMSS, PIRLS и др.)[15], также будут использоваться элементы программы PISA при составлении национального рейтинга школ Таджикистана. А также в Послании Лидера нации, уважаемого Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, к Маджлиси Оли, отмечается, что необходимо придавать большее значение повышению уровня и улучшения качества образования, подготовки высококвалифицированных кадров, повышения интереса школьников к изучению математических, точных и естественных наук, информационных технологий и освоению иностранных языков, а также было поручено соответствующим органам открыть специальные отделы для подготовки преподавателей математических, точных и естественных наук16. Также Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон подписал Указ об объявлении 2020-2040 годы «Двадцатилетием изучения и развития естественных, точных и математических наук»17, что являются основными предпосылками обеспечения качества знаний и повышения уровня развития образования.

Участие Таджикистана в Программе международной оценки успеваемости учащихся (PISA 2025) откроет новые возможности для страны. В то же время, участие в международных оценках - это процесс, требующий подготовки. Стране необходим потенциал на многих уровнях - национальные институты и эксперты, которые будут координировать участие страны, субнациональные и региональные специалисты по оценке, которые будут координировать проведение тестов, методисты, которые под-

---

[15] О Национальной стратегии развития образования Республика Таджикистан на период до 2030 года / Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 сентября 2020 года №526. [электронный ресурс] https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf Дата обращения 14 ноября 2023 года

[16] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона к Маджлиси Оли Республики Таджикистан [электронный ресурс] - http://president.tj/ru/node/29824. Дата обращения 14 ноября 2023 года

[17] Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона к Маджлиси Оли Республики Таджикистан [электронный ресурс] - http://president.tj/ru/node/21980. Дата обращения 14 ноября 2023 года

готовят все школы к участию и повысят общую осведомленность об инструменте PISA и его концепциях.

Последнее связано с тем, что Таджикистан впервые включился в международное исследование, также в качестве объекта для обмена опытом был выбран Азербайджан, который имеет большой опыт в данной сфере и давно занимается разработкой и внедрением инноваций в образовательную сферу, с целью которого является адаптация полученных знаний и опыта для улучшения образовательной системы Таджикистана, включая возможное открытие аналогичного инновационного центра STEAM (Азербайджан) для подготовки молодежи к современному миру[18].

**Таким образом, проведенные исследования позволили сделать следующие основные выводы и предложения:**

- международное исследование PISA это новое качество образования связано с переориентацией школы на работу в логике компетентностного подхода, т.е. способность человека действовать в нестандартных ситуациях;

- в условиях международной интеграции в области образования все более актуальными становятся проблемы обобщенной оценки его качества;

- необходимо большое количество специалистов, способных самостоятельно принимать грамотные и ответственные решения;

- на смену традиционным методам оценки качества образования, ограничивающимся в основном проверкой знаний и умений, предусмотренных школьной программой, должны прийти новые методы, основанные на оценке компетентности.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. О Национальной стратегии развития образования Республика Таджикистан на период до 2030 года / Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 сентября 2020 года №526. [электронный ресурс] https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf Дата обращения 14 ноября 2023 года

# ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ - САНАДҲОИ САРНАВИШТСОЗ ВА РОҲБАРИ ОЯНДАСОЗ

**Раҳимов Равшан, омӯзгори ҳамкори берунаи кафедраи ҳуқуқи ДБССТ**

Бо амри таърих баъд аз ҳазор соли маҳрумӣ аз идоракунии мустақилонаи давлатдории худ миллати сарбаланду тамаддунофар ва фарҳангсолору бунёдкори тоҷик 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти комили давлатиро ба даст овард. Истиқлолияти давлатӣ - арзишмандтарин дастовард, бузургтарин неъмат ва беназиртарин сарвати халқи шарифи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун воқеаи фараҳбахши таърихӣ ва ҳодисаи муҳиму сарнавиштсоз ба тоҷикон озодиву соҳибихтиёриро ҳадя намуд. Он боис гардид, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав бо номи Тоҷикистон бо дарназардошти тамоми унсурҳои давлатдории миллӣ арзи ҳастӣ намояд ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ расман шинохта шавад.

[18] Таджикистан перенимает опыт Азербайджана [электронный ресурс]- https://haqqin.az/news/293075. Дата обращения 14 ноября 2023 года.

Акнун мебоист, ки кишвари тоза ба истиқлол расидаи мо барои мустақилона ба роҳ мондани сиёсати дохилӣ оид ба ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва амалисозии сиёсати фаъоли хориҷӣ ҳамчун субъекти комилҳуқуқи робитаҳои байналмилалӣ ҷиҳати муаррифии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳон гомҳои устувор гузорад. Зарур буд, ки ҷиҳати таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ Конститутсия ва рамзҳои давлатии кишвари соҳибистиқлол қабул гардида, дар мамлакат ислоҳотҳои амиқи сиёсиву ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ амалӣ карда шаванд, фаъолияти муназзаму муътадили мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шуда барои зиндагонии ҳар як сокини мамлакат шароити арзанда фароҳам оварда шавад.

Қисмат мардуми тоҷикро бо дарназардошти ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти арзишҳои истиқлоли давлатӣ ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ба кандашавии робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пасошӯравӣ боис гардид. Ин омил тамоми самтҳои хоҷагии халқи мамлакатро ба бӯҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ дучор намуд. Гузашта аз ин якбора боло рафтани рӯҳияи озодфикрию гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси гуруҳу ҷунбишҳои гуногун, надоштани таҷрибаи кофии сиёсии идории кишвари соҳибихтиёр аз ҷониби роҳбарони давр ба авҷи майдоншиниҳо, хатари парокандашавии миллат, тамомияти арзӣ ва ҷудоиандозии минтақаҳои кишвар оварда расонид.

Мутаассифона, дар натиҷаи мухолифатҳои шадиди сиёсӣ, бар асари мудохилаи ошкорои қувваҳои муайян аз ҳориҷи кишвар, ки зери шиори демократикунонии ҷомеа бо мақсади ба сари мардуми тоҷик таҳмил кардани мазҳабу фарҳанги бегона ва бунёди давлати исломӣ сурат мегирифт, оқибат Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуда ба хоҷагии халқи мамлакат ҳисороти азими иқтисодӣ ва талафоти ҷубронноподазири ҷониву маънавӣ расонида шуд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ давлати навтаъсиси тоҷикон ва миллати фарҳангсолори тоҷик дар чорсӯйи тақдир дар ҳолати яъсу навмедӣ қарор гирифта роҳу равиши минбаъда ва дурнамои пешрафташ зери суол қарор гирифта буд. Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои заруриро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, таъмини оромию субот, сарҷамъии миллат ва ба суйи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро тақозо менамуд.

Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд яке аз саҳифаҳои дурахшон ва дастовардҳои бузурги таърихии халқи тоҷик дар оғози солҳои соҳибихтиёрӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин марҳилаи сарнавиштсоз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ба миён овард.

Маврид ба зикр аст, ки иҷлосияи мазкур аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 идома ёфта дар рӯзномаи он 23 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Дар иҷлосия 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул

шуданд, ки минбаъд онҳо дар ба низом даровардани вазъи сиёсиву ҳуқуқии кишвар, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккули давлатдории миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд. Ин иҷлосия заминаҳои мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои расидан ба сулҳу субот ва ба вуқӯъ пайвастани дигаргунӣ ва пешравиҳои азимро дар ҷомеаи Тоҷикистон фароҳам овард. Санадҳои меъёрии қабулшуда минбаъд барои мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионии кишвар, таъмини волоияти қонун ва таҳкими қонуният, гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ, таҳкими муносибатҳои хориҷӣ, фаъолияти мунназами мақомоти давлат, аз он ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, заминаи боэътимод гузоштанд.

Ин иҷлосия дар қалби ҳар як тоҷику Тоҷикистонӣ шӯълаи умедро ба сӯйи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурӯзон намуд. Хурду бузурги Тоҷикистон ҳамарӯза назди оинаи нилгун бо ҳазор орзуву ниятҳои нек ҷиҳати ҳарчӣ тезтар ба эътидол омадани вазъияти нооромӣ сиёсӣ пахши мустақим ва ғайримустақими иҷлосияро бесаброна интизорӣ кашида, тамошо мекарданд ва аз қабули ҳар як қарори он худро хушҳолу болидахотир эҳсос мекарданд.

Мувофиқи рӯзномаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 19 ноябри соли 1992 масъалаи “Дар бораи интихоби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар натиҷаи овоздиҳи пинҳонӣ аз шумораи 197 вакилони мардумӣ 186 вакил номзадии Эмомалӣ Шарифович Раҳмоновро ҷонибдорӣ карданд ва ӯ Раиси Шӯрои Олии мамлакат интихоб гардид.

Хотирнишон бояд сохт, ки дар ҳамин иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1978) қабул карда шуда, мувофиқи он амали институти президентӣ боз дошта шуд ва мувофиқи ин тағйиротҳо салоҳиятҳои Президент миёни Раиси Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон ва Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим карда шуд. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат эълон гардид.

Аз лаҳзаҳои аввали оғози фаъолияти корӣ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро баҳри таъмини сулҳ, оромӣ, ризоияти миллӣ, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, қатъ кардани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба ватан баргардонидани фирориёни иҷборӣ оғоз карданд. Аз ҷумла, зимни аввалин баромади хеш аз минбари баланди ин иҷлосияи таърихӣ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки тарафдори бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд буда, тамоми донишу таҷрибаи хешро барои дар ҳар хона ва оила барқарор кардани сулҳ ва ба Ватан баргардонидани охирон гуреза равон карда, агар лозим шавад барои расидан ба ин ният ҷон нисор мекунам.

Дар рафти Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси роҳбари тозаинтихоби давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навбати аввал ба ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои доғи рӯз, аз қабили хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва фирориёни иҷборӣ, ҳарчи зудтар гирифтани пеши роҳи хунрезӣ ва барқарор кардани ҳаёти осоиштаи мардум, барқарор намудани фаъолияти фалаҷшудаи шохаҳои ҳокимият ва кори мӯътадили

сохтору мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз байн бурдани хатари гуруснагӣ, бо маҳсулоти озуқаворӣ ва доруворӣ таъмин кардани мардум, барқарор кардани фаъолияти муназзами мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, танҳо бо роҳи музокироти миёни тарафҳо ҳал кардани мушкилоти мавҷуда, ҳифзи тамомияти арзӣ, истиқлолияти давлатӣ ва густариши ҳамкориҳои судманди байналмилалӣ таваҷҷуҳи бевосита зоҳир карда шуд.

Ҳамзамон дар иҷлосия бо мақсади барқарор сохтани рукнҳои давлатдории миллӣ Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул гардиданд, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол соҳиби рамзҳои мустақили давлатдории худ гардид.

Қарорҳои таърихӣ ва сарнавиштсози иҷлосияи мазкур минбаъд дар самти бунёди рукнҳои давлатдорӣ, қабули Конститутсия, ба даст овардани ваҳдати миллӣ, ба ҳам овардан миллати тоҷик, имзои созишномаи истиқрори сулҳ, зинда гардонидани ҳофизаи таърихӣ ва рушди бемайлони ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши бағоят муҳим гузоштанд.

Аз ҷумла, дар заминаи қарорҳои ҳамин иҷлосия 6-уми ноябри соли 1994 бори нахуст аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо дастгирии аксарияти шаҳрвандони кишвар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Қабули он низ аз дастовардҳои бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибихтиёрии давлатӣ маҳсуб меёбад. Зеро Конститутсияи кишвар дурнамои пешрафти Тоҷикистонро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд муайян карда, тамоми орзуву ормон ва ҳуввияти озодихоҳиву озодиандешии мардуми тоҷикро дар худ ифода намуда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани шароити арзандаи зиндагонии босаодати ҳар фард заминаи мусоидро фароҳам овард. Ҳамзамон, хотирнишон бояд сохт, ки дар ҳамин рӯз аввалин маротиба бо дарназардошти Конститутсияи замони соҳибихтиёрӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби шаҳрвандони қадршиноси мамлакат ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Барои амалисозии шоҳкориҳои азим, ислоҳотҳои иқтисодиву иҷтимоии таъминкунандаи зиндагонии арзандаи сокинони мамлакат ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфиди байналмилалӣ ҷанги шаҳрвандӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакатро дар он шабу рӯз ҳарчи тезтар хомуш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҳам овардани миллати тоҷик ва рӯй овардан ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ташкил медод. Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳиму дурахшони таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ташкил медиҳад, ки қабули он низ маҳсули ҳамин Иҷлосияи таърихист. Пас аз баргузории чандин даври музокирот ва гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад, Москва, Теҳрон ва Ҳусдеҳи Афғонистон миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии нозирони байналмилалӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия

созишномаи мазкур ба имзо расонида шуд. Воқеан санаи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол абадан бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Ба имзо расидани созишномаи мазкур як гардиши куллиеро дар роҳи расидан ба ваҳдати сартосарӣ, таъмини сулҳи деринтизор ва амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овард.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки амалан аз ҳамин иҷлосия сарчашма мегирад, низ дар замони соҳибихтиёрӣ ба пешравиҳои назаррас комёб гашт. Дар натиҷаи амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна ва бомароми хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти манфиатҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз аз ҷониби 180 давлатҳои дунё ба расмият шинохта шуда, бо онҳо робитаҳои устувори дипломатӣ ба роҳ мондааст. Бо азму талошҳои пайгиронаи Сарвари маҳбуби Ватанамон Тоҷикистон дар дунё ҳамчун давлати ташаббускори ҳалли як қатор масъалаҳои хусусияти глобалидошта эътироф шудааст. Бо шарофати заҳматҳои хастанопазири ин абармарди саҳнаи сиёсат Тоҷикистонро ҷаҳон шинохт, миллати тоҷик дар дунё муаррифӣ гашт, овози тоҷик ба гӯши аҳли башар расид ва садои тоҷик аз минбарҳои баланди созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ танинандоз гашт. Ҷойи фахр аст, ки аксарияти ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, хосатан оид ба оби тоза, таъмини амният дар Афғонистон, пешгирии обшавии пиряххо ва дигар мушкилоти экологӣ аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид бо қаноатмандӣ қабул шудаанд.

Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, муттафакирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб беназиранд. Иқдомҳои амалинамудаи Пешвои миллат дар ин ҷода беихтиёр ба шинохт ва эътирофу эҳтироми дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, гиромидошти мероси бою пурғановати ниёгонамон, густариши ҳуввияти миллӣ ва боло рафтани ғуруру нангу номуси меҳанпарастӣ мусоидат намуданд.

Аҳамияти Иҷлосияи XVI - Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду инкишофи давлатдории миллии тоҷикон беназир аст. Зимнан бояд эътироф намуд, ки бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки ба бахти миллати тоҷик бо амри Парвардигор фарзанди бонангу номус, қавииродаву ватандӯст, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари Давлат интихоб гардид. Ин фарзанди фарзонаи миллат такя ба хиради азалии мардуми тоҷик ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба душ гирифта ба наҷоти миллату давлати тоҷикон бархост. Дар натиҷаи азму талош, кушишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ дар як муддати кутоҳи таърихӣ алангаи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуда, хатари парокандашавии миллати тоҷик ва Давлати тоҷикон сарбаландона рафъ карда шуд .

Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон - шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд. Дар

воқеъ таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тассавур кардан имконнопазир аст. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру ҳуввияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди хешро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад.

Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Аминем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва давлату миллатсозии Пешвои тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳанд гирифт.

Дар пайвандӣ ба аҳамияти таърихии ин иҷлосияи сарнавиштсоз раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими намоёни давлатӣ Рустами Эмомалӣ таъкид менамоянд, ки: “Муҳимтарин дастоварди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин буд, ки дар чунин марҳилаи муҳими таърихӣ шахсияти миллию мардумиро дар симои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи роҳбарӣ овард. Дар чунин вазъи фоҷиабор он кас ба арсаи сиёсати давлатдорӣ ворид гардида, бо эҳсоси баланди ватандорӣ ҷасурона дар масири ноҳамвори сиёсӣ қадам ниҳода, ба бунёди сохторҳои давлатдории миллӣ асос гузоштанд (Рустами Эмомалӣ. Иҷлосияе, ки давлатро аз нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ наҷот дод.

Пешвои миллат ба арсаи сиёсат бо ҷасорат, матонат, дилу нияти пок ворид шуданд ва чун фарзанди сарсупурдаи миллат дар муддати кутоҳи таърихӣ тавонистанд мардуми аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ азияткашидаи Тоҷикистнро сарҷамъ намуда, барномаи дар ҷаҳони муосир беназири расидан ба сулҳ ва ризоияти миллиро таҳия ва амалӣ кунанд. Маҳз самараи талошҳои пайвастаи Сарвари давлат буд, ки Тоҷикистон ба марҳилаи рушди устувор ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндаагии аҳолӣ ба дастовардҳои хеле назаррас ноил гардид. Роҳи пурифтихоре, ки Тоҷикистони азиз таҳти роҳбарии собитқадамонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паймудааст, ба садсолаҳо баробар мебошад.

Ҳамин тариқ, қайд кардан ба маврид аст, ки дар заминаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз дар иҷлосия, роҳандозӣ намудани ташаббусҳои созандаву сиёсати ҳадафмандона ва андешидани силсилаи тадбирҳои мақсадноки фарзанди содиқу вафодори миллат - Сарвари маҳбуби тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваста заминаҳои боэътимоду устувори бунёди давлатдории миллӣ гузошта шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта дар як муҳлати кутоҳи таърихӣ соҳиби Конститутсия, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, асъори миллӣ, Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар рукнҳои давлатдории миллӣ гашт.

Соли равон аз замони баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 сол пур мешавад. Мардуми сарбаланду меҳанпараст ва тамаддунофару фарҳангсолори тоҷик бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ 32-

юмин солгарди баргузории ин Иҷлосияи тақдирсозро дар фазои сулҳу субот ва созандагию бунёдкорӣ бо шукӯҳу ҷалоли хосса таҷлил менамоянд. Бо гузашти солҳо қадру қиммат, манзалат ва аҳамияту муҳиммияти ин руйдоди сарнавиштсоз меафзояд.

Бо қаноатмандӣ ва шукргузорӣ изҳор медорем, ки дар дарозои си соли сипаришуда аз он овони таърихӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихореро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаву бобарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ва истеҳсолӣ ноил гаштаанд.

Таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, аз вартаи нестӣ ва парокандагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, барқарор сохтани фаъолияти фалаҷшудаи мақомоти давлатӣ, таъмини қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ба роҳ мондани фаъолияти бомароми тамоми шохаҳои ҳокимият, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва боло бурдани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ аз бузургтарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки дар масири 31 соли сипаришуда аз замони баргузории Иҷлосияи тақдирсоз аз ҷониби Сарвари давлат такя ба хиради азалӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи мардуми сулҳпарвар ва қадршиноси тоҷик анҷом дода шудаанд. Солҳо мегузаранд, аммо аҳамияти таърихӣ ва тақдирсози Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар таърихи халқи мо абадан боқӣ хоҳад монд.

Моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ, авзои кунунии минтақа, таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулотҳои босуръат тағйирёбандаи замони муосир беш аз ҳар вақтро ғанимат дониста дар атрофи сиёсати созандаи Сарвари давлат ва миллат муттаҳид бошем. Бигзор - миллати сарбаланди тоҷик то абад сарҷамъу муттаҳид, давлати соҳибихтиёри Тоҷикон ҳамеша поянда ва Ватани маҳбубамон -Тоҷикистон сарсабзу хуррам ва ободу пешрафта бошад.

## ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ САЙЁҲӢ

**Раҳимов С.Х.,** н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ

Вобаста ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи сайёҳӣ ва истироҳати осоишгоҳӣ солҳои охир муҳиммияти нав ва тavaҷҷӯҳи хосро касб кардааст. Сайёҳӣ яке аз шаклҳои истифодабарии самараноки вақти озод, гузаронидани истироҳати бофароғат (пурмазмун), таъмини иттилооти маънавии аҳолӣ мебошад. Сайёҳӣ воситаи муҳими омӯзиши таърихи диёри азизамон буда, доираи васеъи одамонро барои дарки мероси мадание, ки гузаштагон ба мерос мондаанд, ҷалб менамояд. Дар замони муосир сайёҳӣ ва соҳаи осоишгоҳӣ ба соҳаи бузург ва рушдёбандаи муттасили иқтисодиёт мубаддал гаштааст, ки дар сатҳи

давалатӣ эътироф шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ташаккули ин иқдом идома дорад ва роҳҳою механизмҳои рушди самараноки минбаъдаи он ҷустуҷӯ мешаванд.

Вобаста ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва хусусиятҳои хоси он, масъалаҳои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба талаботҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Мутаасифона, вобаста ба ин масъала, таҳқиқотҳои илмӣ аз тарафи олимони ватанӣ хеле кам ба назар мерасанд.

Оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр маводҳо ва пажӯҳишҳои илмӣ бахшида шуда бошанд ҳам, вале масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, назорат ва аудити фаъолияти сайёҳӣ таҳқиқотҳо ва коркардҳои минбаъдаро тақозо мекунанд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”: “**сайёҳӣ** саёҳати гуногунҷанбаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин шуғле, ки бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш, касбию хизматӣ ва мақсадҳои дигар (ба истиснои ба кори музднок ҷалб шудан) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷойи истиқомати доимӣ анҷом дода мешавад” [2].

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз фишангҳои самараноки фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, таҳияи консепсияи баҳисобгирии фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ (субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ) мебошад, ки ба манфиатҳои миллии давлат ҷавобгӯ бошад.

Дар ҷараёни рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ масъалаи ба роҳ мондан ва амалӣ намудани баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ хусусияти муҳимро пайдо менамояд, ки бояд ҳалли худро ёбад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, принсипҳо ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молияviро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, муносибатҳои ин соҳаро танзим менамояд [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, ки ба соҳаи сайёҳӣ бахшида шудаанд, хеле маҳдуд буда, масъалаҳои баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти сайёҳӣ то ҳол ҳаллу фасл нашудаанд ва таҳқиқи минбаъдаро талаб мекунанд.

Таҳқиқоти хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ дар асоси тақсимот ва таснифоти субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ва талабот нисбат ба онҳо, инчунин таҳлили рушди соҳаи сайёҳӣ ва осоишгоҳҳо самти афзалиятнок ба шумор меравад.

Вобаст ба ин, корхонаҳои сайёҳӣ - ҳама субъектҳои ҳуқуқӣ ва воқеии фаъолияти сайёҳиро метавон фаҳмид, ки хадамоти сайёҳӣ ё маҳсулоти сайёҳии комплексиро истеҳсол ва/ё пешниҳод менамоянд.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ»: «субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили мамлакат ба хизматрасонии сайёҳӣ машғул мебошанд»[2].

Ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат пеш аз ҳама намуди фаъолияти субъекти соҳаи сайёҳӣ таъсир мерасонад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” ба субъектҳое, ки фаъолияти сайёҳиро амалӣ ва/ё таъмин менмоянд, танзимгарони сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ дохил мешаванд.

Мутобиқи маълумотҳои феҳристи иҷозатномадиҳии субъектҳои фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ, дар санаи 31.12.2022с. дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 200 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Бо мақсади таъмини расонидани хизматрасонии босифат бароишаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурӣ ташрифоваранда дар ҷумҳурӣ 188 меҳмонхонаҳо, 26 хобгоҳ ва мотелҳо (меҳмонхона барои сайёҳон бо воситаҳои нақлиёт), 45 осоишгоҳҳо, 8 марказҳои осоишӣ-солимгардонӣ, 10 хонаҳои истироҳатӣ, 2 пансионат ва 4 базаи дамгирӣ ва сайёҳӣ, ҳамагӣ 289 объектҳои сайёҳӣ фаъолият доштанд [4].

Иҷозатномадиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ бо мақсади фароҳам овардани имконияти баробар ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ, инчунин таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии сайёҳӣ равона гардидааст.

Сайёҳӣ дар иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳимро бозида, ҷалби сармоягузориҳо, зиёдшавии ҳаҷми дохилшавии маблағ ва ММД, рушди босуръати иқтисоди кишварро таъмин менамояд. Гуногунмаъногии мафҳумҳои "сайёҳӣ" ва "фаъолияти сайёҳӣ" ба фаҳмиши нодуруст ва хатогии моҳияти онҳо дар методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ оварда мерасонад.

Сайёҳӣ истифодабарии маҳсулоти сайёҳиро пешбинӣ менамояд ва ба рафтан аз ҳудуди ҷои муқимии истиқоматӣ вобастагӣ дорад. Фаъолияти сайёҳӣ барои ташкил ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ бо мақсади гирифтани даромад равона шудааст [3, с.35].

Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ маҳсуб меёбанд (расми 1.).



**Расми 1. Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ва хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**

Ба истеҳсолкунандагон танзимгарони сайёҳӣ ва агентҳои сайёҳӣ дохил мешаванд. Дар асоси таҳқиқи талаботҳои асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоикистон "Дар бораи сайёҳӣ" нишонаҳои фарқкунандаи фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ муайян карда шуд, ки ба ҳисобгирии муҳосибии ин объектҳо, намуди фаъолият ва муносибат ба маҳсулоти сайёҳии пешниҳодшаванда таъсир мерасонанд.

Танзимгари сайёҳӣ метавонад маҳсулоти сайёҳиро ташаккул диҳад ва мустақилона онро фурӯшад, танзимгари сайёҳӣ бошад метавонад танҳо маҳсулоти сайёҳиро аз агентии сайёҳӣ бо мақсади аз нав фурӯхтан ба даст орад. Бинобар ин, дар ҳисобгирии муҳосибии танзимгари сайёҳӣ, амалиётҳои вобаста ба ташаккули арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ инъикос карда мешаванд.

Хусусиятҳои баҳисобгирии фаъолияти сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва хизматрасониҳои субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ муайян карда мешавад: баъзе базаи моддии худро доранд, дигарон фақат сайёҳат (сайр)-ро ташкил мекунанд; даромад аз пешниҳоди хадамоти сайёҳӣ ҳамаи маблағҳои аз сайёҳон гирифташуда, ё фақат ҳавасмандкунии комиссиониро дар бар мегирад; хароҷоти иловагӣ барои таъминоти бехатарии сайёҳон лозим аст; ҳаҷми зиёди амалиётҳо бо воситаҳои пулӣ дар мавриди ташкили сайёҳии хориҷӣ ва байналмилалӣ ва ба ин монанд амалиётҳо таваҷҷӯҳи хос оиди баҳисобгирии муҳосибиро тақозо менамояд.

Ташкили баҳисобгирии муҳосибии танзимгарони сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ аз хусусиятҳои ба расмиятдарории амалиётҳои хоҷагидорӣ ва амалӣ намудани ҳисоббаробаркунӣ, имконияти истифодабарии шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ дар танзимгарони сайёҳӣ ва агентҳои сайёҳӣ, ки базаи худии моддӣ надоранд (дар ин маврид нақшаи содакардашудаи ҳисобҳо ва сабткунакҳо барои корхонаҳои хурд истифода мешавад) ва ғайра.

Ҳама субъектҳои дар боло овардашудаи соҳаи сайёҳӣ мутобиқи самти фаъолияти онҳо корхонаҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбанд. Вобаста ба он ки объекти фаъолияти сайёҳӣ баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаи сайёҳӣ маҳсуб меёбад, таҳқиқи масъалаи мансубияти субъектҳои хоҷагидорӣ ба корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Таҳлили минбаъдаи такмили низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ имкон медиҳад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои баҳисобгирии фаъолияти сайёҳӣ ҳар як субъект имконият дошта бошад, то баҳисобгирии муҳосибиро дуруст ташкил карда, самаранокии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ баланд бардошта шуда, фоидаи максималӣ ба даст оварда шавад.

**АДАБИЁТ:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», № 702 аз 25 марти соли 2011.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ", аз 7 августи соли 2020, № 1717.

3.Момонт Т. В. Особенности организации учета на предприятиях туризма // Вестник Житомирского технологического университета. Сер.: Экономических наук. 2014. № 1(67). стр. 34-40.

4. https:www//stat.tj/

## АСОСҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Маҳмудов Ҷ. Б., устоди калони кафедраи фаъолияти бонкии ДБССТ**

Иқтисоди бозорӣ чунин тарзи ташкили ҷамъиятии истеҳсолотро талаб менамояд, ки барои таъмини талаботи одамон ва ҷамъият дар якҷоягӣ нигаронида шуда, истеҳсолкунандагон ва тоҷирон талаботи харидориро ба инобат гирифта, мустақилона ба як миқдору андозаи муайян бо назардошти вақту мӯҳлат маҳсулот истеҳсол намуда, ба мизоҷон ба фурӯш мерасонанд. Бозор ба сифати воситаи фурӯши мол арзи вуҷуд карда, вазифаи мувофиққунонии хаҷм ва сохтори истеҳсолии молҳо ба ҳаҷм ва сохтори талаботҳои ҷамъиятиро иҷро мекунад.

Иқтисоди бозорӣ баробарҳуқуқии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагонро дар назди молҳои беруна, мувозинатии нархҳоро дар асоси мутаносибии талаботу таклифот, мавҷудияти рақобати озодро чун омили пешрафти иқтисодӣ ва танзими иқтисодӣ талаб мекунад. Аз ин рӯ, соҳибкорон мустақилона зарурияти истеҳсоли ҳаҷму миқдори мол (ашё, мавод, таҷҳизот, меҳнат ва ғайра) ва сарфи маблағи онро худашон муайян менамоянд. Дар шароити бозор соҳибкорон ҳамеша мекушанд, ки даромаду фондаи соф ба даст оранд ва шароит пайдо шавад, ки ба рақобат тоб овардани амалиёту фаъолияташонро таъмин намоянд.

Соҳибкорӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ яке аз пояҳои асосии иктисоди бозорӣ буда, ба оқилона истифода намудани воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст. Инчунин, соҳибкорӣ фаъолияти эҷодкорона буда, максади ниҳояш ба даст овардани фоида аст. Аз ин рӯ соҳибкориро чун фаъолияти навҷорисозӣ, тарзи махсуси инноватсионии истеҳсолот, шакли нисбатан пешқадам ва наворонаи амалиётҳои ташкилӣ-хоҷагидории субъектҳои мустақил номидан мумкин аст [3, с. 65].

Соҳибкориро чун тарзи мустақилонаву навоварона пешбурди кор, баъзан чун омили чоруми истеҳсолот низ ҳисоб мекунанд. Олими иқтисодчӣ Йозеф Шумпетер нахустин шуда соҳибкориро чун омили чоруми истеҳсолот ҷудо намудааст. Дар қатори замин, меҳнат ва сармоя соҳибкорӣ чун маҷмӯи қобилиятҳои пайвасткунию комбинирони оқилонаи се омили зикршудаи истеҳсолот дида баромада мешавад. Ин омили истеҳсолот дар қобилияти соҳибкорӣ, корчаллонӣ, фаъолмандии инноватсионии иштирокчиёни амалиётҳои иқтисодӣ ифода меёбад. Ҳамин тавр, мазмуни иқтисодии соҳибкорӣ дар он таҷассум меёбад, ки вай раванди пайвасти оқилонаи омилҳои истеҳсолот ва истифодаи самараноки захираҳоро бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи бозор фаро мегирад. Ҳамзамон, соҳибкорӣ чун ҷараён дар худ ҷустуҷӯи ғояҳои нав, мақсадгузорӣ, ҷӯяндагии усули беҳтарини пайвасти омилҳои истеҳсолотро ғунҷоиш дода, ба гирифтани даромади соҳибкорӣ равона гардидааст.

Дар сектори инноватсионии иқтисодиёт равандҳои инноватсионӣ ташаккул ёфта, сохтори шакли инноватсионии бозор ба вуҷуд омада, истеъмолкунандаи пешниҳоди навоварона ташаккул меёбад. Дар бахши инноватсионӣ дар марҳилаи аввали раванди инноватсионӣ инноватсия ба вуҷуд меояд, ки таркиб ва сохтори якуми се сатҳи шакли бозори инноватсиониро дар бахши инноватсионии иқтисодиёт - бозори

инноватсионӣ ташкил медиҳад. Вазифа аз он иборат аст, ки инноватсия, ки асоси инноватсия аст, аз дигар натиҷаҳо ва фаъолиятҳое, ки модернизатсия ва стандартизатсияро ташкил медиҳанд, фарқ кунанд. Имруз ин тавр намешавад, зеро фарки байни онхо аз байн рафта, муайян карда нашудааст [6, с. 60].

Вазифаи мо аз он иборат аст, ки нишонаҳо ва меъёрҳоеро, ки аз рӯи онҳо инноватсия ва раванди инноватсионӣ барои ҳама бахшҳои иқтисодиёт, сохторҳои институтсионалӣ, хоҷагиҳо ва шахсони алоҳида муайян карда мешаванд, аниқ муайян кунем. аломатҳое, ки ҳамеша якхела хоҳанд буд.

Тибқи таърифе, ки дар Луғати муосири иқтисодӣ оварда шудааст, - «Инноватсия навовариҳо дар соҳаи техника, технология, ташкили меҳнат ва идоракунӣ, ки ба дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадам асос ёфтааст, инчунин истифодаи ин навоварӣ дар соҳаҳои гуногун мебошад. ва сохахои фаъолият».

Навоварӣ (инноватсия) натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфтаи дар бозор фурӯхташуда, раванди нав ё такмилёфтаи технологии дар амал истифодашаванда амалӣ карда шудааст.

Аз руи аломатхои муайян ба гуруххои мушаххас таксим кардани инноватсияро таснифоти навоварон меноманд. Дар амалияи идоракунии инноватсионӣ таснифоти гуногуни инноватсия истифода мешаванд.

Вобаста ба параметрҳои технологӣ навоварӣ ба навовариҳои маҳсулот ва равандҳо тақсим мешавад. Навоварии махсулот истифодаи масолехи нав, маснуоти нимтайёр ва маснуоти навро дар бар мегирад; ба даст овардани махсулоти принципан нав. Навоварии раванд маънои усулҳои нави ташкили истеҳсолотро (технологияи нав) дорад.

Аз рӯи намуди навоварии бозор инноватсия ба инҳо ҷудо мешавад: барои саноат дар ҷаҳон нав; нав дар саноати мамлакат; барои ин корхона (гурухи корхонахо) нав.

Аз рӯи ангезаи зоҳирӣ (манбаъ), мо метавонем:

❖ навовариҳое, ки дар натиҷаи рушди илму техника ба вуҷуд меоянд;

❖ навовариҳое, ки бо эҳтиёҷоти истеҳсолот ба вуҷуд меоянд;

❖ Навовариҳое, ки бо эҳтиёҷоти бозор асос ёфтаанд.

Аз рӯи ҷойгоҳ дар система (дар корхона, дар фирма) мо метавонем фарқ кунем:

➢ навовариҳо дар воридоти корхона (ашёи хом, таҷҳизот, иттилоот ва ғ.);

➢ навовариҳо дар истеҳсоли корхона (маҳсулот, хизматрасонӣ, технология, иттилоот ва ғ.);

➢ навоварии сохтори системаи корхона (идоракунӣ, истеҳсолот).

Вобаста аз умқи тағйироти воридшуда, инҳоянд:

❖ навовариҳои радикалӣ (асосӣ), ки ихтирооти асосиро амалӣ намуда, самтҳои нави рушди технологияро ташкил медиҳанд;

❖ такмили инноватсияҳое, ки ихтирооти хурдро амалӣ мекунанд ва дар марҳилаҳои тақсимот ва рушди устувори сикли илмию техникӣ бартарӣ доранд;

❖ тағйироти (хусусӣ) навоварӣ, ки ба қисман такмил додани наслҳои кӯҳнашудаи техника ва технология нигаронида шудаанд.

Таснифи дар боло зикршуда нишон медиҳад, ки равандҳои инноватсионӣ аз ҷиҳати табиат гуногун ва гуногунанд.

Бисёр таснифкунандагони навовариҳо мавҷуданд, ки муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод мекунанд. Дар байни онхо чунин мутахассисони машхури хоричй дар сохаи иктисодиёт ва идоракунй, монанди Я.Шумпетер, И.Ансофф ва П.Дракер хастанд. Дар адабиёти ватанӣ оид ба инноватсия метавон таснифоти пешниҳодкардаи А.Н.Цветков, П.Н.Завлин ва А.В. Васильев, В В Горшков ва Е. Кретова, И.В. Новикова, Е.А.Уткин, Г.И.Морозова ва Н.И. Морозова, А. I. Пригожин ва дигарон [3, с. 45].

Дар иктисодиёти хозира роли навоварон хеле афзуд. Бе истифодаи инноватсионӣ тавлиди маҳсулоти рақобатпазир, ки дараҷаи баланди илмӣ ва навоварӣ доранд, қариб имконнопазир аст. Ҳамин тавр, дар шароити иқтисоди бозорӣ инноватсия воситаи муассири рақобат ба ҳисоб меравад, зеро онҳо боиси воридшавии сармоягузорӣ мегарданд. Дар баробари ин, навовариҳо, аз як тараф, бо ҳама чизи консервативӣ, ки ба нигоҳ доштани ҳолати кво нигаронида шудаанд, ба ҳам мепайвандад, аз тарафи дигар, онҳо дар доираи стратегияи тағирот, ба афзоиши назарраси сатҳи техникӣ нигаронида шудаанд. ва самараи иктисодии ҳамаи намудхои фаъолият.

Ҳадафи раванди инноватсионӣ эҷоди ҳарчи бештари навоварӣ мебошад. Дараҷаи якуми шакли инноватсионии бозор - бозори инноватсиониро ташаккул дихад, то корхонахое, ки истехсолоти инноватсиониро ташкил медиханд, интихоб кунанд, ки чиро фахманд, ки чиро истеҳсол кардан ва кадом махсулоти инноватсиониро ба истеъмолкунанда пешниход кардан лозим аст.

Ҳамин тариқ, ҳадаф ин аст, ки ҳадди аксар ҷамъ овардани инноватсияҳо дар марҳилаи аввали фаъолияти инноватсионӣ дар бахши инноватсионии иқтисодиёт. Вазифаи ин марҳала маҷбур кардани корхонаҳо ва шахсони алоҳида ба ин раванд, ташаккул додани муҳити сунъӣ барои рақобати дохилии равандҳои инноватсионии ба даст овардани навоварӣ мебошад.

Мушкилии ин вазифа дар он аст, ки бисёриҳо дар назар доранд, ки инноватсия табиатан бо истеҳсолот ва хароҷоти баланд алоқаманд аст, ки ин на ҳамеша дуруст аст, зеро. навоварӣ асосан дар натиҷаи тасодуфӣ ё дар натиҷаи таҳаввулоти ҳамроҳ ба вуҷуд меояд. Дар ниҳоят, мо сохтори бозори инноватсиониро барои истифодаи минбаъдаи онҳо эҷод карда, тасниф ва хусусиятҳои хоси онҳоро ташаккул медиҳем. Ҳамин тариқ, мо технологияи истифодаи оқилонаи бозори инноватсиониро ҷорӣ мекунем. «Технология танҳо як калимаи дарози юнонӣ аст, ки аслан маънои «халтаи асбоб» аст; бояд аз худ бипурсем: дар ин рақобат кадом абзорҳо муҳимтаранд, оё ҳамаашон ҳамчун нишондиҳандаи қудрат ва тавоноӣ хизмат мекунанд?... Чунин асбоб метавонад, масалан, ҷаҳонбинӣ бошад» [2, с. 12], эҷоди навоварӣ нест. Танҳо равиши технологӣ, ин маҷмӯи ҷаҳонбинии муносибати инсон ба ношинос ва хоҳиши бо амали худ ба даст овардани чизи номаълум ва ба ҳаёт овардани натиҷаи амалӣ, яъне. навоварӣ.

Хулоса, инноватсия маҷмӯи потенсиалии (статикии) иттилоот ва дониш аст. Дар марҳалаи аввали фаъолияти инноватсиони дар сектори инноватсионии иқтисодиёт мо аломатхои чараёни инноватсиони ва инноватсияро дида мебароем. Аломат «нишондод, нишона, нишонаест, ки ба воситаи он чизеро дарк кардан, муайян кардан мумкин аст» . Он барои фарқ кардан ва равшан кардани раванди навоварӣ ва навоварӣ аз дигар шаклҳои фаъолият кӯмак мекунад. Аломатҳои раванди инноватсия ва инноватсияро муайян мекунем:

1. Танҳо як аломати раванди инноватсионӣ мавҷуд аст - «ба даст овардани навоварӣ» ва параметр - «навоварии ба даст овардашуда».

2. Фақат як аломати навоварӣ мавҷуд аст - «навоварӣ» ва параметраш «дар бозор мавҷуд набудани истифода ва истеъмол дар бозор».

Аломатҳо нишондиҳандаҳое мебошанд, ки аз онҳо танҳо ду - сифатӣ ва миқдорӣ мавҷуд аст, ки ба мо имкон медиҳад, ки объектҳои баррасишавандаро аз бисёр объектҳои атрофи мо баҳо диҳем ва фарқ кунем. Барои гузаштан ба таснифи инноватсияҳо бояд меъёреро муайян кунем, ки мо онҳоро аз рӯи он баҳо медиҳем. Агар меъёри сифатро гирем, яъне. мавҷудияти объекти ягон моликият, пас мо шумораи беохири навоварӣ ба даст меорем. Ин аз нуқтаи назари тадқиқот нишондихандаи ҳақиқии низомнокӣ нахоҳад шуд, балки шумораи тафсирхоро зиёд мекунад.

**Адабиёт**


1. Алишаскас Ю. Как укротить инновационный процесс на предприятиях // Социальный труд, 1991, №2-с.63-66.
2. Агасарова В.И. Развитие методов государственной поддержки малого инновационного предпринимательства. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук. Москва, 2013 -С. 11-12.
3. Бабинцев В.С., Блинов В.М. Инновационная стратегия малых и крупных фирм // Инновационная политика развитых капиталистических государств. Сборник трудов. Вып.3 - М.: ВНИИ системных исследований, 1990-71с.
4. Балясников В.А. Финансирование инновационной деятельности и их взаимосвязь с жизненным циклом продукции // Проблемы машиностроения и автоматизация, 1995, №3-4; 5. Инновация и рынок: стратегия, управление, эффективность. - М.: ВНТИЦ, 1992.
5. Файзуллоев М.К. Развитие механизмов инвестирования научно-технической и исследовательской деятельности в Республике Таджикистан. - С. 261.
6. Шумпетер Й. Теория экономического развития. - М.: Прогресс, 1982-245с.
7. www.innovation.tj/ 31.


## САНОАТИКУНОНӢ ВА «ИҚТИСОДИ САБЗ» ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Ризоев К.,** н.и.и., дотсенти ДБССТ **Насирдинов И. - н.и.и., ДБССТ**


Муаммоҳои рушди иқтисодӣ, саноатикунонӣ босуръат ва омилҳои мусоидаткунанда ба онҳо дар илми назарияи иқтисод баҳсҳои доманадор ва туллониро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши тамсилаҳои гуногун оиди рушди иқтисодӣ ва саноатикунонии кишвар далели равшани гуфтаҳои боло мебошанд. Сабаби чунин мавқеъ пайдо кардани масъалаи таъмини рушд ва саноатикунонии кишвар дар иқтисод, ин алоқамандии он бо ҳалли масъалаҳои дигари дохилӣ ва берунии иқтисодӣ мебошад. Пеш аз ҳама рушди иқтисодӣ ва саноатикунооии кишвар имкон медиҳад, ки бозори дохилии мамлакат бо молу хадамоти зарурӣ таъмин карда шуда, ҷойҳои кори зиёд гардад ва дар ин асос манбаҳои даромади аҳолӣ ва давлат густариш ёфта, қобилияти харидории аҳоли ва сатҳи зиндагии он боло раванд. Аз андешаҳои боло метавонем хулоса намоем, ки таъмини рушди иқтисодӣ ва саноатикунонии кишвар заминаи боэътимоди суботи иҷтимоиро дар ҳар як мамлакат ба вуҷуд меорад. Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳою Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии ҶТ рӯзи 22-юми декабри соли 2017 ва 26 декабри соли 2018 баён намуданд, ки «Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиққунандаи «иқтисодиёти сабз» маҳсуб ёфта,

аз лиҳози истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад, зеро 98 фоизи барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад».(1.5).«…истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетики Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза- яке аз асосҳои рушди «иқтисоди сабз»-метавонад ба кам гардидани партовҳои гази карбон ба атмосфера мусодати ҷиддӣ намояд» ва дар он  Паёми худ таъкид кардаанд:«…бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулои дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад»(2.2). Пештар Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 7-уми СММ, ки дар таърихи 20-28-уми сентябри соли 2015 баргузор гардид, чунин иброз дошта буд: «Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи партовҳои гази карбонат ба фазо дар байни кишварҳое, ки камтарин ҳаҷми партови газҳоро доранд, ҷои 135-умро соҳиб аст. Ин партовҳо ба сари аҳолӣ рақамеро ташкил медиҳанд, ки аз нишондиҳандаҳои миёнаи дунё ба маротиба камтар аст. Истифодаи васеи манбаҳои таҷдидшавандаи энергия, алалхусус гидроэнергетика, ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва ташаккули иқтисоди сабз мусоидат менамояд.»(6.20).

Дар Осиёи Марказӣ, мисли дигар минтақаҳои ҷаҳонӣ, манбаи асосӣ ва зиёди истеҳсоли қувваи барқ ба стансияҳои гармдиҳии барқӣ (70%) рост меояд, ки ҳамасола миллионҳо тон гази карбонатро  ба муҳити атроф паҳн менамояд.Минтақаи мазкур дорои имкониятҳои бузурги манбаҳои обӣ мебошад ва дар шароити имрӯза танҳо 10%-и он истифода мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имконияти солонаи захираҳои барқии обӣ зиёда аз 527 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳанд, ки талаботи ҳозираи кулли мамлакатҳои Осиёи Марказиро се маротиба зиёд қонеъ мегардонад. Айни замон ҳамагӣ 5 фоизи ин иқтидор истифода мешавад.

Далелҳои дар боло овардашуда ва андешаю гуфтаҳои Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои асосии пайдоиш ва зарурияти васеи омӯзиш ва тадқиқи ҳамаҷонибаи гидроэнергетика «энегияи сабз» ва «иқтисоди сабз»-ро пеш мегузорад. Муаммоҳои «энергияи сабз»,«иқтисоди сабз» ва омилҳои муайянкунандаи онҳо дар илмҳои ҷомеашиносӣ баҳсҳои доманадор ва туллониро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши вожаҳои гуногун доир ба барқи «сабз», «иқтисоди сабз» далели равшани гуфтаҳои боло мебошанд.

Стратегияи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти сармоягузорӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист, ки дар конфронси байналмилалие, ки оид ба рушди босуботи иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист солҳои 1992 дар Бразилия ва 2002 дар маркази Африкаи Ҷанубӣ баргузор гардид, барои муаммои «иқтисоди сабз» асос гузоштааст. Сабаби чунин мавқеъ пайдо кардани муаммои «иқтисоди сабз» ин алоқамандии он бо ҳалли масъалаҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ мебошад. Бинобар ин бояд муайян карда шавад, ки оё дар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъмини «иқтисоди сабз» вуҷуд доранд ё не.  Тасдиқи ин андешаҳо нишондодҳо ва гуфтаҳою баромадҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар дохил ва берун аз кишвар гувоҳӣ медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омилҳо мавҷуданд ва танҳо тарзу усул ва роҳҳои ба ин мақсад расидан бояд дар шакли мушахас дар «Консепсияи миллии «иқтисоди сабз» ва Стратегияи амали-

гардонии он кор карда баромада, тасдиқ шуда, қувваи қонунӣ дошта бошад. Чунки раванди «иқтисоди сабз» дар натиҷаи таҳаввулоти хоҷагии ҷаҳонӣ дар асри XX-ум пеш омад, ки он ба инкишофи бузурги иқтисодии мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ алоқаманд мебошад. Ин тамоюли тараққиёт башаришавии ҳаёти хоҷагии ҷаҳониро пеш овард, ки он табодули тағйиротҳои куллии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асри XX ва аввали асри XXI мебошанд. Барои инъикоси кулли ин дигаргуниҳо, навовариҳо, муаммоҳо ва равандҳо мафҳумҳои «иқтисоди сабз», «муҳити зист ё экология», «саноати сабз», « энегияи барқи сабз» пеш омада қабул шудаанд. Ин раванди фаъолият ба он оварда расонд, ки дар ҷараёни зиндагӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ муаммоҳое пеш омаданд, ки ба ин хоҷагӣ таъсири мусбӣ ё манфӣ мерасониданд ва солҳои 70-80-ум асри гузашта баррасии илмии онҳо оғоз гардид. Агар то ин муддат проблемаи асосии башарият ин аз байн бурдани ҷанги ҳаставӣ бошад, пас ҳоло дар радифи аввал олимон ва мутахассисон проблемаи экологӣ, «иқтисоди сабз», дигар гурӯҳи олимон проблемаи демографӣ, инчунин проблемаи қашоқӣ ва қафомондагӣ ва ғайраро мегузоранд.

Дар замони муосир ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти «иқтисоди сабз»-ро ҳаргуна мефаҳманд. Яке онро соҳаи нави иқтисод меҳисобад, ки табиати кишварро беҳтар мегардонад. Дигарон бошанд онро инъикоси технологияи нав, ҳамчун экосистема барои беҳтар намудан ва нафъ овардан ба вазъи табиат арзиш медиҳанд. Сеюмин бошад онро гузариш ба марҳалаи нави тараққиёт, ки мақсадаш пеш овардани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мефаҳманд.(6.48.,5).

Ҳамаи ин нишондодҳо оид ба муайян намудани фаҳмиши аҳамияти вожаи «иқтисоди сабз» наздик мебошанд. Иқтисодиёт барои нигоҳдорӣ, беҳбудии аъзоёни ҷомеа аз ҳисоби самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, инчунин таъмини такрорнамоӣ ва расонидани маҳсулотҳо ба истфодабарандагонашон ва ба занҷири истеҳсолӣ равонашуда мебошад. Дар навбати аввал «иқтисоди сабз» барои истифодаи самараноки он захираҳое, ки дар шароити муосир ба нестшави расидаанд (нефт, газ) ва самаранок истифода бурдани захираҳои алтернативии барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ), нақлиёти бо қувваи барқ ҳаракаткунанда, сӯзишвории биологӣ ва монанди онҳо нигаронида шудааст. Ҳоло дар Тоҷикистон миқдори рӯзҳои офтобӣ дар давоми сол аз 260 то 300 рӯз мебошад. Васеъ истифода бурдани нерӯи офтоб мувофиқи мақсади «иқтисоди сабз» мебошад. Шароити табиии Тоҷикистон барои истифодаи захираҳои «иқтисоди сабз» аз қабили гидроэнергетика, нерӯи офтоб ва шамол хело мувофиқ мебошад. Раванди истифодаи энергияи барқароршаванда бо технологияи наву дастрас дар ҷаҳон бо суръати баланд афзоиш меёбад. Аз рӯи истеҳсоли батареяҳои офтобӣ мамлакати Чин дар ҷахон пешсаф мебошад. Германия бошад, соли 2011 ба воситаи сарчашмаҳои барқароршаванда 20% барқ истеҳсол намуда бошад нақша дорад, ки то соли 2050 онро ба 80% расонад.(6.37.) Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба чорабиниҳое, ки оид ба сарфакорона истифода бурдани барқ, истифодаи технология ва таҷҳизотҳои каммасрафи барқӣ ҷорӣ шудаанд, аз рӯи самаранокии энергия дар ММД аз мамлакатҳои зиёди ҷаҳон нишондиҳандаи паст дорад. Дар ҳалли проблемаи энергетикӣ, аввалан баланд бардоштани самаранокии энергия ва сарфаи энергияро ба ҳисоб гирифтан лозим аст ва ин бо зудӣ эҳсос карда мешавад. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намудааст, ки «Дар баробари ин, истеъмолкунандагон ва тамоми сокинонро зарур аст, ки барои кам кардани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи сарфакоронаи он, аз ҷумла тавассути истифодаи васеи технологияҳои каммасраф кӯшиш намоянд.

Дар ин сурат мо метавонем дар се соли оянда ба истиқлолияти энергетикӣ ноил гардем».(1.6.)

Инкишоф ва рушди ояндаи иқтисоди ҷаҳон аз энергияи барқароршаванда вобастагии зич дорад. Чунки энергия омили муҳимми таъмин намудани рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши партовҳои гази карбонат мебошад. Аз рӯйи ҳисоби олимон 2%-и ММД-и ҷаҳон кифоя аст, ки «сабзгардонӣ»-и 10 сектори рушддиҳандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, кам кардани партови газҳои гармхонавӣ ва самаранок истифода намудани захираҳо ба амал баровардa шавад. Барномаи СММ оид ба муҳити зист дар моҳи марти соли 2009 маърӯзаи «Раванди нави глобалии сабз»-ро тайёр намуд, ки дар он зарурияти сармоягузориро вобаста ба пешгирии муаммоҳои экологии ҷаҳонӣ пешниҳод намуд. Дар барнома қайд шудааст, ки сармоягузориҳо дар ҳаҷми 1% аз ММД-и ҷаҳонӣ 750 млрд. долларро ташкил медиҳанд, ки дар ду соли оянда метавонад ба ташкил ва рушди инфрасохтори «иқтисоди сабз» дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи мустаҳкам гузорад.(6.19.,4.)

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намудааст, ки: «Дар баробари бунёди иншооти нави тавлиди нерӯи барқи обӣ имрӯз зарурати таҷдиди нерӯгоҳҳои амалкунанда пеш омадааст, ки сармоягузории зиёдро тақозо менамояд».(1.5.) Яъне барои гузариш ба «иқтисоди сабз» Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки давраи туллонии бунёд, дигаргунсозӣ, таҷдиди неругоҳҳои пештар сохта шуда ва навро сармоягузори намояд. Ин имконияти амали гардонидани «иқтисоди сабз» на танҳо дар кишвар, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он мешавад. Ба ин ҳадаф расидан таҷдиди нерӯгоҳҳои обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроқум» ва бунёди нерӯгоҳи обии «Роғун» зарур мебошад, ки 16 ноябри 2018 дар Рӯзи Президенти ЧТ агрегати аввали Неругоҳи барқи обии «Роғун» бо иштироки Пешвои миллат ба истифода дода шуд, ки дар баромади худ зикр намуданд: «**Имрӯз рӯзи равшаниву нур ва бунёди пойдевори асосӣ барои расидан ба ормонҳои миллӣ ва фардои дурахшони Тоҷикистони азизамон мебошад**». Иқтидори истеҳсолии «Роғӯн» 3600 мегават буда, он аз неругоҳи Норак 0,9 млн.квт зиёдтар мебошад ва бо баландии сарбанд- 335 метр (дар миёни неругоҳҳои об) дар ҷаҳон аз ҳама баландтарин ба шумор меравад ва 6 агрегати онро беш аз 22 ҳазор нафар шабонарӯз бунёд карда истодаанд. Бинои НБО дар дохили кӯҳ,дар масофаи зиёда аз 70 километр бунёд карда мешавад, ки дар радифи даҳ иншооти ҷаҳоӣ қакрор мегирад.Дар асоси пешгӯиҳои мутахассисон, бо бунёди пурраи ин нерӯгоҳ 250 ҳазор нафар соҳиби ҷойи кор шуда, дар маҷмӯъ, сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии бештар аз 60 млн. аҳолии минтақа беҳ мегардад. Бо бунёди НБО-и «Роғун»-Тоҷикистон дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ ба пуриқтидортарин кишвари тавлидкунандаи неруи барқи «сабз» мубадал мегардад ва кишвар ба истиқлолияти пурраи энегетикӣ мебарояд. Омили асосии бунёди «иқтисоди сабз» ва табдили кишвар аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ имкониятҳои васеъ ба вуҷуд меоянд.

Дар нерӯгоҳҳои амалкунанда амалан аз нисф зиёди фондҳои асосии онҳо аз нуқтаи назари ҷисмонӣ фарсуда шудаанд. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани вазъияти баамаломадаи фарсудашавии ҷисмонӣ зарурияти сармоягузориҳои нисбатан калон барои ҷумҳурӣ пеш омада, амали намудани онҳо иқтидори энергетикии кишварро баланд мебардорад. Хамчуноне дар Паём омадааст: « Илова бар ин, ҳоло барои навсозии системаи энергетики кишвар ва бунёди инфрасохтори зарурии содироти он татбиқи 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 8,1 миллиард сомонӣ

идома дошта, дар маҷмӯъ, барои рушди соҳа беш аз 21 миллиард сомонӣ (яъне 2 миллиарду 400 миллион доллари америкоӣ) равона гардидааст».(1.5.)

Муҳтаво ин аст, ки барои халалдор нагардидани муҳити зист дар минтақаи Осиёи Марказию Ҷанубӣ сохтмони хатти минтақавии интиқоли барқии аз ҷиҳати экологӣ тоза КАСА-1000 ба масофаи 252 километр ва ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ оғоз гардидааст, ки он шабакаҳои барқии Тоҷикистону Қирғизистонро бо дигар кишварҳои минтақа Афғонистон ва Покистон пайваст намуда, имкониятҳои васеи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ин давлатҳоро оид ба содироти энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад.(6.98).

Президенти Ҷумҳурии Узбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар сафари давлатии худ ба Чумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9-10 марти соли 2018 дар суханронии худ қайд намуд, ки соли оянда дар мамлакаташон то 32% истифодаи қувваи барқи муқарарӣ ба қувваи барқи обӣ «сабз» мегузаранд. Инчунин шартнома бобати мубодилаи байниҳамдигарии неруи барқ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба имзо расида буд, ки мувофиқи ин шартнома шоми 2-юми апрел хатти интиқоли барқ аз зеристгоҳи Регар (Тоҷикистон) ба зеристгоҳи Гулча (Узбекистон) зери шиддат монда шуд ва бо ҳамин интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба Узбекистон оғоз ёфт. Ин миқдор кувваи барқро онҳо аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд гиранд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиёда аз 16 сол аст, ки ибтикороти вобаста ба обро роҳандози менамояд.Зарурият ва аҳамияти ин муаммо боз хусусиятҳои умумибашрӣ мегиранд. Ин аст, ки 21 декабри соли 2016 Қатъномаи СММ якдилона қабул гардид. Пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор,солҳои 2018-2028» эълон шуд,ки он аз аз 22 марти соли 2018 шурӯъ шуда, дар рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад.Ин ҳаст ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳалӣ муаммоҳои умумиҷаҳонии об, иқтисоди «сабз», ҳифзи муҳти атроф.

Бо нишондод ва андешаи мутахассисон, тараққиёти «иқтисоди сабз» имконияти мамлакатҳои зиёдеро аз бухронҳои экологӣ эмин нигоҳ медорад, чункӣ мамлакатҳои зиёди инкишофашон баъди саноатӣ ба чунин бухрон рӯ ба рӯ шудаанд.

Ин тамоилҳоро ҷамбаст намуда, бояд қайд намуд, ки тамоюли ҷаҳонишавии «иқтисоди сабз» ин афзоиши самараноки истифода ва тараққиёти васеи энергияи барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ) дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, нақлиётӣ аз лиҳози экологи бехатар, таъмини талаботи одамон бо маҳсулоти бехатар ва сифатноки истеъмолӣ, об, сохтмонҳои нави саноатӣ ва зерсохтори иттилоотӣ мебошад. Имрӯз 40% инноватсияи ҷаҳони ба «иқтисоди сабз» рост меояд, 50% ба нигоҳдории энергия ва самаранокии он равона шудааст. (4).Дар Паёми соли 2019 Президенти ЧТ қайд намудаан:»…истифодаи васеи манбаҳои барқароршавандаи энергия, бахусус захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди «энергияи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» ба ҳисоб меравад. Бо пурра ба кор даромадани Неругоҳи барқи обии «Роғун» Тоҷикистон дар миқиёси олам ба қатори се кишвари авали тавлидкунандаи «энергияи сабз» шомил мегардад»(2.2).

Хулоса, муҳтавои Паёмҳо ва баромадҳо - «иқтисоди сабз» рушду нумуи омили асосии инкишофи ҷомеа, бунёд ва таҷдиди нерӯгоҳои барқии обӣ, истеҳсоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ «сабз», сохтмони даҳҳо корхонаҳои хурду бузург, бунёди ҳазорҳо ҷойҳои кории «сабз», истеҳсоли маҳсулотҳои «сабз», барқи «сабз», саноатикунонии босуръати кишвар- ҳадафи чоруми миллӣ ва дар ин асос баланд шудани

сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақа, паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар кишварро ташкил медиҳанд. Умуман дар таъмини рушди минбаъда ва саноатикунонии босуръати кишвар, ки ҳадафи чоруми миллӣ мебошад нақши «иқтисоди сабз», «барқи сабз» ниҳоят бузург ва умедбахш мебошанд ва Тоҷикистон аз мамлакати аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ табдил хоҳад ёфт.


**АДАБИЁТ:**

1.ПАЁМИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017.,Минбари халқ, 27 декабри соли 2017,№ 52. С.5-6.

2.ПАЁМИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018.,Ҷумҳурият ,26 декабри соли 2018,№ 256. С.2.,аз 26 декабри соли 2019., Ҷумҳурият, 26 декабри соли 2019, №249.

3.Анисимов С.П. «Зеленая экономика» и электроэнергетика./Национальные проекты.-2013.-№6.-С.4-13.

4. «Зеленая» экономика // http://minpriroda.by/

5.Обзор «зеленой» экономики ЮНЕП, 2011 // http://www.unep.org /

6.Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои институтсионалии ташкили «иқтисодиёти сабз» дар ҶТ», Душанбе-2017. С.19-20.


## ШАКЛҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ОИЛА АЗ ТАРАФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ОИЛАВӢ


**Раҳимов Р.,** омӯзгори ҳамкори берунаи кафедраи ҳуқуқи ДБССТ


Бе оилаи солим мавҷудияти ҷомеаи солим ғайриимкон аст. Ҷомеаи башарӣ дар тӯли садсолаҳо ин ҳақиқати бебаҳсро ба ҳукми исбот расонидааст.

Муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи конститутсия, кодекси оила ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровarda мешавад. Бинобар ин қонунгузории оилавӣ, пеш аз ҳама, бинобар зарурати таҳкими оила, эҳтиром ва гиромидошти мутақобилаи ҳамсарон, кумаки байниҳамдигарӣ ва масъулияти аъзои оила дар назди якдигар, роҳ надодан ба дахолати худсаронаи ашхоси беруна ба ҳаёти оилавӣ, таъмини бемамонияти татбиқи ҳуқуқҳои аъзои оила ва муҳофизати судии онҳо бунёд ёфтааст.

Қонунгузории оилавӣ номгӯи воситаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои оилавиро пешниҳод намекунад. Ин воситаву усулҳо дар меъёрҳое нишон дода шудаанд, ки ин ё он муносибати оилавиро ба танзим медароранд. Масалан, меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои никоҳӣ воситаҳои зерини ҳимояи ҳуқуқ, аз қабили қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳо оид ба аҳдномаи ақди никоҳ - қатъ ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои танзимкунандаи уҳдадориҳои алиментӣ - ситонидани ҷарима ва ҷуброни зарарро пешбинӣ мекунад. Моддаи 12 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳама воситаҳои ҳимояи ҳуқуқи гражданӣ, ки дар ин модда номбар шудаанд, барои ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ низ ба кор мераванд. Албата, ин воситаҳо пеш аз ҳама эътирофи ҳуқуқ, барқарор намудани ҳолатҳое, ки то ҳуқуқвайронкунӣ ҷой дошт, пешгирӣ намудани амалҳое, ки боиси ҳуқуқвайронкунӣ ё ба вуҷуд овардани таҳдиди вайрон кардани ҳуқуқ мегардад, беэътибор эътироф шудани аҳди баҳснок, беэътибор

эътироф шудани санади мақомоти давлатӣ, ҷуброни зарари маънавӣ ва ғайра мебошанд.

Ҳамзамон мавриди зикр аст, ки дар низоми қонунгузории Тоҷикистон нақш ва мақоми Кодекси оила хело бузург аст, ки асосан ба танзими муносибатҳои оилавӣ, таъмин ва ҳимояи ҳуқуққои оилавӣ нигаронида шудааст. Чунончи кодекси мазкур муайян менамояд, ки оила, ақди никоҳ, модар, падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор дорад. Қонуни оила ба зарурати таҳкими оила, ба бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббату эҳтироми якдигар, кумаки мутақобила ва масъулияти ҳамаи аъзои оила дар назди оила, раво набудани дахолати беасоси ҳар шахс ба корҳои оила, татбиқи бемонеаи ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои худ аз ҷониби аъзои оила ва имконияти судии онҳо асос меёбад.

Қонун муайян намудааст, ки танҳо он ақди никоҳе эътироф карда мешавад, ки дар мақомоти давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ҷо оварда шудааст. Ақди никоҳе, ки бо расму оини динӣ сурат гирифтааст, эътибори қонунӣ надорад. Пас никоҳ асос ва таҳкурсии ташкилёбии оила буда, бо созиши тарафайн, ихтиёрона бастани он барои ҳифзи ҳуқуққои аъзои оила аҳамияти фавқулодда муҳим дорад. Давлат поймолкунии ҳуқуқҳоро ҳангоми ба никоҳ даромадан, тавассути муқаррар намудани шартҳои махсуси ба никоҳ даромадан пешгирӣ менамояд.

Аз ин ҷиҳат баамалбарории ҳуқуқи оилавӣ мувофиқи Кодекси оилавӣ аз ҷониби иштирокчиён хислати ихтиёрӣ дошта, нисбат ба он ягон муқаррароти ҳатмӣ пешбинӣ нагардидааст. Пас, аз ин ҷо бармеояд, ки иштирокчиён дар мавриди қабули қарор дар бораи амалисозии ҳуқуқи оилавӣ, ҳифз ва содир намудани амалҳои заррурӣ комилан соҳибихтиёр буда, онро аз рӯи салоҳияти худ қабул менамоянд. Ҳамзамон Кодекси оила иштирокчиёнро водор намудааст, ки худашон ҳуқуқи оилавии худро бе ягон дахолати мақомоти давлатӣ татбиқ ва ҳимоя намоянд. Албатта, иҷозат додани чунин дахолат дар мавриде амалӣ мегардад, ки агар ҷамъият ба ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ манфиатдор буда, дахолати прокурор, мақомоти васоят ва парасторӣ имконпазир гардад.[19] Бо ҳамин мазмун, баъзан олимони соҳаи ҳуқуқ ин ақидаро дуруст меҳисобанд. Аз ҷумла Д. Н. Кархалев иброз медорад,ки ҳуқуқи оилавӣ бояд аз рӯи таъиноти худ, бе халалдорсозии ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсон ва аъзои дигари оила амалӣ гардад.[20]

Ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши муқаддас эътироф гардида, аз тарафи давлат ҳифз карда мешавад. Ҳамзамон риояи он аз тарафи қонунҳо ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, кафолат дода мешавад. Чунин принсипи конститутсионӣ ифодаи худро дар меъёрҳои қонунгузории оилавӣ муайян намудааст, ки тибқи он иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ дар ҳифзи ҳуқуқи субъективии худ мустақиланд. Ба таври дигар мафҳуми ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ низоми чорабиниҳое фаҳмида мешавад, ки ҳадафи онҳоро эътироф ва барқарор намудани ҳуқуқи оилавӣ ташкил дода, ҷиҳати пешгирии ҳуқуқпоймолкуниҳо равона гардидаанд ва нисбат ба

---

[19]Ниг:Маҳмудов М.А..,Худоёров Б.Т.Тафсири Кодекси оилаи Ҷумхурии Тоҷикистон.Нашри чорум бо иловаҳо.Д.: "Эр-граф",2011.-с.22-23.

[20] Ниг: Кархалев Д.Н. Осуществление и защита семейных прав.// Семейное право на рубеже XX-XX1 веков.-М.:Статут,2011.-с.46.

шахсони гунаҳкор муҷозоти ҳуқуқиро татбиқ намуда, амалишавии бомароми ҳуқуқҳои оилавиро таъмин менамояд.[21]

Чунончи моддаи 8 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи суд, мақомоти васояту парасторӣ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва мақомоти дигари давлатӣ ҳимоя кардани ҳуқуқҳои оилавиро муайян намудааст. Ин усулҳо гуногун буда, муҳимтарини яке аз онҳо, ки тибқи моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, ҳимояи судӣ мебошад. Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи зану мард, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушди камоли онҳо, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайри қобили меҳнати оила сурат мегирад. Аз тарафи дигар бошад Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрникоҳиро манъ намудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории давлатанд. Аз ин рӯ, ҳимояи оила, модар ва кӯдак, дастгирии иҷтимоии оила аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлатӣ ба шумор меравад. Ин муқаррароти Конститутсия шаҳодати он аст, ки таваллуди кӯдак ва никоҳ натанҳо кори шахсӣ аст, балки аҳамияти калони ҷамъиятӣ дошта, дастгирии давлатро талаб мекунад.

Зиёда аз 40 моддаи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ ва шаклҳои амалӣ кардани онро пешбинӣ намудааст, ки дар он паҳлуҳо ва роҳу усулҳои ҳимояи онро дар бар мегирад. Аммо, бояд зикр намуд, ки татбиқи ҳуқуқҳои оилавӣ набояд манфиати дигар аъзои оила ва шаҳрвандонро халалдор созад. Чунин воситаю усулҳо дар меъёрҳое нишон дода шудааст, ки ин ё он муносибатҳои оилавиро ба танзим медароранд. Масалан, дар ин маврид чунин марҳилаҳои ҳифзи ҳуқуқи оила истифода мешаванд;

- бо тартиби судӣ кам намудани синну соли никоҳшавандагон;
- бастани созишнома оиди тақсимоти молу мулки якҷоя;
- аз тарафи суд баррасӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон;
- тақсимоти молу мулки якҷоя;
- муқаррар намудани алимент;
- ҳифзи ҳуқуқи фарзандон вобаста ба тарбияи онҳо;
- баррасӣ намудани парвандаҳо оиди фарзандхонӣ;
- шинос шудан бо шарту шароити зисту зиндагии довталабон;
- ҳалли масъалаи васояту парасторӣ;
- дигар шаклҳои қабули кӯдак ба тарбия.

Яке аз марҳилаҳои ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ, ин давраи то никоҳӣ мебошад, ки дар он усулҳои асосии бастани ақди никоҳ оғоз меёбад. Дар ин маврид пеш аз ҳама он масъалаҳоеро ба назар бояд гирифт, ки ба ҳифзи ҳуқуқи оила равона карда шудаанд. Чунончи манъ будани бастани ақди никоҳ бо шахсоне, ки аз тарафи суд бинобар сабаби сӯистифода аз нӯшокиҳои спиртӣ ё маводи нашъаовар дорои қобилияти амали маҳдуд эътироф гардиданд. Яъне ҳолати номбурда монеаи бастани

[21] Ниг: Звягинсева Л.М.Меры защитыв советском семейном праве.//автореф.дисс.канд.юрид.наук.-Свердловск,1980.-с.10.

ақди никоҳ мегардад. Ҳамзамон бо сабаби сӯистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар маҳдуд кардани қобилияти амали шаҳрвандро моддаи 31 КГ ҶТ пешбинӣ кардааст. Тартиби маҳдуд намудани қобилияти амалкунии шахсро бошад, КМГ ҶТ (боби 31, моддаҳои 285-287) муайян намудааст, ки аз рӯи талаботи он аризаҳо бо тартиби пешбурди махсус баррасӣ мегарданд. Албатта чунин амал, яъне маҳдуд кардани қобилияти амалкунии шаҳрванд, бинобар сӯистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар ба салоҳияти суд дода шудааст. Ҳангоми бо ҳалномаи ба қувваи қонунӣ даромадаи суд маҳдуд кардани қобилияти амали шахс эътироф мегардад. Бо ҳамин мақсад КО ҶТ (банди 5 моддаи 14) ба ақди никоҳ даромадани чунин шахсро манъ менамояд. Таҷрибаҳои судӣ нишон медиҳанд, ки сӯистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи нашъаовар аз ҷониби падару модар яке аз сабабҳои қатъ гардидани ақди никоҳ, аз тарбия ва таъминоти ҳаматарафаи падару модар маҳрум гардидани кӯдак ва дигар оқибатҳои манфӣ дар оила оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз таҷрибаҳои ҳаёт нишон медиҳанд, ки чунин шахсон дар тарбияи кӯдак саҳлангорӣ намуда, оқибат аз он даст мекашанд.

Дигар марҳилае, ки барои ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ равона карда шудааст, ин дар давраи ҳаёти якҷояи ҳамсарон ба миён меояд. Ин падида, ки манфиати ҳамсаронро ҳимоя мекунад, падидаи аҳдномаи никоҳ ба шумор меравад. Тавассути аҳдномаи никоҳ шахсони издивоҷкунанда ва ё зану шавҳар ҳуқуқ доранд, моликияти муштараки ба молу мулки умумӣ муқаррарнамудаи қонунро тағйир дода, низоми моликияти саҳмиро ба тамоми молу мулки дар давоми ақди никоҳ ҷамъовардаашон ё ба намудҳои алоҳидаи он ё худ ҳама гуна низоми молу мулки умумиашонро, ки ба ҳар яки онҳо тааллуқ дорад, муқаррар намоянд.

Аҳдномаи никоҳро зану шавҳар ҳуқуқ доранд, ки нисбати низоми амволи мавҷуда ва ҳам амволи дар оянда ба даст меомада банданд. Инчунин шахсони издивоҷкунанда ва зану шавҳар ҳуқуқ доранд, ки дар аҳдномаи никоҳ ҳолатҳои зеринро сабт кунанд:

- ба инобат гирифтани ҳуқуқу уҳдадориҳои якдигар ва таъминоти якдигар дар оянда, масалан дар ҳолати маъюбӣ, корношоямӣ, касалию беморӣ, фавт, зараррасонӣ, пиронсолӣ, бекорӣ, фарзандхондӣ, таълим, қарздоршавӣ ва ғайра:
- тарзи иштирок дар даромадҳои якдигар:
- тартиби хароҷоти молу мулк, маош, даромади оила, аз ҷониби ҳар кадоми онҳо:
- муайян намудани амволе, ки дар сурати бекор кардани никоҳ ба ихтиёри ҳар кадоми онҳо гузошта мешавад:
- ҳама гуна муқарраароти дигарро марбут ба муносибатҳои амволиашон дохил намоянд.

Бо ҳамин мақсад, созишномаи ақди никоҳ аз тарафи зану шавҳар ба таври хаттӣ, мувофиқи бастани аҳдномаи никоҳ сурат мегирад. Созишнома бояд дар доираи қонуни оила, шаҳрвандӣ, меҳнат, манзил, Конститутсия ва дигар қонунҳои ҷорӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шавад ва ҳуқуқи ягон ҳамсарро вайрону халалдор накунад.

Қонунгузории оилавӣ дигар шакли муҳофизати ҳифзи ҳуқуқҳои оилавиро дар давраи барҳамхӯрии оила низ баррасӣ намудааст. Бо ин мақсад КО ҶТ як қатор

меъёрҳоеро пешбинӣ менамояд, ки онҳо то ҳадди имкон бекор намудани акди никоҳро пешгирӣ намуда, ба мустаҳкамии оила равона карда шудаанд. Масалан, муқаррар кардани муҳлат барои оштишавии ҳамсарон. Лекин муқаррароти мазкур ҳуқуқи ҳамсаронро барои бекор намудани ақди никоҳ маҳдуд намесозад. Дар ҳалли баррасии парванда, агар суд ба хулосае ояд, ки имконияти нигоҳ доштани оила ҷой дорад, суд барои оштӣ додани зану шавҳар тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқ дорад, ки баррасии парвандаро мавқуф гузошта, ба зану шавҳар барои оштишавӣ то шаш моҳ муҳлат диҳад. Оштӣ шудани ҳамсарон ба қатъ гардидани парванда дар бораи бекор намудани ақди никоҳ оварда мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки шакл ва тарзҳои ҳуқуқи оилавӣ ба намудҳои муайян тасниф карда мешавад ва онҳо дар адабиётҳои соҳавӣ ба ду гурӯҳи асосӣ: чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва чораҳои ҷавобгарӣ ҷудо карда шудааст.[22] Аз ин хотир С.П. Гришаев дуруст ёдрас менамояд, ки чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ ва чораҳои ҷавобгарӣ мафҳуми ягона набуда, онҳо аз якдигар фарқ доранд. Чунончи чораҳои ҷавобгарии оилавӣ ҷазоеро дар назар доранд, ки нисбат ба шахсони гунаҳкор оқибатҳои номуайяни номусоид ба вуҷуд меоранд, ки ин оқибатҳо метавонанд хислати молу мулкӣ ва ҳам хислати шахсӣ дошта бошанд. Аммо чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ бошад, ба ҳифзи ҳуқуқҳои поймолгардидаи иштирокчиёни ҳуқуқи оилавӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон чунин ақидаро олими дигар Д.Н.Кархалев тасдиқ менамояд.[23]

Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 8) шаклҳои мухталифи ҳимояи ҳуқуқи оилавиро пешбинӣ менамояд, ки дар байни онҳо мутобиқи моддаи 19-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши асосӣ ба ҳимояи судӣ тааллуқ дорад. Шакли судии ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ яке аз шаклҳои паҳнгардида ба шумор рафта, аз ҷониби қонунгузории оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарият дода мешавад. Баррасии баҳсҳои оилавӣ аз тарафи судҳои дорои ҳуқуқи умумии марбута татбиқ мегардад. Парвандаҳо бошад, мувофиқи қоидаҳои Кодекси мурофиавии гражданӣ, шахсан аз ҷониби судя ёколлегия дар ҳайати судя ва ду машваратчии халқ баррасӣ карда мешавад.

Баъзе имтиёзҳоро бошад, Кодекси мурофиаи гражданий амалкунанда ба шаҳрвандон ҳангоми ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ додааст. Аз ҷумла Кодекси мурофиаи гражданӣ муқаррар мекунад: озод кардани даъвогарон аз пардохти хароҷоти судии оид ба даъвоҳо дар бораи ситонидани алиментҳо (моддаи 63); муҳлатҳои кутоҳкардашудаи баррасии чунин парвандаҳо (моддаи 82); Қобили муҳокимаи суд будани корҳои оид ба ситонидани алиментҳо ва дар бораи муқаррар кардани падарӣ аз рӯи интихоби даъвогар (моддаи125), яъне ин гуна даъвоҳо бо интихоби даъвогар чи дар ҷои истиқомати вай ва чи дар ҷои истиқомати ҷавобгар пешниҳод карда шуда метавонад; фавран иҷро кардани ҳалномаҳо дар бораи додани алимент (моддаи 126) ва дигар имтиёзҳо.

Бо ҳамин мазмун, дар мавридҳои пешбининамудаи Кодекси оилавӣ ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ бо тартибҳои маъмурӣ, бо роҳи муроҷиат ба мақомоти идораи давлатӣ ё ба шахси мансабдори муайян ба амал баровarда мешавад. Дар ҳолате, ки

[22] Ниг:Гришаев С.П.Асари ишорашуда.-с.31.
[23] Ниг:Кархалев Д.Н.Асари ишорашуда.-с.48.

кӯдакон аз васояти падару модар маҳрум шудаанд, чунин тартиб, аз ҷумла, барои ҳимояи манфиатҳои кӯдакони ноболиғ муқаррар карда шудааст.

Мақомотҳои ҳокимияти иҷроя дар маҳалҳоро мебояд бақайдгирии кӯдакони бе парастории падару модар мондаро қайд кунанд ва барои дар оилаҳо ҷойгиркунии онҳо мусоидат намоянд. Аз ин лиҳоз, заррур мешуморем, ки ашхоси масъули муассисаҳо (таълимӣ, муоличавӣ ва ғайра) вазифаҳои дар бораи кӯдакони бепарастори бе падару модар мондаро ба мақомоти васоят ва парасторӣ хабар диҳанд. (моддаи 123.КО.) Ҳамзамон ба зиммаи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бобати ҳимояи ҳуқуқи шахсии шаҳрвандон вазифаҳои муайян гузошта шудаанд. Дар ин маврид ҳимояи ҳуқуқи амволи ашхоси алиментгиранда аз ҷониби маъмурияти ҷои кор низ хуб мешуд ба инобат гирифта шавад.

Дар дигар мавридҳое, ки қонун пешбинӣ менамояд, мақомоти идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, бояд барои ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ чораҳои мушаххас андешанд. Мавриди зикр аст, ки дар ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ мақомоти васоят ва парасторӣ нақши муҳимро ба иҷро мерасонад. Қонунгузории оилавӣ ба уҳдадориҳои мақомоти васоят ва парасторӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ ва манфиатҳои кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, инчунин оид ба мавридҳое, ки волидайн аз тарбия ва ҳимояи манфиатҳои онҳо саркашӣ мекунанд, бисёр истинодҳо мавриди зикр қарор додааст. (моддаи 57).

Ба зиммаи мақомоти васоят ва парасторӣ вазифаи ҳаллу фасли баҳсҳо ва ихтилофоти байни волидайн оид ба тарбияи кӯдакон ва дигар масъалаҳо, инчунин баҳсҳои миёни падару модарон ва кӯдакон, миёни васии кӯдак ва волидайни ноболиғи вай ва дигар ашхос, гузошта шудааст. Мақомоти васоят ва парасторӣ метавонад ба суд дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ, дар бораи аз падару модар ситонидани алимент барои таъминоти кӯдакони ноболиғ, дар бораи бекор кардани фарзандхондӣ ва дигар мавридҳо, бе зарурати ваколатҳои махсус даъвоҳо пешниҳод намояд.

Вобаста ба намудҳои вайронкуниҳои ҳуқуқи оилавӣ, тарзу намудҳои гуногуни ҳимояи онҳо пешбинӣ карда шудаанд. Баъзе аз ин тарзу усулҳо ба суд, дигарашон бошад бо тартиби маъмурӣ ё бе муроҷиат ба суд ба амал бароварда шуда метавонанд. Ин тарзро худҳимоякунӣ номидан мумкин аст, яъне шаҳрванд ҳуқуқи худро бе муроҷиат ба мақомоти давлатӣ, бо роҳи пеш гирифтани амалиётҳои пешгирикунандаи вайрон кардани ҳуқуқ мустақилона ҳимоя менамояд. Чунин амалиётҳо, албатта дар доираи қонун амалӣ мегарданд.

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати тарзи ҳимояи ҳуқуқ барқарор намудани вазъеро, ки пеш аз вайрон кардани он мавҷуд буд, пешбинӣ менамояд. Ин тарзи ҳимоя нисбати ҳуқуқи оилавӣ, масалан дар мавриди ақди никоҳро беэътибор донистан, барои ҳимояи ҳуқуқи амволии зану шавҳар ҳангоми шартномаи издивоҷро беэътибор донистани суд ва дар дигар мавридҳо ба кор бурда мешавад.Ҳамзамон Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати тарзи ҳимояи ҳуқуқ беэътибор донистани аҳдро пешбинӣ мекунад, ки чунин аҳд дар вақти ҳимояи ҳуқуқи амволи зану шавҳар ба кор бурда мешавад. Аммо, агар ин ҳуқуқ бар шартномае асос шуда бошад, ки шартҳои ин ғайриқонунӣ буда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии тарафи дигареро вайрон намояд.

Бо мақсади нигаҳдории оилаҳо Кодекси оила меъёрҳои боздорандаи талоқ ва дар айни замон меъёрҳоеро пешбинӣ намудааст, ки ҳуқуқи ҳамсаронро ба талоқ маҳдуд намесозанд. Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани ҳимояи ҳуқуқҳои оилавӣ ташкили судҳои оилавӣ ва ҳимоятгари оилавӣ зарур мебошад.[24] Бамаврид аст зикр намоем, ки ҳимояи ҳуқуқи оилавӣ, аз рӯи қоидаи умумӣ, новобаста аз он, ки чӣ қадар вақт аз лаҳзаи ҳуқуқвайронкунӣ гузаштааст, амалӣ мешаванд.

Мусаллам аст, ки оила маҳаки асосии ҷомеа ба шумор рафта, нақши он дар тарбияи фарзанд ва ба воя расонидани насли наврас басо муҳим мебошад. Аз ин хотир аз ҷониби давлату Ҳукумати кишварамон барои нигоҳ доштани оилаи солим, роҳ надодан барои содир намудани амалҳои номатлуб, яъне зӯроварӣ аз ҷониби аъзои оила нисбат ба ҳамдигар ва инчунин ба амал баровардани ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Аз ин хотир, мақсади асосии шаклҳои ҳифзи ҳуқуқи оилавӣ пеш аз ҳама ба қаноатмандии пурраву ҳамаҷонибаи манфиати шахсиятҳо, муҳайё кардани шароит барои таъмини ҳаёти бошарафона ва инкишофи озодонаи ҳар узви оила, тарбияи кӯдакон мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТҲО:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе-2016.
2. Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998.
3. Маҳмудов М.А.., Худоёров Б.Т. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон .Нашри чорум бо иловаҳо.- Душанбе: «Сурушан», 2002 с.;
4. Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (китоби дарсӣ).- Душанбе: “ЭР-граф”, 2015.
5. Маҳмудов М.А. Семейный суд в США. -Душанбе: Сино, 1996
6. Махкам Маҳмудов. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ҳамсарон дар оила. Душанбе: «ЭР-граф», 2003 с.
7. Усмонов О.У. М.А.Маҳмудов. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Сино», 1994с.

Звягинсева Л.М.Меры защитыв советском семейном праве //автореф. дисс. канд. юрид. наук. - Свердловск, 1980


## ЗАХИРАҲОИ ТАБИИИ БАРҚАРОРШАВАНДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Марҳамади Т., Сафоев А.К., Мирзомуродов Ҳ.**


Қайд намудан лозим аст, ки мамлакатҳои ҷаҳон аз ҷумла: Амрико, Англия, Фаронса, Олмон,Ҷопон ва Чин аз солҳои 80-уми асри XX ба захираҳои барқароршаванда рӯ овардаанд. Чун, ки мутобиқи ақидаи тадқиқотчиён захираҳои анъанавии сӯзишворӣ: нефт, газ, ангишт, торф ва ғайра. Захираҳои сӯзишворӣ, ки ҳоло ба таври васеъ истифода мешаванд, тамомшаванда мебошанд. Ин ҳолатро ба ҳисоб гирифта, алакай давлатҳои мутараққии ҷаҳон чуноне, ки дар боло зикр гардид рӯ ба захираҳои барқароршавандаи табиии оварданд.

Ба захираҳои табиии барқароршаванда дохил мешаванд: захираи об, энергетика, офтоб, шамол (бод) ва ғайра. Дар ин ҷода як гурӯҳ давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба

[24] Ниг: Маҳмудов М.А.Семейный суд в США.-Душанбе:Сино,1996.-с.6.

комёбиҳо ноил шудаанд. Масалан ҳоло дар давлати Олмон ва Чин асбобҳое сохтаанд, ки аз қувваи офтоб барои гарм намудани хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон ва рӯшноии қувваи барқ истифода мебаранд.

Ҳоло он давлатҳое, ки захираҳои об барои сохтмони истгоҳи барқии оби надоранд аз ин асбобҳои сохтаи кишвари Чин аз қувваи офтоб ба таври васеъ истифода мебаранд. Масалан дар давлати ҳамсояи мо Афғонистон ва дигар давлатҳои эҳтиёҷдошта. Ҳатто кишвари мо Тоҷикистон ҳам аз ин таҷҳизотҳои сохтаи Чин аз қувваи офтоб гармӣ ва ҷувваи барқ истеҳсолкунанда ба миқдори 2000 дона харидори намуд [3, с. 2] ва дар он деҳаҳои кӯҳистон, ки қувваи барқ надоранд бо амри Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои истифодабарии шаҳрвандони кишвари мо фиристонда шуданд.

Тавсифи захираи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз ҷиҳати захираи об Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни мамлакатҳои ИДМ баъди Россия ҷои дуюмро ишғол менамояд. Манбаи асосии об пиряхҳо ва барфу борон мебошанд. Системаи бузургтарини пиряхҳо Помир мебошад, масоҳати яхбандии он дар ҳудуди ИДМ ба 8041 км мурабба мерасад. Дар Помир 1085 пирях ба қайд гирифта шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кӯл бой аст. Сатҳи оби онҳо 1005 км мураббаро ишғол менамоянд, ки тақрибан бо 1 фоизи ҳудуди ҷумҳурӣ баробар аст. Масоҳати 22 кӯл 625 км мураббаро ишғол менамоянд [4, с. 1].

**Ҷадвали 1. Кӯлҳои калонтарини Тоҷикистон**

| **№** | **Номи кӯлҳо** | **Масоҳат км²** | **Ҳаҷм** |
|---|---|---|---|
| 1 | Сарез | 106,0 | 10500 |
| 2 | Қарокӯл | 520,0 | 4160 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022, - С. - 67;

Дарёҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон: дарёи Ому, Сир, Панҷ, Вахш, Зарафшон ва Кофарниҳон мебошанд. Ҷараёни об 10 км ҷорӣ шавад, дарё номида мешавад. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 947 дарё мавҷуд аст. Об мафҳуми серистеъмол мебошад, онро асосан барои нӯшидан ва ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ аз ҷумла: саноат, нақлиёт, сохтмон ва махсусан соҳаи кишоварзӣ васеъ истифода мебаранд. 60 фоизи обҳои Осиёи Миёна аз Тоҷикистон ҷорӣ мешаванд.

Об барои сохтмони НБО - и васеъ истифода бурда мешавад. Аввалин НБО - хурд дар дарёи Варзоб соли 1936 бо иқтидори 7,4 кВт сохта шуда буд.

**Ҷадвали 2. Нақшаи силсилаи нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Вахш**

| **№** | **Номгӯйи НБО** | **Иқтидор, мВт** |
|---|---|---|
| 1 | Роғун | 3600 мВт |
| 2 | Норак | 3000 мВт |
| 3 | Шӯроб | 850 мВт |
| 4 | Сангтӯда 1 | 670 мВт |
| 5 | Бойғозӣ | 600 мВт |
| 6 | Сангтӯда 2 | 220 мВт |
| 7 | Сарбанд | 210 мВт |
| 8 | Шаршарӣ | 29,6 мВт |
| 9 | Марказӣ | 18 мВт |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022, - С. - 88;

Мувофиқи маълумоти IREMA то нимаи соли 2015 дар 164 мамлакат барномаҳои миллӣ оид ба рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия қабул карда шудааст. Аз ҷумла, дар кишвари мо соли 2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия” қабул гардида буд. Ҳамчунин 2 - феврали соли 2007 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи комплексии мақсадноки истифодабарии манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2007 - 2015 қабул шуда буд. Соли 2007 бо ташаббуси Академияи илмҳои Тоҷикистон ва сарпарасти Комиссияи Аврупо аз Ҷумҳурии Туркия 5 обгармкунаки офтоби ворид гардида, дар шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа насб шуд.

Дар шаҳрдории Барселонаи Испания қароре қабул намуд, ки мувофиқи ин ширкатҳои сохтмонӣ уҳдадор шуданд, то дар бомӣ имортаҳои навбунёд таҷҳизоти офтоби насб намоянд. Бо ин усул тавассути обгармкунакҳои офтобӣ 60 фоизи талаботи сокинон бо оби гарм таъмин гардид.

Барои насб накардани таҷҳизоти офтобӣ 30 миллион евро ҷарима муайян шуда, ин таҷрибаро 35 шаҳри Испания ва дигар кишварҳои аврупоӣ қабул карданд. Хуб мешуд, ки дар шаҳрҳои мо низ ин таҷриба мавриди истифода қарор мегирифт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои - миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромад бо муносибати 60 - солагии таъсисёбии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тараққӣ додани энергияи алтернативӣ дохил карда, чунин таъкид намуданд: яке аз дастрастарин манбаъҳои энергия нерӯи офтоб мебошад. Таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки тавассути истифодаи энергияи офтоб арзиши гармкунии об ва манзилро то 70 фоиз кам намудан мумкин аст.

Аз ин рӯ, имрӯз дар хонаҳои шахсӣ, иморатҳои баландошёна, мактабу беморхона ва корхонаҳои саноати кишварҳои пешрафтаи дунё барои гарм кардани об коллекторҳои офтобӣ истифода мебаранд. Агар ин раванд дар саросари ҷумҳурӣ сурат гирад, барқи сарфашударо ба хориҷи мамлакат бо нархи баландтар фурӯхтан имконпазир аст. Барои истеҳсоли таҷҳизоти офтобӣ дар мамлакат замина мавҷуд аст. Олимони марказӣ омӯзиш ва истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия институти физикӣ - техникии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд намунаи таҷҳизот, аз қабили танурчаи офтобӣ ва обгармкунаки офтобиро сохта, дар ноҳияҳои Муъминобод ва Дарвоз насб карданд.

Мутахассисони иттиҳодияи истеҳсолии “Тоҷикспетсавтоматика” низ дар истеҳсоли касби таҷҳизоти офтоби таҷрибаи бой дорад. Яке аз унсурҳои асосии таҷҳизоти офтоби элементи кремний аст, ки захираи он дар кишвари мо фаровон мебошад.

Манбаи дигари элементи алтернативӣ дар мамлакат истифодаи пору барои истеҳсоли биогаз мебошад. Ба гуфти доктори илмҳои техникӣ профессор Абдумуъмин Шарипов аз як тонна поруи гов то 600 литр биогаз ҳосил намудан мумкин аст. Дар ҳолати ситифодаи дигар маводи органикӣ (пасмондаи зироатҳои техникӣ, партовҳои забҳи чорво барги нави растаниҳо) ҳосилшавии гази биологӣ метавонад аз 1500 ҳам зиёд гардад. Гази аз як килограм маводи органикӣ ҳосил шуда метавонад баробари сӯхтани 1,5 килограм ангиштсанг ё сарфаи 7-8 квт нерӯи барқ

гарми диҳад. Ба ҳисоби миёна биогази поруи 2-гов барои бо гарми таъмин намудани манзили як оила кофист.

Тавсифи захираи дигари табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаровон мавҷуд буда, ин захираи шамол (бод) мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сатҳи баҳр дар баландии 900 метр ҷойгир шудааст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки дар баъзе ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз ҷумла дар ВМКБ дар шаҳри Хоруғ ва 7 ноҳияи он аз қабили ноҳияи Мурғоб, Ишкошим, Шуғнон, Роштқаъла, Рӯшон, Ванҷ ва Дарвоз, ғайр аз ин дар ноҳияи Файзобод аз ин захираи табиӣ, яъне шамол (бод) васеъ истифода намудан лозим аст. Мутаассифона ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин захираи табиӣ мавҷуд хело кам истифода менамоянд.

Чуноне, ки аз маълумотҳои мавҷуда маълум гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон захираи об, офтоб, шамол (бод) ва пору ба растаниҳои техникӣ аз қабили пахта, тамоку ва бархе дарахтон дар фасли тирамоҳ фаровон мебошанд, вале аз ин захираҳои табиӣ мавҷуда самаранок истифода бурда намешавад.

Агар ин захираҳои мавҷуда самаранок истифода бурда шавад, чуноне, ки дар боло қайд гардид, барқи сарфашуда бо давлатҳои эҳтиёҷманд бо нархи баландтар фурухта мешавад, ки ин барои инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ фоидаовар мебошад.

Ҳамин тавр, қайд намудан лозим аст, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нархномаи истеҳсоли асбобҳои аз қувваи офтоб аз қабили истеҳсоли қувваи истеҳсоли барқ ва обгармкунаки офтобӣ мавҷуд нест. Вале дар корхонаи истеҳсоли таҷҳизоти барқии “Имод” ки ҳоло дар шаҳри Душанбе нав ба истифода дода шуд, яъне 20 октябри соли 2023 истеҳсоли обгармкунаки офтобӣ истеҳсол карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи омори назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2022, - С. - 67, 88;
2. Рӯзномаи “Мароми пойтахт”. Душанбе, 2-юми ноябри соли 2016, №91 (439) - С. - 1;
3. Рӯзномаи “Садои мардум”. Душанбе, 27-уми июни соли 2017, №90 (3727) - С. 2;
4. Рӯзномаи “Минбари халқ”. Душанбе, 1-уми ноябри соли 2023, №43 (1440) - С.


## НАҚШ ВА МАВҚЕИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР СИСТЕМАИ НАЗОРАТИ АСЪОР

**Орипов А.С. - н.и.и., мудири кафедраи фаъолияти гумруки ДБССТ**

Тадбирҳои таъсиррасони асъор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизми танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҳама номукаммал ба ҳисоб мераванд. Назорати асъор яке аз усулҳои танзими асъор дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба сифати мақомоти чунин назорат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон баромад мекунанд.

Дар айни замон системаи мақомоти гумрук чунин мақомоти давлатиест, ки метавонад ба равандҳои манфии макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи қарзӣ-молиявӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ таъсир расонад. Кодекси гумрук қоидаҳои умумии ҳуқуқии назорати асъорро дар боби алоҳида дарҷ накардааст, вале меъёрҳои як қатор моддаҳои он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», ки дар он ба пуррагӣ фаъолияти оҷонсиҳо ва мақомоти назорати асъор танзим шудаанд, мувофиқ кунонида шудааст. Бинобар ин тахминан ҳамаи

моддаҳои ба назорати асъор дахлдошта хусусияти умумӣ доранд, яъне танҳо ба сарчашмаи меъёрие ишора менамоянд, ки бояд нисбати чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ шаванд. Вале бояд қайд кард, ки Кодекси гумрук дар як қатор моддаҳо аҳамияти назорати асъорро ҳамчун як воситаи ягонаи сиёсати умумидавлатӣ дар соҳаи ташкили назорат аз рӯи риояи қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ қайд менамояд. Масалан, дар банди 13 моддаи 462 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори вазифаҳои мақомоти гумрук анҷом додани назорати асъорӣ аз рӯи амалиётҳои ҳамлу нақли молу воситаҳои нақлиёт аз тариқи сарҳади гумрукӣ алоқаманд буда, мутобиқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон огид ба танзими асъор ва назорати асъор, дарҷ гардидааст. Муносибатҳои асъорӣ яке аз соҳаҳои нисбатан мураккаб ва муҳими хоҷагии бозаргонӣ ба ҳисоб меравад. Дар онҳо проблемаҳои иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ, муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, ки рушди онҳо таърихан дар якҷоягӣ ва ба таври печида алоқаманд мебошад, инъикос мегардад.

Назорати асъор яке аз системахои тадбирҳоест, ки аз тарафи давлат бо мақсади таъмини бехатарии иқтисодӣ истифода мешавад. Ин як қисми таркибии сиёсати ягонаи умумидавлатӣ дар соҳаи ташкили назорат барои риояи қонунгузорӣ дар соҳаи асъорӣ, содиротӣ-воридотӣ ва амалиёти дигари иқтисодии хориҷӣ мебошад. Системаи танзими асъор ва назорати асъор дар маҷмӯъ системаи ба роҳ мондашудаи байни субъектҳои хоҷагидорӣ дар раванди бо онҳо иҷро намудани амалиётҳои асъорӣ ва субъектхои назораткунанда (мақомот ва оҷонсиҳои назорати асъорӣ) ва муносибати онҳо ҳангоми аз тарафи онҳо иҷро гардидани фаъолияти асъорӣ-назоратӣ мебошад. Дар солҳои ислоҳоти бозаргонӣ алоқаҳои иқтисодии хориҷӣ омили муҳимтарин барои муайян намудани ҳолат ва дурнамои иқтисодиёти Тоҷикистон гаштанд.

Сатҳи бадастомадаи вориднагардидаи асъор дар соли 2022 ба таври максималӣ ба нишондиҳандаҳои вориднагардидаи асъор дар мамолики мутараққӣ наздик гардид. Чунин ҳолат аз ҷумла дар натиҷахои тадбирҳои андешидаи назорати асъор аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мегарданд.

Вобаста аз байналмилалӣ гардидани алоқаҳои хоҷагидорӣ ҳаҷми байналмилалии мубодилоти молҳо, хизматрасониҳо ва ба хусус сармояҳо ва қарзҳо зиёд мешаванд. Ба суръатнокӣ ва умқи ин алоқаҳо, ҳаҷми асъор ва ҳамчунин ба ҳолати иқтисодии кишвар ва сиёсати ҳукумат дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ таъсир мерасонад.

Танзими асъор маҷмӯи тадбирҳо оиди идора намудани ҳаҷми асъори дохилӣ, пардохтҳои берунӣ ва интиқоли пул бо мақсади таъсир расонидан ба иқтисод ва бозори асъори кишвар мебошад. Танзими асъор яке аз дастгоҳҳои сиёсати давлатии пуливу қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Ин чунин маъно дорад, ки танзими асъор бояд ба системаи умумии пуливу қарзӣ мутобиқ бошад ва ба мақсадҳои сиёсати давлатии асъор оиди дастгирии устувории асъори миллӣ, мувофиқ кардани тавозуни пардохт, ташаккули захираҳои тиллову асъории кишвар, таъмини ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад.

Бо кӯмаки воситаҳои танзими асъор Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти бозори дохилии

асъор шароит муҳайё месозанд, механизми идоракунии самараноки ҳаҷми асъор, имкониятҳои таъминкунандаи самтҳои захираҳои асъорро дар афзалиятнокии соҳаи иқтисодиёт, ҳарчӣ бештар ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои иштирокдорони бозори асъор ва фаъолияти иқтисоди хориҷиро таҳия менамоянд. Бо ин мақсад  Хадамоти гумруки назди Ҳукумати  Ҷумҳурии Тоҷикистон  ва мақомоти гумруки тобеъи он риояи талаботҳои қонунгузориҳо оиди танзими асъор ва назорати асъор ҳангоми интиқоли асъор ва дороиҳои асъорӣ аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиш менамоянд ва бо ин роҳ дар доираи салоҳияти худ вазифаи назорати асъорро иҷро мекунанд.  Кодекси гумрук вазифаи асосии худ - тезонидани барасмиятдарории гумрукӣ ва иҷозати мол ва аз рӯи имконият кам кардани бесару сомонӣ дар барасмиятдарории гумрукиро медонад, ки дар натиҷаи ин назорати асъорӣ хусусияти назорати минбаъдаро доро мешавад. Назорати асъор ҳамчунин ба ошкор намудани вайронкуниҳои қонунгузории асъор аз тарафи иштирокдорони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва фаъолияти минбаъдаи онҳо, ки ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон  вобаста мебошад, нигаронида шудааст.

Вале аллакай ҳангоми пур кардани декларатсияи гумрукӣ мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдорони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ вазифадоранд маълумоту ҳуҷҷатҳои заруриро барои гузаронидани назорати асъор баъди ба охир расидани мӯҳлати амалиёти асъории ҷорӣ пешниход намоянд. Новобаста аз низоми гумрукии арзшуда мутобиқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдорони фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд мамониатҳои пешбининамудаи қонунгузории асъорро риоя намоянд.

Системаи амалкунандаи назорати гумрукӣ-асъорӣ ба амалиётҳои содиротиву воридотӣ, ки  мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон  «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ва Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ба резидентҳо ва ғайрирезидентҳои бонкҳои ваколатдор пешниход намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумот ҳангоми иҷроиши амалиётҳои  асъорӣ, тартиби аз тарафи бонкҳои ваколатдор ба ҳисоб гирифтани амалиётҳои асъорӣ ва барасмиятдарории шиносномаи амалиёт» пешбинӣ гардидаст, дахл дорад.[25]

Нақшаи назорати гумрукӣ аз назари технологӣ ба имкониятҳои бонкҳои ваколатдор ва мақоми гумруке, ки вазифаи оҷонсии назорати асъорро дар давраи барасмиятдарории гумрукӣ иҷро менамояд, ба муқоиса намудани ду гурӯхи ҳаракати иттилоот ва ҳаракати воситахои пулӣ дар чорчӯбаи системаи автоматикунонидашудаи иттилоотӣ асос ёфтааст.

Мақомоти гумруки дар ҳудуди салоҳияти худ амалиёти назорати асъориро, ки бо интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди танзими асъор ва назорати асъор иҷро менамоянд.

Мақомоти гумрук мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон  «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» оҷонси назорати гумрукӣ ба ҳисоб меравад. Назорати асъор амалиёти вобаста ба интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ буда, аз тарафи мақомоти гумрук тафтиш намудани мӯҳлати гузаронидани асъори бадастомадаро ба ҳисоби бонки ваколатдоре, ки шиносномаи амалиётро

[25] Фармоиши Хадамоти гумруки назди  Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 19.12.2008, № 195-ф «Дар бораи тасдиқ намудани тартиби барасмиятдарории намудхои алохидаи мол, ки нисбати онҳо иҷозати шартӣ амалӣ карда шудааст».

мувофиқи қарордоди дахлдори фаъолияти иқтисоди хориҷӣ имзо намудааст, дарбар мегирад.

Назорати асъор аз тарафи мақомоти гумрук ҳамчунин бо мақсадҳои тафтишоти зерин иҷро карда мешавад:

- воридот ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбати онҳо ба хориҷа воситаҳои пулӣ интиқол дода шуда буданд;

- ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани воситаҳои пулии қаблан барои молҳои ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид нагардида (дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта нашуда).

Вазифахои асосӣ, амалҳо ва ваколатҳои мақомоти гумрук дар соҳаи назорати асъор мутобиқи меъёрҳои муайяннамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон , низомномаҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

**АДАБИЁТ**

1.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020с.
2.Кодеки гумрукӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020с.
3.Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, № 722
4.Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ш. Душанбе, 19 майи соли 2009, №524
5.Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» ш. Душанбе, 4 ноябри соли 1995, № 112
6.Орипов А.С. Асосҳои фаъолияти гумрукӣ. Душанбе «Ирфон», 2019.
7.Дастурамал оид ба пур кардани декларатсияи гумрукии бор барои низомхои алохида - Фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.11.2019, № 358.
8.Қоидахои муқаррар кардани тартиби соддагардонидашудаи махсуси барасмиятдарории гумрукӣ барои шахсони алохида - Фармоиши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2019 № 185-ф.

**Сомона**

1.Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон - www.nbt.tj.
2.Сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷҷкистон.-www.minfin.tj.
3.Сомонаи хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон.-www.customs.tj

## СТОРОННИК ТОЧНЫХ И ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК

**Хайдаров А.А. - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана**

Если окинуть взглядом просторы истории воспитания на Востоке, то можем увидеть ее бесконечные, уходящие в далекие дали горизонты. Наряду с этим нашему взору открывается знакомый путь, который должен пройти каждый человек, невзирая на встречающиеся трудности и преграды.

Решение вопросов воспитания и совершенствования сегодняшнего поколения невозможно без учета воззрений и учений предшествовавших мыслителей. На Востоке, невзирая на происходящие изменения в государственном строе и обществе, воспитание осуществляется посредством соблюдения многих традиций и правил, заложенных предшественниками. Ибо истоки и основы воспитания уходят своими корнями к тому далекому времени, когда человек, познав себя, осознал, что он отличается от всех других живых существ разумом. При этом в каждую историческую эпоху в процессе воспитания вырабатывались принципы, которые служили для последующих

поколений руководством к действию. Так, главная идея священной «Авесты» выстроена на рассмотрении вопросов воспитания совершенной личности. Из исследований историков и археологов явствует, что в период арабского нашествия, мудрецы и просвещенные мужи иранского происхождения, под страхом смерти, переводили сохранившиеся после набегов и грабежей чужеземцев сочинения предков, в надежде для будущих поколений, и таким образом, не дали кануть в небытие культуре своего народа. Неоценимая заслуга государства Саманидов заключалась в том, что они способствовали возрождению культуры своих предшественников и заложили крепкую основу ее дальнейшему развитию и процветанию.

После присоединения Средней Азии к России и произошедших изменений в этом регионе, местная интеллигенция разделилась на группы. Некоторые представители интеллигенции, отдавшись воле судьбы, были в ожидании того, что предначертано испытать им и стране. Другие, потеряв всякую надежду на светлое будущее в этой стране, иммигрировали в зарубежье. Третья группа, всесторонне изучив причины происходящих социально-политических событий и осознав их неизбежность, приходили к соответствующим выводам о пользе и вреде этих явлений для народа и своей отчизны и прилагали все усилия для прогресса родины и нации, сохранения лучших традиций предков.

Основные причины отсталости своего государства и беспросветного существования, подданных страны они объясняли безграмотностью народных масс, невежеством и бескультурьем верхушки государства. В число представителей этой группы, без всякого преувеличения, входили просветители во глав с их руководителем Ахмад Махдумом Донишем. Одной из основ, способствовавшей формированию педагогического мировоззрения Ахмада Дониша было воспитание семьи и среда, в которой он жил. Его отец - Мулло Носир был образованным человеком. Мать, будучи грамотной и благовоспитанной женщиной, обучала девочек в своей частной школе. [13, 109]. Начальное образование Дониш получил, в школе своей матери. Благодаря настойчивости отца, Ахмад Дониш из школы чтецов Корана, в которой занятия велись согласно схоластическим методам и никак не подходили для его мальчика, был переведен в медресе. В силу того, что атмосфера и методы обучения школы были неприемлемы для получения знаний, Дониш с тех самых пор стал ярым противником такой методики. Однако он не ограничился дисциплинами медресе и на основании изучения произведений мыслителей Востока и ученых других стран освоил также астрономию, математику, естествознание, историю, литературу и другие науки своего времени.

Другой основой, сыгравшей заметную роль в формировании мировоззрения мыслителя, было влияние философии Востока, знакомство с учениями учителей всего человечества - Заратуштры, Будды и других. Огромное значение в развитии назидательно-этических воззрений писателя также имело влияние исламской культуры. Высказывая свои воспитательно-нравственные взгляды, он опирался на этические произведения персидско-таджикских, индийских, арабских и греческих мыслителей прошлого. Так, к примеру, в известном произведении писателя - «Редкостные события», можно наблюдать отступления автора к «Бахористану»(«Весенний сад») Абдурахмана Джами, «Гулистану»(«Цветник») Саади Ширази, «Насихат-наме»(«Книга назиданий») Унсурулмаали Кейкавуса, «Бадоеулвакоеъ»(«Удивительные происшествие») Зайниддина Махмуда Восифи, «Никомаховой этике» и «Евдомовой этике» Аристотеля.

Служба при дворе, знакомство с методами правления эмиров и возможность пользования представившихся привилегий, также были факторами, повлиявшими на развитие мировоззрения и формирования эстетических и педагогических взглядов Дониша.

По словам политолога Шарифа Джаббарова, «невзирая на некоторые трудности и ограничения, дворцовая жизнь оказала существенное воздействие на становлении Ахмада Дониша, как политика и мыслителя»[14,20]. Дониш, благодаря искусству художества и каллиграфии, по рекомендации своего наставника, вошел в круг приближенных эмира Насруллаха и, показав свой талант, обрел еще большую славу и популярность. В этой связи Ахмад Дониш писал: «Однажды, пользуясь моментом, учитель, со словами - «этот не имеет себе равных в искусстве поэтики и мастерстве письма, волшебство его пера напоминает творения Мани и Бехзода и в сочинении официальных и неофициальных писем обладает полным совершенством, указал на меня его величеству султану. Султан, востребовав меня к себе, поручил переписать книги по медицине и истории и оплачивал до десяти дирамов за каждый лист рукописи. И после того, как мой наставник, покинул этот мир, назначил меня на его место с оплатой до тысячу дирамов. И по всем вопросам, решаемым с моим наставником, стал обращаться ко мне. И в соответствии с моими предложениями за дело брались зодчие и художники» [5, 49-50].

Как выяснилось, он от ученика дорос до степени наставника и охватил все области знания своего времени. Учитывая всеобъемлющее мировоззрение Ахмада Дониша, старались привлечь его в решении различных проблем. Именно по причине широты кругозора и высокой образованности он, в составе послов Бухары, трижды нанес официальный визит в Россию.

Другой значимой основой, сказавшейся на развитии этико-педагогических взглядов Ахмада Дониша и радикальных изменениях в его мышлении, было влияние трех исторических и судьбоносных путешествий мыслителя в Россию. Знакомство с экономической, культурной и политической жизнью этой страны явилось наиважнейшим фактором формирования критических взглядов Дониша относительно необходимости преобразований в системе образования и воспитания в Бухаре.

В такие трудные и судьбоносные периоды, зачастую, по воле истории, на свет являются выдающиеся личности, которые берут на свои плечи поиски решений насущных проблем общества.

Первым мыслителем, без страха и боязни, ратовавшим за преобразование системы образования и, в целом, за радикальные преобразования управления своей страны, был Ахмад Махдум Дониш. Он, заложив основу просветительского течения, сплотил вокруг себя значительное число единомышленников и последователей, из числа передовой интеллигенции своего времени. Они стремились найти пути развития науки и культуры, обновления системы образования, чтобы приобщиться к достижениям науки и техники, становить справедливость в эмирате Бухары.

По убеждению Ахмада Дониша, основными причинами отсталости просвещения в эмирате Бухары были существующий строй правления Мангитов, феодальные отношения и необразованность самих эмиров и правящей верхушки государства.

Путешествия ряда мыслителей нашего народа тех времен в Европу, Россию, Иран, Турцию и другие развитые страны, также способствовали расширению их мировоззрения и пробуждению нового передового мышления. После возвращения из путешествий Дониш, Возех, Абдурахмон Мустаджир и другие известные личности,

активизировали свою деятельность в деле пропаганды науки и техники, призывали к реформе старой системы образования. Свою главную задачу они видели в том, чтобы сделать образованными все население Бухары. Эти мыслители осознали, что духовная свобода, а затем и социально-политическая независимость, могут быть достигнуты только благодаря всеобщей грамотности и образованности народа.

Истинные просветители, во главе с Ахмадом Донишем, пропагандировали науку и знания, с целью искоренения фанатизма и твердо верили в то, что создание новометодных школ, обновление учебных программ в школах и медресе, выведут народ на широкую дорогу счастья и образованности.

Из учебных программ было исключено изучение бесценных произведений передовых свободомыслящих ученых и мыслителей прошлых столетий. Дониш вместе со своими последователями - просветителями агитировали и настаивали на включении в образовательные программы изучение произведений таких великих мыслителей, как Саади, Хафиз, Бедил и светских наук, как математика, геометрия, география, астрономия и т.д.

Ахмад Дониш, убедившись в развитии науки и образования России, осознал, что основным фактором прогресса общества, прежде всего, является совершенствование науки и образования. Подвергая критике систему образования и воспитания в эмирате Бухары, мыслитель активно включился в процесс радикальных преобразований и реформ этой системы.

Во время своих путешествий в другие страны писатель видел, что изучение языков в других странах поставлено на должном уровне, в то время, как в школах Бухары 2-3 года отводилось на преподавание только арабского языка. По этой причине, Ахмад Дониш ратовал за проведение серьезных реформ в системе образования и преподавания. Описывая эту деятельность Ахмада Дониша, С.Айни в «Истории революции Бухары» отмечал, что «Ахмад Дониш, подвергая безжалостной критике официальных представителей религии, разоблачая царивший в среде правителей и вельмож разврат, без страха писал о недостатках методики преподавания, ненужности и бесполезности большинства предметов, читаемых студентам медресе» [1, 11].

Убедившись в том, что реакционное духовенство не позволит провести реформы в области образования и эмир не способен пойти на подобные преобразования, Ахмад Дониш обратился к своим детям Асъаду и Абдулкариму и, в их лице, к другим молодым людям, с призывом, не растрачивать попусту время на изучение ненужных предметов и направить свое внимание на самостоятельное освоение необходимых светских наук. Так, он говорит своим детям: «И вам вовсе необязательно усваивать «Краткое изложение викоия», ибо те проблемы, которые затронул автор, до сих пор не получили своего подтверждения; возможно они и могут быть восприняты разумом или же можно предположить их реальность и сославшись на мнение или высказывание другого ученого»[7, 215]. Игнорирование Донишем одной из авторитетных книг, преподаваемых в медресе, само по себе, было открытым протестом в адрес образовательных программ Бухары того времени.

Ахмад Махдум Дониш признан одним из выдающихся и известных личностей таджикской культуры и просветительства XIX века. Являясь писателем реалистом, известным ученым и пропагандистом просвещения, он боролся за правду и социальную справедливость.

Дошедшие до нашего времени документы и факты, хранящиеся в фондах библиотек России, напечатанные в русских изданиях и книгах сведения свидетельствуют

о величии, учености и незаурядной одаренности Ахмада Дониша. В частности русский востоковед Костенко Л.Ф. отмечает, что в 1870 году, во время визита в Бухару русской дипломатической миссии, государственные переговоры осуществлял доверенное лицо эмира - Мир Ахмад Дониш. По сравнению с другими собеседниками, он выглядел намного проще, но будучи необычайно проницательным и одаренным человеком, быстро реагировал на любые тонкости, происходящих переговоров [9, 2].

После последнего путешествия Ахмада Дониша в Санкт- Петербург, в 1874 году, многие Петербургские газеты писали, что из числа всех прибывших бухарских послов особо заметен своими достоинствами Мир Ахмад, то есть, Ахмад Дониш. Так, к примеру, русская газета «Голос» писала о составе дипломатической миссии во главе с Абдукадырбеком, что Мир Ахмад Урок «На самом деле являясь литератором, поэтом и астрономом, определяет будущие события по движению звезд»[9, 2].

Невозможность своевременного ознакомления различных слоев общества с «Редкостными событиями» и другими творениями Ахмада Дониша были обусловлены следующими факторами:

1. В произведении Ахмада Дониша, в ходе применения и сравнения им религиозных учений в связи с различными явлениями и эпизодами реальной жизни, наблюдаются некоторые смелые и реформаторские высказывания, вызвавшие гнев и негодование официального духовенства того времени, которые обвиняя его в вероотступничестве и безбожии, накладывали запрет на чтение его книг.

2. В произведении резкой критике подвергался существующий строй эмирата Бухары, система правления государства и политика отношения к народу, вскрытие которых грозило большой опасностью для писателя.

Ахмад Дониш, как руководитель просветительской идеологии, верил в роль науки и человеческого разума в развитии общества. Поэтому он в начале своей просветительской деятельности, как другие реформаторы цивилизованного мира, представлением своей программы о реформе требовал у правителей внесения реформы в существующие системы образования и воспитания. Но правители категорически отказали в проведении реформы.

После того как решение проблемы реформы, мирным путём не дало результатов, для Дониша начался второй период просветительской деятельности, период непримиримой борьбы, период творения антиправительских произведений, содержащих резкую критику, как в «Историческом трактате».

В истории педагогики таджикского народа физическое наказание учеников считалось обычным явлением. Этот воспитательный «метод» поддерживали такие мыслители как Мухаммад Газоли(XI в.) и Саади Ширази (XIII в.) Например, Газоли в своей книге «Эликсир счастья» пишет: «Если ребенку исполнится 10 лет, и он совершит проступок, то учитель должен его бить и наказывать» [3,33];[11,156].

В те времена было принято, что родители, приводя детей к учителям для обучения, просили учить грамотности их детей, даже, если от их сыновей останутся кожа да кости.

Но Ахмад Дониш, как мыслитель и просветитель, был недоволен этой системой обучения и воспитания, и особенно этими «методами» воспитания. Он выражает свое недовольство так: «Зачем меня вынуждают заниматься этим? Ведь конечный результат - только гвалт детей и обязанность колотить их»[5,27].

Мыслитель считает такой метод неприемлимым и даже вредным для психического и физического здоровья детей. И придает огромное значение роли игры в их

воспитании: «Дети, как только забывают о трещинах учителя, начинают играть и возиться в песке. Но если это избиение продолжается систематически, то дети заболевают и даже умирают»[5,80].

Одной из величайших заслуг Ахмада Дониша является критика методов обучения в бухарских школах и медресе, и критика бухарских официальных неграмотных представителей духовенства, так называемых - улема.

Он со своими произведениями - «Редкостные события» и «Исторической трактат» вышел на арену как ярый сторонник точных и естественных наук и противопоставил их изучение схоластическим методам изучения тогдашних школ и медресе. Дониш призывал учащихся выбрать объектом своего изучения явления реального мира.

Писатель, наряду с другими важнейшими проблемами образования и воспитания, у правителей требовал решения нижеследующих задач:

1) Создать конкретную учебную программу взамен схоластического метода преподавания;

2) включить в учебную программу изучение точных и естественных наук;

3) исключить из учебной программы ненужные предметы;

4) применять в бухарских школах опыт школ развитых стран, особенно России;

5) преподавателям медресе и учителям школ, не имеющих достаточных знаний и не проходивших квалификацию в своей профессии, не разрешать ведения уроков;

6) детям неимущих тоже учить грамотности;

7) привлечь к воспитанию и обучению детей с физическими недостатками и обучать их по возможности необходимым профессиям и т.д.;

8) не применять физического наказания в воспитании детей.

Стиль критики Ахмада Дониша имеет свои особенности. Вначале своей литературно - воспитательной деятельности мыслитель выражал свои критические мысли о слабых сторонах системы образования и воспитания в Бухаре от имени героев или персонажей своих произведений.

Во втором периоде он начал излагать свою критику от имени своих друзей или собеседников. В конце своей деятельности Ахмад Дониш напрямую стал смело и бесстрашно излагать критику, от своего имени, пример которой мы встречаем в его «Историческом трактате». Его критика превратилась в реалистическую критику.

Другим стилем критики Ахмада Дониша является его сопоставительная критика, которая выразилась в сравнении и критике экономического положения, системы образования, воспитания, и культурной жизни Бухарского эмирата с экономикой, системой образования, культурой России и других развитых стран.

Как говорил Айни, под влиянием чтения «Редкостных событий» в сознании Хайрата, Айни, Мунзима и других произошли изменения, которые можно назвать «революцией сознания», что способствовало росту рядов сторонников реформ и просвещения.

Знакомство с «Редкостными событиями» было началом возникновения критического воззрения против существующего государственного строя и напомнило вышеназванным писателям и другим о бесполезности большинства предметов и уроков, которым они обучались в медресе, поэтому они на собрании своих кружков много говорили о реформе образования в школе и социальной реформе общества. Учение Дониша напоминает собою море, в котором одна волна накатывает за другой.

Просветительское воззрение Дониша уже в конце XIX века приобрели известность в Бухаре, Самарканде, Фергане, Ташкенте, Хиве и других областях Средней Азии.


**ЛИТЕРАТУРА**

1.Айнӣ С.Таърихи инқилоби Бухоро (История Бухарской революции). - Душанбе: Адиб,1987, с.-268 с.
2.Айнӣ С.Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро (История духовной революции в Бухаре). - Душанбе, 2005.-270 с.
3.Абӯҳомид Ғазолӣ. Кимиёи саодат (Эликсир счастья). Ҷилди дуввум.-Душанбе: «ЭР- граф», 2008.- 665 с.
4.Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ (Редкостные события). Китоби 1. - Душанбе: Дониш, 1988.- 285с.
5.Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ (Редкостные события). Китоби 2. - Душанбе: Дониш, 1989. -339 с.
6.Аҳмади Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ (Избранные художественные произведения).- Душанбе: Ирфон, 1976. -350 с.
7.Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ» (Отрывки из «Редкостных событий»). Бо таҳрир, тавзеҳот ва сухани хотимавии Расул Ҳодизода.- Сталинобод, 1957.- 224с.
8.Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон. Китоби дуюм. - Душанбе: Ирфон, 1985.- 409с.
9.Раҷабов З. Ш. Бузургтарин маорифпарвари халқи тоҷик (Выдающийся просветитель таджикского народа) //«Маориф ва маданият». 14- декабри 1976. - 4 с.
10.Раҷабов З. Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш (Просветитель Ахмад Дониш).- Душанбе: Ирфон, 1964.-306 с.
11.Саъдии Шерозӣ. Гулистон (Цветник).- Душанбе: Дониш, 1988. - 214 с.
12.Ҳайдаров А.А. Афкори педагогии Аҳмад Махдуми Дониш (монография).
Душанбе: «Ирфон», 2011.-160 с.
13.Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (Аз солҳои 60-уми асри XI X то соли 1924) (История таджикского народа (1860-1924 гг.)). Нашри дуюм. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. - Душанбе, 2007.- 368 с.
14.Ҷабборов Ш.Ҷ. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш (Политические взгляды Ахмада Дониша). - Душанбе, 2005.-190 с.
15. Сиддиқов С. Садри Зиё ва Аҳмади Дониш (Садри Зия и Ахмад Дониш) // Садои Шарқ.1969, №9.- С.- 93-100.


## РУШДИ УСТУВОРИ ҶОМЕАИ АЗ АМНИЯТИ ИДЕОЛОГӢ СИЁСИИ ҶОМЕА ВОБАСТААСТ


**Ҷалолзода А.А.**, дотсенти ДБССТ

**Назираи Б.**, магистранти академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ


**«Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавоноӣ хабарӣ бошанд, балки дар мубориаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд. Зеро тавре ки аз мазмун ва моҳияти қонунгузории мамлакат оид ба васоити ахбори омма бармеояд, таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Масъалаи амният башариятро дар ҳама давру замон нигарон мекард, имрӯз дар ҷаҳони муосир сатҳи нигаронӣ аз ин масъала хеле афзудааст, зеро таҳдиду хатарҳое, ки ба рушди устувори ҷомеаи башарӣ монеа эҷод мекунанд зиёд гашта, хусусияти онҳо низ тағйир ёфтааст ва ҷаҳон дар ҳолати тақсими нав қарор дорад.

Дар партави гуфтаҳои боло осебпазирии ҷомеаҳо, бахусус дар рӯ ба рӯйи таҳдидҳои иттилоотию идеологӣ афзоиш ёфта, мушкилоти амният дар рӯзномаи умумии сиёсати дохилию хориҷии кишварҳо ба мавқеи аввал баромадааст.

Амнияти идеологӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ дар маҷмӯъ ҳолати ҳифзи фазои идеологии ҷомеа аз таъсири ғоявию арзишӣ ва иттилооти дохилию берунӣ, инчунин, таъсири равонӣ ба мардум мебошад. Он як ҷузъи зарурии йоявию арзишӣ ва маънавӣ барои ташаккули ҳамаҷонибаи камарбанди амниятии ҳар ҷомеа маҳсуб меёбад. Бо назардошти он, ки ин ҷузъи маънавию идеологӣ барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҳама гуна ҷомеа муҳим аст, таъмини амнияти идеологӣ дар ин сурат аҳамияти бузург пайдо мекунад.

Дар мавриди омӯзиши масъалаи амнияти идеологӣ, ҳамчун як самти мустақили таҳқиқотӣ дар Тоҷикистон ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки дар даҳсолаҳои охир он дар ҳошияи омӯзиши масъалаҳои дигар, бахусус амнияти иттилоотӣ, муносибати дину давлат ва мубориза бо экстремизму терроризм мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳарчанд баҳсҳои илмию сиёсӣ вобаста ба ташаккули идеяи миллӣ ва идеологияи давлатӣ солҳои зиёд идома доранд. Ба ҳар ҳол, пас аз бадаст овардани соҳибихтиёрӣ ва эълони иплюрализми идеологӣ ин масъаларо танҳо чанд нафар аз сиёсатшиносон мавриди омӯзиш қарор додаанд, ҳарчанд вазъи кунунии шиддат гирифтани таҳдидҳои дорои хусусияти гибридӣ зарурати омӯзиши масъалаи амнияти идеологии ҷомеаи Тоҷикистонро муҳим мегардонад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, лозим меояд, ки ба масъалаи амнияти идеологии ҷомеаи Тоҷикистон, ки бо сабабҳои гуногун метавонад осебпазир бошад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад.[1]

Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои минтақаи пасошӯравии Осиёи Марказӣ бо сабабҳои зиёд, чӣ дохилӣ ва чӣ берунӣ, таҳти таҳдидҳои гуногуни идеологӣ қарор дорад. Инро метавон ба таври зайл асоснок кард:

- аввалан, Тоҷикистон аз рӯйи мавқеи геополитики худ дар минтақаи бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо қарор дорад. Дар ин замина амалӣ намудани ҳуҷумхои идеологӣ қисми таркибии фаъолияти субъектҳои зикргардида дар роҳи ба даст овардани мақсадҳо маҳсуб меёбад;

- дуюм, минтақаест, ки дар он масири ҷудокунандаи тамаддунҳо, аз он ҷумла ислом ва динҳои дигар мегузарад. Аз ин рӯ, зиддиятҳо ва таҳдидҳои идеологӣ вижагиҳои ба худ хос доранд, яъне бо тафовутҳо ва ихтилофоти тамаддунӣ боз ҳам печидатар мешаванд;

- сеюм, ин як минтақаи буферӣ аст, ки марзҳои ИДМ-ро аз Афғонистон ҷудо мекунад. Дар ин кишвар ҷангу ноороми чанд даҳсола боз идома дорад. Аз нигоҳи идеологӣ вазъи кунунии ҷомеаи Афйонистон натанҳо барои Тоҷикистон, балки ба ҳама кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдидовар боқӣ мемонад. Дар марҳилаи имрӯза таҳдиди паҳншавии идеологияи толибизм, ҳамчун як навъ идеологияи террористӣ воқеияти рӯз аст.

Хусусияти дигар ин аст, ки масъалаи паҳншавии идеологияи ифротгароии динӣ ва радикализм махсусан тезу тунд буда, осебпазириро дар масъалаи амниятӣ ба маротиб зиёд мекунад.

Сабабҳои дар боло зикршуда зарурати ташкили чораҳои муассири муқовимати идеологиро муҳим ва мубрам мегардонад. Ташаккули муносибати комилан нав ба масъалаҳои идеологӣ, эътирофи аҳамияти воқеии ҳифзи фазои идеологӣ, ташаккул ва устуворгардонии низоми технологияҳои иттилоотӣ, ки манфиатҳои давлат ва ҷомеаро ҳифз карда тавонанд, дар марҳилаи муосир талаботи замон мебошад.

Бояд гуфт, ки гузаштаи шӯравии Тоҷикистон бо идеология ва татбиқи он муносибати хос дошт. Ба андешаи С.А.Маршак: «Илми гуманитарӣ бо муассиса ва пажуҳишгоҳҳои худ барои идеология хизмат мекард, санъат, адабиёт ва воситаҳои ах-

бори омма ба коркарди идеология машғул буданд. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо индустрияи томи идеологии дорои хизматрасониҳои гуногун, воситаҳои ҳозиразамони техникии паҳнкунандаи идеология, кадрҳои хуб тайёр карда шуда ва сохибихтисос мавҷуд буданд. Ҳамаи ин имкон медод, ки дар шароити муборизаҳои идеологӣ афзалиятҳо дар баҳсҳои идеологӣ муайян карда шуда, тарафдорони нав ба даст оварда шаванд ва дар шароити муқовиматҳои идеологӣ ба муваффақият ноил гарданд. Албатта, тағйирёбии якбораи фазои идеологӣ баъди чунин сатҳи таъминнокии идеологӣ ва дигаршавии низоми давлатдорӣ дигаргуниҳои муайянеро ба бор меорад, ки то хол пайомадҳои онро мо дида истодаем.[2, с. 194]

Масъалаҳои вобаста ба муайян намудани фазои идеологӣ дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудаанд. Дар моддаи 8 Конститутсияи кишвар дар ин хусус омадааст: «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ҳамчун мафкураи давлатӣ эътироф шавад». Муқаррароти мазкур муносибати мушаххаси давлатро ба идеология муайян мекунад. Ин принсипи конститутсионӣ имкон медиҳад, ки плюрализми идеологиро ҳамчун яке аз принсипҳои муҳими демократия эътироф намоем. Дар кишвар системаи бисёр ҳизбӣ амал мекунад, то соли 2015 ҳизби динӣ низ вуҷуд дошт. Аммо баъди талоши бебарори табаддулоти давлатӣ фаъолияти ин ҳизб мамнӯъ шуда, он ба феҳристи ҳизбҳои экстремистию террористӣ шомил шуд.[3]

Далели мазкур бори дигар ба амал татбик шудани муқаррароти сеюми дар боло зикршударо тасдик мекунад, ки мувофики он идеологияи қувваҳои иҷтимоии дар ҷомеа фаъолияткунанда дар ташаккули низоми амниятии ин ё он давлат мавқеи махсусро ишғол мекунад. Дар мавриди ҳизби динӣ бошад, қайд намудан зарур аст, ки он як ҳизби расман сабти номшуда ва амалкунандаи навъи порлумонӣ буд. Вобаста ба ин дар хотир бояд дошт, ки таҳдидҳои идеологӣ натанҳо хусусияти беруна, инчунин, метавонанд тавассути унсурҳои дохилии системаи сиёсӣ ба вуҷуд оварда шаванд.

Айни замон дар кишвар ҳафт ҳизби сиёсӣ амал мекунад, ки манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ифода ва ҳифз менамоянд. Шаштои онҳо ҳизбҳои парлумонӣ ва ҳамаашон ҳизбҳои тамоюли дунявидошта маҳсуб меёбанд.

Ҷанбаи дигари муҳим дар ташкили муқовимати муассири идеологӣ мавҷудияти заминаи мустаҳками меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки тавонад муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин самт танзим намояд. Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» нишон медиҳад, ки дар он намудҳои зерини амният муайян карда шудаанд: амнияти иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, амнияти ҷамъиятӣ, амнияти ҳарбӣ, амнияти экологӣ, амнияти иттилоотӣ, амнияти беруна, амнияти дохилӣ». Мутаносибан, «амнияти идеологӣ» ҳамчун категорияи мушаххаси ҳуқуқӣ ва шакли амният нишон дода нашудааст. Ба андешаи мо, бо назардошти воқеияти имрӯза ва мавҷуд будани таҳдидҳои рӯйи росту эҳтимолии идеологӣ вақти он расидааст, ки атрофи масъалаи мустаҳкам намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии танзими муносибатҳо ва фаъолият дар самти таъмини амнияти идеологӣ чораандешӣ намоем. Бояд эътироф кард, ки таҳдидҳои идеологӣ дар ҷомеаи муосир афсона ё қиссаи тарсонандаи сиёсӣ набуда, балки хатари воқеӣ мебошанд. Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, вақти он расидааст, ки «амнияти идеологӣ» ҳамчун самти мустақили идеологӣ дар қонунгузории амалкунанда муайян карда шавад. Ин амал ба мустаҳкамшавии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти фаъолият ҷиҳати таъмини амнияти идеологӣ, ҳифзи фазои идеологӣ, зеҳну тафаккур ва равони ҷомеа аз таъсирҳои мафкуравии бегона мусоидат хоҳад намуд.[4]

Ҳамзамон бо ин қайд намудан зарур аст, ки таҳоҷуми идеологӣ тавассути василаҳои иттилоотӣ ва фарҳангӣ амалӣ шуда истодаанд. Иттилоот ба сифати василаи идеологии ҷомеа баромад намуда, метавонад таъсири бевоситаи худро ба суръат ва рафти равандҳои сиёсӣ расонад. Тавассути иттилоот муҳити ичтимоии дилхоҳ ҷомеа қодир аст ҳувият ва ягонагии худро нигоҳ дорад. Сатҳи муосири таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа масъалаест, ки пайваста дар доираҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати тақвияти минбаъдаи он чораҳои мушаххас андешида шуда истодаанд. Барои амалӣ намудани тадбирҳои таъмини амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003, №1175 Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ҳуҷҷати мазкур «чор ҷузъи асосии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи иттилоот муайян мекунад. Ҷузъи якум ин манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар соҳаи ба даст овардани иттилоот ва истифодаи он, таъмини навсозии маънавии ҷумҳурӣ, ҳифз ва таҳкими арзишҳои ахлоқии ҷомеа, анъанаҳои ватандӯстиву инсондӯстӣ ва иқтидори маданию илмии мамлакат»-ро дар бар мегирад. Ин ҷузъ самти идеологии тадбирҳоро дар доираи таъмини амнияти иттилоотӣ дақиқ инъикос мекунад.

Моҳияти идеявию арзишии унсурҳои зикргардида дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи онҳо бевосита башуур ва психологияи чамъиятӣ алоқаманд буда, имконият медиҳанд то умумияти мавқеъ, афкор ва манфиатҳо ташаккул ёфта, ҳамгироии ичтимоию сиёсии ҷомеа таъмин гардад. Ҳамзамон, дар доираи Консепсияи мазкур унсурҳои зикргардидаи маънавӣ аз чиҳати мазмун низоми арзишҳоеро ташкил медиҳанд, ки дар заминаи онҳо асосҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва ақидавии ҷомеа ташаккул меёбанд. Аз нуктаи назари идеологӣ онҳо маҷмӯи йояҳо, арзишҳо ва меъёрҳое мебошанд, ки ҳамгироии идеологии ҷомеаро таъмин мекунанд. Дар заминаи огаҳӣ ва эътирофи умумияти ин арзишҳо ҳувияти гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ташаккул ва инкишоф ёфта, дар раванди мавқеъгирии ягона ба дарку шинохти шахс ҳамчун "Тоҷикистонӣ" мусоидат мекунад.

Дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки раванди муборизаҳои иттилоотии муосир ҳамарӯза бо усул ва василаҳои ҷадид таъмин шуда, шеваи ҳуҷумҳои иттилоотӣ тағйир ёфта истодааст. Ин бошад муносибати махсусро тақозо менамояд. Дар ин самт дар назди аҳли ҷомеа масъалаи ҷиддӣ истодааст: чи бояд кард то муқовимати иттилоотию идеологии мо самаранок ва ҷавобгӯ ба мақсад бошад.[5]

Масъалаи дигар василаҳои фарҳангӣ мебошанд, ки тавассути онҳо низ таъсири расониҳои равонию ғоявӣ амалӣ карда мешаванд. Воқеияти муосири Тоҷикистон нишон медиҳад, ки имрӯзҳо таъсири фарҳангҳои бегона баръало эҳсос мешавад. Дар чунин вазъият фарҳанги миллӣ бо низоми арзишҳои худ зери хатари воқеӣ боқӣ мемонад. Экспансияи фарҳангӣ, ки маҳз тавассути механизмҳои «қувваи нарм» сурат мегирад, ҳамеша эҳсос мешавад. Ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ дар шароити мавҷудияти таъсирҳои фарҳангӣ масъулиятшиносии хосро тақозо менамояд. Бояд дарк намуд, ки бохт дар муқовиматҳои фарҳангию идеологӣ оқибатҳои ҷуброннопазир дорад. Маълум аст, ки қишри мақсадноке, ки чунин ҳуҷумҳо ба онҳо равона карда мешаванд, ҷавононанд, зеро онҳо дар мубоҳисаҳои идеологӣ аз кам таҷрибагӣ бештар осебпазиранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мо таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонистем масъалаҳои ҳаётан муҳимми таҳкими истиқлолияти

миллию давлатиро ҳал карда, ба роҳи рушди устувор ворид шавем. Ягона нуктаи осебпазир ин амнияти идеологист, ки сари таъмини он бояд кулли ҷомеа ва махсусан олимони АМИТ ва зиёиёни кишвар бештар андеша намояд. Дар ин замина, вобаста ба аҳамияти ташкили муқовимати идеологӣ ва таъмини амнияти идеологӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити кунунии геополитикӣ мо воқеан ҳам ба идеологияи ягонаи миллӣ ниёз дорем, ки он бояд ба сифати неруи таҳкимбахшандаи ваҳдат, ягонагӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ баромад намуда, ифодагари ниёзҳои тамоми қишрҳои ҷомеа бошад, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ дақиқан муқаррар шудааст.

**РУЙХАТИ АДАБИЁТ**

1. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Аз 7 ноябри соли 2003, №1175.
2. Қаландаров фирдавсҷон шоназарович амнияти иттилоотӣ ҳамчун унсури пойдории амнияти миллии ҷумҳурии тоҷикистон душанбе - 2023 - 194с
3. Дар моддаи 8 Конститутсияи кишвар дар ин хусус омадааст: ДУШАНБ -2016с
4. Таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ш.Душанбе, 28 июни соли 2011. №721
5. Аминиён Хуҷаназар Файзулло "Садои мардум" №23 (4616) ДУШАНБ - 06.03.2023 с
6. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛАТ ДАР РУШДИ СОҲАИ СИЁСАТИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Чилаев Р. С. Устоди калони кафедраи ҷомеашиносии ДБССТ**

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ муваффақияти бузург ва дар навбати худ ифтихори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ва тахти сиёсати созандаву бунёдкоронаи Асозгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ба эъмори ҷомеаии демокративу ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандиву озод оғоз намуд, дар ин давра ба мувафақиятҳои бузург дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла энергетика ноил гардид.

Қаблан оид ба иқтидори манбаъҳои гитроэнергетикии Тоҷикистон ибрози назар намоем, акнун вақти он расидааст, ки нисбат ба сатҳи азхудкунӣ ва дурнамои истифодабарии онҳо низ, мулоҳизарони намоем. Аз ин ру, ҳар як давлат сарфи назар аз сохтори сиёсиаш, кушиш менамояд, ки аз тамоми имкониятҳо самаранок истифода бурда, ин соҳаи муҳимро тарақи диҳад. Ҳоло яке тасавуроти об, дигаре бо неруии ҳастай, сеюмӣ бо қувваи офтобу шамол, чорумӣ бо нафту газу ангишт рушди ин сохаро ба роҳ монда истодааст. Масалан, кишварҳои Араб тавассути нафт, Норвегия бо об, Голандия бо қувваи шамол, Франсия бо неруи ҳастаи тавассути иқтидорҳои гуногун ин соҳаро рушду густариш медиҳанд.

Гарчанде Тоҷикистон аз ҷиҳати манобеи об дар радифи кишварҳои сероб қарор дошта бошад ҳам, аммо воқеати рузгор собит менамояд, ки то ҳол дар ин самт мушкилот ба назар мерасад. Далел ин аст, ки сатҳи азхудкунии манбаҳои гидроэнергетикӣ дар мамлакатҳои пешрафтаи дунё аз 30 то 90%-ро ташкил медиҳад. Ба сифати мисол, ҳоло дар Норвегия 99% Бразиля 95% Фаронса, Шведсария, Партугалия зиёда аз 90% Ҷопон, Шветсия, Юнон, аз 65 то 95% Канада, Италия,

ИМА аз 50 то 65% ва дар Хитой то 30% манбаҳои гидроэнергетики аз худ карда шудаанд. Аммо дар минтақаи Осиёи Миёна ин нишондиҳанда маҷмӯан 10% аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Қазоқистон 14% Қиргизистон 8 то 9% ва дар Тоҷикистон аз 3 то 5%-ро ташкил медиҳад.[26]

Дар ин росто бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ ва ба ин васила ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикӣ, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи махсус қабул гардид. Ҳамзамон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ҷиҳати ҳали мушкилоти соҳаи энергетика ва рушди он 34-лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 57,2 милард сомони амалӣ карда шудааст. Холо дар ин самт бо 17-лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба мабгағи 16,4 мииард сомони тадбиқ гардида истодааст. Дар ин давра зиёда аз 2000 мегават иқтидорҳои нав ба кор андохта , ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ аз 17 миллард киловат соат соли 1991 ба 21 миллард киловат -соат дар соли 2019 афзоиш дода шуд. Ҳукумати Тоҷикистон азм дорад, ки бо максади дар оянда наздик таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ, бо неруи барқ пурра қонеъ сохтани талаботи аҳолӣ ва иқтисоди миллӣ бунёду таҷдиди як силсила иншооти хурду бузурги ҳаётан муҳимро вуъат бахшид.

Ҳоло бо маблағи умумии 11,3 миллард сомонӣ корҳо оид ба таҷдиди неругоҳҳои барқии оби Норак, Сарбанд, Қайроққум, ва дар доираи лоиҳаи КАСА-1000, сохтмони хатҳои интиқоли барқи 500-килловвата ва зеристгоҳҳо идома дошта, бунёди неругоҳи барқи обии Себзор дар ноҳияи Рошқалъаи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон оғоз гардидааст. Соли ҷори неругоҳи барқи обии Сарбанд ба маблағи беш аз 1,5 миллиад сомонӣ пурра таҷдид гардида, ба истифода супорида мешавад, ки бо иқтидори 270- мегавватт, яъне аз иқтидори имрӯзааш 110-мегаватт зиёд фаъолият хоҳад кард.

Инчунин, соли ҷорӣ сохтмони хатти интиқоли барқи 500-киловатта аз неругоҳи барқи обии Роғун то зеристгоҳи конверторий Сангтуда, ки имконияти содироти барқиро зиёд менамояд ва корҳо доир ба навсозӣ ҷиҳати кам кардани талафоти нерӯи барқ ва ҷори намудани низоми муосири баҳисобгирии он дар шаҳри Душанбе, Бохтар, Кулоб, Панҷакент, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Бустон, ва ноҳияи Данғара ба маблағи 2,4 миллард сомонӣ оғоз мегарданд.[27] Муҳимтарин дастовардҳои соҳа мавриди истифода қарор гирифтани иқтидорҳои нави тавлиди нерӯи барқ ба монанди нерӯгоҳҳои барқии оби “Сангтуда-1”(670 МВт) Сангтуда-2 (220МВт), Маркази барқию гармидиҳи ш Душанбе -2 (100МВт ва нерӯгоҳҳои барқии обии хурд (30МВт) бо иқтидори умуми 1020 МВт сохтмони зеристгоҳҳои барқии 500кВ душанбе -500 “Суғд-500” хати интиқоли барқи 500кВ “Ҷанубу Шимол” зеристгоҳҳои барқии 220кВ “Лолазор” “Хатлон”, “Айни”, “Шаҳристон”, “Шаҳринав” “Дасгоҳҳои тақсимкунандаи пушидаи элегазии 220кВ дар НБО Норак” хатҳои интиқоли барқи 220кВ “Лолазор Хатлон” 53,3км, “Тоҷикистону Афғонистон”(116км) “Хуҷанд Айни” (83,2км), “Қайроқум -Ашт” (74км) ва “Геран Руми” (78км) ба масофаи умуми 407,5 км ба шумор меравад.

---

[26] Ҳасан Асоев. НБО-и “Роғун”-кафолати рушди устувори минтақа. Саҳ-16
[27] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олии ҶТ.26-01-21. Ш Душанбе.

Ба ҳамагон маълум аст, ки бе рушди соҳаи электроэнергетика рушду тараққии иқтисодиёти кишвар ғайриимкон аст. Беҳуда энергетикаро локаматив ва пешбарандаи иқтисодиёт намегуянд. Нишондиҳандаи потенсали истҳсоли нерӯри барқ дар Тоҷикистон мавсими буда дар мавсими тирамоҳу зимистон (аз моҳи октябр то апрелу май), дар ҳоле, ки дар ин мавсим талабот ба нерӯи барқ бениҳоят баланд аст, ба амал меояд. Дар мавсими тобистон, ки талабот ба нерӯи барқ нисбатан камтар аст, неруи барқ барзиёд то андозае 3-7 млрд кВ соат истеҳсол мешавад. Зикр намудан ба маврид аст, ки дар ҷумҳурии мо истеҳсоли неруи барқ танҳо аз ҳисоби энергияи обӣ, ки ҳаҷми қариб 98% -ро ташкил медиҳад ва тибқи итилои Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна 99,56% неруи барқ ба манбахои барқароршавандаи энергия истехсол шудааст. Тоҷикистон дар истифодаи неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қатори шаш кишвари пешсафи сайёра шомил гардид, аз тарафи дигар ба беҳбудии вазъи экологӣ ва тавозуни иқлимии минтақа нақши ҳалкунанда бозид. Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи васеи манбаҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди "энергияи сабз" ва рушди "иқтисоди сабз" ба ҳисоб меравад. Бо пурра ба кор даромадани неругоҳи барқи обии "Рогун" Тоҷикистон дар миқёси олам ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи "энергияи сабз" шомил мегардад.

НБО-и Роғун бузургтарин ва муҳимтарин иншооти гидроэнергетики Тоҷикистон ба шумор меравад. Бе нерӯгоҳи Роғун рушду тароқиёти бо суръат ва ояндаи пурсаодати Тоҷикистонро тассавур кардан мушкил аст.

Иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳи Роғун бо 6 чарха 3600 мВт буда, сарбанди обанбораш бояд 335 м бардошта шавад. Хаҷми умумии оби обанбор 13,3 км3 ташкил ҳоҳад дод. Чунин ҳаҷми об бояд давоми 15-17 сол ҷамъовари мешавад. Иқтидори солонаи Нерӯгоҳи барқи обии Роғун 17 миллард киловатт-соатро ташкил дода, калонтарин неругоҳи барқи обӣ дар минтақа хоҳад буд.

Таҳлили воқеати табиӣ ва захираҳои энергетикии Тоҷикистон бараъло нишон медиҳад, ки рушди босуботу бонизом ва ояндадори Тоҷикистон асосан аз тароқии истифодаи васеъи иқтидорҳои гидроэнергетики, пеш аз ҳама тавассути бунёди нерӯгоҳҳои бузурги оби имконпзир аст. Маҳз нерӯгоҳи Роғун натанҳо метавонад ниёзҳои афзояндаи Тоҷикистонро бо нерӯи барқ дар ҳама фаслҳои сол барорад ва истиқлоли энергетики кишварро таъмин намояд. Нерӯгоҳи обии Рогун ҳамчун метавонад Тоҷикистонро ба кишвари бузурги содиркунандаи неруи барқ табдил дода, рушди бесобиқа ва босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин намояд.

Нерӯгоҳи барқи оби Роғун натанҳо барои Тоҷикистон, балки барои кули минтақа манфиати зиёд дорад, зеро баъди ба кор шурӯъ намудани он кишвари мо ба таври фаровон нерӯи арзони аз ҷиҳати экологи безарар, нерӯи «сабз» истеҳсол намуда, ҳамзамон метавонад кишварҳои поёнобро ҳатто дар солҳои хушки камбориш бо оби нушокию кишоварзӣ таъмин намояд. Дигар фазилати Роғун ин аст, ки дар ҳамин марҳилаи оғоз кишвари азизи моро аз буҳронҳои барқи наҷод хоҳат дод. Пурра ба кор даромадани НБО-и Роғун ва таъмини барқи доими дар кишвар, якбора иқтидори корхонаҳои исеҳсоли афзоиш ёфта,сармоягузорони дохилию хориҷи дар Тоҷикистон, ба хотири нерӯи кор ва барқи доимию арзон иқдом ба сохтани корхонаҳои хурду бузург хоҳад кард.

Хурсандиовараш он руз буд, ки 16-ноябри соли 2018 дар таърихи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯйдоди муҳиму тақдирсоз ба вуқуъ пайваста, қадами устуворе барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ гузоштанд. Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто муҳтарам Эмомали Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ агрегати якуми Неругоҳи барқии обии Роғунро ба кор даровcovered ва ба фаъолияти ин иншооти бузурги аср ки ба рушду тараққиёти кишвар мусоҳидат хоҳад кард оғоз бахшиданд.

Ҳамин тавр, 9-сентябри соли 2019 дар таърихи давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол боз як руйдоди муҳиму тақдирсоз ба вуқуъ пайваст боз як қадами устувор барои ба истиқлолияти энрегетики комил гузоштанд. Ин ташаббусҳо имкон фароҳам меорад, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон аз руи истифодаи манбаҳои барқароршавандаи истеҳсоли неруи барқ чанд зина хоҳад боло рафт. Дар даврони соҳибистеқлоли ба хотири амалӣ сохтани нақшаву барномаҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва амалӣ кардани ҳадафҳои неки Сарвари давлат баҳри таъмини зиндагии шоиста барои шарафманди тоҷик, бо дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалии Раҳмон истифодаи оқилонаву сарфакоронаи захираҳои гидроэнергетикӣ, сохтмону таҷдиди неругоҳҳои хурду бузурги барқи обӣ оғоз гардида, хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқ ва зеристгоҳҳои барқи бунёд карда шуданд.[28]

Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кушишу заҳматҳои бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳтаи миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҷомеаи чаҳонӣ маъруфият пайдо карда, робитаҳо бо кишварҳои ҷаҳон дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла энергетика вуъат ёфта, дар роҳи беҳтар намудани зиндагии мардуми мамлакат ва таъмини аъло бо нерӯи барқ қадамҳои боз хам устувортар гузошта мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва дигар захираҳои тавлидкунандаи неруи барқ мебошад, ки ҳангоми мавриди истифода карор додани онҳо мамлакати мо танҳо эҳтиёҷоти худро бо неруи барқ пурра қонеъ мегардонад, инчунин имкон пайдо мекунад, ки содироти онро ба хориҷи кишвар ба роҳ монда, дар ин замина имконоти мусоидро барои рушди иқтисоди кишвар ба даст оварад. Маълум аст, ки беҳтар гардидани сатҳи зисту зиндагонии мардум, рушди бонизоми соҳаҳои мухталифи кишвар дар замони муосир бо соҳаи энергетика вобастагии зич дорад. Умедворем, ки бо роҳбарии Пешвои миллат минбаъд низ дар соҳаи энергетика ба дастовардҳои назаррас ноил хоҳем гардид ва Тоҷикистон дар ояндаи наздик аз файзи Истиқлолияти давлатӣ ва Пешвои хирадманди мамлакат нурборон хоҳад шуд.

[28] Пешвои муаззами миллат. ш. Душанбе,-2019. Саҳ-170.

# ОСОБЕННОСТИ ДИНАМИКИ СОВРЕМЕННОГО ПОЛИТИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА В ТАДЖИКИСТАНЕ В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ОБЩЕСТВА В КОНТЕКСТНЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

**Шарипов И.И.** - старший преподаватель кафедры обществоведения МУТПТ
**Хабибов С.И.** - старший преподаватель кафедры обществоведения МУТПТ

В наше время вопросы политического перехода становятся все более актуальными, так как нынешняя международная обстановка развивается после распада коммунистического режима как в бывших странах СССР, так и в странах Восточной Европы.

Определенную роль в формировании предпосылок и базовых факторов современного политического процесса Таджикистана играют и внешнеполитические факторы. Таджикистан входит в зону интересов целого ряда вне региональных государств, внешнеполитическая деятельность которых может способствовать развитию новой «большой игры» в регионе, результаты которой могут существенно повлиять на эволюцию общественного развития и политических систем стран региона. Помимо этого, соседство с Афганистаном и ситуация внутри этой страны может также по-разному сказаться на политических процессах в Таджикистане. Географическая, историческая и культурная близость Таджикистана к народам государств Центральной Азии и России обуславливают сочетание национальной идентификации республики и в то же время принадлежности к евразийской общности. В то же время чем больше Таджикистан будет включен в демократические интеграционные структуры мира, тем больше у республики возможностей не выходить за рамки демократических принципов. Международное сообщество в целом, и международные организации в частности, могут влиять на развитие демократизации политических отношений в Таджикистане. Есть и другие возможные внешнеполитические факторы воздействия на политический процесс в республике, однако, в целом в ближайшей перспективе нынешний статус-кво в политической ситуации Таджикистана все еще будет сохраняться. В связи с внешнеполитическими факторами, Таджикистану необходимо проводить более самостоятельную внутреннюю и внешнюю политику, направленную на общественные и государственные интересы с опорой на собственные силы и ресурсы

Вопросы демократизации политических процессов в Республике Таджикистан являются предметом постоянных споров и диспутов внутри общества. На современном этапе, этими вопросами интересуются не только таджикские ученые, но и анализируются иностранными исследователями, т.к. процессы демократизации политических процессов охватывают экономические, социальные, политические сферы жизни государства.

Нами уже было упомянуто, что проблемы экстериоризации были обделены вниманием политологов, однако это не значит, что данная проблематика не рассматривалась и вовсе. В государствах Африки и Латинской Америки предпринимались попытки изучения данного вопроса в Таджикистане. Тоже вопрос переходного периода очень глубоко и всесторонние исследованы профессором И.Ш.Шарипова, А.Рахимова, Комиловым и другие.

Политический переход по направлению к демократической форме управления требует определения некоторых критериев, каждый из которых является очень важным и требует индивидуального исследования. Результаты исследования сильно зависят от концепции, которая является базой политической трансформации. Причинами могут быть ослабление законного режима, экономический кризис, социальные и культурные противоречия, противоречия среди правящей элиты и т.д., и т.п. Вне зависимости от форм причин, результаты у них похожи: под давлением, правящий режим будет вынужден либо добровольно пойти на перемены, либо отказаться от власти, иначе он будет подвержен насильственному изменению. Как только приходит время, и политический переход становится неизбежным, появляется потребность в четком определении его границ. Политический переход в зависимости от выбранной оппозицией и правящим режимом стратегии демократизации, можно разделить на несколько способов. «Переход может быть мирным и насильственным, эволюционным и революционным, навязанным извне или состоявшимся под преимущественным влиянием внутренних перемен».

Причины демократизации правящего режима должны быть рассмотрены подробно, т.к. они в большей степени определяют нынешние дебаты о методах демократической экстериоризации. Теория модернизации внесла значительный вклад в осознание причин политических переходов. Теория приобрела новый стимул после того, как колонии в середине прошлого столетия получили независимость и нуждались в экономическом развитии. Именно поэтому, по мере экономического развития, обсуждались и вопросы изменения и модернизированные политической системы. «Существовали конечно и другие подходы, обращавшие внимание на не сугубо экономические измерения модернизации, такие как рационализацию общественных структур или их дифференциацию, национальную интеграцию, психологическую адаптацию, политическое участие, уровень социальной мобилизации и многое другое». Тем не менее, большинство исследований в области теории модернизации, рассматривали демократизацию как нечто второстепенное, зависящее от социально-экономических изменений в стране.

Современные теории демократизации четко разделяются между приверженцами процессуального и структурного толкования переходных процессов. Приверженцы структурной теории в большинстве случаев заимствуют аргументы приверженцев теории модернизации. «В то же время сегодня для приверженцев этой теории уже невозможно использовать распространенные ранее корреляции между демократизацией и такими факторами, как уровень экономического богатства и распределения национального богатства, наличие рыночной экономики, степень прочности феодальных пережитков и позиций буржуазии и среднего класса, уровень грамотности и образованности, характер политической культуры и религиозных традиций, степень развитости гражданского общества и социального плюрализма, уровень гражданского насилия и политического экстремизма, приверженность элит демократическим ценностям, особенности внешнего воздействия и многое другое». Совершенно противоположного взгляда придерживаются приверженцы процессуального толкования демократических процессов. Отрицая существование предпосылок демократизации, они подчеркивают индивидуальность, оригинальность, важность приобретенного нацией опыта, и случайные факторы, приводящие к образованию политических и социальных институтов. Они считают, что политическая ситуация и контекст изменений, которые складываются в процессе перехода, являются решающими и значитель-

ными. «То, что делает демократию возможной, есть не комплекс тех или иных предпосылок, а сам переходный процесс с присущими для него сложностью и непредсказуемостью».

Нами было выяснено, что процесс экстериоризации в сторону демократии, протекает под различными стадиями, фазами и этапами развития. Однако это вовсе не означает, что каждый переход проходит одинаково. Экономические и политические реформы происходят по-разному, проходят в разные сроки, а также в разной последовательности. Исходя из этого, в политической науке выделяются несколько способов политической экстериоризации. Несмотря на то, что для режимов, которые выбрали путь демократизации практически не свойственно организованность, слаженность и согласованность, позволявшая бы без труда классифицировать его с тем или иным типом, выделение «чистых» способов политической экстериоризации является бесценной помощью при исследовании динамики экстериоризации. Каждый переход или каждая экстериоризация имеет свою специфическую особенность:

1. Навязанный переход. Элита начинает принимать решение о переходе в одностороннем порядке, не учитывая во внимание мнение оппозиции, и при необходимости будет использовать силу и все доступные средства, для трансформации режима. Такой переход был реализован в СССР.

2. Пактовый переход. В отличии от предыдущего перехода, этот переход навязывается не одной группой политической элиты, и является результатом заключения многостороннего соглашения элитами.

3. Реформы. Народ и политическая руководящая элита достигают компромисса в проведении ненасильственных реформ.

4. Революция. Насильственное свержение авторитарного режима народом. Примером могут служить события августа 1991 года в Советском Союзе.

«Начавшиеся структурные изменения в экономике республики и психологическая готовность определенной части активного населения к изменению социальных позиций создают благоприятную почву для формирования новых социоструктурных отношений». Спустя четверть века независимости и ускоренных темпов развития демократических процессов следующие вопросы нуждаются в ответах: укрепились ли в таджикском обществе демократические ценности, и смог ли Таджикистан найти собственную модель государственного устройства? В конституции страны четко указано, что «Таджикистан - это демократическое, правовое и светское государство и это неизменимое». На политической арене страны функционируют несколько политических партий, государство развивает политический плюрализм, отрицает идеологию вражды, разобщенности и войны. На данный момент «многие пытаются, представит ситуацию так, как будто бы наш народ уже живет в условиях развитого демократического гражданского общества».

Особенности исторического развития Республики Таджикистан указывает, что страны, перешедшие на социалистический путь, минуя капитализма, опять возвращаются к капиталистическим формам хозяйствования разрушают многие ценности коллективного разума, переходят на ошибочный путь. Разрушения морали, потеряют идеологические основы современного социалистического общества, приобретают устаревшие капиталистические догмы, устанавливают новые моральные нормы, усиливают противоречие между социальными слоями, разницу между бедными и богатыми, теряют средний класс. Создают новые проблемы для национальных госу-

дарств. Новые государства с трудом преодолевают эти проблемы, а некоторые не могут решит эти сложные проблемы своих государств.

**Список использованных источников и литератур**

[1]. Конституционный закон Республики Таджикистан от 14 ноября 2016 года №1356 Об основателе мира и национального единства - Лидере нации. г. Душанбе,/ 14 ноября 2016 года, № 1356.
[2]. Шозимов П. Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане.[Тескт] /П.Д.Шозимов Душанбе: Дониш, 2003г.-С. 209.
[3]. Шарипов. И. М. Развитие национальных отношений в Таджикистане. /И.М.Шарипов. Ирфон. Душанбе. 2002.-С. 159 .
[4]. Хидирова М. Политические идеологии современного мира.[Текст] М.Хидирова. /Ирфон.Душанбе: 2006.- С.93 .

## ҶАЛБИ САРМОЯИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ БАРОИ ТАШКИЛИ КОРХОНАҲОИ МУШТАРАК

**Алимов Ҷ.Ш. ассистенти кафедраи менеҷменти ДБССТ**

Истиқлолияти ба Тоҷикистон насиб гардида мақсад мегузорад, ки кишвари мо дар протсесҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ворид гардидан ба иқтисоиёти ҷаҳонӣ ба сифати субекти мустакилу баробарҳуқуқ иштирок кунад. Табиист, ки мақоми нави ҷумхурӣ дар системаи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ аз нав андешидани муносибатҳои пештара ва коркарди мутобиқгардидаи асосҳои қонунбарориро ба масъалаҳои робитаҳои иқтисодиёти берунаи ҶТ бо дарназардошти махсусиятҳои вазъияти геополитикӣ, вазъти ҳарбӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иктисодии дар айни замон дар ҷумхурӣ ба вуҷуд омада ва дурнамои мушоҳидашавандаро аз нав дида барояд. Барои ин дар мамлакат қонунҳои нав оиди ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва дигар намуди сармояҳо қабул карда шудаанд.

Сармоягузории мустақим дар сурати барқарор кардани филиали ширкати миллӣ дар хориҷа, ё ин ки харид кардани пакети назоратии саҳмияи ширкати хориҷӣ ҷой дорад. Онҳо сармояро ба мақсади ноил гаштан ба манфиати худ дар мамлакати сармоягузошташуда сармоягузорӣ мекунанд ва амалан пурра бо содироти сармояи хусусии соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд.

Хусусиятҳои хоси сармоягузорӣ дар замони ҳозира ҷунинанд:

- афзоиши босуръати сармоягузории мустақим;
- тақвият ёфтани нақши аз нав сармоягузории фоида, хусусан дар дохили корпоратсияҳои бузург;
- либерализатсияи танзими давлатии ҷараёнҳои сармоягузорӣ.

Сабаби асосии содирот ва воридоти сармоя фоидаи максималӣ мебошад. Дар баробари ин тадқиқоти бисёрҷенакаи эконометрикии дар тахти хадамоти иқтисодии созмони миллали мутаҳид (СММ) гузаронидашуда нишон доданд, ки барои содирот ва воридоти мустақими сармоя сабабҳои гуногунии махсус вуҷуд доранд.

Содиркунандагони асосии маблағгузории сармояи мустақим мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва ШМА ба ҳисоб мераванд. Мамлакатҳои мутараққии иқтисодӣ дар содироти сармояи соҳибкорӣ ҳавасманд мебошанд, онҳо дар дигар мамлакатҳо филиалҳои истеҳсоли барқарор карда истода, бо ин роҳ барои содироти молҳои худ, бартараф кардани монеъаҳои гумрукӣ, истифодаи бозорҳои хориҷӣ имконияти калон ба вуҷуд меоваранд.

Сабабҳои содирот ва воридоти сармоягузории мустакими хориҷӣ ҷунин аст:

➢ Пешсафии технологӣ;

• содирот- ҷиқадарае, ки ҳаҷми хароҷот дар корҳои илмӣ-тадқиқоти ва таҷрибавию конструкторӣ (КИТТК) дар хаҷми фурӯши корхона баланд бошад, ҳамон микдор хаҷми содироти сармояи мустақим аз тарафи вай ба хориҷа зиёд аст. Ҷиқадаре, ки ҳаҷми масраф дар КИТТК дар хаҷми фурӯши корхона кам бошад, ҳамон кадар хаҷми содироти сармояи мустақим аз тарафи вай ба хориҷа кам мебошад.

• воридот- ҷиқадаре, ки ҳаҷми масраф дар КИТТК дар хаҷми фурӯши корхона зиёд бошад, ҳамон қадар ҳаҷми воридоти сармояи мустақим аз тарафи вай аз хориҷа зиёд мебошад. Ҷиқадаре, ки ҳаҷми масрвф дар КИТТК дар ҳаҷми фурӯши корхона кам бошад, ҳамон қадар ҳаҷми воридоти сармояи мустақим аз хориҷа кам аст.

➢ Сатҳи музди меҳнат;

• Содирот- Ҷиқадаре, ки музди меҳнат дар корхона зиёд бошад ҳамон қадар миқдори содироти сармояи мустақими вай зиёд аст . Хар кадар сатхи музди кор дар корпоратсия паст бошад, хамон кадар хаҷми содироти сармояи мустаким аз тарафи вай кам аст.

• Воридот- Хар кадар сатхи музди кор дар корпоратсия баланд бошад, хамон кадар хаҷми воридоти сармояи мустаким аз тарафи вай зиёд аст. Ҷиқадаре, ки ҳаҷми музди меҳнат дар корхона паст бошад, ҳамон қадар ҳаҷми воридоти сармояи мустақими вай кам аст.

➢ Вазни хоси хароҷот дар реклама;

• Содирот- Ҷиқадаре, ки ҳаҷми масраф дар рекламаи фурӯши корхона зиёд бошад, ҳамон қадар ҳаҷми содироти сармояи мустақими вай зиёд аст. Ҷиқадаре, ки ҳаҷми масраф дар рекламаи фурӯши корхона кам бошад, ҳамон қадар ҳаҷми содироти сармояи мустақими вай ноҷиз аст.

• Воридот- Ҷиқадаре, ки ҳаҷми масраф дар рекламаи фурӯши корхона зиёд бошад, ҳамон қадар ҳаҷми воридоти сармояи мустақими вай зиёд аст. Ҷиқадаре, ки ҳаҷми масраф дар рекламаи фурӯши корхона кам бошад, ҳамон қадар ҳаҷми воридоти сармояи мустақими вай ноҷиз аст.

➢ Иқтисодиёти миқёс;

• Содирот- Ҷиқадаре, ки андозаи истеҳсолоти корхона ба бозори дохили зиёд бошад, ҳамон қадар миқдори содироти сармояи мустақими вай зиёд аст. Ҷиқадаре, ки андозаи истеҳсолоти корхона ба бозори дохили кам бошад, ҳамон қадар миқдори содироти сармояи мустақими вай кам аст.

• Воридот- Ҷиқадаре, ки андозаи истеҳсолоти корхона ба бозори дохилӣ зиёд бошад, ҳамон қадар одатан миқдори воридоти сармояи мустақими вай кам аст. Ҷиқадаре, ки андозаи истеҳсолоти корхона ба бозори дохилӣ кам бошад, ҳамон қадар миқдори воридоти сармояи мустақими вай зиёд мебошад.

➢ Андозаи ширкат;

• Содирот- Ҷиқадаре, ки ҳаҷми корхона калон бошад, ҳамон қадар миқдори содироти сармояи мустақими вай зиёд мешавад. Ҷиқадаре, ки ҳаҷми корхона хурд бошад, ҳамон қадар миқдори содироти сармояи мустақими вай кам мешавад.

• Воридот- Ҷиқадаре, ки ҳаҷми корхона калон бошад, ҳамон қадар миқдори воридоти сармояи мустақими вай зиёд аст. Ҷиқадаре, ки ҳаҷми корхона хурд бошад, ҳамон қадар миқдори воридоти сармояи мустақими вай кам аст.

➢ Таъмин будан ба сарватҳои табиӣ;

• Содирот- Ҷиқадаре, ки тақозои корхона ба захираи муйяни табиӣ зиёд бошад, ҳамон қадар ҳаҷми содироти сармояи мустақим аз ҷониби ӯ ба мамлакате, ки ҷунин захираи табииро дорад зиёд мешавад. Ҷиқадаре, ки тақозои корхона ба захираи муйяни табиӣ кам бошад, ҳамон қадар ҳаҷми содироти сармояи мустақим аз ҷониби ӯ ба мамлакате, ки ҷунин захираи табииро дорад кам мешавад

➢ Талабот ба сармоя;

• Воридот- чиқадаре, ки тақозои корхона ба сармоя бисёр бошад, ҳамон қадар миқдори воридоти сармояи мустақим аз ҷониби вай бисёр аст. Ҷиқадаре, ки тақозои корхона ба сармоя кам бошад, ҳамон қадар миқдори воридоти сармояи мустақим аз ҷониби вай кам аст.

➢ Имконоти бозор;

• Воридот- Ҷиқадаре, ки имконоти бозори дохилии мамлакат баланд бошад, ҳамон қадар ҳаҷми воридоти сармояи мустақим аз тарафи вай бисёр мешавад. Ҷиқадаре, ки имконоти бозори дохилии мамлакат паст бошад, ҳамон қадар ҳаҷми воридоти сармояи мустақим аз тарафи вай кам мешавад.

➢ Сабабҳои дигар;

• Содирот-Пас намудани хароҷоти нақлиёт барои ҳамлу нақли молу маҳсулот аз ҳисоби ташкили корхона дар наздикии он; бартараф кардани монеъаҳои воридотии мамлакати хориҷӣ ҳисоби ташкил кардани истеҳсолоти дар зери назоратбуда дар ҳудуди он.

• Воридот- Тамоюли содиротии саноат, ки аз ҳисоби сармояи мустақими хориҷӣ барқарор гаштааст; мавҷуд будани барномаи ҳукуматии тараққиёти иқтисодӣ. [1]

Сармоягузории мустақим ва ғайримустақими хориҷиро фарқ кардан мумкин аст, ки аз якдигар фарқияти куллӣ доранд.

Сармоягузории ғайримустақим (портфелӣ) -танҳо ба қоғазҳои қиматбаҳои хориҷист ва ба сармоягузор ҳуқуқи воқеии идора карданро аз болои объекти сармоягузорӣ намедиҳад.

Қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузорони хориҷӣ:

✓ кафолати ҳақиқӣ аз милликунонӣ ва реквизитсия медиҳад;

✓ имконият медиҳад, ки дивидендҳои худро озодона бо асъори хориҷӣ ба хориҷа интиқол диҳанд, дар суратҳисоби худ асъори миллиро барои харидани асъори хориҷӣ ва баръакс истифода баранд;

✓ имконият медиҳад, ки корхонаи пурра ба сармоягузори хориҷӣ тааллуқдоштаро таъсис диҳанд.

Бояд дар назар дошт, ки мавуҷудияти созишномаҳои ҳавасмандкунии сармояҳои ҳамдигар байни мамлакатҳои ҳамкор ба раванди қабули қарор аз тарафи сармоягузорон таъсири калон мерасонад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, ки таъсири бевоситаи худро ба иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон расонидааст ба кам шудани ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар эҳтимолият дорад.

Илова бар ин ҷиҳати дар сатҳи муайян нигоҳ доштани воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, беҳтар намудани иқлими сармоягузории

кишвар ва бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар бахши ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ лозим аст.

Дар кулли мамлакатҳо аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар сармоягузори хориҷӣ беш аз 25% ҳиссаи корхонаро сармоягузорӣ намуда бошад, он гоҳ ин ба сармояи мустақими хориҷӣ мансуб дониста мешавад.

Сармояҳои хориҷӣ дар шароити иқлими номусоиди сармоягузорӣ ба соҳаҳои сармоягузориаш кӯтоҳмуддат ва зудхароҷотбароранда майл доранд. Дар ҳолати маҳдуд будани бозори дохилӣ дараҷаи истифодаи соҳаҳо, ки тамом мегардад, сармоягузорони хориҷӣ сармояи худро ба дигар соҳаҳо равона месозанд. Яъне онҳо ба он корхонаҳои амалкунанда ва муфлисшудаи мамлакат сармоягузори менамоянд, ки дигар сармоягузорон ҳоло ба онҳо даст назадаанд

Дар ин давра бо истифодаи маблағҳои мазкур барқарорсозӣ ва сохтмони заводу сеххо оид ба барориши консерваю сабзавот, барқароркунии хати технологӣ барои истеҳсоли хишти пухта, сохтмони фабрикаи ресандагӣ, ташкили истеҳсоли бофандагӣ ва дузандагӣ ба итмом расонида мешавад. Дар ин давра аз ҳисоби СМХ ва ҚЗКҲҶТ дар самти туризм 1,4 млн. долл. ШМА ва сохтмон 93,7 млн. доллари ШМА маблағгузорӣ дар назар дошта шудааст, ки сохтмони якҷанд меҳмонхона дар шаҳри Душанбе, ба монанди меҳмонхонаи «Серена-Душанбе», маҷмӯаи манзилии «Пойтахт-80» ва ду меҳмонхона дар маркази ш.Душанбе, ки аз ҷониби Ширкатҳои «CHL Интернешнл» ва «ENKA» маблағгузорӣ мешаванд, дар бар мегирад. [2]

Ба самтҳои дурнамои стратегии ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикнстон, пеш аз ҳама дохил мешаванд:

- инкишофи гидроэнергетика, анҷом додани бунёди неругоҳҳои барқии обӣ ва дигар объектҳои барқӣ;
- инкишофи саноати истихроҷи маъдани кӯҳӣ, бунёди компяексҳои исткхроҷи ашёи маъданӣ ва коркади он;
- муосиргардонии корхонаҳои саноати сабук ва нассоҷӣ, ки дар коркарди ниҳоии нахи пахта асос меёбанд;
- бунёд намудан ва азнавтаҷҳизонидани корхонаҳои коркард ва нигоҳдории меваву сабзавот;
- афзун намудани коркарди санги хоро, мармар, нимқимматбаҳо, маснуоти майда ва истеҳсоли махсулотҳо аз онҳо;
- инкишофи телекоммуникатсия ва алоқа;
- истеҳсоли техникаи рӯзгор;
- бунёди комплексҳои туристӣ, инкишофи туризми кӯҳнавардӣ ва шикор, бунёд намудан ва инкишофи туризми истироҳатӣ ва муолиҷавӣ, дар асоси сарҷашмаҳои маъданӣ ва гармҷашмаҳо.[3]

Иҷроиши барнома бо ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва кам намудани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

**Адабиётҳои истифодашаванда:**

1. Саидмуродов Л.Ҳ. Иқтисодиёти байналхалқӣ: назария, таърих, сиёсат. Китоби дарсӣ. - Душанбе, Нашриёти «Ирфон», 2002. - саҳ-226-228

2. Сузуки М., Саидмуродов Л.Ҳ., Солиев А.А. «Макроиқтисоди кушод ва инвеститсияи мустақими хориҷӣ», Душанбе, «Деваштиҷ», -2007.- 288с.

## ТАЪСИРИ ВАЗЪИ САРМОЯГУЗОРӢ БА РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ИНФРАСОХТОРИ ОН

**Аҳмади Зоҳидҷон, ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии ДБССТ**

Таҳқиқи адабиёти илмии самти сармоягузорӣ ва таҳлили имкониятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ дар солҳои охир собит менамояд, ки имрӯз яке аз соҳаҳои афзалиятнок барои сафарбар намудани дороиҳо ва захираҳои сармоягузорӣ сайёҳӣ ва инфрасохтори он мебошад. Дар соҳаи сайёҳӣ сармоягузорӣ истифодаи маблағҳоро дар шакли гузоришҳои дарозмуҳлат ба хотири ба даст овардани фоида ифода мекунад. Сармоягузорӣ ба рушди сайёҳӣ раванди бо ёрии сармоя бунёд намудани иншооти нави сайёҳӣ, таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии иншооти мавҷудаи сайёҳӣ мебошад.

Ҳоло барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он дар мамлакат шароити ҷолиб барои сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст, иншооти зиёди инфрасохтори сайёҳӣ мавҷуд аст, ки бо сабаби сатҳи баланди фарсудашавии ҷисмонӣ фаъолияти хуб намекунанд ва барои барқарор кардани иқтидори худ ба сармоягузорӣ ниёз доранд. Ҳамчунин бо шарофати шароити хуби иқлим ва табиат дар мамлакат мавзеъҳои зиёди табиие ҳастанд, ки барои ба роҳ мондани хизматрасониҳои сайёҳӣ созгор буда, таъсиси иншооти инфрасохтори сайёҳӣ дар онҳо метавонад ба рушди бобарори сайёҳӣ мусоидат кунад. Метавон тахмин кард, ки иқтидори рушди сайёҳӣ, ки дар мамлакат мавҷуд аст, барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар ин соҳаи афзалиятнок шароити мусоид фароҳам меорад ва барои ташаккули фазои муайяни сармоягузорӣ имкон медиҳад.

Гузашта аз ин, дар мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Суботи сиёсӣ, ки дар мамлакат пойдор шудааст ва сиёсати оқилонаи макроиқтисодии пешгирифтаи ҳукумат таконбахши рушди сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он буда, худи сиёсати сармоягузорӣ ба ҳалли масъалаҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ равона гардидааст.

Дар баробари намояндагони ҳукумати мамлакат ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он ҳамчунин доираҳои соҳибкорон ва сармоягузорон, аҳли илми иқтисодии кишвар таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамоянд. Зеро имрӯз хизматрасонии сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои сердаромади соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, соҳибкории сайёҳӣ ба доираи фаъолияти худ субъектҳои соҳаҳои дигари иқтисодиёт - нақлиёт, алоқа, хӯроки омма, муассисаҳои табобатӣ, фарҳангию фароғатӣ, варзишию солимгардонӣ, осоишгоҳҳо, тарабхонаҳо, агентиҳои таблиғотӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои инфрасохтори сайёҳиро ҷалб мекунад. Аммо сарфи назар аз тадбирҳои назаррасе, ки дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор барои рушди сайёҳӣ роҳандозӣ мекунанд, сатҳи зарурии суръати рушди сайёҳӣ дар мамлакат мушоҳида намешавад. Маълумоти омори расмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар

мамлакат тадриҷан афзоиш меёбад, вале нишондиҳандаи даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ назаррас нест (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.** Нишондиҳандаҳои асосии омори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Нишондиҳанда | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ширкат-ҳои сайёҳӣ, адад | 82 | 118 | 91 | 146 | 161 | 224 | 235 |
| Даромад аз хизмат-расониҳои сайёҳӣ, бе андоз аз арзиши иловашуда, ҳаз. сомонӣ | 9582,8 | 8422,1 | 9076,3 | 16928,1 | 24497,9 | 7677 | 12789,9 |
| Даромад ба ҳисоби миёна барои як ширкати сайёҳӣ, ҳаз. сомонӣ | 116,84 | 71,4 | 99,7 | 115,9 | 152,16 | 34,3 | 54,4 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [2, с. 183]

Аз ҷадвали 1 ба назар мерасад, ки аз соли 2018 то соли 2021 ҳамасола шумораи ширкатҳои сайёҳӣ зиёд шудааст. Нишондиҳандаи даромаднокӣ аз хизматрасониҳои сайёҳӣ ба ҳисоби миёна барои ҳар як ширкати сайёҳӣ дар соли 2015 маблағи 116,84 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2021 маблағи 54,4 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Бояд қайд кард, ки рушди ҳар як соҳаи соҳибкорӣ ва саҳми он дар рушди иқтисодиёти миллӣ на бо теъдоди субъектҳои дар соҳаи мазкур фаъолияткунанда, балки бо сатҳи даромаднокии онҳо арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, нишондиҳандаҳои воқеии даромаднокии ширкатҳои сайёҳӣ барои ҳамчун қаноатбахш арзёбӣ кардани рушди соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат имкон намедиҳанд. Барои афзун кардани даромаднокии фаъолияти сайёҳӣ ҷолибияти хизматрасониҳои сайёҳиро барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ тавассути бо сифати беҳтар пешниҳод кардани онҳо ва таъсис додани иншооти инфрасохтори сайёҳии аз ҷиҳати хизматрасонӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ баланд бардоштан мумкин аст. Албатта, ин танҳо дар сурате ба даст меояд, ки барои бунёди иншооти инфрасохтори сайёҳии ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ маблағҳои зарурии сармоягузорӣ ҷалб карда шаванд.

Соҳаи сайёҳӣ дар қиёс бо дигар соҳаҳои соҳибкорӣ дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад. Аз як ҷониб, барои сармоягузор амсилаи тиҷоратии он метавонад ба амсилаи тиҷоратии соҳаҳои дигар монанд бошад, яъне ба даст овардани даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз иншооти тиҷоратӣ, масалан, аз муассисаҳои савдо, фароғат, солимгардонӣ. Аз ҷониби дигар, дар фаъолияти сайёҳӣ омилҳои соҳавӣ хеле муҳим мебошанд, сар карда аз ҷолибияти умумии маконе, ки иншооти хизматрасонӣ ба сайёҳон дар он ҷойгир аст, то сатҳи касбии дастаи кормандон ва стандартҳои хизматрасониҳо ба сайёҳон.

Дар соҳаи сайёҳӣ афзалиятҳои мизоҷон низ хусусияти фарқкунандаи худро доранд. Ин хусусият ба устувории бозори сайёҳӣ ва майли мизоҷони доимӣ ба ҳамон як иншооти сайёҳӣ ё ширкати сайёҳӣ таъсир мерасонад. Агар мизоҷ (сайёҳ) ба ягон макони сайёҳӣ (масалан, осоишгоҳ, маҷмааи варзишию солимгардонӣ ё иншооти дигар), маҳсулот ё хизматрасонии муайян одат карда бошад, пас ӯ метавонад борҳо ва солҳо ба ҳамон макон ташриф оварад, хусусан агар дар он ҷо аз ҷониби кормандон ҳар дафъа имкониятҳои нави фароғатӣ ва солимгардонӣ пешниҳод карда шаванд. Аз ин рӯ, ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои ифрасохтори сайёҳӣ, ки маҳз

имрӯз метавонанд дар бозор маҳсулот ва хизматрасониҳои баландсифат ва ҷолибро пешниҳод кунанд, барои худ дар муддати ояндаи тӯлонӣ низ дастаи мизоҷони содиқро бунёд мекунанд.

Ҳоло дар маҳаллҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон маконҳои зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо чунин пешниҳод имконпазир аст: аз осоишгоҳҳои калон то меҳмонхонаҳо, истироҳатгоҳҳои хурд ва муассисаҳо доир ба ташкили хизматрасониҳои фароғатӣ ва солимгардонӣ ба сайёҳон.

Ҳамин тавр, иқтидори сармоягузории соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат баланд аст, зеро дар бозори сайёҳӣ барои мизоҷони хориҷӣ ва дохилӣ талаботи қонеънашуда хеле зиёд аст. Махсусан шаҳрвандони хориҷӣ сарфи назар аз хатарҳо ва омилҳои бесуботӣ дар қаламравҳои муайян ҳоло ҳам ба сайругашти сайёҳӣ ва сафарҳои фароғатию солимгардонӣ ба кишварҳои нисбатан амн, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ва рағбати зиёд доранд.

Барои рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат барномаҳои махсуси давлатии сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорону сармоягузорони хусусӣ зарур аст. Бо фаъолияти муътадили иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, махсусан осоишгоҳҳо, маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ, меҳмонхонаҳо ва фазои мусоиди сармоягузорӣ дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ метавонад як нерӯи пешбарандаи афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат гардад. Барои ба даст овардани мавқеи намоёни худ дар бозорҳои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар навбати аввал шароити мусоидро барои пешниҳоди хизматрасониҳои муосири рақобатпазир ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар самтҳои солимгардонӣ, фароғатӣ, варзишӣ, куҳнавардӣ ва сайругашт фароҳам оварад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамагӣ чанд сол пеш, масалан, дар аввали солҳои 2000-ум дурнамои сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ барои аксари соҳибкорони хусусӣ ҳаросонкунанда буд, хусусан вақте ки дар бораи сохтмони иншооти асосӣ, ки маблағҳои назарраси аввалиро талаб мекарданд ва боздеҳии онҳо пас аз гузашти солҳои тӯлонӣ оғоз мегардид, сухан мерафт. Вале пас аз таваҷҷӯҳи хосаи намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дастур ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми ироаи паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳамоишҳо, вохӯриҳо бо соҳибкорони мамлакат ва намояндагони сармоягузорони хориҷӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба муҳимии масъалаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он пешниҳод мешуданд, фазои сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Дар солҳои охир давлат барои дастгирии сармоягузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он корҳои зиёдеро ба сомон расонид, барои соҳибкорон дар мавриди оғози тиҷорат ва тиҷорати идомаёбандаи онҳо дар соҳаи сайёҳӣ имтиёзҳо ва кафолатҳои гуногун, аз ҷумла имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ пешниҳод карда шудаанд. Вале бояд қайд кард, ки бо вуҷуди имтиёзҳо ва кафолатҳои мазкур сармоягузории бахши хусусӣ асосан ба барқарорсозии иншооти мавҷудбудаи бекорхобида ва таҷдиди иншооти амалкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ равона мегардад. Зеро ба кор андохтани иншооти нави инфрасохтори сайёҳӣ хароҷоти аввалии назаррасро барои иткишоф ва

асосноккунии техникию иқтисодии мавзеъҳои сайёҳӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавию созандагӣ, пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва санҷишӣ талаб мекунад. Бинобар ин, роҳи осон ва камхавфи сармоягузорӣ таҷдид ва барқарорсозии иншооти инфрасохтори сайёҳии мавҷуда мебошад. Гузашта аз ин, арзиши хусусигардонии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, ки қаблан дар тавозуни давлатӣ буданд, хеле паст муқаррар карда мешавад ва барои сармоягузор гаронии зиёдро пеш намеорад. Вобаста ба ин, ҳоло номбар кардани ҳатто шумораи ками иншооти нави инфрасохтори сайёҳӣ, ки аз оғоз бо истифодаи маблағҳои сармоягузорони хусусӣ сохта шуда бошанд, душвор аст.

Дарвоқеъ, дар мавриди истифодабарии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва босамараи иқтидори мавҷудаи табиию иқлимӣ ва ҷуғрофӣ, инчунин осори фарҳангию таърихӣ, бо ба ҳисоб гирифтани анъанаҳои миллӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ метавонанд талаботи сайёҳони хориҷӣ ва ватаниро дар сатҳи қаноатбахш қонеъ гардонанд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ якҷоя бо инфрасохтори он бештар аз самаранокии сиёсат ва танзими давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла аз ташаккули сиёсати амиқи сармоягузорӣ вобаста аст. Чунин сиёсати сармоягузорӣ бояд ба он равона шуда бошад, ки барои сармоягузорони хусусии дохилӣ ва хориҷӣ сафарбар намудани маблағҳо ба рушди сайёҳии ватанӣ фоиданок бошад. Ба соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он маблағгузориҳое лозим мебошанд, ки «дар марҳилаи аввалӣ бояд дар шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ҷо оварда шаванд. Пас аз он ки бахши соҳибкорӣ миқёс ва сатҳи шарикии давлат ва бахши хусусиро мусбат арзёбӣ мекунад, сармоягузорони хусусӣ сармоягузориро ба ин соҳаи иқтисодиёт фаъолтар мекунанд» [6, с. 107].

Сарфи назар аз он, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории он ба ҳисоб меравад, хусусиятҳои арзёбии ҳамаҷонибаи сармоягузорӣ ба рушди муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун як низоми ягонаи иҷтимоию иқтисодӣ, пурра омӯхта нашудаанд. Дар баробари ин, «соҳаи сайёҳӣ, ки ҳамчун омили муҳими рушди тамаддун давлатҳо ва қитъаҳои оламро муттаҳид мекунад, ба идоракунии асоснок, касбӣ ва самарабахши сармоягузорӣ ниёз дорад» [5, с. 344]. Донистани усулҳои муосири арзёбии иқтисодии қарорҳои идоракунии қабулшаванда бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолият ва рушди муассисаҳои инфрасохтори сайёҳӣ барои таҳияи сиёсати дурусти сармоягузорӣ дар ин самт зарур аст.

Дар интихоби объекти сармоягузорӣ ҷолибияти сармоягузорӣ омили муайянкунанда мебошад. Ҳангоми изҳор намудани хоҳиш аз ҷониби субъектҳои бозор барои ҷалби сармоягузорӣ мавҷуд будани талаботи воқеии онҳо ба маблағҳои иловагӣ, имконият ва майли сармоягузории маблағҳои муваққатан озоди субъектҳои дигари бозор ҳангоми бастани аҳд дар байни онҳо ҷолибияти сармоягузорӣ бояд ҳамчун мафҳум ва омили асосӣ ба инобат гирифта шавад.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ расонидани хизматрасониҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои инфрасохтори он дар баробари сармоягузорони хусусии ватанӣ ҳамчунин ҷалби сармоягузорони хориҷӣ лозим аст. Барои ҷалби сармоягузорони

хусусии хориҷӣ ба соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб гирифтани чунин ҷиҳатҳо муҳим мебошад [3, с. 41]:

- фаъолнокии ҳокимияти маҳаллӣ дар самти корҳои таблиғию иттилоотӣ (таблиғи иқтидори сайёҳию рекреатсионии маҳал);

- сиёсати озоди маъмурию андозии ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳам ҳокимияти давлатӣ, ки ташаббусҳои сармоягузории хусусиро ҳавасманд мекунад;

- сиёсати самарабахши зиддиинҳисорӣ ва зиддиҷиноятии ҳукуматдорони маҳаллӣ, ки ба дастгирии фазои рақобати солим дар байни ширкатҳои сайёҳӣ нигаронида шудааст.

Дар соли 2021 ба соҳаи сайёҳӣ дар ҳаҷми 28,5 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақими хориҷӣ равона гардидааст, ки ин 8,3%-и маблағи умумии сармоягузориҳои хориҷии ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо ташкил медиҳад (расми 1).




Расми 1. Ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [1]

Мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло 65%-и осоишгоҳҳо ва иншооти сайёҳии мамлакат барқарор карда шудаанд, зиёда аз 300 мавзеъҳои истироҳатии сайёҳии хусусӣ ва 74 санаторияҳо ба кор даровarda шудаанд, ки ин барои рушди сайёҳии байналмилалӣ фазои мусоид фароҳам оварда, ҳамчунин ҷалби сармояи хориҷӣ ва шуғли самараноки аҳолии мамлакатро таъмин мекунад. Самтҳоиояндадори рушди сайёҳӣ - сайёҳии таърихӣ, маърифатӣ ва этнографӣ, табобати санаторию осоишгоҳӣ, сайёҳии экологӣ, сайри варзишии дарёҳои кӯҳӣ ва завракронӣ, лижаронӣ мебошанд.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаби рушди сайёҳӣ ин таъмини дастрасии сайёҳон ба мавзеъҳои сайёҳӣ мебошад. Ба ин хотир, шохаҳои нави роҳҳои нақлиётӣ ва воситаҳои нақлиёт, таҷдиди фурудгоҳҳо ва сохтмони терминалҳои нави мусофирӣ зарур аст, зеро ҷараёни мусофиркашӣ дар соли 2021 дар мамлакат 746,8 миллион нафарро ташкил додааст, ки аз ҷумла 726,8 миллион нафар (97,32%) ба нақлиёти автомобилӣ ва 400 ҳазор нафар (0,053%) ба нақлиёти ҳавоӣ рост меояд [2, с. 301]. Афзоиши мусофиркашонӣ аз ҳисоби рушди сайёҳӣ, хусусан дар роҳҳои автомобилии кӯҳӣ метавонад боиси мушкилот гардад.

Фазои мусоиди сармоягузорӣ муҳити соҳаи сайёҳиро, ки дар он равандҳои сармоягузорӣ ҷараён мегиранд, тавсиф медиҳад. Ба фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки шароити фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он, инчунин дараҷаи хавфи фаъолияти сармоягузории сайёҳиро муайян мекунанд. Ба инобат гирифтани омилҳои

таъсиррасон ба фазои сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки он ҳамчун мусоид ё номусоид арзёбӣ гардида, дар натиҷа оид ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ баҳо дода шавад. Фазои мусоиди сармоягузорӣ шиддатнокии ҷалби сармоягузориҳоро ба соҳаи сайёҳӣ муайян мекунад ва имкон медиҳад, ки ноилгардии ҳадафҳои сармоягузор ба амал ояд, ҳамчунин он талаботи пардохтпазирро барои сармоягузорӣ ташаккул медиҳад. Таъсири номатлуб бо мафҳуми «хавфи сармоягузорӣ» ҳамрадиф аст ва он «эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳоеро дар назар дорад, ки бевосита ё бавосита ба ҷараёни мусоиди фаъолияти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, - аз ҷумла зараровар будани лоиҳа ё хавфи имконияти истифоданашуда» [4, с. 302].

Ба андешаи мо, барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доираҳои соҳибкорӣ, ки ба рушди сайёҳӣ ва сармоягузорӣ ба ин соҳаи афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ манфиатдор ҳастанд, ҳамчунин барои намояндагони ширкатҳои таблиғотӣ, воситаҳои ахбори омма ва аҳли илми иқтисодӣ хеле муҳим ва зарур аст, то мамлакатро ҳамчун макони мусоид барои фаъолияти сайёҳӣ ва майдони фароҳи ҳамкорӣ дар самти сармоягузорӣ ва соҳибкории сайёҳӣ муаррифӣ кунанд.

Ҳамин тавр, сармоягузорӣ ҳамчун омили зарурии пешбарандаи рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он, ташаккули як соҳаи муҳим ва рақобатпазири иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мешавад, ки имкониятҳои васеъро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолии мамлакат ва шаҳрвандони хориҷӣ ба хизматрасониҳои сатҳи баланди сайёҳӣ пешниҳод мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Омори сармоягузории хориҷӣ [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://investcom.tj/investment/activity/11-omori-sarmojaguzorii-hori.html

2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. Нашрияи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - 414 с.

3. Плотникова Н.К., Здоров С.А. Роль инвестиций в повышении эффективности использования рекреационных ресурсов в сельском гостиничном бизнесе и туризме / Н.К. Плотникова, С.А. Здоров // Научный вестник МГИИТ. - 2014. - № 4 (30). - С. 39-49

4. Теличева Е.Г., Нам Т.С. Выявление показателей, влияющих на инвестиционную привлекательность туристского региона (на основе корреляционно-регрессионного анализа) / Е.Г. Теличева, Т.С. Нам // Региональная экономика: теория, практика. - 2020. - Т. 18. - № 2. - С. 301-314

5. Тен С.Б. Инвестиции как фактор развития регионального туризма / С.Б. Тен // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. - 2013. - № 1 (45). - С. 339-346

6. Черненко В.А., Федоров, С.В., Федосо, В.А. Роль инвестиций в развитии туризма / В.А. Черненко, С.В. Федорова, В.А. Федосов // Теория и практика сервиса: экономика, социальная сфера, технологии. - 2012. - № 1 (11). - С. 105-110

## ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОЕ ПАРТНЕРСТВО: РИСКИ ПРИ РЕАЛИЗАЦИИ ИНФРАСТРУКТУРНЫХ ПРОЕКТОВ

**Баёнова М. Г. Ст. преп. МУТиПТ**

Острая потребность в обновлении и развитии инфраструктуры ставит вопрос о поиске новых подходов к финансированию проектов. В конце 80-х - начале 90-х гг. прошлого века на Западе получила развитие концепция государственно-частного партнерства (ГЧП), являющаяся результатом сложного эволюционного процесса, который происходил в течение двух последних десятилетий. Концепция ГЧП легла в

основу инвестиционных процессов в производственной, а затем и социальной инфраструктуре в большинстве стран мира. Суть концепции заключается в создании государством особой институциональной среды (законодательной и нормативной правовой базы, системы управления и регулирования, контрактной системы), цель которой - привлечь частный сектор к строительству и эксплуатации инфраструктурных объектов, остающихся в государственной собственности. В ГЧП объединяются ресурсы и потенциалы двух хозяйствующих субъектов - государства в форме его собственности и бизнеса в виде частнопредпринимательских принципов хозяйствования, инвестиций, менеджмента, инноваций [4, с. 39].

***Концепция ГЧП.*** Концепция ГЧП связана с контрактными соглашениями на длительное время (обычно более 20 лет), в течение которого государство передает свои полномочия частному сектору для реализации общественно-значимых проектов. Стандартная процедура может быть представлена следующим образом: для того, чтобы претендовать на контракт, предложенный государством, группа хозяйствующих субъектов (консорциум) создает юридическое лицо (проектную компанию (8РУ) с целью строительства, обслуживания и эксплуатации общественно-значимых объектов. 8РУ имеет право заключать договоры с государством и другими подрядчиками или субподрядчиками. Характеристика и структура 8РУ может существенно различаться, отражая характер конкретной миссии и целей государства. 8РУ несет ответственность перед концедентом в соответствии с концессионным соглашением и все риски, связанные со строительством или эксплуатацией объекта. 8РУ заключает одновременно соглашение на строительство и эксплуатацию объекта, с передачей подрядчикам строительного и эксплуатационного рисков. Финансирование строительства осуществляется в виде комбинации долгового и акционерного финансирования. 8РУ осуществляет финансирование из средств, получаемых от эксплуатации объекта. Поступления 8РУ складываются из платежей, полученных от пользователей за доступ к услугам .

Как подчеркивает большинство экспертов [3], [4], одной из основных задач субъектов ГЧП является классификация, оценка и распределение рисков, которые каждый их них может принять на себя.

***Классификация рисков ГЧП проектов.*** Одним из первых классификацией рисков занялся Дж. Кейнс, выделив в главе 11 «Общей теории занятости, процента и денег» (1936 г.) три основных вида рисков: предпринимательский риск, риск «заимодавца» и кредитный риск [16, с. 55-56]. До сих пор в теории рисков не существует их единой классификации и, как следствие, в научной литературе риски представлены более чем 220 видами в самых различных комбинациях [2].

Один из авторитетных исследователей ГЧП Дж. Делмон (старший специалист Всемирного банка по вопросам участия частного сектора в инфраструктуре) в практическом руководстве «ГЧП в инфраструктуре» [2] предлагает следующую классификацию рисков: политический риск; правовой и регулятивный риск; риск незавершеня строительства в срок; риск невыполнения обязательств; операционный риск; финансовый риск; валютный риск; риск спроса; экологический и социальный риски. А. Штраус в докладе «Управление рисками в проектах ГЧП» выделяет семь категорий риска, которые могут возникнуть и должны быть предусмотрены в проектах ГЧП: риск дизайна или развития, риск на стадии строительства, доходный риск, финансовый риск, риск неожиданных событий, риск неисполнения и экологические риски. Наиболее цитируемый и известный российский ученый в сфере ГЧП В.Г. Варнавский




Рисунок 1 - Структура типичного ГЧП

выделяет: политические и правовые риски, технические риски (риски пред инвестиционной стадии, риски строительства), коммерческие риски, экономические, валютные и финансовые риски [3].

А. Кеслер, признавая, что «ГЧП - это высоко рискованный проект», определяет несколько основных рисков, которым подвластны обе стороны ГЧП: технические риски, связанные с инженерией и проектированием объекта; конструкционные риски, связанные с ошибками в технике конструкторства, превышением бюджета или сроков строительства; риски, связанные с оперативным управлением - его высокой стоимостью или дороговизной поддержания объекта; риски доходности; финансовые риски, политические (регулятивные) риски; риски окружающей среды, а также риск провала проекта в целом.

Автор доклада «Риски бизнеса в ГЧП» (подготовлен Ассоциацией менеджеров в партнерстве с ПРООН, 2007 г.) выделили следующие бизнес-риски проектов ГЧП, названные представителями более чем 180 опрошенных компаний: незапланированное повышение цен на сырье и материалы, необходимые для осуществления проекта; риск неэффективного управления проектом; риск неправильной оценки рентабельности проекта; риск неверной оценки платежеспособного спроса; риск неверной оценки стоимости проекта (повышение стоимости в процессе его реализации); ошибки технического проектирования и реализации проекта и др. А. А. Панкратовым отмечается, что одна из особенностей ГЧП-проектов - специфический состав присущих им рисков, а именно: политические риски, связанные с работой органов государственной власти, и риски бизнеса от участия государства как партнера в проектах ГЧП [7, с. 193].

***Распределение рисков.*** Практика показывает, что государство стремится переложить все риски (в виде обязательств, прописанных в контракте) на частного партнера, что противоречит концепции экономической эффективности. Учитывая, что вовлеченные стороны преследуют разные интересы и цели, эффективное распределение рисков будет важной частью процесса разработки проектной документации и неотъемлемым условием успеха проекта. Как указывает Дж.Делмон [2, с. 65], основная рекомендация для лиц, принимающих управленческие решения при разделении рисков: «Не перекладывайте весь риск на частный сектор». Обычно это неэффективно, доро-

го и делает проект излишне чувствительным к изменениям и кризисам (рис. 2). Часто упоминаемый в научной литературе подход к «эффективному» распределению рисков заключается в том, что каждый риск возлагается на ту сторону, которая лучше способна управлять данным риском. Хотя это эмпирическое правило полезно, оно представляет собой грубое упрощение: например, риск также должна нести та сторона, которая заинтересована в активном управлении им; обладает или будет обладать ресурсами, необходимыми для решения вопросов риска по мере их возникновения с тем, чтобы уменьшить их воздействие на проект; имеет доступ к необходимым технологиям и ресурсам для управления риском, когда он проявляется; может управлять риском с наименьшими затратами и может обеспечить оптимальное соотношение цены и качества. Все вышеперечисленные принципы, сформулированные Дж. Делманом, прописаны в Концепции закона «О концессиях» в Таджикистане. [1]

Для оценки рисков в проекте применяется множество методов, начиная от эмпирического (на основе прошлого опыта) до сложных имитационных моделей. Одним их наиболее распространенных является построение матрицы рисков. Матрица рисков разрабатывается на основе оценки рисков в количественном и качественном измерениях для всех возможных факторов риска. Матрица рисков составляется по каждому проекту отдельно, чтобы обеспечить как можно более детальное описание каждого из имеющихся рисков. Объём матрицы зависит не только от специфики самого проекта ГЧП, но и от инвестиционной среды государства, где планируется его реализация (пример матрицы приведен в табл. 1). Она построена с точки зрения возможных перспектив для государства, тем не менее, матрица является примером того, как риски могут быть идентифицированы, оценены и смягчены.




Рисунок 2 - Разделение рисков в проектах ГЧП по методологии Всемирного банка

В концепции Закона Республики Таджикстан «О проектах ГЧП» «Распределение и управление рисками в соглашении» будут определяться порядок распределения рисков между государственным и частным партнерами и (или) проектной компанией, порядок управления рисками, категории рисков и их содержание. Для привлечения

международных кредиторов, в частности, международных финансовых институтов, проект должен соблюдать минимальные экологические и социальные требования, которые в ряде случаев строже установленных местным законодательством. Этот процесс проще в том случае, если законодательство страны выдвигает аналогичные требования, поэтому экологические и социальные риски следовало бы в законе включить в перечень рисков ГЧП.

**Таблица 1 - Матрица рисков**

| Риск | Описание | Результат | Смягчение/ Уменьшение | Предпочтительное распределение |
|---|---|---|---|---|
| Процентные ставки предварительного завершения | Риск того, что процентная ставка будет изменяться в отрицательную сторону, тем самым подрывая предложенную цену | Увеличение стоимости проекта | Хеджирование процентных ставок в рамках Соглашения по развитию проекта | Государство |
| Спонсорский риск | Риск того, что частная сторона не может предоставить необходимые услуги или становится неплатежеспособной | Прекращение оказания услуг государству и возможные потери инвесторов (спонсоров) | Обеспеченность проекта: финансовая отдаленность от внешних обязательств; обеспеченность достаточным количеством денежных средств | Государство |
| Невозможность финансирования | Риск того, что при возникновении задолженности или необходимости капитальных вложений в проект становится вопрос об отсутствии возможности участия частной стороны | Отсутствие финансирования для развития или завершения проекта | Государственная сторона требует, чтобы все операции, связанные с финансовыми обязательствами были задокументированы на минимальных и легко достижимых условиях | Частная сторона |
| Дальнейшее финансирование | Риск, связанный с изменением законодательства, политического режима или другими событиями, которые требуют дополнительного финансирования для восстановления, изменения, переоборудования и т.п. объекта. Дополнительные средства в данном случае не предоставляются частной стороной | Недостаток финансовых средств для завершения дальнейших работ, необходимых государственному сектору | Частная сторона должна взять на себя обязательства по финансированию по согласованной норме прибыли, с условием, что государственный сектор должен будет платить, если стоимость услуг будет поднята и станет выше, заложенной стоимости в балансе | Государственный сектор берет на себя риск неплатежеспособности частной стороны |

Источник: Составлено автором .

Важно отметить, что распределение рисков является одним их ключевых моментов эффективности проектов ГЧП. Если не будет соблюден баланс при распределении рисков, - это приведет к увеличению издержек и неспособности одной или обеих сторон раскрыть имеющийся потенциал. Методы снижения рисков доступны для большинства групп рисков. Основные подходы к снижению рисков включают в себя: прозрачность всего процесса, включая участие основных заинтересованных сторон с самого начала; надлежащим образом оформленную оценку проекта с подробной информацией о рисках, их возможных последствиях и ожидаемой доходности; прогно-

зы движения денежных средств на основе технического, рыночного и финансового анализа; разработанный пакет документации для обеспечения безопасности проекта; мониторинг проекта и соблюдение всех элементов контракта. Наиболее часто используемыми инструментами снижения рисков являются: меры, которые могут снизить риски или свести к минимуму возможность их возникновения; страхование, когда это необходимо; финансовые инструменты (хеджирование, свопы и т.д.); разработка финансовой структуры для минимизации риска дефолта.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Закон Республики Таджикистан «О государственно-частном партнерстве» г. Душанбе, 28 декабря 2012 года№ 907.
2. Делмон, Дж. Государственно-частное партнерство в инфраструктуре: практ. рук. для орг. гос. власти / Дж. Делмон. - Астана: Изд-во АО «Казахстанский центр государственно- частного партнерства», 2010. - 250 с.
3. Варнавский, В.Г. Мировой кризис и рынок инфраструктурных проектов / В.Г. Варнавский // Мировая экономика и международные отношения. - 2010. - № 1. - С. 30-42.
4. Морова, А.П. Кодекс Республики Беларусь об образовании и основные формы государственно-частного партнерства в этой сфере / А.П. Морова // Проблемы управления. - 2011. - №2 (39). - С. 16-22.
5. Тур, А.Н. Особенности формирования государственно-частного партнерства в Республике Беларусь / А.Н. Тур // Проблемы управления. - 2011. - № 2 (39). - С. 31-36.
6. Новикова, И.В. Трансформация государственно-частного партнерства в межгосударственно-частное партнерство - императив формирования внешних экономик как компонентов геоэкономики / И.В. Новикова // Мир перемен. - 2010. - № 2.
7. О государственно-частном партнерстве, муниципально-частном партнерстве в Российской Федерации и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации: Федеральный закон от 13 июня 2015 г. №224-ФЗ (ред. от 29.12.2020). [Электронный ресурс] // ООО «Консультант Плюс»: Законодательство: Версия Проф. - Режим доступа: http://base.consultant.ru.
8. Баринов А.Э. Проджект файненсинг. Технология финансирования инвестиционных проектов. - М.: Ось-89, 2009. - 432 с.
9. Wang N, Ma M, Liu Y. 2020. The Whole Lifecycle Management Efficiency of the Public Sector in PPP Infrastructure Projects. Sustainability. 12(7):3049. URL: https://doi.org/10.3390/su12073049.


## ТАҲАВВУЛИ НАЗАРИЯҲО ОИД БА РУШДИ УСТУВОРИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ФАЗОИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Одинаев Б.Ҳ. - омузгори калони ДБССТ**

Олимону муҳаққиқон дар аксар маврид рушди усутуворро бевосита ба мафҳуми рушди устувори субъектҳои хоҷагидорӣ алоқаманд менамоянд. Ҳамин тавр, муҳаққиқ Ж.Н. Казиева устувории иқтисодиро ба ҳолати ба даст овардани даромад аз фурӯш алоқаманд менамояд [1].

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки гурӯҳи дигари олимон муваффақияти рушди устувори иқтисодиёти мамлакатро бо барқарорсозии соҳаи саноат ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд менамоянд. Зеро, соҳаи саноат дар самти таъмини рушди инноватсионии технологияҳои истеҳсолӣ, гузаронидани таҳқиқот, коркардҳои илмӣ,корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ нақши муассир дошта, ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мусоидат менамояд.

Аз инҷо бармеояд, ки таъмини рушди устувори субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла сохторҳои соҳибкорӣ яке аз масъалаҳои калидии рушди соҳаи саноат маҳсуб ёфта, ба ин васила таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат таъмин мегардад.

Ба андешаи профессор Козловский В.А. таҳти рушди устувори субъектҳои хоҷагидорӣ ҳолати мутавозини захираҳои моддӣ барои пешбурди фаъолият фаҳмида мешавад, ки барои ба даст овардани фоида ва таъмини рушди муътадил бо мутобиқшавӣ ба таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ мусоидат менамояд [2].

Муҳаққиқ Золотухина А.В. мавқеи хешро чунин иброз менамояд: "Устувории иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ дар заминаи самаранок ба роҳ мондани фаъолият ва афзун намудани воситаҳо ва захираҳои худӣ ба вуҷуд меояд" [3].

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ равишҳои зиёде доир ба муайянсозии моҳияти рушди устувори иқтисодии субъектҳои хоҷагодӣ, аз ҷумла сохторҳои соҳибкорӣ мавҷуданд. Тибқи яке аз чунин равишҳо рушди устувори иқтисодии субъектҳо ҳамчун муносибати доимӣ ва собити як субъекти иқтисодӣ нисбат ба дигар субъектҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, устувории объект дар он ифода меёбад, ки зимни таъсири якхелаи омилҳои дохилӣ ва берунӣ вазъи объект устувор боқӣ мемонад. Ан инҷо чунин бармеояд, ки устуворӣ ҳамчун инъикоси сохтори дохилии объекти иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Бинобар ин, шарти асосии баландбардории устувории сохторҳои соҳибкорӣ худтакмилдиҳии онҳо, яъне рушд ва такмили сохтори ташкилии идоракунӣ ва амсоли инҳо мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, зарур аст, ки самтҳои асосии таъмини рушди устувори сохторҳои соҳибкорӣ дар шароити муосир бояд муайян карда шаванд. Вобаста ба таъсири омилҳои муҳити берунӣ ва ҷаҳонишавӣ низоми рушди устувори сохторҳои соҳибкорӣ фарогири унсурҳои мухталиф мебошанд.

Ба андешаи мо, низоми таъмини рушди устувори сохторҳои соҳибкориро бо дарназардошти унсурҳои асосии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ҷаҳонишавӣ бояд таҳия гардад.

Ҳамин тавр, унсурҳои асосии таъмини рушди устувори сохторҳои соҳибкориро дида мебароем.

Дар низоми таъмини рушди устувори сохторҳои соҳибкорӣ усутувории иҷтимоӣ сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандони сохторҳои соҳибкориро муайян менамояд. Дар ин маврид, сатҳи иштироки кормандон дар тақсимоти фоида ва равандҳои идоракунии дохилӣ муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, устувории иҷтимоӣ имконоти нигоҳдории шумораи ҷойҳои корӣ дар сохторҳои соҳибкорӣ ва таъмини самаранокии истифодаи фондҳои истеҳсолиро нишон медиҳад, ки ба рушди иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

Устувории экологиро ҳамчун унсури таркибии рушди устувори сохторҳои соҳибкорӣ баррасӣ намуда, қайд намудан зарур аст, ки амнияти иқтисодӣ ва экологии субъектҳои соҳибкорӣ бо ҳам мустақиман алоқаманд мебошанд.

Дар ин маврид, устувории экологӣ бо зарурати ҳалли масъалаҳои экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, аз марҳилаи банақшагирии истеҳсолот то интихоби

технологияҳои каммасраф, захираҳои барқароршаванда ва технологияҳои ба муҳити зист камтаъсир тавсиф мегардад.

Дар низоми таъмини рушди устувори сохторҳои соҳибкорӣ, усутвории иқтисодӣ чунин унсурҳои асосиро фаро мегирад: устувории истеҳсолӣ, маркетингӣ, технологӣ, молиявӣ, ташкилӣ ва сармоягузорӣ.

Устувории истеҳсолӣ ба таъмини мутобиқати захираҳо ва тақсимоту истифодабарии самарабахши онҳо нигаронида шудааст.

Устувории маркетингӣ маҷмӯи стратегияҳои маркетингиро ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои сохторҳои соҳибкорӣ (ба даст овардани иттилоот оид ба тақозои бозорӣ, таҳқиқи вобастагии соҳибкорӣ аз омилҳои бозорӣ ва ғайра) инъикос менамояд.

Дар низоми мазкур устувории технологӣ бо татбиқи техника ва технологияҳои муосир дар фаъолияти соҳибкорӣ, механизатсия ва автоматизатсияи истеҳсолот, ҷорисозии техникаи нав ва амсоли инҳо тавсиф мегардад.

Устувории молиявӣ сатҳи доимии афзоиши даромад ва камшавии хароҷоти сохторҳои соҳибкориро таъмин намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки захираҳои моддиро барои баланд бардоштани самараи иқтисодӣ аз истифодаи онҳо озодона истифода баранд.

Устувории ташкилӣ бо сатҳи устувори ташкили раванди истеҳсолот ва меҳнати кормандон, идоракунии дохилӣ ва робитаҳои беруна бо мизоҷон ва таъминкунандагон, шарикон, рақибон ва муассисаҳои давлатӣ тавсиф карда мешавад.

Устувории сармоягузорӣ дар қобилияти сохторҳои соҳибкорӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ ва такрористеҳсоли васеъ, баҳисобгирии омилҳои таваккал ва номуайянӣ дар тарҳрезии сармоягузорӣ зоҳир мегардад [3].

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки рушди устувори дар қобилияти сохторҳои соҳибкорӣ ҷиҳати нигоҳ доштани сатҳи муқарраршудаи нишондиҳандаҳои мухталифи субъектҳо маънидод карда мешавад, ки барои фаъолияти муътадили соҳибкорӣ ва рушди он мусоидат менамояд.

**Адабиёт**

1. Золотухина, А.В. Проблемы инновационного и устойчивого развития регионов [Текст] / А.В. Золотухина. - М. : Красанд, 2010. - 240 с.

2. Казиева, Ж.Н. Стратегии устойчивого развития промышленности [Текст] / Ж.Н. Казиева // Сегодня и завтра российской экономики. - 2009. - № 23. -С. 14-23.

3. Козловский, В.А. Обеспечение устойчивого социально-экономического развития региона [Текст] / В.А. Козловский // Социально-экономические явления и процессы. - 2012. - № 12. - С. 131-137.

# РАҚОБАТПАЗИРИИ МАҲСУЛОТ ДАР БОЗОРҲОИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ РУШДИ СОДИРОТ ВА ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

**Нуриддинова М.С. - муаллими калони кафедраи менеҷменти ДБССТ**

Яке аз хусусиятҳои асосии рушди системаи муосири иқтисоди ҷаҳонӣ ин ҷаҳонишавӣ мебошад. Ҷаҳонишавӣ ин равандест, ки ташаккули фазои ягонаи ҷаҳонии иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва маънавиро дар асоси технологияҳои пешқадами инноватсионӣ дар бар мегирад.

Дар ҷараёни воридшавии Тоҷикистон ба низоми муосири робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ зарурати муносибати сифатан нав ба танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки дар самтҳои афзалиятноки рушди миллии дар доираи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайянгардида ифода меёбад, аҳамияти усулӣ пайдо мекунад. Ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ диверсификатсияи иқтисодиёт ва тақвияти иқтидори содиротии кишвар, инчунин такмили воридотро талаб мекунад, зеро истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда на танҳо барои коҳиш додани ҳаҷми умумии воридот, балки инчунин барои арзон кардани худи мол ва дастгирӣ намудани истеҳсолкунандагони ватанӣ имконият медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади такмили сиёсати давлатии савдои хориҷӣ, Комиссияи давлатӣ оид ба воридотивазкунӣ таъсис дода шудааст, ки фаъолияти он ба коҳиш додани вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридот, дастгирии бонизоми содирот ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, ки хилофи талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) намебошад, равона гардидааст. Ҳадафи стратегии ин сиёсат аз бозори дохилӣ берун кардани молҳои хушсифати хориҷӣ набуда, истеҳсоли молҳои рақобатпазири ватание мебошад, ки бозоргир буда, на танҳо ба шароити бозори ватанӣ, балки инчунин ба талаботи бозорҳои хориҷӣ ҷавобгӯ аст.

Баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди содирот ва воридотивазкунӣ дар тадбирҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани сифати маҳсулот мутобиқи меъёру стандартҳои СУС, Иттиҳоди иқтисодии Евразия ва бозорҳои дигари эҳтимолии фурӯш, мукаммалсозии борбандӣ, тамға ва номи тиҷоратии мол, ҷорӣ намудани инноватсия дар истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, мукаммалсозии логистика, инфрасохтори нақлиёт ва инкишофи менеҷменти сифат инъкос меёбад.

Ҷиҳати татбиқи босамари сиёсати воридотивазкунӣ ва мутобиқсозии муносиби он бо вусъати имкониятҳои содиротӣ «Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» таҳия карда шуд. Мақсади Барнома мусоидат намудан ба татбиқи сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба он дар доираи Барнома иҷрои вазифаҳои стратегии зерин, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайян гардидаанд, оғоз карда шуда аст:

- ба таври назаррас кам кардани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотии асосии озуқаворӣ;

- таъмини болоравии истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва содиротӣ тавассути андешидани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба содиркунандагону сармоягузорони эҳтимолӣ, инкишофи ҳамкорӣ, занҷирҳои арзиши иловашуда ва гурӯҳбандӣ;

- таъсис додани марказҳои муосири логистикӣ ва васеъ кардани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ;

- ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани хизматрасонии хатсайрҳои роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва намудҳои дигари нақлиёт;

- тақвият бахшидани иқтидори транзитии телекоммунакатсионии кишвар ва имконияти гузарониши трафики интернет.

Дар Барномаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои стратегии воридотивазкунӣ ва стратегияи ба содирот нигаронидашударо ҳамчун раванди ягонаи сиёсати иқтисодии хориҷӣ арзёбӣ менамояд. Барои амалӣ намудани он Ҳукумат ҳамаи тадбирҳои ба воридотивазкунии суроғавӣ ҳамзамон содироти ҳамаи маҳсулоти ба шарофати воридотивазкунӣ рақобатпазиршуда равонагардидаро андешида истода аст. Пурра амалӣ намудани чунин сиёсати мақсаднок ва таъминиислоҳот дар ин бахш кишварро аз сиёсати начандон самараноки воридотивазкунӣ ба ҷониби рушди гурӯҳҳои маҳсулоти рақобатпазир тамоюл хоҳад дод.

Барномаи мазкур на номгӯи оддии чорабиниҳо, балки низоми тадбирҳои аз рӯи афзалияту пайдарҳамии татбиқ мураттабгардида ва мукаммалу мақсадноке мебошад, ки дар маҷмӯъ афзунгардонии собиту устувори иқтидори содиротӣ ва воридотивазкунии маҳсулоти рақобатпазирро таъмин менамояд. Чорабиниҳои Барнома хусусияти маҷмӯӣ дошта, Матрисаи амалҳои дар он пешниҳодшуда[1] ба ҳам омехтани муносибати анъанавӣ ва навест, ки дар асоси таҳлили тақризӣ ва сабақҳои аз татбиқи Барномаи рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 гирифташуда ифода гардидаанд.

Дараҷаи ноилшавӣ ба вазифаҳои пешбинигардидаи стратегӣ ва мақсаднок аввалан бо индикаторҳое, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва параметрҳои асосии рушди содирот, воридот ва воридотивазкунии молу хизматрасониҳои асосии алоҳидаро дар бар мегиранд ва дуюм бо индексҳои байналмилалӣ назорат карда мешавад.

Дар асоси гузаронидани таҳлили стратегии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки таҳлили сохтории содироту воридот, таҳлили бозорҳои хориҷӣ, таҳлили ҷонибҳои қавию заиф ва имконияту хавфҳои иқтидори содиротии кишвар, самтҳои афзалиятноки рушди содирот муайян гардида, самтҳои мушаххаси ояндадор бо дарназардошти бартариятҳои дар рақобат доштаи Тоҷикистон ва вазъият дар бозорҳои минтақавӣ ва глобалӣ интихоб карда шудаанд.

Татбиқи самтҳои стратегии интихобгардидаи рушд дар доираи Барномаи мазкур марҳила ба марҳила амалӣ карда шуда истода аст.

Татбиқи чорабиниҳои асосии Барнома дар Матрисаи тадбирҳо инъикос ёфтааст, ки ба се самти ба ҳам алоқаманд асос меёбад: такмили асосҳои институтсионалии рушди содирот ва воридотивазкунӣ, тақвияти дастгирии давлатии истеҳсолоти вата-

---

[1] Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Душанбе 2015. Стр 60

нии ба содирот ва воридотивазкунӣ нигаронидашуда, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои истеҳсоли Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ.

Манбаҳои маблағгузории чорабиниҳо оид ба татбиқи Барнома инҳоянд: маблағҳои Фонди дастгирии соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, портфели муттаҳидаи қарзии бахши бонкӣ, аз он ҷумла қарзҳои мақсаднок ва дарозмуддат, маблағҳои буҷетӣ барои хариди давлатии молу хизматрасонӣ, кӯмаки техникӣ ва дастгирии шарикони рушд, маблағҳои алоҳидаи буҷетии вазорату идораҳои соҳавӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, воситаҳои Барномаи давлатии сармоягузориҳо ва сармоягузории мустақими хориҷӣ, маблағҳои худи бахши хусусӣ.

Ҳоло барои рушду инкишофи соҳибкорӣ ва муҳити ҷолиби сармоягузорӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шуда, шартҳои асосӣ ва низоми ҳавасмандгардонию пешбурди содирот муайян карда, қоидаҳои возеҳи фаъолияти бахши хусусӣ, аз он ҷумла дар доираи шарики давлат ва бахши хусусӣ таҳия ва татбиқ гардида, барои рушди минбаъдаи устувори бахш заминаи дахлдор ташкил карда шудааст.

Ин имконият фароҳам оварда аст, ки самаранокии истифодабарии иқтидори содиротии кишвар баланд бардошта шуда, рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ тақвият бахшида, таррози манфии савдо коҳиш дода шуда, ҳамзамон сохтори содироту воридот такмил дода шуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, дар маҷмӯъ барои рушди иқтисодии Тоҷикистон дар дурнамои наздик замина гузошта шудааст. Хулоса, дар дурнамои наздик татбиқи пурраи Барнома на танҳо мақоми байналмилалии савдои Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақвият мебахшад, балки инчунин барои рушди дар маҷмӯъ иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои эҳтимолии зиёдро барои ҳамгироии бомуваффақ ба хоҷагии ҷаҳонии иқтисодӣ дорад, ки бо захираҳои бойи гидроэнергетикӣ, сарватҳои зеризаминӣ, мавқеи ҷуғрофии муфид, мавҷудияти захираҳои кадрӣ ва ғайра боис мешавад. Барои амалишавии онҳо гузаронидани сиёсати иқтисодӣ, ки имкони таъмин намудани истифодабарии самараноки захираҳои табии ва дар ин асос афзоиши устувори иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо ва хизматрасониҳои ватаниро дорад, зарур аст.

Ҳамкории ҳамгироонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо, соҳаи муҳими фаъолият мебошад, зеро ба тезонидани рушди инфрасохтори сусти иқтисодӣ, баланд бардоштани ҳиссаи маҳсулоти тайёр дар ҳаҷми умумии содирот имкон медиҳад. Ба манфиати васеъшавии ҳамкориҳо зарур аст, ки ба тақвияти равонасозии амалии ИДМ ва баланд бардоштани нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ёрӣ расонида, фаъолиятро дар чорчӯбаи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай сермаҳсул гардонид ва дар навбати аввал муносибатҳои иқтисодии махсусро бо Хитой сохт. Робитаи мутақобила дар чорчӯбаи ин сохтори суръатнок, ки бо манфиатҳои умумии сиёсии иштирокчиёни он алоқаманд аст, метавонад ба таври қатъӣ ҳамгироии иқтисодиро барои як қатор самтҳои афзалиятнок тезонад.

Махсусгардонии байналмилалии хоҷагии ватанӣ дар бисёр ҳолат аз имкониятҳои муосири он ва робитаҳои анъанавии иқтисодии собиқ ИҶШС бо минтақаҳои гуногуни ҷаҳон муайян мегардад. Дар мукаммалсозии ин махсусгардонӣ, аз ҷумла барои манфиатҳои рушди ҳамгироии минтақавии робитаи мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад бо тадриҷ тавсеаи гуногуннавъии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва нишонгирии бозорҳои нави фурӯш, азхудкунии намудҳои нави истеҳсолот бо мақсади оқилона ва самаранок истифодабарии захираҳои табиии, дарояндаи кӯтоҳмуҳлат, дар ду самт нақши муҳимро бозад: а) васеъшавии номгӯи маҳсулот ва хизматрасониҳои анъанавӣ; б) баланд бардоштани сатҳи коркарди ашёи хоми ба хориҷи кишвар таҳвилшаванда. Ҳар ду самт ҳам оқилона ва самаранок истифодабарии захираҳои табиии ва дигар захираҳои иқтисодиро тақозо мекунад.

Дар шароити имрӯза он манбаъҳое, ки рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои гузашта таъмин менамуданд нокифоя буда, нерӯҳои нав ва тавсеаи гуногуннавъии маҳсулоти истеҳсолшаванда ва нишонгирии бозорҳои нави фурӯш, азхудкунии намудҳои нави истеҳсолот, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот заруранд, ки ба оқилона, самаранок истифодабарии захираҳои табии ва таъмини рушди устувор қодиранд. Сиёсати истеҳсолот бояд на танҳо аз мусоидат кардан ба рушди соҳаҳои ҷудогона, ки ҳар яке аз онҳо ба таъсири омилҳои беруна осебпазир шуда метавонанд иборат бошад, балки вай бояд фазои мусоидро барои дилхоҳ фаъолияти иқтисодии қонунӣ фароҳам оварад. Ин ба масъалаҳои андозбандӣ, танзими ҳуқуқӣ, иҷозатномадиҳӣ ва ғ. таалуқ дорад. Бо мақсади пайдо кардани манбаъҳои нави рушд як қатор мушкилоти муҳими иқтисодиро ҳал кардан зарур аст.

Яке аз ин мушкилот ин сатҳи нокифояи сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар мебошад. Барои роҳ надодан ба пастравии сатҳи умумии сармоягузорӣ ивазкунии муайяни сармоягузории давлатӣ ба сармоягузорӣ аз бахши хусусии ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ зарур аст, ки он масъалаи беҳтар кардани фазои сармоягузориро тезу тунд мекунад. Аз ҷониби дигар дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Точикистон сармоягузориҳои хусусӣ сармоягузории давлатиро пурра наметавонад иваз намояд, зеро барои рушди устувори иқтисодиёт рушди сатҳи зарурии инфрасохтори истеҳсолӣ (энергетика, роҳҳо, системаҳои обёрӣ ва ғ.) ва иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ) зарур аст.

Муаммои муҳими дигар дар рушди иқтисодиёт ин афзоиш додани содирот мебошад. Дар шароити талаботи дохилии маҳдуд дар кишвар танҳо кушодани имкониятҳои ҳаддалимкон васеъ барои содирот метавонад сармоягузориҳои зарурирo ба иқтисодиёти кишвар ҷалб намояд. Афзоиш додани содирот барои нигоҳ доштани суботи макроиқтисодӣ ва таъмини имкониятҳои хизматрасонии қарзҳои хориҷӣ зарур мебошад. Барои афзоиши содирот, аз як ҷониб, сиёсати ҳадафнок барои дастгирии он, аз ҷумла дар доираи савдои минтақавӣ, инчунин истифодаи он имкониятҳое заруранд, ки бо узвият дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё алоқаманд аст. Аз ҷониби дигар шарти зарурии афзоиш додани содирот ин болоравии рақобатпазирии мол ва хидматҳое, мебшанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешаванд. Агар ба назар гирем, ки дар солҳои оянда беқурбшавии сомонӣ падидаи номатлуб маҳсуб меёбад, зеро он арзиши хизматрасонии қарзи берунаро боло мебардорад, ягона роҳи пешгирии қиматшавии воқеии сомонӣ, ки рақобатнокии нархии молу маҳсулоти ватаниро паст мекунад, ин масъалаи ҳаддалимкон боздоштпани таваррум мебошад. Дар чунин шароит, пастшавии воқеии арзиши сомониро низ интизор наметавон шуд, бинобар он болоравии рақобатпазирии мол ва хизматрасонӣ аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии омилҳои истеҳсолот (меҳнат, сармоя, замин) ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда бояд ба даст ояд. Ин бошад, дар навбати худ, метавонад бо роҳи кам кардани омилҳои ғайриистеҳсолӣ, беҳтар кардани фаъолияти бозор ва афзоиши рақобати дохилӣ, фароҳам овардани шароит барои истифодаи дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ таъмин карда шавад. Ҷалб кардан ва ҳавасманд гардондани сармоягузории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкории иқтисодии пешраванда бо давлатҳои ҳамсоя вобаста аст. Тиҷорати нисбатан озод бо ҳамсоягони худ метавонист ба васеъ намудани миқёси бозори маҳсулоти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути болоравии фурӯш ва транзити (таҳвили) нисбатан самаранок ба бозорҳои дигар мусоидат намояд. Илова бар ин ташаккули бозори худ ҷалби

сармоягузории мустақими хориҷиро ба минтақа осонтар хоҳад кард. Дар доираи чунин бозори васеъ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба он соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ, ки дорои бартарии нисбӣ мебошанд, осонтар мешавад.

Солҳои охир, ҳамкории Тоҷикистон дар соҳаи сармоягузорӣ бо чунин кишварҳо, ба монанди Руссия, Чин, Эрон, Туркия, Ӯзбекистон ва ғайра вусъат меёбад. Сармоягузорӣ аз Руссия ва Эрон, асосан, барои рушди соҳаи гидроэнергетика истифода мешавад, ки барои таъмин кардани амнияти энергетикии кишвар хеле муҳим мебошад.

Самтҳои афзалиятнок барои сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон анҷом додани бунёди нерӯгоҳи барқи обии Роғун, истихроҷи филизоти қиматбаҳо ва полифилиззӣ (полиметаллӣ), рушди туризм ва телекоммуникатсияҳо, коркарди нахи пахта ва маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Боз як самти муҳими сармоягузорӣ сохтмони роҳҳое мебошад, ки қисми шимолии кишварро бо марказ ва ҷанубии он пайваст намуда, сохтмони роҳҳои аҳамияти дохилӣ ва байналмилалидошта рушд ёфта истода аст .

Ба самтҳои асосии ояндадори ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ инҳо бояд дохил карда шаванд:

- марҳила ба марҳила гузаштан аз содироти ашё хом ба содироти маҳсулоти тайёр;

- тавсеа додани феҳрасти (номенклатураи) содирот (маҳсулоти тайёри саноатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди саноатӣ);

-ташкил додани корхонаҳои саноатии муштарак ва ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва сохтмони роҳҳо (бо кишварҳои Чин, Афғонистон, Покистон, Эрон, Туркия ва баромадан ба бандарҳои баҳрӣ);

-рушди туризми дохилӣ ва байналмилалӣ (васеъ намудани туризми экологӣ, экстремалӣ, варзишӣ бо кишварҳои ИДМ ва Аврупо);

-ҷалби сармоягузорӣ барои навсозии саноат, кишоварзӣ ва хизматрасонии ватанӣ;

- татбиқ намудани лоиҳаҳои муштараки илмӣ, қабл аз ҳама дар соҳаи технологияҳои баланд ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос;

- ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмон ва истифодаи нерӯгоҳҳои нави обӣ ва таъмини интиқоли нерӯи барқ ба кишварҳои минтақа (Покистон, Афғонистон, Ҳиндустон ваӮзбекистон);

- иктишофи муштарак, рушд ва истифодаи кони маъданҳои нафтӣ ва филиззӣ бо истифода аз мутахассисони Чину Ҳиндустон, технологияҳо ва таҷҳизот;

- бунёд намудани инфрасохтори нақлиётии байналмилалӣ бо истифода аз роҳҳои оҳан ва мошингарди мавҷуда ва лоиҳавӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**

1. Барномаи мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Душанбе 2015. Стр 60.

2. Искаков, И. Ж. Евразийская интеграция, как ответ вызовам глобализации // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. 2012. - № 11 - С. 149.

3. Кандиерова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология, практика. -Душанбе «Ирфон» 2006.

4. Курбанов Т.Х. Внешнеэкономические связи Республики Таджикистан.- Душанбе: 2002.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В УСЛОВИЯХ ИНДУСТРИАЛЬНО-ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ

***Абдалимова Н. А.*** **- м.н.с. Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана (НАНТ)**

Демографические процессы - это изменения в численности, распределении и составе населения. Они отражаются на таких показателях, как естественный прирост (разница между числом рождений и смертей), миграционные движения (международная и внутренняя миграция), изменение возрастной структуры населения и другие демографические характеристики. Демографические процессы влияют на социально-экономическое развитие страны, ее политику, здравоохранение, систему социальной защиты и другие сферы жизни.

Активная демографическая политика и процессы, касающиеся рождаемости, смертности и миграции, оказывают сильное влияние на социально-экономическую сферу. Они могут оказывать как положительное, так и отрицательное воздействие на различные аспекты жизни общества, включая экономическую стабильность, равномерное распределение ресурсов, трудовые рынки, системы социальной защиты и даже культурные традиции.

Социально-экономические последствия демографических процессов в условиях индустриально-инновационного развития могут быть разнообразными, и может иметь следующие последствия:

Рушди иқтисодӣ буҷетӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҳолат ва қобилияти минтақа вобаста аст, ки эҳтиёҷоти худро бояд мустақилона маблағгузорӣ кунад. Дар илми иқтисодиёти ғарбӣ, чуноне ки дар кишварҳои дорои шакли ташаккулёфтаи федерализми молиявӣ татбиқ карда мешавад, иқтидори буҷет аксар вақт бо миқдори андоз муайян карда мешавад. Ин ҳам бошад ба иёлоти дорои сохтори федералӣ (ИМА, Канада, Бразилия, Австралия, Мексика, Шветсария) ва ҳам ба давлатҳои унитарӣ (Ҷопон, Шветсия, Дания) дахл дорад. Дар давоми омӯзишҳо мушоҳида карда шуд, ки иқтидори буҷетро аз нуқтаи назари Ж.Г. Голодова нигарем: потенсиали буҷетӣ ва андозро ҳамчун маҷмуи маблағҳое, ки дар шакли андозҳо, пардохтҳо, ҷаримаҳое, ки дар қаламрави минтақа сафарбар карда шудаанд, тарҳ ба фондҳои ҳудудии ғайрибуҷавӣ, инчунин, захираҳои ҷамъшуда ва маблағҳое, ки бо роҳи тақсимот аз буҷетҳо ва фондҳои ғайрибуҷетии сатҳҳои дигар, ки барои рушди минтақа дар асоси таҷдиди сохтор ва моделизатсияи иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии минтақа кофи мебошанд [6]. Барои нишон додани хусусиятҳои иқтидори буҷетӣ, фарқ кардани он аз маҷмуи категорияҳои молиявӣ, асоснокии методологии хусусиятҳои он зарур аст. Ба ақидаи муаллифон, хусусиятҳои характери потенсиали буҷетӣ, ки хусусияти мундариҷаи онҳоро инъикос мекунанд, чунинанд:

1) потенсиали буҷет категорияи эҳтимолӣ, арзёбӣ;

2) иқтидори буҷетӣ ба баланд бардоштани амнияти буҷетӣ равона карда шудааст;

3) даромади буҷети хусусӣ ва қисман ҷалбшударо дар бар мегирад;

4) сатҳи эҳтимолии қонеъгардонии талаботи иҷтимоиро муайян мекунад [7]. Барои муайянкунии устувории буҷетҳои маҳаллӣ ва самаранок истифодабарии маблағҳои буҷет якчанд нишондиҳандаҳо мавҷуд мебошад, ки яке аз нишондиҳандаи асосӣ ин потенсиали буҷет мебошад. Барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани ин нишондиҳанда, якчанд вазифаҳо вуҷуд доранд, ки дар поён (расми 1) оварда шудааст.

Муътадилӣ ва беҳбудии вазъияти сиёсӣ иқтисодӣ дар кишвар солҳои охир дар натиҷаи талошҳои сарвари давлатамон баҳри пайдо гаштани сулҳ ва истиқлолияти миллӣ имконпазир гардид. Зиёда аз он, пешрафту тараққиёт ва беҳбудии зиндагии мардумони ин ё он кишвар, пеш аз ҳама, ба сиёсати пешқадаму оқилонаи молиявии он сахт вобастагӣ дорад. Бадастории муътадилии макроиқтисодӣ ва рушди устувори

иқтисодиёти миллӣ бидуни таъмини системаи устувор ва самаранокии молиявӣ ва қабл аз ҳама, механизм ва олоти муҳимтарини он, буҷети давлатӣ имконнопазир аст.




Самти муҳимтарини сиёсати буҷетӣ андешидани татбирҳо оиди паст намудани сатҳи таваррум ва таъмин намудани қурби устувори асъори миллӣ мебошад, ки бадастории самаранокии сиёсати буҷетӣ, танзими буҷети иқтисодиёт ва ошкор намудани заминаҳои асосии иқтисодӣ-иҷтимоии тараққиёти молиявиро дар назар дорад. Зеро, муқтадири ҳар як давлат маҳз ба туфайли устувории буҷет ғанияти хазинаи кишвар аст.

**АДАБИЁТ**


1. Афанасьев П. Бюджет и бюджетная система: учебник / П. Афанасьев, А.А. Баленчик, И.В. Кривогов; [предисловие А.Л. Кудрина]. -3-е изд., стереотип. -М.: Юрайт, 2012. -77 с. - Серия: Университеты России.

2. Ахмедов, Ф.В. Факторы формирования и развития малого бизнеса Согдийского региона: теоретические и территориальные аспекты / Ф.В. Ахмедов // Вестник Таджикского национального университета (серия экономических наук). -Душанбе, 2016. -№2/9(165). -С.218.

3. Голодова Ж.Г. Оценка бюджетно-налогового потенциала региона в условиях реформирования системы межбюджетных отношений / Ж.Г. Голодова // Финансы и кредит. - 2009. -№5. -С.33-40.

4. Калинина Т.Л. Доходный потенциал местных бюджетов и экономический рост региона / Т.Л. Калинина. -СПБ: ИПК «Институт СПб ТУОР», 2016. -421 с.

5. Каримова М.Т. Роҳнамои буҷетӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Т. Каримова, Ф.М. Муминова, Ш.К. Соҳибов.- Душанбе, 2012. -188 с.

6. Климова Н.М. Бюджетно-налоговый потенциал региона / Н.М. Климова // Финансы. - 2003. -№9. -С.33-38.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатӣ” аз 12.11.2002. -№326

# ТАШАККУЛ ВА МОҲИЯТИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР НИЗОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТИИ МУОССИР

**Расулов С. Ғ.** Устоди калони кафедраи «технологияҳои иттилоотӣ» ДБССТ

Рушди низомҳои иттилоотии компютерӣ ва технологияи телекоммуникатсионӣ замина гузоштанд, ки намуди нави фаъолияти иқтисодӣ - соҳибкории электронӣ рӯйи кор биёяд. Соҳибкории электронӣ гуфта фаъолияти кории дилхоҳро меноманд, ки бо истифодабарии имкониятҳои шабакаҳои иттилоотии саросарӣ, баҳри барқароркунии иртиботи дохилӣ ва берунӣ бо мақсади бадастовардани фоида ба роҳ монда мешавад

Тиҷоратӣ- электронӣ фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯши молу хизматрасониҳои электроние мебошад, ки дар бозори рақобатпазирӣ мақсади бадаст овардани фоидаро дорад.

Мафҳуми тиҷорати электронӣ дарякҷоягӣ ин зеҳнӣ, моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, захираҳои иттилоотӣ бо мақсади истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва ширкату ташкилотҳо мебошад.

Дар навбати худ тиҷорати электронӣ ҷузъи таркибии асосии соҳибкории электронӣ мебошад. Таҳти мафҳуми тиҷорати электронӣ шаклҳои дилхоҳи харидуфурӯшро меноманд, ки муомилаи тарафҳо тариқи электронӣ ба амал омадааст ва дар натиҷаи он ҳуқуқи истифодабарии мол ё хизматрасониҳо аз як шахс ба шахси дигар мегузарад.

Консепсияи тиҷорати электронӣ дар ИМА дар солҳои 80-уми асри - **хх** оғоз гардид. Натиҷаи рушди иттилооти иқтисоди ҷаҳонӣ, ки асоси ташкили шабакаҳои иттилоотии маҳаллӣ ва корпоративӣ дар якҷояги бо истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ширкатҳо буд. Дар айни замон, тиҷорати электронӣ гуфта, яъне амалиётҳои тиҷоратӣ байни шарикон (хариду - фурӯши мол ё хизматрасонӣ, амалиёт дар бозори саҳомӣ бо коғазҳои қиматнок, хулоса иҷрои шартномаҳо ва ғайра), ки тавассути мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар фазои иттилоотии мавзӯи рӯзмара-қисми воқеӣ, ки ба шахс таваҷҷӯҳи махсус зоҳир месозад ва аз тасвири умумии воқеаи гирду атроф фарқ мекунад. Дар нақши нармафзор метавонад ҳамчун ширкат, корпоратсия, давлат ва ғайра амал кунад. Бахши иттилооти иқтисодиёт барои тағир додани шаклҳои анъанавии хоҷагидорӣ ба системаи иқтисодии навъи истеҳсолоти асос мебошад.

Хусусиятҳои хоси ҷомеаи иттилоотӣ инҳо мебошанд:

- афзалиятҳои захираҳои иттилоотӣ дар муқоиса бо дигар захираҳо;
- истеҳсоли автоматӣ, нигоҳдорӣ, коркард, истифодаи дониш ва иттилоот, дар асоси технологияҳои иттилооти, коммуникатсионӣ ва технологияи тиҷорати электронӣ;
- характери глобалии истифодаи технологияҳои шабакавӣ;
- дастрасии ройгони ҳар як шахс ба захираҳои иттилоотӣ.

Муштарии электронӣ ва намуди фаъолияти хоҷагидории ширкатҳо тавассути шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла интернет, бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад.

E-Commerce як ҷузъи тиҷорати электронӣ мебошад, ин яке аз роҳҳои амалӣ намудани он мебошад.
E-commerce ин шакли фаъолияти тиҷорати электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад. Консепсияи тиҷорати электронӣ аз тиҷорати Интернети васеътар аст, зеро ҳамаи намудҳои фаъолиятҳои тиҷоратие, ки электронӣ анҷом медиҳанд, дохил мешаванд.

Тиҷорати интернети ин тиҷорати электронист, ки бо истифодаи танҳо шабакаи компютерии Интернет маҳдуд аст.
Дар тиҷорати интернетӣ: амалигардонии хизматрасониҳои бонкӣ тавассути низоми «Client-Bank», фаъолияти тиҷоратӣ бо VAN, тиҷорати мобилӣ, системаи идоракунии захираҳои корхона мебошад.
Муштарии электронӣ аз хариди электронии оддии электронӣ ё фурӯхтани молҳо иборат аст; истифодаи технологияҳои коммуникатсионии шабакавӣ барои анҷом додани фаъолият бо мақсади фоида, истеҳсол дар дохили корхона ва берун аз он бояд зарур бошад. Рушди тиҷорати электронӣ ва гузариш ба фазои иттилоотии равандҳои асосии соҳибкорӣ ва каналҳои коммуникатсия ва ин ё дертар ба фаъолияти ҳамаи корхонаҳо таъсир мерасонад.
Тиҷорати электронӣ аз чаҳор марҳила иборат аст: маркетинг, истеҳсолот, фурӯш ва пардохт. Агар ду ё зиёда марҳилаҳои тиҷоратӣ бо истифодаи системаҳои электронӣ амалӣ карда шаванд, пас тиҷорати электронӣ ҳисобида мешавад.

Дар маъхази маҳдуди, тиҷорати электронӣ табдил ёфтани равандҳои тиҷоратӣ бо технологияҳои интернетӣ, имкон медиҳад, ки ҳосилнокии баландтарро таъмин намояд.
Раванди тиҷоратӣ маҷмӯи амалиётҳо ва тартиботи ҳамоҳангест, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои мушаххаси тиҷоратӣ (соҳибкорӣ) фаъолияти ширкат дар доираи ташкилӣ сохтори, дар ҳоле, ки вазифаҳои гурӯҳбандии сохторӣ ва робитаҳои байни онҳо сараввал муайян карда шудаанд. Тиҷоратӣ электронӣ саноати хеле ҷолиб аст.
Ҳоло технологияи тиҷорати электронӣ яке аз воситаҳои муҳими рақобатпазирии муосир мебошад.Таъсири тиҷорати электронӣ ҳамаи шаклҳои фаъолияти корхонаҳои калон ва хурдро тағйир медиҳад - аз таҳияи маҳсулоти ба фурӯш даровардани молҳо дар бозор. Сарчашмаи асосии қудрати бозор ин интеллект аст, ки дар сохторҳои ташкилии тадқиқотҳо ва корпоратсияҳои бозор, ки Технологияи нав ворид мекунанд ва фаъолияти онҳоро таҳти назорат қарор медиҳанд.

Умуман идоракунии тиҷорати электронӣ се қисмро фаро мегирад:
- идоракунии электронии ҳуҷҷатҳо;
- низоми пардохти электронӣ;
- тиҷорати электронӣ.
Технологияи электронӣ ба чунин технологияҳои муҳим асос меёбад:
- технологияҳои шабакавӣ;
- корпоративӣ;
- технологияҳои Интернетӣ;
- Технологияи истеҳсолӣ;
- системаи дастгирии қарорҳо;
- технологияи зеҳни сунъӣ.

Раванди эҷоди тиҷорати электронӣ метавонад тавассути чунин қисмҳо ифода карда шавад:
- Пешгӯиҳо;
- синтези компонентҳои технологӣ;
- ҷузъҳои синтези тиҷоратӣ;
- принсипҳо ва татбиқи технология;
- стратегияҳои дақиқи муайян.
Имкониятҳои чунин намудҳои асосии фаъолияти иқтисодиро метавон баррасӣ кард:
- ширкатҳои виртуалӣ;
- савдои яклухт ва чаканаи электронӣ, маркетинги электронӣ, дастгирии пешакӣ ва баъд аз фурӯш барои истеъмолкунандагон, хизматрасониҳои электронии яклухт ва чакана, аз ҷумла қарздиҳӣ ва суғурта.
- намуди тадқиқотҳои маркетингӣ тиҷоратӣ;
- тарғиботи электронӣ;
- амалиёти тиҷоратӣ (тартиби электронии интерактивӣ, интиқол, пардохт);
- рушди умумӣ (маҳсулот, хизматрасонӣ);
- истеҳсоли якҷояи моли электронӣ тақсим карда мешавад;
- маъмурияти тиҷорати электронӣ (аз ҷумла доираи идоракунии андоз);
- савдои электронии молу хизматрасонӣ;
- ҳисобдории электронӣ;
- бастани созишномаҳо дар шакли электронӣ;
- маъмурияти арбитражи электронӣ (яъне ҳалли баҳсҳо) ва ба инҳо монанд.
Сабабҳое, ки ширкатҳо ба фазои электронӣ ҳаракат мекунанд:
- рушди бахшҳои нави бозор;
- баланд бардоштани сатҳи ҷавобҳо;
- пешниҳоди хизматрасониҳои нав;

**Адабиёт:**


1. Шаховалов Н.Н. Интернет-технологии в туризме: учебное пособие; АлтГАКИ, кафедра информатики. -Барнаул: Изд-во АлтГАКИ, 2007. -251 с.;
2. Шарапов Д.С., Қодиров А.Н., Гадоев А.Ф. Технологияи иттилоотии шабакавӣ - Душанбе, СИ Ахмедов Рузи,2014. - 256 с.
3. Електронна комерция: навч. посибник / [А.М. Береза, І.А. Коваль, Ф.А. Левченко та ін.]. - К.: КНЕУ, 2002. - 326 с.


## ИСЛОҲОТИ СОҲАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА МУАММОҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Ҷобиров Д.М. асисстети кафедраи молия ва андозбандии ДБССТ**

Пас аз истиқлоли давлатӣ дар ҷумҳурӣ ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардид. Дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ислоҳоти замин» соли 1992 марҳилаи қисман тақсим намудани заминҳои минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ оғоз гардид. Инчунин бо фармонҳои Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 №342 ва аз 1 декабри соли 1997 №874, 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин амал барои таъмин намудани аҳолӣ бо озуқа мусоидат намуд.

Бо мақсади гуногуншаклии иқтисодиёти миллиро ба роҳ мондан ва зиёд гардонидани истеҳсолоти соҳаи кишоварзи, инчунин истифодаи пурсамар ва оқилонаи захираҳои замин ва об 25 июни соли 1996, №522 фармони Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷдиди корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» қабул гардид. Дар ин раванд супориши давлатӣ ва нархи маҳсулоти кишоварзӣ озод эълон карда шуд, ки ин ба соҳибихтиёрии деҳқон барои парвариши маҳсулотҳои гуногун мусоидат намуд.

Ислоҳоти гузаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ, ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) озодии интихоби истеҳсол ва фурӯши зироатҳои кишоварзиро дод. Дар бисёр ҷойҳо амалӣ намудани гузаронидани кишти такрорӣ дар заминҳои обӣ, инчунин ҳалли масъалаи қарзи хоҷагиҳои пахтакор иқтидори соҳаро хеле афзун намуд. Гузариш ба шакли нави муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкил намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, хусусигардонии амвол ба тағйироти куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ оварда расонид.

Гузариш ба шакли нави муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкил намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ғайридавлатӣ гардондани моликият дар соҳаи кишоварзӣ ба тағйироти куллӣ оварда расонд. Дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ имрӯз шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 54,3 ҳазор аз ҷумла: 890 адад асотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), 819 адад хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва 357 адад хоҷагиҳои кооперативӣ ташкил медиҳанд.

Чуноне,ки дар боло зикр кардем гузариш ба муносибатҳои нави бозори аз мо талаб менамояд, ки бештар истеҳсолотро зиёд гардонем, ҳадаф аз мақолаи мазкур пешниҳоди самтҳои нави истеҳсолот ва зиёд гардонидани корхонаҳои истеҳсоли аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад, чунки имрузҳо даромади бештари буҷети давлати аз ҳисоби андозсупорандаго ва боҷҳои гумруки ташкил медиҳад. Таи солҳои охир пешниҳоди олимони соҳа вобаста ба коркарди корхонаҳои истеҳсоли хело зиёд мебошад, вале дар онҳо ягон пешниҳод вобаста ба ҳамоҳангсозии корхонаҳои кишоварзӣ ё хоса бахшҳои хусуси пешниҳод нагардидааст бал, ки онҳо бахши кишоварзӣ аз ҷумла хоҷагиҳои фарди (деҳқониро) бесамар дониста барои аз байн бурдани чунин хоҷагиҳои хусуси талош варзидаанд. Ин дар ҳолест, ки хоҳ (копeратив ё асотсиатсиҳои хоҷагиҳои деҳқониро) ташкил намоем бозҳам мушкилиҳо роҳи ҳали худро нахоҳад пайдо кард.

Соҳаи кишоварзӣ мавсими буда дар тули сол аъзоёни хоҷагии кишоварзиро пурра бо музди маош таъмин кардан ғайри имкон аст[1].

Пас аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки агар мо пура хоҷагиҳои деҳқониро аз байн барем ва баҷои онҳо хоҷагиҳои колективи ё копeратсияҳоро бароҳ монем бозҳам мушкилотҳо хоҳад ба бор омад, якум мушкили ин кормандони соҳа чигунае, ки дар хоҷагиҳои деҳқони аъзоёни хоҷаги ба кишти такрори ҳавасманданд вале дар копeратсияҳо ва хоҷагиҳои колективи чунин ҳавасманд нестанд. Пас мебояд дар соҳаи мазкур тасмимҳои ҷиддиро ба роҳ гирифт,зеро мақсад аз бароҳ мондани хоҷагиҳои кишоварзӣ ин бештар ҷалби аҳоли ба ҷойҳои кори мебошад. Ҳамин аст ,ки тайи солҳои охир ҳукумати ҶТ дар соҳаи мазкур якчанд имтиёзҳои андозиро ба роҳ мондааст аз ҷумла ҷори гардидани андози ягонаи кишоварзӣ барои хоҷагиҳои деҳқоние, ки истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзиро бе коркарди саноати анҷом

медиҳанд, инчунин ҳаҷми андози иҷтимои аз як сол барои ҳафтмоҳ муаян гардидааст [3].

Дар асоси маълумоти омории дар соли 2022 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидори ба маблағи 15 млрд 618 млн. сомонӣ расонида шуд, ки ба 112 фоизи нишондиҳандаи соли қабли баробар мебошад. Дар соҳаи растанипарвари бошад ба маблағи 11 млрд 120 млн сомонӣ, чорводорӣ ба маблағи 4 млрд 498 млн сомонӣ ва моҳипарварӣ ба маблағи 19,3 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуда, суръати афзоиш мутаносибан 111,4, 113,5 ва 100,7 фоиз таъмин гардидааст [4].

Барои ҳосили соли 2022 дар масоҳати 279 ҳазору 768 гектар кишт гузаронида, дурнамои кишти аксари зироатҳо таъмин гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 562 ҳазору 924 тонна картошка, 608 ҳазору 540 тонна сабзавот, 124 ҳазору 477 тонна мевагӣ, аз ҷумла 55 ҳазору 847 тонна зардолу ва 38 ҳазору 429 тонна себ, 59 ҳазору 537 тонна ангур ва 148 ҳазору 551 тонна полезӣ истеҳсол карда шуда, нисбат ба соли 2021 истеҳсоли картошка 32 ҳазору 925 тонна, сабзавот 35 ҳазору 698 тонна, ангур 4 ҳазору 802 тонна, полезиҳо 8,4 тонна, мевагиҳо 31 ҳазору 128 тонна, аз ҷумла зардолу 18 ҳазору 341 тонна ва себ 4 ҳазору 532 тонна афзудааст[4].

Дар соли 2022 нақшаи истеҳсоли пахта дар ҳаҷми 133 ҳазору 800 тонна пешбинӣ гардида, 133 ҳазору 950 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шудааст, ки баробари 100,1 фоизи нақша буда, нисбати нишондиҳандаи соли қаблӣ 19 ҳазору 336 тонна зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи кишоварзии мамлакат нишон медиҳанд, ки ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ мунтазам меафзояд. Масалан, дар соли 2021 нисбат ба соли 2008 ҳаҷми зироати ғалладонаҳо 643398 тонна, картошка 361542, полизиҳо 533576, сабзавот 1689352, пахта 35658 ва шолӣ 87738 тонна афзудааст. Омили афзоиш агар талаботи рӯзафзуни мардум ва зиёдшавии майдони кишт бошад, аз тарафи дигар, паёмҳои Сарвари давлат низ, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъсири худро расондааст.

Усулҳои гуногуни истеҳсолоти кишоварзӣ мавҷуданд, аз ҷумла: чорводорӣ, моҳипарварӣ, аквапоника, занбурпарварӣ, кишоварзӣ, кишоварзии, контурӣ, ширчушӣ, кишоварзии хушк, парвариши мева, боғдорӣ, гидропоника, чорводорӣ, кишоварзии органикӣ, парвариши растаниҳо, паррандапарварӣ, хоҷагии ёрирасон, хоҷагии иҷоракор, сабзавоткорӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Солҳои охир дар баробари самаранокии истеҳсолот дар соҳаи рустанипарварӣ нишондиҳандаи ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ аз ҳар гектар майдони кишт зиёд гаштааст.

Дар иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ 27,7 фоизро ташкил медиҳад, ки барои расидан ба амнияти ғизоӣ соҳаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Яке аз нишондиҳандаҳои расидан ба амнияти ғизоӣ ва самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як нафар аҳолӣ мансуб меёбад. Ин нишондиҳанда дар солҳои охир рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Ҳамаи намудҳои истеҳсоли маҳсулот, аз ҷумла ғалладона, картошка, сабзавот, полизӣ, ангур, гӯшт, шир ва тухм, ба ҳар як нафар аҳолӣ аз 14,7 фоиз то 5,2 маротиба афзудааст.

Президенти кишвар дар Паёми худ аз 23 декабри соли 2022 таъкид намудаанд: «Бо вуҷуди ин имкониятҳо дар самти самаранок истифода бурдани обу замин, баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва ҳосилнокии зироатҳо то ҳол пурра истифода нашудаанд ва чунин вазъ аз роҳбарону масъулин андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд».

Хулоса, соҳаи кишоварзи яке аз соҳаҳои сердаромад дар иқтисодиёти ҷумҳури ба шумор рафта рушд додани бахшҳои хусуси ба назари мо аз манфиат холи нест, дар соҳаи мазкур пешниҳод менамоем, ки барои самаранок истифода бурдани маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ба талафоти ин маҳсулотҳо роҳ надодан вобаста ба навъ ва намуди истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ корхонаҳои хурди коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ бунёд гардад, вобаста ба ин самти мазкур ва рушди соҳа инчунин пешниҳоди дигар ин кушодани агроэкатуризм дар соҳаҳои хоҷагидори ба шумор меравад. Имрузҳо ба назар мерасад, ки ҷалби туризми беруна ва таъмини онҳо бо ҳосили навро ба вуҷуд овардан хело зиёд гардидааст.

Адабиёт:

1 Набиев И.И. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ корхонаҳои кишоварзӣ (дар мисоли корхонаҳои минтақаи ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон) (Автореферат) Душанбе 2020.

2 Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022.

3 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрирои нав аз 1-уми январи соли 2022.

4 Сайти https://stat.tj

## РОҲҲОИ АСОСИИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ПЕШНИҲОДИ БИЗНЕС-САЁҲАТ ХИЗМАТРАСОНИҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарипова Ф.Н. -** ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар шароити рушди соҳаҳои мухталифи ҷаҳони муосир, индустрияи сайёҳӣ, яке аз самтҳои ҷалбкунанда ва рушдкунандаи иқтисодиёт маҳсуб ёфта, ба рушди иқтисодиёти кишвар, барои таъмини ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардондани буҷети давлат мусоидат менамояд.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси сайёҳӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи афзалиятнок ҳисобида мешавад ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сайёҳӣ, Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаву консепсияҳои давлатии рушди соҳа аз он далолат медиҳад, ки Ҳукумати кишвар ба рушди соҳаи сайёҳӣ аҳамияти махсус медиҳад. Дар давлатҳои мутараққӣ соҳаи сайёҳӣ ба яке аз соҳаҳои фоидаовар табдил ёфта, қисмати муайяни даромади буҷети онҳоро ташкил медиҳад. Новобаста аз мавҷудияти мероси бойи таърихию фарҳангии кишвар, табиати нодири он бо кӯлҳо, ҳайвоноту растаниҳои нодир, инчунин кӯҳҳои баланд, ҷойгиршавии хуби геосиёсӣ, иқлими мусоид, манзараҳои нотакрори кӯҳсору ҷангалҳо, ки барои ташкили сайрҳои варзишӣ, кӯҳнавардӣ, экскурсионӣ мусоидат менамоянд, баъзе камбудиҳои муайян мавҷуданд, ки ба рушди соҳа таъсир мерасонанд. Ба чунин камбудиҳо маблағгузории нокифоя ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳалҳо, бозсозии мавзеъҳо ва ёдгориҳои таърихӣ, мавҷуд

набудани роҳҳои муосири нақлиётӣ ба самти объектҳои сайёҳӣ ва нокифоя будани сиёсати таблиғотӣ дар бизнеси сайёҳиро метавон дохил намуд [2].

Ба ин монеаҳо нигоҳ накарда, солҳои охир, соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан рушд мекунад, ки дар натиҷа намудҳо ва самтҳои нави сайёҳӣ ташаккул меёбанд. Дар байни ин самтҳои муосири бизнеси сайёҳӣ, метавон сайёҳии тиҷоратиро махсус қайд намуд, ки дар мамолики гуногун фаъолона амалӣ мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ": сайёҳӣ - шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истисноӣ ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад [1]. Сайёҳии тиҷоратӣ дар доираи соҳаи бонизом рушдкунандаи сайёҳии ҷаҳонӣ, ҳамчун самти навтарин, асосан дар давлатҳои мутараққӣ ташаккул ёфтааст.

Дар мамлакати мо, мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда ва таҳқиқотҳои илмии олимони соҳа, сайёҳии тиҷоратиро ҳамчун хизматрасониҳои муайяни сафарҳои корӣ ё чорабиниҳои хизматӣ маънидод мекунанд ва дар ин замина, сайёҳии тиҷоратӣ ҳамчун соҳаи алоҳида ҳисобида намешавад [1,2]. Аммо, дар кишварҳои мутараққӣ, маҳз ин намуди фаъолияти сайёҳӣ бештар афзалиятнок ҳисобида мешавад.

Дар амалияи фаъолияти давлатҳои англисизабн мафҳуми Business Travel васеъ истифода бурда мешавад. Аввалан, "business travel"-ро метавон ҳамчун сафари тиҷоратии соҳибкоре, ки мехоҳад бизнеси худро рушд диҳад, маънидод кардан мумкин аст. Дуввум, дар доираи Business travel - индустрия оид ба хизматрасонии сафарҳои тиҷоратиро мефаҳманд [6].

Тафсирҳои гуногуни мафҳуми "сайёҳии тиҷоратӣ" мавҷуданд. Аз ин тафсирҳо бештар истифода бурда мешавад: "Сайёҳии тиҷоратӣ - ин сафари одамон, бештар соҳибкорон ва хизматчиёни давлатӣ бо мақсади корӣ, касбӣ, хизматӣ, тиҷоратӣ: бастани созишномаҳо, шартномаҳо, гузарондани гуфтушунидҳо, машваратҳо, мубодилаи таҷриба ва ғ."[4, с. 26].

Ҳамин тавр, сайёҳии тиҷоратӣ яке аз самтҳои амалишавии фаъолияти сайёҳӣ буда, ташкили чорабиниҳои тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, хизматӣ бо омезиши унсурҳои фароғатиро дарбар мегирад. Солҳои охир Тоҷикистон мавқеи худро дар муносибатҳои байналмилалӣ мустаҳкам менамояд. Дар кишвари мо бештар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ баргузор мегарданд, ки он ба рушди соҳаи сайёҳӣ, хусусан сайёҳии тиҷоратӣ таъсири хуб мерасонанд.

Таҳқиқи тамоюли рушди сайёҳии тиҷоратӣ нишон медиҳад, ки шумораи умумии сайёҳоне, ки ба саёҳати корӣ меоянд зиёд шудаанд. Дар чунин шароит давлат бояд саёҳатҳои бехатарро тарғиб намояд, огоҳинамоии сайёҳонро дуруст ба роҳ монад, суғуртаи тиббиро рушд диҳад, обрӯю нуфузи кишварро дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ баланд бардорад. Қобилияти бартараф намудани ин монеаҳо, мутобиқ шудан ба шароити муосир ва амалӣ намудани вазифаҳои асосӣ имкон медиҳад, ки рушди бонизоми соҳа таъмин карда шавад ва сайёҳии тиҷоратӣ мавқеи калидиро дар сохтори идустрияи сайёҳӣ ишғол намояд.

Сайёҳии тиҷоратӣ ҳамчун шохаи мустақили сайёҳии муосир яке аз самтҳои зуд рушдкунандаи индустрияи сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Он вобаста ба мустаҳкам шудани робитаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, соҳибкорӣ, корӣ ва касбӣ рушд менамояд. Сайёҳии тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки дар як вақт созишномаҳои ҳамкорӣ баста шаванд ва якчанд рӯз дар муҳити нав истироҳат намоянд. Вобаста ба ин, барои гузарондани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ инфрасохторҳои муосири сайёҳӣ, истироҳатию фароғатӣ ташкил намудан зарур аст.

Имрӯзҳо якчанд намуди сайёҳии тиҷоратӣ амалӣ мешаванд: инфиродӣ ва сафарҳои кории корпоративӣ, сафарҳои ҳавасмандкунӣ (инсентив-сайрҳо), сафарҳо барои иштирок дар кори намоишгоҳҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо, конгрессҳо, тренингҳо, фурӯшгоҳҳо, презентатсияҳо, шиносоӣ бо фаъолияти корхонаҳо ва ширкатҳои шарик ва ғайраҳо, ки барои ҷойгир намудан, ташкил намудани ин чорабиниҳо, хизматрасонии сатҳи баланд ва меҳмонхонаҳои замонавӣ, инчунин дигар инфрасохторҳои муосири замонавӣ зарур аст.

Сайёҳони тиҷоратӣ шахсони кордон, босавод ва серталаб мебошанд ва барои интихоби меҳмонхона талаботи махсуси худро доранд. Онҳо мехоҳанд, ки дар меҳмонхона натанҳо истироҳат, инчунин имконияти кор кардан дошта бошанд ва дар ҳамин замина хизматрасониҳои иловагии кориро талаб менамоянд, ки яке аз қисматҳои бозори сайёҳӣ - меҳмонхонаҳои тиҷоратиро ташаккул медиҳанд [3, с. 58].

Ба чунин талаботҳо дохил мешаванд:

• пешниҳоди хизматрасониҳо оиди ташкил ва гузарондани чорабиниҳои гуногун дар самти сайёҳии тиҷоратӣ;

• пешниҳоди ҳуҷра барои гуфтушунидҳо ва ҷаласаҳо;

• пешниҳоди хизматрасониҳои толорҳо барои конфронс ва анҷуманҳо;

• пешниҳоди хизматрасонии марказҳои тиҷоратӣ;

• пешниҳоди хизматрасонии тарҷумон;

• пешниҳоди таҷҳизоти техникӣ барои гузарондани чорабиниҳо;

• дастгирии раводид;

• иҷораи таҷҳизоти техникӣ барои гузарондани чорабиниҳо;

• ташкили хизматрасонии зиёфат дар вақти гузарондани чорабиниҳо (кофе-танаффус, хӯроки нисфирӯзӣ ва ғ.);

• ташкили субҳона ва хӯроки нисфирӯзӣ (пешниҳоди хизматрасониҳои мизи шведӣ ё хӯроки фармоишӣ) барои иштирокчиёни чорабиниҳо.

Бинобар ин, меҳмонхонаҳо бояд махсусгардондашуда бошанд, фаъолияти самараноки сайёҳони тиҷоратиро таъмин карда тавонанд, маҷмӯи ҳама хадамоти заруриро пешниҳод намоянд, барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ шарити мусоид пешниҳод намоянд.

Дар меҳмонхонаҳои тиҷоратӣ бояд чунин иншоотҳо барои гузарондани чорабиниҳо муҷаҳҳаз карда шаванд:

• толори конфронс ё анҷуман;

• маркази тиҷоратӣ (бизнес-центр);

• иншоот /ҳуҷраҳо / толорҳо барои гузарондани гуфтушунидҳо ва вохӯриҳои тиҷоратӣ;

• мавзеи муайян барои кор ва вохӯриҳои тиҷоратӣ (фазо ё минтақаи дастрасии Интернет (Wi-Fi), ки барои кор ва алоқаҳои тиҷоратӣ муҷаҳҳаз бошад);

• иншоот барои ташкил ва пешниҳоди кофе-брейкҳо, кофе-танаффус, хӯроки нисфирӯзӣ ва ғайра.

Меҳмонхонаҳои тиҷоратӣ - меҳмонхонаҳои шакли махсус буда, барои гурӯҳи мақсадноки мушаххаси мизоҷон пешбинӣ шуда, ҳама ҷабҳаҳои хизматрасонии мутаносиби худро пешниҳод менамоянд. Ба роҳ мондани муносибатҳо бо корпоратсияҳо ва пойгоҳи устувори мизоҷон ду афзалияти асосии фаъолияти меҳмонхонаи тиҷоратӣ мебошанд. Асоси шукуфоии меҳмонхонаи тиҷоратиро мизоҷони доимӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, сайёҳони оддӣ ва меҳмонони тасодуфӣ ин меҳмонхонаҳоро интихоб намекунанд, чунки ҷойгиршавии меҳмонхонаи тиҷоратӣ, дизайни ҳуҷраҳои он ва нархи он ба сайёҳатчӣ афзалиятнок набуда, ӯ дар навбати аввал барои истироҳати хуб, на кор саъй менамояд [7, с. 122-125].

Хусусияти фарққунандаи чунин меҳмонхонаҳои тиҷоратӣ мизоҷони онҳо мебошанд. Мақсади роҳбарияти ин меҳмонхонаҳо, пеш аз ҳама ҷалб намудани мизоҷони тиҷоратӣ мебошад. Бинобар ин, дар аксар ҳолатҳо, меҳмонхонаҳои тиҷоратӣ дар ҷойҳои мусоид, дар маркази шаҳр ё наздикии маркази шаҳр ҷойгир шудаанд. Меҳмонхонаи тиҷоратӣ ҳатман бояд бо вокзал, фурудгоҳ, намоишгоҳҳо ва мавзеъҳои фаъолияти тиҷоратии шаҳр алоқаи мунтазами нақлиётӣ дошта бошад. Яке аз сабабҳои арзиши баланди сафарҳои тиҷоратӣ дар он аст, ки тоҷирон дар меҳмонхонаҳои гаронбаҳо истоданро афзалтар медонанд. Ин барои баланд бардоштани обрӯю нуфузи ширкати онҳо мебошад, ки мавқеи мустаҳкам доранд. Бинобар ин, мавҷудияти меҳмонхонаҳои чор ва панҷ ситорадор - ҷузъи ҷудонашавандаи сайёҳии тиҷоратӣ мебошад. Дар интихоби меҳмонхонаҳо сайёҳони тиҷоратӣ бештар ба мавзеи ҷойгиршавии онҳо - маркази шаҳр, қисмати тиҷоратии шаҳр, дар мавзеи фурудгоҳ диққат медиҳанд. Шарти муҳими дигари меҳмонхонаҳое, ки меҳмонони хориҷиро пешвоз мегиранд - мавҷудияти кормандоне мебошад, ки бо забонҳои гуногуни хориҷӣ гап мезананд. Инчунин хизматрасонии котиб, ки метавонад вазифаи тарҷумонро ҳам иҷро намояд ва барои банд кардани ҷой дар тарабхона, театр ва ғайра ёрӣ мерасонад, ба мақсад мувофиқ аст.

Меҳмонхона барои саёҳатчиёни тиҷоратӣ, дар вақти сафари корӣ идораи кориро иваз менамояд, барои онҳо факс, компютер, ксерокс ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин карда мешавад. Бисёре аз меҳмонхонаҳо марказҳои тиҷорат доранд, ки метавонанд чунин хизматрасониҳоро пешниҳод намоянд ё меҳмон метавонад дар ин ҷо бо компютери худ кор кунад.

Тоҷирон ва соҳибкороне, ки ҳуҷраҳои меҳмонхонаҳоро пешакӣ банд мекунанд, ба он умед мебанданд, ки эҳтиёҷоти онҳо ба инобат гирифта мешавад. Аксар вақт, роҳати инфрасохтори нақлиётӣ ва мавҷудияти маҷмӯи зарурии таҷҳизоти корӣ дар ҳуҷраҳо ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки ба манфиати меҳмонхонаи тиҷоратӣ онро интихоб кунанд. Дар чунин меҳмонхонаҳо бештар идораи ширкатҳои экспресс-хизматрасониҳоро дучор шудан мумкин аст, ки метавонанд ба тоҷирони тиҷоратӣ хизматрасониҳои босифату саривақтии иловагӣ расонанд.

Ташкил ва хизматрасонии зарурии сафарҳои корпоративӣ, инчунин чорабиниҳои сершумор дар самти сайёҳии тиҷоратӣ сабаби ташаккули индустрияи пуриқтидори хизматрасонӣ гардид. Инфрасохтори сайёҳии тиҷоратӣ марказҳои намоишӣ ва анҷуманӣ, бизнес-меҳмонхонаҳо, бизнес-авиатсия, низомҳои пардохтӣ, технологияи муосирро дарбар мегирад, ки ба шарофати он шахси тиҷоратӣ, новобаста аз мавзеи ҷойгиршавӣ, бояд набзи тиҷорати худро назорат кунад [5, с. 90].

Мавҷудияти номгӯйи васеи хизматрасониҳои гуногун натанҳо ба таъмини ҳамагуна талаботи туристони тиҷоратӣ, инчунин расондани хадамоти сатҳи баланд мусоидат менамояд.

Ташкили сафарҳои тиҷоратӣ ҳақиқатан бо мураккабии худ фарқ мекунад ва ширкатҳои ватанӣ ин самти фаъолияти туристиро рушд медиҳад ва онҳо ба сайёҳии тиҷоратӣ мутобиқ карда мешаванд, касбияти онҳо баланд мегардад, салоҳияти онҳо ташаккул ёфта, таҷрибаи хуб мегиранд. Ҳамин тавр, ширкатҳое ташкил мешаванд, ки танҳо ба сафарҳои тиҷоратӣ ва гузаронидани намоишгоҳҳо, семинарҳо ва конференсияҳо дар хориҷи кишвар машғул мешаванд.

Ҳамасола дар малакати мо ва хориҷи кишвар чорабиниҳои зиёди тиҷоратӣ, ба монанди намоишгоҳҳо, анҷуманҳои тиҷоратӣ, конфронсҳо, семинарҳо ташкил карда мешаванд, ки дар он намояндагони соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои дигар иштироки фаъолона менамоянд. Барои хизматрасонии сатҳи баланд ба тоҷирон ва соҳибкорони хориҷӣ рушди хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва мавҷуд будани меҳмонхонаҳои тиҷоратӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Дар баробари ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати объектҳои сайёҳӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ монеаҳое мавҷуданд, ки ба рушти босуботи сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии тиҷоратӣ халал эҷод менамоянд. Аз ҷумла, мавҷуд набудани ҳамоҳангии стандартҳо ва муқаррароти техникии умумиҷаҳонӣ, инчунин тартиби инфрасохторӣ ва иттилоотии объектҳои сайёҳӣ ба талаботҳои муосир ҷавобгӯ намебошанд. Камшумор будани кормандони касбии соҳаи сайёҳӣ низ ба он дохил мешавад.

Бинобар ин, ба вазифаҳои аввалиндараҷаи гузаштан аз ин монеаҳо дар роҳи рушди сайёҳии тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонем дохил намоем:

- таъмини воқеият ва самаранокии иҷрои вазифаҳои низоми давлатии стандартикунонии соҳаи фаъолияти сайёҳӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;

- ҷалби сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ;

- сохтмони меҳмонхонаҳои муосир бо толорҳои конронсҳо ва ҳуҷраҳои бизнес-класс. Тоҷирони хориҷӣ меҳмонхонаҳои боҳашаматро интихоб менамоянд, ки дорои марказҳои тиҷоратии гуногунсоҳа мебошанд ва хадамоти зиёди тиҷоратӣ мерасонанд;

- ташкили барномаи тайёр кардани кормандон барои хизматрасонии анҷуманҳо, конференсияҳо, фрумҳо ва семинарҳо;

- ҳамкории шарикӣ бо субъектҳои хориҷии сайёҳии тиҷоратӣ ва андӯхтани таҷриба оиди гузарондани чорабиниҳои тиҷоратӣ.

Ба андешаи мо, амалӣ намудани чунин вазифаҳо ба мамлакати мо имконият медиҳад, ки дар самти рушди сайёҳии тиҷоратӣ мавқеи беҳтарро касб намояд,

иқтидорҳои мавҷударо бо мақсади гирифтани мавқеи муносиб дар арсаи ҷаҳонӣ самаранок истифода барад.


**АДАБИЁТ**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ”, аз 7 августи соли 2020, № 1717.
2 Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372.
3. Бардин К.В. Азбука делового туризма, М., 2011.- 152 с.
4. Гасиев М.П. Основы делового туризма и индустрии MICE: сравнение и тенденции // Деловой туризм и индустрия MICE: основы, понятия и тенденции (практический опыт). - М., 2004. - 256 с.
5. Папирян Г.А. Маркетинг в туризме. - М.: Финансы и статистика, 2001. - 160 с.
6. Патрушева В.А., Никонова Я.И. Перспективы развития делового туризма в мировой экономике // Международный студенческий научный вестник. - 2015. - № 4-3
7. Маклашина Л. Р. Деловой туризм - инструмент продвижения индустрии туризма / Л. Р. Маклашина // Актуальные вопросы экономических наук: материалы междунар. науч. конф. (г. Уфа, октябрь 2011 г.). Уфа: Лето, 2011. С. 122-125.


# ХУСУСИЯТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР МЕҲМОНХОНАҲО


**Ғуломова З.З.,** ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон


Дар баробари рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамасола тиҷорати меҳмонхонадорӣ суръат гирифта истода, меҳмонхонаҳои наву замонавӣ барои хизматрсонии сайёҳон бунёд ва инфрасохтори меҳмонхонаҳои мавҷуда беҳтар карда мешаванд. Вобаста ба рушди тиҷорати меҳмонхонаҳо низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити дохилӣ дар ин соҳа низ бояд такмил дода шавад. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар ин соҳа хусусиятҳои хоси худро доро аст ва муҳосибони меҳмонхонаҳо бояд андеша намоянд, ки чи тавр самаранокии фаъолияти корхонаашонро баланд бардоранд.

Маҷмааи меҳмонхонаҳо самти муҳими соҳаи хизматрасонӣ маҳсуб ёфта, меҳмонхона дар он ҳамчун зерсохтори таркибӣ мебошад. Хусусияти хоси меҳмонхона аз он иборат аст, ки якчанд самти фаъолият доранд, мутобиқан намудҳои гуногуни даромад аз фурӯш, ки асоси он даромад аз пешниҳоди ҳуҷраҳо, яъне фурӯши бевоситаи хизматрасонии меҳмонхонаҳо мебошад. Меҳмонхонаҳои муосир ба мизоҷони худ маҷмӯаи умумии хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд [1, с.44].

Баҳисобгирии муҳосибии меҳмонхонаҳо ҷузъи муҳими идоракунии самараноки онҳо мебошад. Амалияи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар меҳмонхонаҳо ба Стандартҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ва Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) асос ёфтаанд.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси хизматрасонии меҳмонхонаҳо таҷрибаи амалии баҳисобгирии муҳосибии меҳмонхонаҳо иборатанд аз:

1. Баҳисобгирии хароҷоти воқеӣ: меҳмонхонаҳо тамоми хароҷоти воқеии марбут ба пешниҳоди хизматрасониҳоро, аз ҷумла хароҷоти нигоҳдории бино, пардохти музди меҳнати кормандон, хариди маводҳои лозима ва дигар хароҷотро ба

ҳисоб мегиранд. Ин равиш эътимоднокии маълумоти молиявиро таъмин намуда, ба муҳосиб имкон медиҳад, ки низоми хароҷотро дуруст идора намояд.

2. Баҳисобгирии муҳосибӣ бо истифода аз низоми хароҷот: меҳмонхонаҳо метавонанд низоми хароҷотро барои муайян кардани арзиши аслии пешниҳоди ҳар як хизматрасони ё ҳуҷра истифода баранд. Ин ба муҳосиб имкон медиҳад, ки даромаднокии ҳар як хизматро арзёбӣ кунад ва қарорҳои дахлдори идоракунӣ қабул кунад.

3. Баҳисобгирии эътирофи даромад ва хароҷот: меҳмонхонаҳо одатан даромадро ҳангоми пешниҳоди хизматрасонӣ ё қабули пешпардохт ва хароҷотро ҳангоми рух додани онҳо эътироф мекунанд. Ин ба муҳосиб имкон медиҳад, ки вазъи молиявии меҳмонхонаро инъикос кунад ва даромаднокии онро арзёбӣ кунад.

Яке аз масъалаҳои методологияи баҳисобгирии меҳмонхонаҳо гурӯҳбандии даромад ва хароҷот барои шӯъбаҳо мебошад. Меҳмонхонаҳо метавонанд шӯъбаҳои гуногун дошта бошанд, аз қабили шӯъбаи фурӯш, шӯъбаи хизматрасонирасонии меҳмонхонаҳо, шӯъбаи хӯрокворӣ, шӯъбаи маркетинг ва тарғибот ва ғайра. Таснифи даромад ва хароҷот аз рӯи шӯъба имкон медиҳад, ки даромаднокии ҳар як шӯъбаро таҳлил карда шуда, қарорҳои дахлдори идоракунӣ, ба монанди тағйир додани стратегияи фурӯш ё оптимизатсияи хароҷот қабул карда шаванд.

Масъалаи дигари техникаи баҳисобгирии меҳмонхонаҳо барӯйихатгирӣ ва баҳисобгирии дороиҳо мебошад. Меҳмонхонаҳо одатан миқдори зиёди маводҳо баои барӯйихатгирӣ доранд ва  инчунин дороиҳо, аз қабили биноҳо ва таҷҳизотро ба ҳисоб гирифта фарсудашавии онро ҳисоб мекунанд ва дар хароҷоти амалиётӣ инъикос менамоянд.

Дар таҳқиқотҳо ва мақолаҳои илмӣ инчунин усулҳо ва равишҳои нави баҳисобгирии меҳмонхонаҳо пешниҳод карда шудаанд. Масалан, таҳқиқоти олимон Чая В.Т., Белавин А.В. нақши баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ (баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси ҷамъоварии воқеии муомилот) ба сифати ҳисоботи молиявии меҳмонхонаҳоро баррасӣ мекунад [3, с.6].

Натиҷаҳои ин таҳқиқот барои фаҳмиши беҳтари нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар тиҷорати меҳмонхонаҳо кӯмак менамояд ва барои шаффофияти ҳисоботи молиявӣ ва баланд бардоштани ва самаранокии идоракунии молиявӣ дар меҳмонхонаҳо тавсияҳо пешниҳод мекунанд.

Вобаста ба хусусиятҳои хоси хизматрасонии меҳмонхонаҳо принсипҳои маъмулии баҳисобгирии муҳосибӣ дар тиҷорати меҳмонхонаҳо чунин амалӣ карда мешавад:

**Принсипи сабти дукарата:** ҳар як амалиёт дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар ду ҳисоби ба ҳам алоқаманди амалиёти хоҷагидорӣ сабт карда мешавад. Масалан, ҳангоми фурӯши истифодабарии ҳуҷраҳои меҳмонхона, маблағи фурӯш аз даромади манзил дар кредит ва маблағи он ба ҳисоби воситаҳои пулӣ дебет карда мешавад.

**Принсипи мунтазамӣ:** баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ҳама рӯйдодҳо ва амалиётҳоро бо тартиби пайдарпайӣ инъикос намояд. Масалан, хангоми бастани шартнома бо таъминкунандагони озуқаворӣ барои тарабхонаи меҳмонхона, дар вақти бастани шартнома сабти муҳосибӣ сурат мегирад.

**Принсипи муттасилии фаъолият:** баҳисобгирии муҳосибӣ пайваста, бидуни таваққуф ва камбудиҳо сурат мегирад. Ҳама амалиётҳо бояд дар мавриди гузаронидани амалиёт дар ҳуҷҷатҳои аввалия қайд карда шаванд. Масалан, ҳангоми ба анбори меҳмонхона ворид шудани мол бояд фавран арзиши онҳо ба ҳисоб гирифта шавад.

**Принсипи тақсимоти молу мулк:** баҳисобгирии тиҷорати бояд маблағи шахсии моликон ва фаъолияти молиявии корхонаро ҷудо кунад. Масалан, агар молик аз хазинаи меҳмонхона барои хароҷоти шахсиаш маблағ гирад, он бояд на ҳамчун хароҷоти тиҷоратӣ, балки ҳамчун гирифтани маблағ аз хазинаи корхона гузориш дода шавад.

**Принсипи арзёбӣ:** Ҳама дороиҳо ва ӯҳдадориҳо дар тиҷорати меҳмонхона бояд одилона ва дар асоси маълумоти объективӣ баҳо дода шаванд. Масалан, арзиши бинои мехмонхона бояд дар асоси арзишҳои бозории амволи ғайриманқул муайян карда шавад.

Ин принсипҳо саҳеҳӣ ва эътимоднокии ҳисоботи молиявии тиҷорати меҳмонхонаро таъмин мекунанд, ки ҳамчун асос барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва молиявӣ истифода бурда мешаванд.

Яке аз самтҳои муҳими идоракунии самараноки меҳмонхонаҳо ин ташкили хадамоти аудити дохилӣ мебошад.

Аудити дохилӣ дар меҳмонхонаҳо як равандест, ки низомҳо ва расмиёти меҳмонхонаро барои муайян кардани номувофиқатӣ, хатогиҳо ва носозиҳои имконпазир тафтиш мекунад ва барои баланд бардоштани самаранокии амалиётҳо тавсияҳо медиҳад [2, с.97]. Вобаста ба махсусиятҳои тиҷорати меҳмонхонаҳо чунин усулҳои санҷиши аудиторӣ аз ҷониби аудиторони дохилӣ истифода бурда мешаванд:

**Баррасии маълумоти молиявӣ:** Аудитор ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳоро барои арзёбии эътимоднокӣ ва саҳеҳии маълумоти молиявӣ баррасӣ мекунад. Масалан, аудити дохилӣ сабти дурусти даромад, хароҷот ва андозҳо метавонад тасдиқ намояд.

**Арзёбии назорати дохилӣ:** Аудитор низоми назорати дохилиро баррасӣ мекунад, ки хавфро идора мекунад ва риояи сиёсати баҳисобгирӣ ва расмиёти меҳмонхонаро таъмин мекунанд. Масалан, аудитор метавонад тафтиш кунад, ки назорати дохилӣ дастрасӣ ба низомҳои иттилоотӣ ва истифодаи дурусти мавод ва таҷҳизот риоя карда мешаванд.

**Арзёбии равандҳои амалиётӣ:** аудитор равандҳои амалиётии меҳмонхонаро бо мақсади муайян кардани беҳбудиҳои имконпазир ва оптимизатсияи равандҳо таҳлил мекунад. Масалан, аудити дохилӣ метавонад сифати хизматрасонирасонии меҳмонон, тартиботи фармоиш ва идоракунии ҳуҷраҳоро тафтиш кунад.

Аудитори дохилии меҳмонхона ҳисоботи молиявиро тафтиш мекунад ва фарқияти байни маблағи дар ҳуҷҷатҳои фурӯши ҳуҷра нишондодашуда ва маблағи дар ҳисоби даромад сабтшударо ошкор мекунад. Аудитор ба меҳмонхона тавсия медиҳад, ки назорати худро оиди расмиёти баҳисобгирии даромад беҳтар созад ва чораҳоеро, аз қабили баланд бардоштани огоҳии кормандон ва ҷорӣ кардани санҷишҳои гуногун пешниҳод кунад. Ин ба меҳмонхона кӯмак мекунад, ки аз даст додани даромадро пешгирӣ кунад ва маълумоти дақиқи молиявиро таъмин намояд.

Ҳадафҳои аудити дохилӣ дар тиҷорати меҳмонхона иборатанд аз:

1. **Ошкор ва пешгирии қаллобӣ:** Аудити дохилӣ дар муайян кардани фаъолиятҳои эҳтимолии қаллобӣ, ба монанди дуздии амволи меҳмонхона ё тақаллуби ҳисоботи молиявӣ кӯмак мекунад. Масалан, аудитор метавонад бақайдгирии маводи анборҳо ва ҳисобҳои барӯйихатгириро аз назар гузаронад, то ки камбудӣ вуҷуд надошта бошад.

2. **Таъмини риояи қонунҳо ва қоидаҳо:** Аудити дохилӣ мутобиқати тиҷорати меҳмонхонаро ба қонунҳо ва қоидаҳо, аз қабили қонунҳои андоз, қоидаҳои бехатарии сӯхтор ва стандартҳои гигиенӣ тафтиш мекунад. Масалан, аудитор метавонад ҳуҷҷатҳои марбут ба арзёбии бехатарии биноҳо ва иҷозатномаҳоро барои пешниҳоди баъзе хизматрасониҳо баррасӣ кунад.

3. **Арзёбӣ ва баланд бардоштани самаранокии равандҳо ва амалиётҳо:** Аудити дохилӣ барои муайян ва ҳалли мушкилоте, ки бо равандҳои тиҷорӣ ва фаъолияти амалиётии меҳмонхона алоқамананданд, кӯмак мекунад. Масалан, аудитор метавонад самаранокии низоми бандкунии ҳуҷраҳоро санҷад, то боварӣ ҳосил кунад, ки мизоҷон хизматрасониҳои лозимаро сари вақт ва бе мушкилот дастрас мекунанд.

4. **Такмили низомҳои назорат ва идоракунии хавфҳо:** Аудити дохилӣ самаранокӣ ва эътимоднокии низомҳои идоракунии хавфҳоро барои пешгирии мушкилоти эҳтимолӣ ва кам кардани талафоти эҳтимолӣ арзёбӣ мекунад. Масалан, аудитор метавонад сиёсатҳо ва расмиёти марбут ба дастрасӣ ва истифодаи иттилооти махфиро барои пешгирии ихроҷи маълумот баррасӣ кунад.

Аудитори дохилии меҳмонхона метавонад амалиёти молиявӣ ва сабтҳоро барои арзёбии самаранокии умумии назорати молиявӣ баррасӣ намояд. Он метавонад вайронкуниҳоро дар расмиёти баҳисобгирӣ муайян кунад ва барои коҳиш додани хатари қаллобӣ ва хатогиҳои молиявӣ тавсия диҳад.

Ҳамин тавр, дар мавриди пешбурд ва амалӣ намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити дохилӣ дар меҳмонхонаҳо, пешниҳодҳои додашуда ба хусусиятҳои хоси хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва сохтори таркибию ташкилии он, барои пешниҳоди иттилоти дуруст ва саҳеҳи ҳисоботи молиявӣ, идоракунӣ ва андоз мусоидат намуда, таҳлилу баҳодиҳии самаранокии меҳмонхонаҳоро таъмин менамояд.

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Баттих, Р. Особенности учета и анализа деятельности организаций сферы гостиничных услуг / Р. Баттих. - Текст : непосредственный // Финансы и реальный сектор экономики в современных условиях: сб. ст. III Междунар. науч.-практ. конф. 5 дек. 2021 г. - Пенза : Наука и Просвещение, 2021. - С. 43-49.

2.Парамонова, Л.А. Методика внутреннего аудита эффективности деятельности гостинично-сервисных комплексов, функционирующих в условиях применения упрощенной системы налогообложения // Вестник СамГУПС. 2010. N 4. С. 97 - 104.

3.Чая, В.Т., Белавин, А.В. Основы трансформации отчетности малых и средних предприятий в соответствии с МСФО / журнал Аудит, издательство ООО "Аспект", Москва, 2015, № 9, с. 5-8.

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИВУ АНГЛИСӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТ

**Шокирова М.М-** муаллимаи калони кафедраи забонҳои хориҷии ДБССТ
**Шамсиддинова М.Б-** ассисенти кафедраи забонҳои хориҷии ДБССТ

Дар усули морфологии калимасозии исм пасвандҳо мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Вазифаи асосии ҳар як пасванд бо он муайян карда мешавад, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад. Баъзе пасвандҳо танҳо аз исм, баъзеи дигар аз сифат ва сеюмӣ аз шумора ё феъл исм месозад. Пасвандҳое ҳастанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд ва ин ба маънои исми сохта таъсир нарасонида наметавонад. Агар пасванд аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ танҳо як хел исм (чунончи, исми шахс) созад, онҳо бо тобишҳои маъноӣ бояд аз ҳам тафовут дошта бошанд. Чунончи, пасванди **-чӣ** аз исми трактор исми тракторчӣ месозад, ки касбу шуғли шахсро далолат мекунад. Ҳамин пасванд аз сифати аъло низ исми шахси аълочӣ месозад, ки на касбу кор, балки ба сифате молик будани шахсро мефаҳмонад. Ба маънои исми сохта на танҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ, балки аз калимаҳои гуногунмаънои як ҳиссаи нутқ сохта шудани он таъсир расонида метавонад [6,104].

Пасвандҳои исмсози забони тоҷикӣ хеле бисёр ва гуногунвазифа мебошанд. Ҳар як пасванд мавқеи махсусӣ истифода дорад. Пасванди **-чӣ** яке аз пасвандҳоои сермаҳсули забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад. Ба воситаи он на танҳо аз калимаҳои аслан тоҷикӣ, инчунин аз калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла, аз калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ, исми шахс сохта мешавад: тракторчӣ, танкчӣ, автоматчӣ, кооперативчӣ, миномётчӣ, табелчӣ, телефончӣ, телеграфчӣ ва ғайра.

Пасванди **-чӣ** аз исм, исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

1) аз исмҳои конкрет ва маънӣ - исм месозад, ки ихтисос ва касбу ҳунари шахсро мефаҳмонад: карнайчӣ, рубобчӣ, тракторчӣ, танкчӣ, иқтисодчӣ, музикачӣ, шикорчӣ;

2) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки хислату кирдори шахсро далолат мекунад: дурӯғчӣ, тӯҳматчӣ, воҳимачӣ, ташкилотчӣ;

3) аз исмҳои конкрет ва маънӣ - исм месозад, ки шахсро вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ номбар мекунад: хизматчӣ, колхозчӣ, маорифчӣ;

4) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки шахсро аз рӯи амалу шуғл нишон медиҳад: ҳашарчӣ, ҳуҷумчӣ , кучманчӣ. [4,138]

Пасванди **-гар** дар исмсозӣ сермаҳсул буда, исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногун доранд:

1) аз исмҳои конкрет - исмҳои шахс месозад, ки касбу ҳунарро мефаҳмонанд: шишагар, шамшергар, чармгар, сӯзангар, суратгар, ҳалвогар, оҳангар, наългар, мисгар ва ғайра. Ин гуна исмҳо аз шакли якуми сифати феълӣ ва исми амал низ бо пасванди -гар сохта шудаанд: шустагар, савдогар, коргар;

2) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки шахсро аз рӯи хислату кирдораш номбар мекунад: ошӯбгар, размгар, имдодгар, ғоратгар;

3) аз исмҳои маънӣ - исм месозад, ки шахсро вобаста ба амалиёт, машғулият ва ҳаракаташ нишон медиҳад: тарбиятгар, созишгар, маслиҳатгар, даъвогар, варзишгар:

Пасванди **- зор** низ дар исмсозӣ сермаҳсул мебошад.

1) Ба воситаи ин пасванд аз исмҳои ифодакунандаи растанию наботот исмҳое сохта мешаванд, ки макон ва фаровонии асоси калимаро мефаҳмонанд: тутзор, токзор, себзор, саксавулзор, нокзор, ниҳолзор, найзор, лолазор, дарахтзор, гулзор, хадангзор, арчазор, анҷирзор, анорзор, ангурзор, шафтолузор, пахтазор, хорзор, алафзор, сабзазор ва ғайра.

2) Бо ёрии пасванди -зор инчунин аз исмҳои ифодакунандаи предметҳои шумурданашаванда ва ё шумурданашон аз имкон дур исмҳое месозанд, ки макон ва фаровонии асоси худро далолат мекунанд: Ҷои ту шӯраю регзор, ба боғу чаман туро чӣ кор? [4,149]

Пасванди **-а (-я)** дар забони ҳозираи тоҷик сермаҳсул буда, аз ҳиссахои гуногуни нутқ исм месозад:

1) аз исмҳо бештар исми монандӣ: гӯша, дандона, дара, димоға, забона, шоха, ҳавза ва ғайра;

2) аз сифатҳо исме, ки предметҳоро аз рӯи аломаташон ифода менамояд: сабза, сафеда, талха, тунука, шӯра;

3) аз шумора исми ифодакунандаи воҳиди вақт ва узви инсон: ҳафта, даҳа, чилла, панҷа;

4) аз асоси замони ҳозираи феъл: а) предмети воситаи амал: мола, куба, овеза; б) исми ифодакунандаи натиҷаи амал: шукуфа, реза (резаи нон); в) исми амал ва ҳолат: бӯса, нола, ханда:

5) аз калимаҳои тақлиди номи асбоб ва амалу ҳолат: Ғарғара, шақшақа, дағдаға, қаҳқаҳа, ғулғула, шаршара.

Пасванди **-гор** дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул буда, ба воситаи он аз исму асосҳои феъл - исмҳои шахс сохта мешавад:

1) аз исмҳои маънӣ - исми нав сохта мешавад, ки шахсро аз рӯи амалиёту машғулияташ мефаҳмонад: хизматгор, мададгор, ситамгор;

2) аз асоси замони ҳозираи феъл бо пасванди -гор исме сохта мешавад, ки шахсро аз рӯи ихтисосу машғулият ифода менамояд: омӯзгор, талабгор, фурӯшгор; ин гуна исм аз асоси замони гузаштаи феъл низ сохта мешавад: хостгор.

Пасванди **- ор** дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул аст. Вай аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл:

1) исми шахс месозад, ки онро аз рӯи амал ва шуғл мефаҳмонад: харидор, парастор;

2) исми амал ва ҳолат месозад: гуфтор, сӯхтор, падидор (шакли рехтаи кирдор), гирифтор.

Пасванди **-ур, -вар** дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул аст. Он аз исмҳои маънӣ исми нав месозад, ки шахсро аз рӯи хислату қобилият мефаҳмонад: муздур, муздвар, суханвар, шиновар.

Пасванди **- она (-ёна)** дар исмсозӣ каммаҳсул аст, бештарини исҳо бо -она аз сифат гузаштаанд. Ин пасванд аз исмҳои конкрет ва маънӣ исме месозад, ки асбоб,

музд, тӯҳфа ва инъомро мефаҳмонад: тозиёна, шомиёна, бобоёна, моҳона, мӯҳрона, котибона, тӯёна, хизматона, идона, байъона, шукрона ва ғайра:

Пасванди **- сор** бемаҳсул аст, вай танҳо бо чанд исми конкрет омада, макон ва фаровонии онҳоро мефаҳмонад: кӯҳсор, чашмасор, шохсор.

Дар забони англисӣ аз ҷиҳати калимасозӣ исм доротарин ҳиссаи нутқ ба шумор меш равад. Исмҳои забони англисӣ аз дигар ҳиссаҳои нутқ дида шумораи бештари пасвандҳоро доро мебошанд. Пасванд яке аз нишонаҳои хосӣ исм ҳамчун ҳиссаи нутқ, дар забони англисӣ мебошад. Яке аз пасвандҳои сермаҳсултарини исмсоз дар забони англисӣ ин пасвандҳои **-er -or** мебошанд. Онҳо ба феълҳо ҳамроҳ шуда, исми иҷрокунандаи амал ва касбу корро месозанд. Пасвандҳои мазкур дар забони тоҷикӣ бо пасвандҳои **-чӣ, -гор, -гар, -бон** ифода мешаванд. [5,38]

to buy - buyer
to direct - director
to invent - inventor
to produce - producer
to inspect - inspector
to sell - seller
to supply - supplier
to teach- teacher
to translate - translator
to visit - visitor
to work - worker
to write- writer

Пасвандҳои **- ist** ва **- ism** низ дар забони англисӣ сермаҳсул мебошанд. Онҳо барои нишон додани самти илмӣ ё ба ягон ҳизб тааллуқ доштанро ифода:

| | |
|---|---|
| idealist - идеалист | idealism - идеализм |
| terrorist - террорист | terrorism - терроризм |
| extremist - экстремист | extremism -экстремизм |
| physicist - физик | materialism - материализм |

Пасванди **- dom** дар забони англисӣ яке аз пасвандҳои сермаҳсул мебошад. Авввалан он танҳо ба асоси сифатҳо ҳамроҳ шуда исм месохт вале баъдан он аз асоси исмҳо низ калимаҳои навро бавуҷуд меовард. Ҳоло пасванди **- dom** ба сифат ва исмҳо ҳамроҳ шуда исм месозад:

| | |
|---|---|
| free - озод | freedom - озодӣ |
| wise - хирадманд | wisdom - хирадмандӣ |
| king - шоҳ | kingdom - шоҳигарӣ |

Пасванди **- hood** дар забони англисии қадим калимаи мустақилмаъно, яъне **had** буд, ки он маънои «шарт, хислат» - ро доро буд. Он одатан ба асоси исмҳо пайваст шуда исми нав месозад:

| | |
|---|---|
| brother - бародар | brotherhood - бародарӣ |
| child - бача | childhood - бачагӣ |

Пасванди **- ment** дар асри XII аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ иқтибос гардида буд. Ҳоло он танҳо аз феъл исм месозад:

| | |
|---|---|
| agree - розӣшудан | agreement - ризоият |

develop - инкишоф додан development - рушд
govern - идора кардан government - идора
improve - беҳтар гардонидан improvement - беҳбуд
pay - пардохт кардан payment - пардохт
settle - банизом даровардансettlement - танзим

Пасванди **- ness** аз даврони қадим дар забони англисӣ сермаҳсул буд. Он ба сифатҳо ҳамроҳ гашта исм месозад. Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ бо пасванди **-ӣ** ифода меёбад:

bitter - тунд bitterness - тундӣ
cold - хунук coldness - хунукӣ
dark - торик darkness - торикӣ
kind - меҳрубон kindness - меҳрубонӣ
weak - заиф weakness - заифӣ

Пасванди **- ship** дар забони англисии муосир барои сохтани исмҳои абстрактӣ аз асоси исмҳо истифода бурда мешавад:

dictator - ҳукмфармо dictatorship ҳукмфармоӣ
friend - дӯст friendship - дӯстӣ
leader - роҳбар leadership - роҳбарӣ
member - аъзо membership - аъзогӣ

**Рӯйхати адабиёт**

1) Арбекова Т. И. Лексикология английского языка (практический курс). // Арбекова. Т. И. Москва. «Высшая школа», 1977. 240с.
2) Аракин В. Д. История английского языка: Учеб. пособие. // Аракин В. Д. Москва. «ФИЗМАТЛИТ», 2003. 272с.
3) Балакин С. В. Словообразование во французском языке (когнитивный аспект). // Балакин С. В. Екатеринбург. «УрГУПС», 2015. 80с.
4) Забони адабии ҳозираи тоҷик. // Қисми I. Душанбе. «Ирфон», 1973. 445с.
5) Каращук П. М. Словообразование английского языка. // Каращук П. М. Москва. «Высшая школа», 1977. 303с.
6) Рустамов Ш., Ғаффоров Р. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе, Дониш, 1986-371 с.

## ОМИЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Раҳимов Ш., донишҷӯи курси 4-уми факултети Сайёҳӣ.**

Дар замони муосир туризм ба яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва пешбарандаи иқтисоди баъзе аз давлатҳо мубадал гардидааст. Махсусан, давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ба монанди Амрико, Австралия, Русия, Туркия, Ҳиндустон, Чин туризмро ба сифати яке аз воситаҳои асосии даромади буҷаи давлатӣ ва беҳтаршавии вазъи аҳолӣ табдил додаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хусусиятҳои хоси ин соҳаи афзалиятнокро дар шароити, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақае ҷой гирифтааст, ки аз лиҳози таърихӣ, яке аз сарзаминҳои куҳани маскани инсоният маҳсуб меёбад. Ин сарзаминест, ки бо маҳбубияти таърихии хеш диққати садҳо муҳаққиқу сайёҳони

ҷаҳонро ҷалб намудааст. Маҳз ёдгориҳои бузурги таърихии дар кишвар ҷой дошта, яке аз нишонаҳои таърихи куҳандоштаи тоҷикон ва тамаддунофар будани ниёгони мо ба ҳисоб меравад. Ин ёдгориҳое мебошанд, ки таърихи ташаккул ва рушди тамаддуни ниёгони тоҷиконро дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ собит месозанд. Дар баробари он, ки ёдгориҳои таърихӣ инъикосгари таърихи қадимадоштаи ниёгони мо ба шумор мераванд, ҳамчунин яке аз омилҳои рушди сайёҳӣ дар кишвар мебошанд. Қисмати зиёди сайёҳоне, ки вориди ин ё он давлат мегарданд, пеш аз ҳама аз ин гуна мавзеҳо дидан менамоянд. Дар ҳолати аз таъриху фарҳанг шиносоӣ пайдо кардан, алакай баъзе аз хусусиятҳои хоси мардуми маҳаллӣ барояшон равшан мегардад.

Дар Тоҷикистон ноҳия ва ё минтақае нест, ки дар он ягон бошишгоҳ ва ё нишонаҳои таърихи қадимият ёфт нашавад.

Имрӯз соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳим барои ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, аҳамияти бузурги иқтисодӣ ва фарҳангӣ дорад. Тоҷикистон дорои ёдгориҳои зиёди таърихию фараҳангӣ буда, заминаи рушди соҳаи сайёӣ дар кишвар вуҷуд дорад.

Истиқлоли давлатӣ имкон дод, ки роҳи рушди бомароми тамоми самтҳои муҳимми ҷомеа ҳамвор шавад. Дар заминаи истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати комилу сулҳу субот имрӯз имкон фароҳам омадааст, ки дар баробари дигар соҳаҳои афзалиятнок соҳаи сайёҳӣ дар кишвар рушд намояд. Сулҳу субот дар кишвар боварии ҷомеаи ҷаҳониро ба Тоҷикистон даҳчанд намуда, заминаи рушди сайёӣ гардидаистодааст.

Бояд қайд кард, ки Тоҷикистон бо табиати биҳиштосо, таъриху фарҳанги нодиру пурғановаташ барои ҷалби сайёҳон ва аз ин ҳисоб ба маротиб зиёд намудани даромади миллии худ имконияти хеле васеъ дорад. Дар давраи истиқлоли давлатӣ Ҳукумати кишвар ба ривоҷу равнақи соҳаи сайёҳӣ диққати махсус зоҳир намуд. Дар натиҷа соҳаи сайёҳӣ аз нав эҳё гардида, аз соли 2000-ум то имрӯз шумораи сайёҳони хориҷӣ мунатазам дар афзоиш аст.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамасола ба кишвар барои тамошои ёдгориҳои муҳташаму беназири таърихӣ ба монанди қалъаҳои Ҳисор, Хуҷанд, Ҳулбук, мавзеҳои ёдгориҳои Саразм, Кулдара ва ёдгориҳои дар манотиқи Помир мавҷуда ҳазорон сайёҳон ворид мешаванд.

Ҷиҳати рушду нумуи соҳаи туризм Ҳукумати кишвар бо сарварии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёду барқарор кардани ёдгориҳои таърихӣ шуруъ намуда, дар муддати кутоҳ якчанд иншооти муҳимми таърихиро азнавсозӣ намуд. Дар ин марҳилаи муҳимми таърихӣ ёдгории беназири таърихи тоҷикон Қалъаи Ҳулбук, ки дар ноҳияи Восеъ воқеъ аст, навсозӣ гардид. Ҳунари бинокорӣ ва гаҷкории мардуми Ҳулбуки Хатлон машҳури оламиён гардида, устоҳои моҳири ин ҷоро ба минтақаҳои дигар барои бунёди қасру кушкҳо даъват мекарданд. Имрӯз барқарорсозии ёдгории мазкур ба анҷом расида, ҳазорон сайёҳони дохиливу хориҷӣ аз он дидан менамоянд.

Ҳамчунин соли 2015 Маҷмааи таърихию фарҳангии Қалъаи Хуҷанд, ки ҷиҳати таблиғу тарғиби бештари арзишҳои миллӣ замина мегузорад, ба истифода дода шуд. Меъморону бинокорон талош намудаанд, ки бо риояи суннатҳои меъморию

шаҳрсозии ниёгони миллат хусусияти табиати Хуҷандро дар раванди бунёди ин ёдгории таърихӣ ба инобат гиранд. Маҷмааи мазкур дар асоси талаботи меъморию шаҳрсозии муосир сохта шуда, мазмун ва муҳтавои он инъикоскунандаи ғояҳои баланди миллӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ёдгориҳои таърихии Саразм, Панҷакент, қалъаи Қаҳқаҳаи Шаҳристон, Муғтеппаи Истравшан, Тахти Сангин, Тахти Қубод, Қалъаи Мири Қубодиён, Хоҷа Машҳаду Хоҷа Дурбоди Шаҳритус, Аҷинатеппаи Вахш низ мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтаанд. Бо мақсади ҳифзу тармими ин дурдонаҳои таърихии ниёгонамон дар солҳои наздик тадбирҳои зарурӣ амалӣ шудаистодааст.

Дар ин баробар дар даврони истиқлоли давлатӣ як қатор мақбараҳои бузургони илму фарҳанг, ки дар айни замон ёдогриҳои арзишманди меъморӣ ба ҳисоб меравапд тармиму азнавсозӣ шуданд. Махсусан, марқадҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Муҳаммад Башоро, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Султон Увайс, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Мавлоно Тоҷиддини Даштикулакӣ, Бурхи Сармасти Валӣ ва ғайра азнавсозӣ шуда, барои сайёҳони дохилию хориҷӣ пешкаш шуданд.

Дар ин радиф дар аксар ноҳияҳои кишвар, махсусан дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба хотири ҳифзу гиромидошти ҳунарҳои ниёгон ва муаррифии онҳо ба сайёҳон ҳунарҳои дастӣ, яъне косибӣ, гилембофӣ, кулолӣ, заргарӣ ва амсоли инҳо аз нав эҳё гардид.

Ҳамин тавр, дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи сайёҳӣ дар кишвар босуръат рушд намуда, дар робита ба ин маводи тарғиботию иттилоотӣ ба ширкатҳо ва дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ манзур гардонида мешаванд.

## МО ҶАВОНОНИ НАСЛИ ОЯНДАИ МИЛЛАТЕМ, ПАЙРАВОНИ СИЁСАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТЕМ!

**Раҳимова Дилноза**, донишҷӯи курси 1, ихтисоси 23010103

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷдори тоҷик аст. Ин неъмати бузург баробари ба даст овардан нуру зиё, меҳру вафо, ободиву озодӣ, ҳамфикриву хамзистӣ ва осоиштагиро ба мардуми тоҷик ва Тоҷикистони азиз овард. Даврони истиқлолият роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеъаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд.

Маҳз бо шарофати ба даст даровардани истиқлолият ба мо ҷавонону донишҷӯён имконият фароҳам омад, ки дониш, қобилият ва маҳорати хешро дар ҳамаи самтҳо инкишоф диҳем, ватани худро дар арсаи байналмиллалӣ муаррифӣ намоем, пешсаф бошем ва ба сӯи ояндаи нек устуворона қадам гузорем.

Аз 9 сентябри соли 1991 халқи мо ҳуқуқи соҳиби Ватан ва тақдиру ояндаи худ буданро ба даст овард. Дар харитаи олам Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати давлати нави озоду мустақил зуҳур кард. Соҳибистиқлолӣ барои сарнавишти миллати тоҷик оғози марҳалаи сифатан нави рушд гардида, иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти

таърихӣ, яъне бунёди давлате ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҷоди аркони давлатдории муосирро фароҳам овард. Пас аз як соли эълони Истиқлолият, аниқтараш моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби ноҳияи Б. Ғафуров Иҷлосияи XVI - уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи сиёсат шахсиятеро овард, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ алоқамандии ҳамаҷониба доранд.

Аз рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият тағйирот ворид гардида, сулҳу субот амалӣ намуд.

Таъсиси ҳокимияти давлатӣ, шохаҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ ва рукнҳои идоракунии давлат дар роҳи таҳкими истиқлоли давлативу миллӣ ва бунёди давлати муосири Тоҷикон яке аз роҳу василаи муҳим ва калидӣ ба ҳисоб мерафт.Муҳимтарин вазифа дар ин роҳ - ин тарҳрезии низоми идораи давлат ва бунёди механизми идоракунии мамлакат буд.

Абармарди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми кӯшишу заҳмати хешро барои поён бахшидани ҷанги шаҳрванди, таҳкими сулҳ ва ваҳдати ҳалки тоҷик равона сохтанд ва дар ин рохи пуршараф ва имтиҳоми сангин баъд аз чанд соли аз худ гузаштанҳову ҷонбозиҳо муваффақ низ шудаанд. Воқеан, истиқлолият воситаи асосии рушду нумӯи давлат ва муайянкунандаи сиёсати дохилию хориҷии ҳар кишвар аст.

Истиқлолият нишони ҳувият, ифтихор, номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад. Истиқлоли давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар комёбиҳои беназир ба даст овард.

Дар баробари ин, истиқлолият дар назди миллати тоҷик рисолати бузургеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум мебошад.

Дар давраи таърихан кӯтоҳи сипаришуда бо меҳнати фидокорона ва қатъияти ҷасурона худшиносии миллӣ, таърихи қадимӣ, маданияти ғановатманд, ҳувият ва анъанаҳои некамон эҳё шуданд. Асосҳои ҳаёти давлат ва ҷамъият куллан дигаргун гардида, кишварамон дар ҷомеаи ҷаҳон мақоми муносиби худро пайдо кард.

Имрӯз мардуми шарафманди Тоҷикистон бо Камоли қаноатмандии иродат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати оқилонаву созандаи он кас меҳру самимият ва ихлосу эътиқодашонро иброз медоранд. Онҳо шукри даврони озодиву истиқлоли мекунанд ва аз дастовардҳои таърихии кишвар ва ободии кишвар, ки ба шарофати фарзанди фарзона, сиёсатмадори барҷаста, бунёдгузори давлати навини тоҷикон Сарвари муаззами Тоҷикистони соҳибистиқлол меболанду мефахранд.

Хидматҳои бузург, содиқона ва бебозгашти Сарвари кишвар дар назди халқу Ватан аз ҷониби аҳли ҷомеа кайҳост, ки комилан эътироф шуда, боиси эъҷоди даҳҳо китобҳо, садҳо мақола ва шеъру достонҳо гардидаанд. Халқу миллати тоҷик ифтихорманд аз он аст, ки Офаридагор чунин шахси шуҷоъву далер, равшанфикри маърифатпарвар, Пешвои ҷонсупору хидматпешаро насибаш гардонидааст.

Хидматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини сулҳу субот ва шукуфоии кишвар беназир аст. Маҳз Пешвои миллат нерӯи бузурги созандагӣ ва бунёдкории мардуми Тоҷикистонро нишон доданд, сатҳи худшиносӣ, ҳисси ватандорӣ ва ифтихори миллии шаҳрвандони моро хеле боло бурданд.

Солҳои истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ барои ҳар як сокини Тоҷикистон давраи озмоишҳои басо вазнини ҳаёт, давраи расидан ба ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдат ва оштии миллӣ буд. «Истиқлолияти давлатии мо, гуфта буданд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон,- ҳанӯз дар оғози роҳ ба зарбаи ҷонкоҳу ҳалокатбор, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуд, ки ягон кишвари тоза мустақилгардидаи собиқ давлати абарқудрат дар он айём ба чунин вазъи душвору фоҷеабор гирифтор нашуда буд.

Қувваҳои бадхоҳ ва ашхоси гумроҳ бо нақшаву дастурҳои хоҷагони хориҷии худ, ки мехостанд бар хилофи иродаи мардуми тоҷик фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари халки мо бор кунанд ва ҳатто саросемавор нақшаи бунёди давлати исломиро кашида буданд. Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги бародаркуш гирифтор карданд. Бар асри нобасомониҳо ҳазорҳо нафар фарзандони миллати тоҷик ҷони худро нисор карданд ва халқи тоҷик дар ин раванд душвориҳои сахту сангини зиёдеро паси сар намуд.

Дар ҳамин ҳангом  фарзанди фарзонаву сарсупурдаи миллат бо исми Эмомалӣ Раҳмон вориди майдони сиёсат гардида дар рӯзи нахустин қадам ба арсаи роҳбарии давлат ниҳодан ба мардуми тоҷик бо суханони фаромӯшнашаванда  муроҷиат намуда буданд: «Ман ба Шумо сулҳ меорам. То он даме, ки дар хориҷи кишвар як нафар тоҷики гуреза боқӣ монад, ман ором буда наметавонам» . Ҳамаи мо шоҳид ҳастем, ки Сарвари ҷавони Тоҷикистони навин ба ин ваъдаи хеш ҷавонмардона вафо намуданд. Ин шахсияти таърихӣ барои аз вартаи ҳалокшавӣ баровардани Тоҷикистон, ба даст овардани ягонагии маънавиву сиёсии кишвар, эҷоди ҳусни тафоҳуми тамоми гурӯҳҳо ва қишрҳои ҷомеа бо садоқату ҷонфишонӣ мубориза бурданд. Маҳз ба шарофати ҷуръату матонати беандоза, масъулияти баланди ватандорӣ ва талошҳои пайгиронаи Эмомалӣ Раҳмон сулҳу ваҳдат дар кишварамон дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ барқарор гардид ва гурезаҳои берун аз хоки Ватан ба сарзамини аҷдодии хеш баргардонида шудаанд.

Таърих гувоҳ аст, ки Пешвои миллат дар марҳалаи вазнинтарин масъулияти бузурги роҳбарии давлатро ба дӯш гирифта буданд.

Эъмори сулҳу ваҳдат ва Пешвои номвари миллат Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд, ки моро ба решаҳои тавонои давлату давлатдории чандҳазорсола пайванданд, то аз шоҳроҳи он ба ҷисму ҷони давлати соҳибистиқлоли миллиамон қувваи тоза ва нерӯи солим дамад. Хидматҳои сиёсӣ ва роҳбарӣ ба давлати эътирофшуда аз ҷониби ҷомеаҳои мухталифи ҷаҳонӣ дар шароити ҳассос ва муассири ҷаҳон номи Эмомалӣ Раҳмонро мондагор кард.

Корномаву ҷасорати хосаи Президенти маҳбуби кишвар дар роҳи сохтмони банду басти давлати Тоҷикистон, фароҳам овардани сулҳу суботи комил ва якпорчагии Ваҳдати миллат, беҳдошти вазъи сиёсат, иқтисод, иҷтимоиёт ва фарҳанги кишвари соҳибистиқлол, ривоҷу равнақи тамаддуни имрӯзаи тоҷикон, сохтмонҳои азим ва иншоотҳои пуриқтидори саноативу энергетикӣ чеҳраи Пешвои миллатро ба

сифати шахсияти нерӯманд дар майдони сиёсат ва маънавияти миллат намудор менамояд.

Дар 32 соли Истиқлолияти давлатӣ дар кишвар дар соҳаҳои гуногунҷабҳаи хоҷагии халқи тоҷик таҳти сарварии бевоситаи Пешвои миллат сол то сол рушду нумӯъ ёфта, мардуми шарафманди кишвар дар фазои осоишта, ризоияти ҷомеъа ва ваҳдати миллӣ ба ояндаи дурахшон қадамҳои устувор мегузоранд.

Мо ҷавонон ба насли имрӯзу оянда фаҳмонем, ки он дар кадом ҳол, бо чӣ мушкилот ва бо қурбониҳои падарон ва модарон ба даст омадааст. Ҷавобан ба ғамхориҳои беназир ва дастгирии пайвастаи Пешвои миллат моро лозим аст, ки волотарин ва пурарзиштарин дастоварди тоҷикон-истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро пос нигоҳ дорем ва ба қадри он расем.

Даврони истиқлолият ба мо ҷавонон имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи Тоҷикистони азизу маҳбубамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.Мо ҷавонон шукргузори сиёсати пешвои муаззами миллат бошем.

## ОСНОВАТЕЛЬ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА

**Рахимов Ш.Р., студент 4-го курса факултета Туризма**

Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон оценивал государственную независимость как «самое ценное достижение цивилизованного древнего таджикского народа» в современности. Действительно, достижение этого высшего блага, который для каждого народа и нации является весьма ценным и почитаемым, является неоценимым источником, который определяет тенденцию развития всех остальных сторон жизни государств и наций. В том числе, благодаря этому достижению, т.е. обретения независимости, таджикская нация под мудрым руководством Лидера нации за 32 лет добилась значительных успехов, которые не имеют своего аналога в истории нашего народа.

Указанных достижений достаточно много, но среди них экспертами Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан согласно доступным данным, которые могут быть уточнены к празднованию  Дня независимости, выделены 30 достижений. На этой основе, в первую очередь указаны следующие достижения в 32-летнем периоде государственной независимости:

Во-первых, появление Таджикистана на политической карте мира как независимого государства, его полноправное членство в Организации Объединенных Наций и первое выступление главы таджикского государства - Лидера нации с трибуны этой организации.

Во-вторых, избрание Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона главой государства, благодаря которому, была прекращена навязанная извне гражданская война, восстановлены конституционный строй и все ветви власти, обеспечены мир, единство и взаимопонимание в стране, а достижение мира таджиками мира превратился в уникальный пример для всего мирового сообщества.

Третье, начало становления национального государства в современный период и формирование школы национального государственного строительства Лидера

нации по созданию суверенного, демократического, правового, светского, унитарного и социального государства, которые в совокупности направлены на устройства справедливого общества.

Четвертое, определение национальных стратегических целей - выход из коммуникационного тупика, обеспечение энергетической и продовольственной безопасности, ускоренная индустриализация страны и достижение ключевых элементов этих целей.

Пятое, возрождение таджикских национальных традиций и культуры, реальное признание таджикского языка в качестве государственного, представление литературного, исторического и культурного наследия таджикского народа на международном уровне, постоянное чествование авторитетных личностей таджикской нации и древней истории таджикского народа на национальном, региональном и международном уровнях.

Шестое, включение в Список всемирного наследия ЮНЕСКО Саразма (2010 г.), Национального парка Таджикистана (2013 г.), в Список нематериального культурного наследия человечества - «Шашмакома» (2008 г.), Навруза (2010 г.), «Оши-палава» (2016) и «Чакана» (2018), чествование ряда таджикских деятелей культуры и исторических событий нации по решению ЮНЕСКО.

Седьмое, распределение каждой семье в республике книгу Бободжона Гафурова «Таджики» и «Коран», переведенного на таджикский язык, оказание почтение Имаму Аъзаму и признание ханафии как традиционного мазхаба нации, которое стало препятствием поклонению гражданами чуждых религиозных течений.

Восьмое, кардинальное изменение облика столицы государства, строительство туннелей, мостов, крупных автомагистралей и железных дорог по всей стране, превращение Таджикистана в одну из ведущих стран мира и среди бывших советских республик, по качеству дорог.

В других сферах политико-экономической и социально-культурной жизни Таджикистана среди достижений 30-летнеего периода Государственной независимости эксперты Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан отмечают следующие факты (из 7 пунктов):

- обеспечение продовольственной безопасности и сокращение уровня бедности примерно в три раза;

- создание Национальной армии Таджикистана с нуля и взятие под полный собственный контроль защиту мира и стабильности государства и всех его границ;

- появление и развитие национального законодательства, в том числе принятие национальных законов, не имеющих аналогов в мировой юридической практике;

- превращение Республики Таджикистан в одну из самых безопасных стран в мире и включение ее в первую тройку в международном рейтинге самых безопасных стран мира;

- реализация принципа «открытых дверей» во внешней политике Таджикистана, международное признание Республики Таджикистан примерно 200 странами и большим количеством международных организаций, установление дипломатических отношений со 179 странами, открытие около 50 дипломатических представительств Республики Таджикистан за рубежом и при региональных и международных организациях, открытие более 30 дипломатических представительств зарубежных стран и региональных и международных организаций в Таджикистане.

- непосредственное председательство Республики Таджикистан в региональных и международных организациях, превращение столицы страны в площадку для проведения региональных и международных мероприятий и мировое признание «Душанбинского процесса», как национального бренда Республики Таджикистан на международных мероприятиях;

- реализация международных инициатив Республики Таджикистан по проблемам безопасности, воды, экологии, защиты ледников, изменения климата и формирование водной дипломатии, как уникального элемента при реализации внешней политики Республики Таджикистан и т.д.

Конечно, достижений Таджикистана за 32 лет Государственной независимости много, они касаются всех сфер политико-экономической и социально-культурной жизни Таджикистана. Однако перечисление даже ограниченного количества этих достижений свидетельствует о том, что в довольно коротком периоде своей независимости наша страна под руководством Лидера нации прошел путь, которого наши предки из династии Саманидов прошли в годы существования известного Саманидского государства, и сохранили язык, культуру и национальный дух нашего народа на тысячелетия. Поэтому, мы твердо убеждены, что достижения Таджикистана за 32 лет Государственной независимости также будут вписаны золотыми буквами в страницы великой книги истории таджикского народа как и история периода Саманидов, и они буду служить увековечиванию национальной культуры, цивилизации, языка и других наших национальных ценностей.

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| | **Пешгуфтор**........................................................................................................ | 3 |
| | **БАХШИ I. Муаммоҳои муосири молиявӣ-қарзӣ дар мамлакат** | |
| 1. | **Асрорзода У.С., Исмоилов А.А.** Современные тенденции банковского маркетинга: теория и практика ………………………………………..…..…… | 5 |
| 2. | **Рахимов М.А., Алишоев Х.Х.** Взимание налогов в исламской экономике и их значение в экономическое безопасности Таджикистана ……………………….... | 12 |
| 3. | **Ҷамшедов М.Ҷ.,** Ташаккул ва рушди саноат: роҳҳои ғанигардонии бозори истеъмолии Тоҷикистон ........................................................................................ | 17 |
| 4. | **Ҷураев Б.М.,** Нақш ва мавқеи даромаднокии сармоя дар ҷалби сармоягузорон ба ташкилоти қарзӣ ................................................................... | 21 |
| 5. | **Икромӣ Н.Қ.** Модели баҳогузории тамоюли рушди хати бозори коғазҳои қиматнок (Security Market Line, SML) ........................................................... | 26 |
| 6. | **Исломова З.С., Юсупова З.И.** Фискальная политика как способ государственного регулирования экономики ……………………………….…..... | 31 |
| 7. | **Кенҷаева Р.Ҳ.** Марҳилаҳои рушд ва инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ..................................................... | 34 |
| 8. | **Досиев М.Н.** Таъмини устувории қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ ............................................................................. | 38 |
| 9. | **Исмоилов А.А.** Роль инноваций в развитии современной банковской системы Таджикистана ……………………………………………………………. | 43 |
| 10. | **Джумъаев Б.М.** Некоторые вопросы обработки знаний в рамках транзакции знаниеемких бизнес-услуг ……………………………………………………… | 47 |
| 11. | **Исломов Г.Х., Исмоилов А.А.** Информационные риски и обеспечение информационной безопасности в банковской системе …………………………… | 52 |
| 12. | **Каримова М.И.**, Омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирии низоми қарзии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ ............................................................... | 57 |
| 13. | **Наҷмиддинзода А.М.** Саҳми Пешвои миллат дар рушди соҳаи бонкдории кишвар ............................................................................................................. | 60 |
| 14. | **Каримова Т.Х.** Диагностика кризисов при финансовой несостоятельности предприятий ……………………………………………………………………… | 64 |
| 15. | **Мамадов С.В.** Кризис мировой финансовой системы: проблемы и перспективы ............................................................................................... | 68 |
| 16. | **Мизробов С.С., Саломова У.Т.** Государственное регулирование инвестиционной деятельности промышленных предприятий …………………… | 72 |
| 17. | **Мариншоев М.М.** Факторы, влияющие на финансовую устойчивость предприятий розничной торговли ………………………………………………….. | 75 |
| 18. | **Ризоев К, Ризоева С.К., Насирдинов И.М.** Нақш ва мақоми муҳоҷирони меҳнатӣ дар ташакулли молия ......................................................................... | 80 |
| 19. | **Файзов Н.З.** Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои стратегии рушди он ……………………………………………………………… | 83 |
| 20. | **Рустамов Р.У.** Баҳодиҳи истифодаи самаранокии иқтидори меҳнати дар шароити бозорӣ ................................................................................... | 86 |
| 21. | **Сафоев А.К.** Баҳодиҳии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар самти | |

| | | |
|---|---|---|
| | саноат ........................................................................................................ | 89 |
| 22. | **Алишоев Х.Х., Юсупова З.И**. Роль исламских банков в развитии предпринимательской деятельности в РТ ……………………………………….. | 95 |
| 23. | **Содиков Р.Х.** Качественная оценка хозяйственных рисков промышленных предприятий ………………………………………………………………………… | 100 |
| 24. | **Солиев Б.Н., Солиев Н.Н.** Арзёбии макроомории самаранокии сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................ | 104 |
| 25. | **Сафоев А.К.** Сохтори механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонӣ ……………………………………………………………… | 107 |
| 26. | **Джабаров Г.Н.** Цифровизация банковского сектора и ее роль в обеспечении устойчивого развития национальной экономики ………………………………… | 110 |
| 27. | **Хамидова Г.А.** Развитие концепции человеческого потенциала в Республике Таджикистан ……………………………………………………………………………… | 113 |
| 28. | **Хидиралев Р.З., Хушқадамова М.З.** Масъалаҳои самаранок истифодабарии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити имрӯза .................................................. | 116 |
| 29. | **Хоҷаева З.С., Орипов А.С.** Тавсифи умумии соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................................................ | 119 |
| 30. | **Юнусова Ф.М**. Основные аспекты экономической и финансовой безопасности Республики Таджикистан ……………………………………………………………….. | 122 |
| 31. | **Ходжахонов А.А., Махмудов Дж.Б.** Формирование ипотечного кредитования в сельском хозяйстве Республики Таджикистан ………………………………… | 124 |
| 32. | **Юсупов Д.С., Хафизова П.А.** Повышение конкурентоспособности банковской системы как фактор устойчивого развития национальной экономики Республики Таджикистан …………………………………………………........ | 129 |
| 33. | **Азизов С.А.** Индикаторы финансовой безопасности банков в Республике Таджикистан ........…………………………………………………………………..... | 133 |
| 34. | **Мирзоева М.У., Гулов П.Ш.** Масоили актуалии хавфҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир .................................................... | 136 |
| 35. | **Назарзода Н.Н., Азизова М.А.** Нақши ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................................................ | 140 |
| 36. | **Валиева** Н.М. Банковский маркетинг - стимулятор повышения качества сфер услуг в банковской системе Республики Таджикистан …………………………… | 143 |
| 37. | **Исупов А.Қ.** Принсипҳо ва равишҳои илмии идоракуни зиддибуҳронии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ........................................................................ | 147 |
| 38. | **Шарипов Б.Р., Нодирова С.Р.** Асосҳои методологии мафҳумҳои “хизматрасонии бонкӣ”, “амалиёти бонкӣ”, “хидмати бонкӣ” ва “маҳсулоти бонкӣ” ..... | 150 |
| 39. | **Раҳимов О.А., Бобоназарова С.М.** Омилҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир ............................................................................ | 156 |
| 40. | **Шарипов Б.Р.** Принсипҳои идоракунии сандуқи қарзӣ ҳамчун яке аз унсурҳои системаи идоракунии хавфи қарзӣ .................................................................. | 162 |
| 41. | **Каримов П. И., Каримов И.И.** Современные финансово-кредитные отношения в развитии сельского хозяйства и предпринимательства .................................. | 167 |
| 42. | **Пулатова М.Х.** Анализ состояния финансовой безопасности Таджикистана .... | 171 |
| 43. | **Исупов А., Неъматуллозода Ф., Бобоназарова С.** Сармоягузориҳои бонкҳо ҳамчун омили инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ............................................... | 173 |

| БАХШИ II. САМТҲОИ КАЛИДИИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ | | |
|---|---|---|
| 44. | **Зоирзода И., Алишоев Х.** «Исламская экономика» и её концептуальные ограничения ........ | 180 |
| 45. | **Абдалимов А.** Муаммоҳои дастгирии иттилоотии бизнеси сайёҳӣ ........ | 186 |
| 46. | **Кадырова М.И.** Сущность, функции и возможности логистики в туризме ........ | 191 |
| 47. | **Курбонов Ё.С.** Привлечение инвестиции для развития устойчивого туризма в Таджикистане ........ | 198 |
| 48. | **Бобоҷонова З.Ғ.** Моҳияти сиёсати инноватсионӣ - сармоягузории мамлакат: ҳадаф ва вазифаҳои он ........ | 201 |
| 49. | **Мамадов С.В.** Генезиси «иқтисодиёти ҳубобӣ»: сабабҳо ва оқибатҳо ........ | 204 |
| 50. | **Мирзоев А.Р., Салиев О.Қ., Ғафоров З.Б., Файзалии М.** Маълумот ва дониш дар системаҳои зеҳни сунъӣ ........ | 208 |
| 51. | **Хидиралев Р.З., Ҷаборова Н.** Усулҳои баҳодиҳии самаранокии низоми назорати лоиҳаҳои сармоягузори дар шароити муосир ........ | 211 |
| 52. | **Нодиров Ф.М., Раҳимов С.О.** Асосҳои илмӣ ва институтсионалии фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи гумрук ........ | 216 |
| 53. | **Джураева Х.Х.** Пространственное развитие малого и среднего бизнеса как основной фактор, обеспечивающий динамичное развитие экономики региона ........ | 218 |
| 54. | **Ғуломова З.З.** Самаранокӣ ва натиҷабахшии низоми аудити дохилӣ дар корхонаҳои саноатӣ ........ | 223 |
| 55. | **Нодиров Ф.М.** Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ........ | 226 |
| 56. | **Олимжонзода У.О.** PISA в Таджикистане - новые возможности международной оценки для эффективного стратегического решения в сфере образования . | 229 |
| 57. | **Раҳимов Р.** Иҷлосияи тақдирсоз - санадҳои сарнавиштсоз ва роҳбари ояндасоз ........ | 232 |
| 58. | **Раҳимов С.Х.** Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ........ | 238 |
| 59. | **Маҳмудов Ҷ. Б.** Асосҳои ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити муосир ........ | 242 |
| 60. | **Ризоев К., Насирдинов И.** Саноатикунонӣ ва «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ | 245 |
| 61. | **Раҳимов Р.** шаклҳои ҳифзи ҳуқуқи оила аз тарафи қонунгузории оилавӣ ........ | 250 |
| 62. | **Марҳамади Т., Сафоев А.К., Мирзомуродов Ҳ.** Захираҳои табиии барқарор-шаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ | 256 |
| 63. | **Орипов А.С.** Нақш ва мавқеи мақомоти гумрук дар системаи назорати асъор ........ | 259 |
| 64. | **Хайдаров А.А.** Сторонник точных и естественных наук ........ | 262 |
| 65. | **Ҷалолзода А.А., Назираи Б.** Рушди устувори ҷомеаи аз амнияти идеологӣ сиёсии ҷомеа вобастааст ........ | 268 |
| 66. | **Чилаев Р. С.** Саҳми Пешвои милат дар рушди соҳаи сиёсати энергетика дар даврони истиқлолият ........ | 272 |
| 67. | **Шарипов И.И., Хабибов С.И.** Особенности динамики современного политического процесса в Таджикистане в условиях трансформации общества в контекстных международных отношений ........ | 276 |
| 68. | **Алимов Ҷ.Ш.** Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои | |

| | | |
|---|---|---|
| | муштарак ........................................................................................................... | 279 |
| 69. | **Аҳмади Зоҳидҷон.** Таъсири вазъи сармоягузорӣ ба рушди сайёҳӣ ва инфрасохтори он ........................................................................................... | 28 |
| 70. | **Баёнова М. Г.** Государственно-частное партнерство: риски при реализации инфраструктурных проектов ...................................................................... | 288 |
| 71. | **Одинаев Б.Ҳ.** Таҳаввули назарияҳо оид ба рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ дар фазои ҷаҳонишавӣ ....................................................................... | 293 |
| 72. | **Нуриддинова М.С.** Рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди содирот ва воридотивазкунӣ ..................... | 296 |
| 73. | **Абдалимова Н. А.** Теоретические аспекты демографических процессов в условиях индустриально-инновационного развития .......................................... | 301 |
| 74. | **Усмонов Ф.Ф.** Самтҳои афзалиятноки пешниҳоди хизматрасониҳои телевизиони рақамӣ .................................................................................................. | 304 |
| 75. | **Махмадсахиева Л.З.** Государственно-частное партнерство в сфере индустрии туризма в Республике Таджикистан .................................................................. | 308 |
| 76. | **Нуров Н.Қ.** Нақши Пешвои миллат дар рушди системаи молиявию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................................................................................ | 311 |
| 77. | **Ходжахонова Г.К.** Доступность продовольствия в Согдийской области Таджикистана .............................................................................................. | 313 |
| 78. | **Камушева А.** Актуальные подходы подготовки и переподготовки кадров в сфере туризма в Таджикистане ....................................................................... | 318 |
| 79. | **Сироҷева Ш.И.** Намудҳои таълими ҳамгиро дар синфҳои ибтидоӣ .................. | 325 |
| 80. | **Мирзоев Ҳ.Ҳ., Ализода Ш.Ч.** Роҳҳои баҳодиҳии потенсиали буҷетҳои маҳаллӣ. | 329 |
| 81. | **Расулов С. Ғ.** Ташаккул ва моҳияти тиҷорати электронӣ дар низоми технологияҳои иттилоотию иртиботии муосир .................................................. | 332 |
| 82. | **Ҷобиров Д.М.**Ислоҳоти соҳаҳои кишоварзӣ ва муаммоҳои он дар шароити имрӯза ................................................................................................................ | 335 |
| 83. | **Шарипова Ф.Н.** Роҳҳои асосии мукаммалгардонии механизми пешниҳоди бизнес-саёҳат хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ................................ | 338 |
| 84. | **Ғуломова З.З.** Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити дохилӣ дар меҳмонхонаҳо .......................................................................................... | 343 |
| 85. | **Шокирова М.М., Шамсиддинова М.Б.** Таҳлили муқоисавии пасвандҳои исмсоз дар забонҳои тоҷикиву англисӣ ва истифодаи он дар иқтисодиёт ......... | 347 |
| 86. | **Раҳимов Ш.** Омили рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ................ | 350 |
| 87. | **Раҳимова Д.** Мо ҷавонони насли ояндаи миллатем, пайравони сиёсати Пешвои миллатем! .......................................................................................... | 352 |
| 88. | **Рахимов Ш.Р.** Основатель мира и национального единства .............................. | 355 |

МАВОДИ
конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи
«Равандҳои муосири молиявӣ-қарзӣ: мушкилот ва дурнамо»
7-уми декабри соли 2023

МАТЕРИАЛЫ
международной научно-практической конференции на тему
«Современные финансово-кредитные процессы: проблемы и перспективы»
7 декабря 2023г.

MATERIALS
international scientific and practical conference on the topic
«Modern financial and credit processes: problems and prospects»
7th desember 2023

Ба чоп 06.12.2023 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/8. Қоғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 21,56.
Нашриёти "Соҳибкор"

**Донишгоҳи байналмилалии**
**сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Нашриёти «Соҳибкор»
Тел: (+992 37) 2348800 (03)
Факс: (+992 37) 2348802
E-mail: iutet_ips@mail.ru
Web: www.iutet.tj